

# ҶОН БИВЕР

МУАЛЛИФИ КИТОБИ МАШҲУР *"ДОМИ ШАЙТОН"*

# ҒАЙРИОДДӢ

## ҲАЁТЕ, КИ БАРОЯШ ОФАРИДА ШУДАЙ

ҶОН БИВЕР

# ҒАЙРИОДДӢ

ҲАЁТЕ, КИ БАРОЯШ ОФАРИДА ШУДАӢ

ҶОН БИВЕР

# ҒАЙРИОДДӢ

ҲАЁТЕ, КИ БАРОЯШ ОФАРИДА ШУДАӢ

Тарҷума ба забони тоҷикӣ 2011

Originally published in English by John Bevere Ministries, Inc. Colorado Springs, Colorado, USA, under the title

Extraordinary Life by John Bevere

Copyright © 2011 by John Bevere, All rights reserved

Ин китоб ва қисмҳои он бе иҷозати хаттии нашркунанда наметавонад дар ягон шакл бароварда шавад, дар системаи ҷустуҷӯи маълумот захира карда шавад ё дар ягон шакл ба дигарон ба воситаи ягон усул-электронӣ, механикӣ, фотокопӣ, сабтӣ ё дигар усул ирсол карда шавад.

# Мундарича


| | |
|---|---|
| Изҳори миннатдорӣ | 4 |
| Ғайриоддӣ | 6 |
| Ту дӯстдошта астӣ | 14 |
| Ба Худо писанд омадан | 23 |
| Чӣ тавре ки ҳастем фош шудаем | 37 |
| Ту ин корро карда метавонӣ! | 54 |
| Қувват барои писанд омадан | 62 |
| Файз ва ростӣ | 79 |
| Навии ҳаёт | 98 |
| Муқаддасӣ | 114 |
| Ҳеҷ вақт ноком нашав | 129 |
| Подшоҳӣ андарун | 141 |
| Роҳи кушод | 162 |
| Аз фаҳмиш болотар | 180 |
| Имони ҳақиқӣбоисрор аст | 204 |
| Ту ба чӣ гӯш мекунӣ? | 227 |
| Ҷисми гунаҳкор | 254 |
| Ҳукмронии шоҳонаи Худо | 281 |
| Замима | 296 |

# Изҳори миннатдорӣ

Сипоси чуқуртарини ман ба...

Лиза. Ба зани зебои ман, дӯсти беҳтарин, маҳбуба, модари аҷиб, ёрдамчии аз ҳама бовафо ва ҳамкор дар хизматам. Ту дар ҳақиқат тӯҳфаи Худо барои ман ва ба калисои дӯстдоштаи Ӯ. Ман туро дӯст медорам ва қадру қимат медонам.

Чор писарони ман. Эддисон, Остин, Александр ва Арден. Ҳар яки шумо ин қадар хурсандии калон ба ҳаёти ман овардед. Ҳар яки шумо ганҷи махсус ҳастед. Раҳмат на фақат барои рӯҳбаландиатон, вале барои иштироки шумо низ. Шумо мукофоти калон ҳастед!

Ба кормандону аъзоёни шӯрои хизмати "Мэссенджер Интернэшнл". Сипосгузорам барои дастгирию вафодории мустаҳкаматон. Бо ҳар яки шумо кор кардан ҳаловат аст ва ҳамроҳи шумо ба Худохизмат кардан шараф аст. Ману Лизаҳар яки шуморо дӯст медорем.

Ба бисёр дӯстони хизматамон дар тамоми ҷаҳон. Ҷой кифоя нест, ки номҳои ҳамаи шуморо нависам. Ташаккур барои даъвататон ва имтиёз, ки дар калисоҳою конфронсҳоатон гап занам ва хизмат кунам. Пасторон ва хизматгороне, кӣ бовафо ба Худохизмат мекунед, ҳамаи шуморо дӯст медорам.

Ба Том Винтэрс ва Стив Кобб. Ташаккур барои рӯҳбаландиатон ва барои он, ки ба ин мавъизае, ки Худодар дилам даргиронд, бовар мекардед.

Ба Брюс Найгрэн. Раҳмат барои қобилиятҳои муҳарририат, ки барои ин китоб сарф кардӣ. Лекин пеш аз ҳама, раҳмат

барои дастгириат.

Ба ҳамаи кормандони нашриёти “ВотэрБрук Малтномах”. Раҳмат барои дастгир кардани ин мавъиза ва барои ёрии касбию неки шумо. Бо шумо кор кардан хурсандӣ аст.

Аз ҳама муҳим, сипосгузори самимиам ба Худованди ман. Чи хел сухан метавонад дуруст ҳамаи он чизҳоеро, ки Ту барои ману халқат кардаӣ, ифода кунад? Ман Туро бисёр дӯст медорам, бештар аз он, ки сухан изҳор карда метавонад.

# 1
# Ғайриоддӣ

“Он чиро, ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст” (1 Қӯринтиён 2:9).

Ин сухан расми зиндагии тасаввурнашавандаю ғайриоддӣмекашад, зиндагие, ки аз донишу таҷрибаи одамони мирандаи оддӣ аз ҳад зиёд аст. Шояд шумо ин каломро пештар ҳам шунидед ва дар бораи онҳо фақат ҳамчун ҷалоли осмон фикр мекардед. Лекин дар ҳақиқатин калом барои ин ҷо ва ҳамин замон навишта шудааст! Чунки нависандааш, вакилПавлус, давом дода, мегӯяд:“Вале ба мо Худо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор сохтааст”(ояти 10).

Худо Павлусро, ки дар вақти таъсиси калисо зиндагӣ мекард, роҳнамоӣ мекард, ки он чизҳоеро, ки аз чамш, гушу тасаввуротамон маҳкам буд, ба рӯшноӣ баровард. Инчунин вай сухани зеринро навиштааст, ки вазифаи зиндагиашро тасвир диҳад:

Ва ба ҳама равшан намоям, ки чист ваколати сирре ки аз азал инҳон буд дар Худое ки ҳама чизро ба василаи Исои Масеҳ ба вуҷуд овард,то ки ҳоло ба воситаи Калисо ба сарварон ва ҳукуматдороне ки дар афлоканд, ҳикмати гуногуншакли Худо маълум гардад! (Эфсӯсиён 3:9-10)

Як Шахсияте, ки аз ҳамаи дигарон болотар мебошад, барои ту ҳаёти ғайриоддӣ орзу дорад. Вай Падаре аст, ки мисли ҳар падари нек, аз комёбшавиҳою шодии фарзандонаш ба ваҷд меояд. Номам Худо аст! Ва аз ҳама чиз бештар Вай аз он хуш мешавад, ки ту ба имкониятҳои баландарини худ мерасӣ.

Вақте ки мо ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ мекунем, нақшаи ғайриоддии Худо ошкор мешавад. Биёед ҳамроҳ барои гап задани фариштаҳо сабабу мавзӯъ диҳем!

## ҒАЙРИОДДӢ

Ғайриоддӣ. Фақат шунидани ин калимаи аҷиб хоҳишро мебардорад, ки аз меъёри оддӣ боло равем, аз вазъияти мавҷуда халос шавем. Муайянкунандаи ғайриоддӣ ин "чизе, ки аз муқаррарӣ болотар аст, махсус, аз меъёри оддӣ зиёд". Синоними ин калима – назаррас, аҷоиб, ҳайратангез ва тасаввурнашаванда. Барои беҳтар фаҳмидани маънои пурраи ин калимаи илҳомбахш биёед ба антонимҳояш нигоҳ мекунем: одатӣ, табиӣ ва муқаррарӣ.

Дар бораи ин як лаҳза фикр кунед: зиддияти ғайриоддӣин чизи оддӣ аст! Агар мо ростқавл бошем, ба фикрам ҳамаамон мехоҳем, ки ҳаётамон маънои бештар дошта бошад ё аз дидагиамон ва медонистагиамон зиёд бошад. Дар ҳар яки мо хоҳиши модарзод аст, агар он пахш карда нашуда бошад, ки аз ҳолати рӯзмарра боло равем. Мо ташани ғайриоддӣҳастем.

Филмҳои машҳури дӯстдоштатарин, ки диққату дилҳои мардумро забт кардан, дар бораи қувваҳои ғайриоддӣҳастанд. Ин филмҳои монанди Спайдермен, Супермен, Халк, Ҷангҳои ситорагӣ, Нарния, Матритса, Х-мен, Гарри Поттер, ва инҳо ҳол ҳамаи филмҳо нестанд. Ба инҳо филмҳоеро бо қаҳрамонони ғайриоддӣилова кунед, ки корномаҳои ҳайратангез мекунанд ва ҳаёти махсус доранд, монанди Бетмэн, Индиана Ҷонс, Зорро, Вилиям Воллэс, Робин Гуд, Спартак, ин фақат баъзе аз номҳо.

Дар ҳақиқат, дар соли 2009 ҳафдаҳ аз бисту панҷ филмҳои пешрав ба ин гурӯҳ дахл мешаванд. Ин қарби 70 фоиз аст ва агар ба панҷоҳ филми пешрав нигоҳ кунем, ин фоиз фақат каме дигар мешавад.

Чӣ қадар шавқовар аст, ки мазмуни филмҳои машҳуртарини ҳамаи замонҳо ин достони ошиқӣ, асрори қатл, ҷосусӣ, филмҳои дар бораи ҷанг, рӯйдодҳои зиндагӣ, варзиш, ковбойҳо, милитсия ё драма дар бораи дӯстӣ, оила ё умаман дар бораи зиндагӣ нест. Не, филмҳои дӯстдоштатарин ин филмҳое, ки дар он қаҳрамонони ғайриоддӣамалҳои тааҷҷубовар мекунанд ва бисёри аз онҳо қобилияту қуввате доранд, ки аз қуввати оддии инсонӣ болотар аст. Чаро? Чунки мо офарида шудаем, ки ба тоеври "ғайриоддӣ"зиндагӣ кунем. Ин аз аввал нақшаи Худо буд.

## ТАСВИРИ МАСЕҲИЯТ

Афсӯс, нақшаи Худо ва иҷрои он аз тарафи одам бисёр вақт наздик нестанд. Яке аз сабабҳои асосие, ки ман аз масеҳиятсолҳои бисёр канорагирӣ мекардам, ин тасаввуротам дар бораи он мебошад. Ман мисли бисёр одамони дигар мардони Худоро медидам, ки онҳо Китоби Муқаддасро истифода бурда, танқид мекарданд ва хатоҳои дигаронро тез-тез дида, айбдор мекарданд. Ё онҳо беғайрат, ақибмонда ва нодон буданд. Фикре, ки масеҳиёнпешоҳанг мебошанд, ки аз маҳдудият берун зиндагӣ ва андеша карда, ба тарзи ғайриоддӣрафтор мекарданд, ҳеҷ вақт ба сарам намеомад. Ва фикр дар бораи занҳои масеҳӣ? Хайр, ин боз ҳам бадтар буд. Ман гумон мекардам, ки онҳо дар масъалаҳои ҷиддӣ барои гап задан ҳақ надоштанд, либоси аз мӯд берун мепӯшанд ва ба намуди беруниашон аҳамият намедиҳанд. Фикреро, ки зани некукораз вазифаҳои хонагӣ корҳои бештар мекунад ё ба ягон тарз роҳбарӣ кунад, қабул намекардам. Ҳамчун одами ҷавон

ман намехостам, ки ба занам фикр кардан манъ шуда бошад ё аз иштирок бо ман дар ҳодисаҳои зиндагӣ маҳрум бошад. Ман намехостам зане дошта бошам, ки паст зада шавад — ман занеро мехостам, ки пур аз ҳаёт бошад!

Ман масеҳиятро беҳаёт фикр мекардам.Имондор шудан барои ман аз даст додани шахсияти худ ва инкор кардани эҷодкорӣ, афзалият,шавқу завқ ва қобилияти комёб шудан дар тиҷорат, варзиш, сиёсат, маориф ва дигар соҳаҳои ҳаёт маъно дошт.Он вақт ман инро намедонистам, лекин фаҳмиши ман зидди нақшаи Худобарои зиндагиамон буд, чунки Вай ба мо ин хоҳишро барои чизҳои ғайриоддӣ бахшид. Ба худи сухани Худогӯш кунед:

Худогуфт:"Одамро ба сурати Мо, ба шабоҳати Мо биофарем; ва онҳо бар моҳиёни баҳр, ва бар паррандагони осмон, ва бар чорпоён, ва бар тамоми замин, ва бар тамоми ҳайвоноте ки бар замин мехазад, ҳукм ронанд. Ва Худо одамро ба сурати Худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид; онҳоро марду зан офарид. Ба Худо онҳоро баракат дод, ва Худо ба онҳо гуфт: "Борвар ва афзун шавед, ва заминро пур кунед, ва онро тасарруф намоед!" (Ҳастӣ 1:26-28)

Мо офарида шудаем, ки хислати Худоинъикос кунем. Вай ҳам ба мард, ҳам ба зан гуфт:"Борвар шавед! Афзун шавед! Заминро пур кунед! Онро тасарруф намоед!"Одам, инсони аввалин, ҳар ҷинси ҷонвари заминро номид (ман боварӣ дорам, ки занаш дар ин кор ҳам медошт, лекин вай он вақт ҳоло офарида шуда набуд!). Худоҳамаи ҳайвонҳоро ба назди Одам овард ва ба ӯ вазифа дод, ки онҳоро номад. Дар замин аз миллион ҷинси ҳайвонҳо зиёд аст. Одам на фақат қобилияти эҷодкорӣ дошт, ки ҳамаи онҳоро номад, лекин боз қобилият дошт, ки ҳамаи онҳоро дар хотир дорад.Ин одами ғайриоддӣаст, ки амалҳои ҳайратовар мекард!

Шояд шумо савол пурсед:"Лекин аз барои он, ки Одам

гуноҳ кард, оё ин қобилиятҳо бо сабаби беитоатиаш гум нашуданд?”Не, Исоон бетартибиеро, ки ОДам барои одамизод сохт, ҳал кард. Павлусменависад: “Бинобар ин, чунон ки ба воситаи гуноҳи як кас ҳамаи одамон маҳкум шуданд, ончунон ба воситаи адолати як кас ҳамаи одамон барои ҳаёт сафед шуданд!” (Румиён 5:18). Калимаи “ҳаёт” на фақат ба зиндагиамон дар осмон дахл дорад; инчунин зиндагии моро “дар ин ҷо ва ин замон” маъно дорад.Исона фақат он чизҳоеро, ки Одам аз даст дод, барқарор кард, лекин аз ин ҳам бисёр зиёд дод—барои доштани ҳаёти ғайриоддӣ қобилият додааст!

Ҳақиқат дар он аст, ки Худона фақат мехоҳад, ки мо ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ кунем, боз ҳам моро барои ин мусаллаҳ гардонид. Ҳеҷ вақт инро фаромӯш накун. Инро болои тахтаи дилат кандакорӣ кур. Ҳаёти ҳайратангез, аҷиб, ғайриоддӣфақат барои одамон ё касби муайян нест. Фарқ надорад ту кӣ астӣ ё бо чӣ кор машғул астӣ.Агар ту муаллими мактаб, тиҷор, корманди ҳукумат, зани хонашин, варзишгар, коргари завод, сартарош, донишҷӯ, пастор (ин рӯйхат беохир аст), фарқ надорад, чунки ту барои пешрафти ғайриоддӣдар ҷои худ офарида шудаӣ.Қувва барои иҷрои амалҳои ғайриоддӣ ва доштани ҳаёти истисноӣ аз касб вобаста нест, вале аз муносибати дил вобастагӣ дорад. Ин на фақат хости Худо аст, инчунин хурсандии калони Ӯ мебошад.

Голливуд, одамони динӣ ва маданияти мо барои ман як тасаввуроти нодурусту маҳдудро дар бораи халқи Худо бахшиданд.Чаро ман ин фаҳмиши нодуруст доштам? Худо, ту ва ман душмани умумӣ дорем, ки номаш шайтон ва ӯ “мири ин ҷаҳон”, “ҳокими қувваҳои афлок”ва “худои ин олам” номида шуд.Вай системаи ин дунёро идора мекуна ва ба ақли одамоне таъсир мерасонад, ки ба Худо таалуқ надоранд. Вай миллиард фариштаҳои афтода ва девҳо дорад, ки стратегияи калони ӯро иҷро кунанд. Ҳақиқати ғамгинона он аст, ки хеле бисёр вақт калисомаҳдуд фикр мекард, ки стратегияи асосии

шайтон фақат дар чизҳои муайян аст, мисли он ки одамонро барои арақ хӯрдан ё тамошо кардани филмҳои шаҳвонӣ водор кунад. Вай аз ин хеле ҳилагар аст ва бисёр намуди дому фиребро истифода мебарад. Мо мақсади асосиашро надида мондем.Чунки аз ҳама чиз зиёд вай аз он метарсад, ки масеҳиён фаҳманд, ки Худо онҳоро кӣ офарид—одамони ғайриоддӣбо қобилиятҳои иҷро кардани корҳои ғайриоддию ҳайратангез. Ҷамъият бояд ин гуна тасаввурот дар боари масеҳиён дошта бошад.

Бар зидди номи ҳозираи масеҳиён, яке аз талоше, ки калисоаввал дошт, ки одамонро бовар кунонад, ки имондоронсупер қаҳрамонон ё худо нестанд. Корнилиюс, афсари қӯшуни қавитарини дунё, хам шуд, то ба Петрусва шариконаш саҷда кунад. Ҳайрон шуда Петрусдарҳол ҷавоб дод:"Бархез, зеро ки ман низ инсон ҳастам"(Аъмол 10:26).

Дар шаҳр номе Лустра мардум "овози худро баланд карда, ба забони леконӣ гуфтанд: "Худоён ба сурати инсон назди мо фуромадаанд!"Павлусфарёд зада гуфт:"Эй мардон! Чаро чунин мекунед? Мо низ мисли шумо одамони ноқис ҳастем!"(Аъмол 14:11, 14). Вақте ки Павлусдар Малит буда, ҳезум ҷамъ мекард, мори заҳрнок ӯро газид. Вай ӯро афшонд ва сокинони он ҷой интизори мурданаш буданд."Вале чун диданд, ки ҳеҷ офате ба ӯ нарасид, фикрашон дигаргун шуд, ва гуфтанд, ки ӯ Худое мебошад!" (28:6).

Беимонондар бораи калисои аввал чунин мегуфтанд:"Онҳое ки тамоми оламро зеру забар карданд, ба ин ҷо низ омадаанд" (17:6). Ҷамъият масеҳиёнро хеле баланд эҳтиром мекарданд. Ин аз муносибати тамоми аҳолии шаҳри Ерусалимнисбати калисодида мешавад: "мардум онҳоро ситоиш мекарданд" (5:13). Бигзор ҳар яки мо дар ин замон ҳам ин тавр зиндагӣ кунем, ки ин гуна эҳтиромро нисбати калисо баргардонем.

# САФАР

Дар саҳифаҳои навбатӣ мо ба сафаре мебароем, ки пурра роҳи ғайриоддиеро, ки Худобарои зиндагиамон мехоҳад, дарк кунем.Ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки ин китобро тез аз назар нагузаронед ва онро канда нахонед, чунки ҳар боб дар боби пештара асос меёбад.

Ман намехоҳам, ки ту он чизҳоеро ки ман якчанд бор дар вақти калон шуданам аз сар гузарондам, дошта бошӣ. Гоҳ-гоҳ ман дер барои тамошо кардани филме меомадам, ки тамоми оилаам аллакай тамошо мекард. Як шом ман ба хона даромадам ва филми "Вэст Сайд Стори" ба охир мерасид. Қаҳрамони асосӣ, ки мард буд, мемурд ва сухани охирину аълои худро мегуфт. Модарам, падарам, хоҳаронам ва ман ин манзараро ҳамроҳ тамошо мекардем, лекин таъсираш ба ман тамоман дигар хел буд. Ман намефаҳмидам чаро модарам ва хоҳаронам гиря мекарданд. Ҳатто падарам ғамгину пурғусса буд. Аммо аз барои он ки ман дер омадам,ман фикр кардам "Гап дар чист?"Ҳамон манзарае, ки падару модарам ва хоҳаронамро ҷалб намуд, ба ман таъсир накард, чунки ман ҳамроҳи онҳо давоми тамоми филм сафар накардам.

Ман намехоҳам, ки ин чиз бо шумо низ рӯй диҳад, вақте ки шумо ин китобро мехонед. Ин ошкоршавии тадриҷӣ аст, ки метавонад туро абадӣ аз ҳаёти оддӣ халос кунад. Ман аз таҷрибаи худ мегӯям, чунки ман Худоро меҷустам, тадқиқ мекардам, ин китобро навишта, барояш дуо мехондам, ва ман абадан тағир ёфтаам!

Вақте ки шумо ҳамроҳи ман аз ин сафар мегузаред,шумо на фақат мефаҳмед, ки барои ҳаёти ғайриоддӣ офарида шудаед, боз шумо мефаҳмед чӣ тавр онро амалан зиндагӣ кунед. Пеш аз он ки мо сар кунем, биёед ҳамроҳ аз Худохоҳиш кунем, ки Вай хоҳиши худро ба мо ошкор кунад ва хоҳишҳои моро зинда гардонад.

Худои азиз, ман хоҳиш мекунам, вақте ки ман ин китобро мехонам, бигзор Рӯҳи Муқаддаси Ту маро насиҳат диҳад. Ман дуо мехонам, то ман сарвату бузургии даъвати Ту барои ҳаёти ман фаҳмам. Боз ман мехоҳам қувватеро донам, ки Ту ба даруни ман гузоштӣ, ки ин даъватро иҷро кунам ва ба номи Ту ҷалол ва ба дили Ту хурсандӣ бахшам. Ту маро маҳз дар ин замон гузоштӣ. Ман дуо мехонам, ки ин китоб маро мусаллаҳ гардонад, ки ман ҳамаи корҳои аҷибе, ки Ту барои ман дар ин замин ба нақша гирифтӣ, иҷро кунам. Ман инро ба номи Исои Масеҳхоҳиш мекунам. Омин.

# 2
# Ту дӯстдошта астӣ

Ман ва занам, Лиза, чор писар дорем, ки дар вақти навиштани ин китобҳо дар синну соли аз чордаҳ то бисту ду буданд. Якчанд сол пеш, вақте ки мо ҳамроҳ хӯрок мехӯрдем, ман чунин гуфтам: "Бачаҳо, шумо ягон кори дигар карда наметавонед, ки ман ё модаратон шуморо аз дӯст медоштагиамон зиёдтар дӯст дорем. Ва баръакс ҳам, шумо ягон кор карда наметавонед, ки ман ё модаратон шуморо аз дӯст медоштагиамон камтар дӯст дорем".

Ман дидам чӣ қадар суханам онҳоро хурсанд кард ва ҳисси боварии онҳо боз ҳам мустаҳкам гардонид. Кӣ намехоҳад худро аз тарафи падару модараш дӯстдошта ҳис кунад? Аммо гапи навбатии ман онҳоро парешон кард. "Лекин, бачаҳо, шумо ҷавобгар ҳастед чӣ қадар ману модаратон аз шумо хушнуд мешавем".Табассуми онҳо ба намуди хунуктар иваз шуд. Онҳо фаҳмиданд, ки хушнудии мо аз онҳо монанди муҳаббатамон бешарт нест, лекин аз рафторашон вобаста аст.

Ман медонам, ки ин метавонад музтариб бошад, лекин ин ба муносибати мо бо Худо ҳам дахл дорад. Мо ҳеҷ чиз карда наметавонем, ки Худоморо аз дӯст медоштагиаш зиёдтар дӯст дорад, ва баръакс, мо ҳеҷ чиз карда наметавонем, ки Худо моро аз дӯст медоштагиаш камтар дӯст дорад. Лекин Худо аз барои

мо чӣ қадар хурсандӣ ҳис мекунад? Ин гапи дигар аст.

Дар солҳои охир мо бисёр дар бораи муҳаббати бешартонаи Худо мешунидем—ин мавзӯъи бисёр фоиданок ва зарур аст. Аммо, бисёр одамон нофаҳмида хулоса баровардаанд, ки аз барои он ки Худоонҳоро дӯст медорад, Вай аз онҳо хушҳол ҳам аст. Ин ҳамту нодуруст аст.

Ба Худо писанд омадан чиро дар бар мекунад? Ман боварӣ дорам, ки ҳамаамон бисёр мехоҳем ба Худо писанд оём, монанди он ки одатан кӯдакон мехоҳанд ба падару модарашон писанд биёянд. Даҳ солаҳо ман боғайратдуо мехондам: "Падар, ман мехоҳам ба Ту ба қадри имкон зиёдтар писанд биёям!"Ин дуоям бо навиштаи вакилПавлусба имондорони аввал рост меояд: "Ва ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем, ки хоҳ дар ин макон бошем ва хоҳ набошем, ба Ӯ мақбул афтем" (2 Қӯринтиён 5:9).

Калимаи асосӣ "мақбул афтем". Чӣ тавр мо ба Худо на фақат писанд оем, лекин бисёр писанд оем? Ва Худо чӣ тавр ҷавоб медиҳад, вақте ки мо ин тавр ба Ӯ писанд меоем?

Ман қисми зиёди ин китобро барои фаҳмондани ҷавоб ба ин савол сарф мекунам. Лекин аввал мо бояд чуқурии беандозаи муҳаббати Худо нисбати мо фаҳмем.

Ман инро мефаҳмонам.

## МУҲАББАТИ БЕШАРТОНАИ ХУДО НИСБАТИ ҲАМАИ МО

Муҳаббати Худонисбати мо бешарт ва тағирнопазир мебошад. Ин равшан аз дуохони Исо як шаб пеш аз маслубшавиаш дида мешавад:"Ки ҷаҳон бидонад, ки Ту [ХудоПадар] Маро [Исои Масеҳро] фиристодӣ ва онҳоро дӯст доштӣ, чунон ки Маро дӯст доштӣ"(Юҳанно 17:23).

Инро фаҳмидӣ? Чӣ қадаре, ки Худо Исоро дӯст медорад,

туро низ дӯст медорад! Ин қариб аз фаҳмишамон болотар аст.

Шояд ту фикр кунӣ, Исофақат шогирдонеро, ки ҳамроҳи Вай он шом дар дастархон мешиштанд, дар назар дошт.Охир, онҳо хушхабарро ба олами маълуми он замон паҳн карданд ва ба ғайр аз як нафарашон дигар касон барои имонашон кушта шудаанд. Агар ту ин хел фикр кунӣ, ту рафтори дигаронро ҳамчун асоси муҳаббати Худо нисбати ту истифода мебарӣ. Ин нодуруст аст.Муҳаббати Худо нисбати мо аз корҳое, ки мо барои Ӯ мекунем, ҷудо аст.

Дигар далелро зидди ин чуқурии муҳаббат чунин шуда метавонад: Ин гурӯҳи одамони махсус буд, ки Худоонҳоро интихоб карду дар он замон ба замин гузошт, ки онҳоро аз одамизоди дигар зиёдтар дӯст дорад.Ин албатта нодуруст аст, чунки дар он дуо Исобоз гуфтааст: "Танҳо барои онҳо илтимос намекунам, балки низ барои касоне ки ба василаи каломи онҳо ба Ман имон хоҳанд овард"(Юҳанно 17:20). Агар ту ба Исои Масеҳ бовар мекунӣ, ту мустақиман ё ғайримустақиман аз барои шаҳодати ин шогирдон бовар мекунӣ. Ин одамон китобҳои Аҳди Навро навиштаанд, ки ту худат хондӣ ё аз касе дигар шунидӣ, ки хушхабарро ба ту мавъиза кард. Бе шаҳодати онҳо ту ба Исои Масеҳбовар намекардӣ.

Дигар далели машҳури зидди бузургии ин муҳаббати чунин аст: Бале, шояд ман бовар мекунам, ки Худоборе маро ба ин тарзи бешарт дӯст медошт, лекин баъд аз он ман ин қадар хатоҳои бисёр кардам, ки ҳоло Вай бешубҳа маро монанди бори аввал дӯст дошта наметавонад.

Ин як дурӯғи дигар!Навиштаҷотқайд мекунад, ки муҳаббати Худо"ба ҳама чиз бопарӣ дорад, ба ҳама чиз умед мебандад, ба ҳама чиз тоб меоварад [бе суст шуданаш]. Муҳаббат ҳаргиз хотима намеёбад [ҳеҷ вақт хира намешавад, бекор намешавад ва тамом намешавад]" (1 Қӯринтиён 13:7-8). Муҳаббати Ӯ нисбати ту ҳеҷ вақт суст ва бекор намешавад.Ин ғайриимкон

аст, чунки муҳаббаташ нисбати ту аз амалҳоят вобаста нест, лекин дар хислати вафодории Ӯ асос наёфтааст.

МуҳаббатиХудонисбати мо ин қадар ҳамаҷониба аст, ки мо ҳатто андозаи онро дарк карда наметавонем.Биёед баъзе ҳақиқатҳоро дар боари муҳаббаташ номбар кунем. Худо Исоро фирифстод, ки барои мо ҷон диҳад, ҳоло он, ки мо ҳанӯз душмани Ӯ будем (ниг.Румиён 5:10). Вакил Юҳанноменависад: "Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад"(Юҳанно 3:16). Чаро ХудоИсоро дод? Ҷавоб содда аст: ки моро гашта харида гирад. Аҷдодамон, Одам, худро ва дар натиҷа тамоми насли худро (аз ҷумла ту ва маро) ба Худованди таслим кард, вақте ки ба гапишайтон дар боғи Адан гӯш кард. Одам ошкоро ба Худобеитоатӣ кард ва худаш ва наслашро аз Офарандаи худ ҷудо сохт.

Аммо аз барои он ки Худоодамизодро ин қадар дӯст дошт, Вай намехост, ки тақдири мо монанди тақдири шайтону девҳоаш бошад (дӯзаҳ ва кӯли оташини абадӣ). Ба Худонақшаи эҷодкор лозим буд, ки озодии моро харида гирад. Инро ба воситаи фиристодани Исои Масеҳ кард, дуюм шахсияти Худо, ки аз тарафи Рӯҳи Муқаддасҷисман офарида шуда, аз бокира таваллуд шуд. Исопурра одам ва пурра Худобуд ва ҳаёти комил дошт (одами ягонае, ки болои заминбе ягон гуноҳ мегашт). Вай ба салиб рафта, барои ҷазои беитоатии мо ба Худо нарх супорид. Вай ҷазои моро бар худ гирифт, ки мо аз он халосӣ ёбем.

Ҳеҷ чизи дигар наметавонист моро кафорат кунад, чунки Худомегӯяд:"Онҳо ба тавонгарии худ таваккал менамоянд, ва бо фаровонии сарвати худ фахр мекунанд. Касе ҳаргиз барои бародараш фидия намедиҳад; кафораи худро низ ба Худо адо намекунад—чунки фидияи ҷонашон гаронбаҳост" (Забур 48:7-9). Нархи ҷонамон ин қадар қимат аст, ки ҳеҷ чизи дигар ба

ғайр аз худи Исонаметавонист моро гашта, кафорат диҳад. Навиштаҷотқайд мекунад:“Зеро ки шумо ба нархи гарон харида шудаед” (1 Қӯринтиён 6:20). Боз ҳам навиштааст, ки Падар ин қадар пур аз некӣ аст, ки бо хуни Писари Худ барои мо озодиро харидааст (Эфсӯсиён 1:7).

Ҳеҷ одам ё чизи дигар аз Исо барои Худоазизтар нест. Ба ҳар ҳол Худоарзиши моро ба чизи азизтаринаш баробар кард. Як ҳақиқати аҷиб аст: агар ту ва ман барои Худоаз арзиши Исо як танга арзонтар мебудем, Вай моро харида намегирифт, чунки Худоҳеҷ вақт хариди беманфиат намекард. Худохариди зарарнок намекунад (ҷои Навиштаҷоти дар боло зикр шуда ба хотир биёр: «Худотуро бо нархи калон харида гирифт”.) Хариди бефоида ин вақте ки ту чизеро, ки арзишаш баландтар аст бо чизе, ки арзишаш пасттар аст, иваз мекунӣ.Дар чашмони Худо арзишиИсо ба арзиши ту баробар аст!

Мебинӣ чӣ қадар ту барои Худомуҳим астӣ? Барои ин Исодуо мехонад:“Онҳоро дӯст дор, чунон ки Маро дӯст доштӣ”(Юҳанно 17:23). Ин муҳаббати ғайриоддӣаст!

## МУҲАББАТИ ИСО НИСБАТИ ТУ

Дере нагузашта баъд аз он, ки ман ҳаётамро ба Масеҳ бахшидам, ман бо Худованд сӯҳбати ҳайратовар ва шавқовар доштам. Ман овози равшан нашунидам, лекин дар дилам як чиз шунидам: Оё медонӣ, ки Ман туро аз худ дида зиёдтар қадр медонам?

Шояд ту тасаввур мекунӣ чӣ қадар ин сухан маро ба ҳайрат андохтанд. Оё ин душман буд, ки кӯшиш мекард фикри куфрона ва мағрурона ба ақлам корад? Чӣ тавр Худое, ки койноту ҳамаи чизҳои дигарро офарид, ба ман, хизматгораш, гуфта метавонист, ки маро аз худ дида зиёдтар арзишдор мешуморид? Ман қариб гуфтам: “Аз ман дур шавшайтон. Ту барои ман васваса астӣ!”Лекин ким-чӣ хел ман чуқур дар

рӯҳам медонистам, ки ин овози Исо буд. Лекин ба ҳар ҳол лозим буд, ки ман боварии пурра дошта бошам, чунки ба он нигоҳ накарда, ки ман нав имондор будам, медонистам, ки Каломи Худоба мо амр медиҳад, ки "рӯҳҳоро имтиҳон кунем" (1 Юҳанно4:1).

Вақте ки дар бораи ин фикр мекардам, ман ҷавоб додам:"Худованд, бовариам ба ин намеояд, то ки Ту ба ман се ҷои Навиштаҷот аз Аҳди Нав надиҳӣ, ки инро тасдиқ кунад". Вақте ки инро ба Худогуфтам, ларзидам, лекин медонистам, ки ин кори дуруст буд.Ва ба зудӣ дар дилам ҳис кардам, ки барои Худовандхоҳиши ман мушкил набуд. Дар ҳақиқат, ман ҳис кардам, ки аз барои ин хоҳишам Вай хушҳол аст.

Қариб дарҳол Худо ҷавоб дод: Дар Филиппиён 2:3 чӣ гуфта шудааст?

Ман ин оятро аз ёд медонистам ва онро ба Худо гуфтам:"Аз рӯи рақобат ё шӯҳратпарастӣ ҳеҷ коре накунед, балки бо фурӯтанӣ якгдигарро аз худ авло донед".

Худованд гуфт, ки ин ҷои Навиштаҷоти аввал барои ман.

Ман тез муқобилат кардам: "Не, Худованд, Павлусдар бораи Ту инро нагуфт! Вай ба имондорони Филиппия менавишт, ки якдигарро аз худ болотар эҳтиром кунанд. Вай намегуфт чӣ тавр Ту ба ман муносибат ва эҳтиром мекунӣ".

Ҷавоб фавран омад: "Ман аз фарзандонам чизҳоеро, ки худам намекунам, талаб намекунам".

Оҳ. Ман ба ҳайрат афтодам. Худованддавом дод.

Худованд давом дода гуфт, ки ин мушкилӣ дар бисёр оилаҳои вуҷуд дорад. Падару модар аз кӯдаконашон чизҳоеро талаб мекунанд, ки худашон намекунанд, ё чизҳоеро, ки худашон мекунанд, ба кӯдаконашон мегӯяд, ки онро накунанд. Бисёр падару модарон ба кӯдаконашон мегӯяд, ки ҷанг накунанд, лекин бисёр вақт пеши назари онҳо байни худ ҷанҷол мекунанд. Баъд падару модарон ҳайрон мешаванд чаро фарзандони онҳо

ҷанг мекунанд. Ман ин хел намекунам. Он чизҳоеро, ки Ман мекунам, онҳоро аз фарзандонам талаб мекунам.

Ман то ҳол каме шубҳанок будам, барои ин пурсидам: "Ин фақат як ҷои Навиштаҷот аст, боз дутои дигар мехоҳам!"

Пас дар дилам шунидам, ки Худо аз ман мепурсад: "Кӣ дар салиб овезон буд, ту ё Ман?

Ман шах шудам.

"Ман дар он салиб овезон, гуноҳ, беморӣ, заифӣ, камбағалӣ ва ҷазои туро бардоштам, ва дар охир мурдам, чунки турои аз худ дида зиёдтар қадр доштам.

Навиштаи Петрус ба хотирам омад: "Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт" (1 Петрус 2:24). Акнун ман медонистам, ки ман инро аз Худованд шунидам. Вай моро аз худ дида зиёдтар қадр дошт. Вагарна Вай ҷазои маро бар худ намегирифт ва ба ҷои ман мемурд.

Ман медонистам, ки тасдиқи охирин дар роҳ аст ва нопурсида, дар дилам шунидам: "Сеюм ҷои Навиштаҷот- "Якдигарро бо муҳаббати бародарӣ дӯст доред; ва ҳар яке каси дигарро зиёдтар сазовори эҳтиром ҳисоб кунед" (Румиён 12:10). Ман байни бисёр бародарон нахустзода астам [ниг. Румиён 8:29] ва дар муҳаббатам Ман бародарону хоҳаронамро аз худ болотар медонам". Худовандхулоса кард.

Албатта, ин маълумоти гирифтагиам ба ҳар фарзанди Худо дахл дорад, бинобар ин бешубҳа ин дар бораи ту ҳам рост атс. Вай ҳақиқатан ҳар каси моро аз худ болотар қадр мекунад! Ин муҳаббати ғайриоддӣ аст, ки барои фаҳмидан хеле аҷибтар аст. Ба ҳамин сабаб ХудоПадарна фақат монанди он, ки Исоро дӯст медорад, моро низ дӯст медорад, аммо инчунини Исотуро дӯст медорадва ҳатто аз худаш дида зиёдтар дӯст медорад!

## РӮҲИ МУҚАДДАС

Сеюм шахсияти Худо, Рӯҳи Муқаддас, бо ин гуна муҳаббат низ туро дӯст медорад, чунки Вай муҳаббати Худоро ба дили ту пур кард, вақтеки ту ҳаётатро ба Исои Масеҳдодӣ (ниг.Румиён 5:5). Барои ин Павлусмегӯяд: "Ба хотири Худованди моИсои Масеҳ ва ба хотири муҳаббати Рӯҳ аз шумо илтимос дорам" (15:30). Пайхас кунед, ки муҳаббати Рӯҳи Муқаддас нисбати мо дар ин ҷои Навиштаҷот қайд шудааст. Ба ин сабаб Вай то абад бо мо мешавад. Аз барои муҳаббаташ Вай бо мо мемонад. Вай Рӯҳимуҳаббат аст,чунки Худомуҳаббат аст.

МуҳаббатиХудонисбати ту ва ман дар ҳақиқат бешарт, тағирнопазир аст ва то абад давом медиҳад. Вай дар алоҳидагӣ ҳар як каси моро дӯст медорад чӣ қадаре, ки Вай Исои Масеҳро дӯст медорад. Ин барои фаҳмидан хеле бузург аст, лекин ин рост аст, чунки Худодурӯғ гуфта наметавонад.Ҳар боре, ки ту худро дӯстнадошта ҳис кунӣ, ин ҳиссиёту фикро ҳамчун дурӯғ қабул карда, онро рад кун, ва ба худ дар бораи нархи калон хотиррасон кун, ки барои туро ба оғуш Падарат баргардондан супорида шуд. Вай туро бо муҳаббати бепоён интизор аст.

Ман намехоҳам, ки ту фаромӯш кунӣ ё шубҳа кунӣ, ки Худотуро дӯст дорад. Ин бешарт аст—новобаста аз корҳоят ё чӣ қадар ту нағз будӣ. Ин муҳаббати доимӣ аст, ки ҳеҷ вақт суст намешавад ва ба поён намерасад. Ин бояд таҳкурсии ҳаёти ту дар Масеҳ бошад.

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Ту дар ҳақиқат боварӣ дорӣ, ки Худотуро бешарт дӯст медорад? Чаро ё чаро не?

Агар ту ба ин бовар накунӣ, бовари ту дар ҳиссиёт асос ёфтааст ё дар он чизе, ки Худогуфтааст? Агар дар ҳиссиётат асос ёфтааст, боварӣ дорӣ, ки ҳиссиётат нодуруст буда метавона?

Қарори қатъӣ қабул кун, ки ба Каломи Худоаз ҳиссиётат дида, бештар бовар мекунӣ. Акнун Худоро барои муҳаббати аҷиби Ӯ мадҳ ва сипосгузорӣ кун!

# 3
# Ба Худо писанд омадан

Биёед муҳаббати Худоро ҳамчун асос гузошта, пеш ҳаракат мекунем ва дар бораи ба Ӯ писанд омадан гап мезанем. Барои такрор кардани дар боло гуфтагиам мегӯям, ки мо ҳеҷ чиз карда наметавонем, ки Худоморо аз дӯст медоштагиаш зиёдтар дӯст дорад, ва мо ҳеҷ чиз карда наметавонем, ки Вай моро камтар дӯст дорад. Аммо, чӣ тавре ки ман ба чор писаронам қайд кардам, мо ҷавобгар ҳастем нисбати он, ки Худо аз мо чӣ қадар хушҳол аст. Ҳушнудии Вай нисбати мо аз қарорҳоамон, ки мо дар ҳаёти худ мекунем, вобаста аст. Бароин ин Павлускушоду равшан менависад:"Ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем, ки...ба Ӯ мақбул афтем" (2 Қӯринтиён 5:9).

Биёед гапи Павлусро бодиққат дида мебароем. Калимаи саъю кӯшишмаъно дорад, ки ин "мақсади" мо аст. Дар асл, дар дигар тарҷума маҳз ин хел гуфта шудааст:"Ба ин сабаб мо инро мақсади худ мекунем..".Мақсади зиндагиамон ҳамчун фарзандони Худобояд ба тааҷуб овардани Падарамон бошад!

Калимаи писанд омадан аз калимаи юнонӣ"еварестос" тарҷума шуд. Дар луғати Стронг ин калима монанди тарҷумааш маънидод мешавад:"бисёр писанд омадан".Калимае, ки Павлусистифода мебаранд, на фақат писанд омадан маъно дорад, лекин хеле писанд омадан."Миёна"набояд ҳадафи мо

бошад, ки Худоро хушнуд кунем. Мо дар саъю кӯшишамон барои ба Худо писанд омадан бояд боғайрат бошем.

Биёед ба гуфтаи Павлус аз дигар тарҷума нигоҳ мекунем:"Ба Худобо ҷону дил писанд омадан кори асосӣ аст ва мо мақсад дорем, ки инро новобаста аз вазъият иҷро кунем".Ба ман ин калимаи «кори асосӣ» бисёр маъқул аст. Ин бояд нияти водоркунанда бошад дар зиндагии ҳар каси мо. Ягон чиз набояд аз ин мақсад болотар истад.Агар ин мақсади асосӣ мейёри зиндагиамон бошад, ду чиз рӯй медиҳад: хурсандии фаровон ва қаноатмандии пурра.

Ҳамчун одамон мо хоҳиши модарзод дорем, ки ба падару модари худ писанд биёем. Охир ин инъиқоси хоҳиши ҳақиқии мо аст, ки ба Падари осмониамон писнад оем. Нияти асосӣ барои ба Худописанд омадан аз муҳаббатамон нисбати Вай бармеояд. Мо Ӯро ситоиш мекунем, чунки Вай аввал моро дӯст дошт ва дилҳои моро бо муҳаббаташ пур кард! Ҳамчун фарзанди ҳақиқии Худоқаноатмандии калонтарини ту аз он меояд, вақте ки ту медони ки Худоаз ту хушнуд аст.Агар мо инро донем, ягон чиз наметавонад шодии моро пахш кунад.

Дуюм фоидаи ҷустуҷӯи ин мақсади олӣ дар он аст, ки мукофоти бузург мегирем. Оё ин ба ту шубҳаомез менамояд—шояд худпарастона? Лекин гирифтани мукофоти бузург сабаби он аст, ки Павлусморо барои ба Худо писанд омадан водор месозад, ва дар ояти дигар ба ин илова мекунад. Лекин пеш аз он, ки онро мехонем, биёед ба як оят пеш аз ин нигоҳ мекунем ва бинем, ки Павлусба кӣ менависад:

Пас зиндадил ҳастем ва афзал медонем, ки аз ҷисм берун рафта, назди Худованд макон гирем. (2 Қӯринтиён 5:8)

Мо аз ин ҷои Навиштаҷотмебинем, ки Павлусба тамоми одамизод не, лекин фақат ба имондоронба Исои Масеҳ гап мезанад, чунки вақте ки одаме, ки ба ҳукмронии Исои Масеҳтобеъ нест, аз ин дунё аз барои марги ҷисмонӣ меравад,

вай на ба ҳузури Худованд, лекин ба дӯзах меафтад. Дар Каломи Худоин равшан гуфта шудааст: баъд аз он, ки одам аз баданаш ҷудо мешавад, вай фақат ба уд ҷо рафта метавонад—осмон ё дӯзах. Ва ягон биҳишти бокираҳо,аъроф, даромадгоҳи дӯзах,реинкарнатсия, ҳолати олӣ ё монанди инҳо вуҷуд надоранд. Фақат осмони хеле ҳақиқӣ ва дӯзахи хеле ҳақиқӣ вуҷуд доранд.

Инро гуфта, ман намехоҳам сахтгап бошам ё айбдор кунам, лекин ҳақиқатро мегӯям. Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки Исогуфт: "Зеро Худо Писарои Худро ба ҷаҳон барои он нафиристод, ки бар ҷаҳон доварӣ кунад, балки барои он ки ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот ёбад".Чунки ҷаҳон "аллакай маҳкум шудааст"(Юҳанно 3:17-18). Шукур ба Худо! Исоморо аз он маҳкумкуние, ки мо худро маҳкум кардем, наҷот дод.

Ман медонам, ки ин савол бисёр одамонро нороҳат мекунад: "Чӣ тавр Худои дӯстдоштаметавонад одамонро ба дӯзах фиристад?"Ҷавоб ба ин савол аз якчанд ҷиҳат иборат аст. Аввал, дар хотир дошта бош, ки дӯзахна барои одам, аммо барои шайтону ва пайравонаш офарида шуд. Исоинро равшан кард, вақте ки ба онҳое, ки барои Ӯ зиндагӣ намекарданд, гуфт: "Эй малъунон, аз Ман дур шавед ва ба оташи ҷовидоние ки барои иблис ва фариштагони вай муҳайё шудааст, биравед!" (Матто 25:41). Аз ин факти муҳим фаҳмо мешавад чаро ба Худолозим буд, ки моро гашта харида гирад. Худодар ҳақиқат моро дӯст медорад,лекин Вай низ одил аст. Вай ҳеҷ вақт дурӯғ намегӯяд ва қоидаҳоро вайрон намекунад. Агар Вай ин хел мекард, Вай дигар Худо намебуд, чунки Худо"наметавонад дурӯғ бигӯяд" (Титус 1:2).

Одам одилона ба дӯзахрафтан маҳкум шуда будам, чунки худашро ба ҳокими гуноҳ, шайтон, дар боғи Адан таслим кард. Вақте ки инро кард, вай ғуломи гуноҳшуд ва гирифтори оқибати он шуд—ин қисмати соҳиби нави ӯ низ буд. Агар

Худоҷазоро барои гуноҳиодам сабуктар мекард, Вай нисбати шайтон одилу боинсоф намешуд. Пас шайтонметавонист одилона Худоро барои вайрон кардани қоидаҳо нисбати одамизод маҳкум кунад, ки ин амали беадолатона мешуд. Худодар доварӣ наметавонад рӯйбин бошад, чунки хислаташ дар моҳиаташ асос ёфтааст. Дар натиҷа, ҷазои одамизод бояд баробари ҷазо барои шайтону девҳоаш мешуд.

Аз ин сабаб, Худобояд чизеро фикр карда бароядъ, ки одамизодро аз он оқибате, ки худашон бар сари худ ва сари фарзандонашон оварданд, наҷот диҳад. Барои ин лозим шуд, ки Исобарои мо ҷон диҳад. Исо 100 фоиз Худо таваллуд шуд, барои ин вай аз лаънати гуноҳ озод буд. Лекин аз барои он ки Вай 100 одам таваллуд шуд, Вай тавонист барои гуноҳи бузурги одам зидди Худо нарх супорад. Фақат дигар одам метавонист моро аз маҳкумкуние, ки мо бар сарамон овардем, халос кунад. Бо ин сабаб, вақте ки Исоба ҷои мо дар салиб гуноҳкор шуд, Вай фарёд кард: "Худои Ман, Худои Ман! Чаро Маро тарк кардаӣ?" (Матто 27:46). Вай ҷазои моро бар худ гирифт. Вай ҷои маҳкумкунии моро гирифт.

Пас, ба воситаи як инсон, Одам, гуноҳбар тамоми одамизод омад, лекин ба воситаи як одам, Исои Масеҳ, наҷотаз маргба ҳама кушода шуд. Дар Навиштаҷот ин равшан карда мешавад:

Бинобар ин, чунон ки ба воситаи гуноҳи як кас ҳамаи одамон маҳкум шуданд,ончунон ба воситаи адолати як кас ҳамаи одамон барои ҳаёт сафед шуданд! (Румиён 5:18)

Яъне вақте ки одамон дилу зиндагиашонро ба ҳукмронии Исо мебахшанд, ҳокимияти қонунии шайтонвайрон мешавад, ва маҳкумкунии Худозидди ин одамон пурра иҷро мешавад. Худо Падарметавонад аз рӯи адолат даромадро ба подшоҳии худ кушояд ва одилии худро вайрон намекунад. Чӣ қадар нақшаи ғайриоддӣХудои аҷибамон тайёр кардааст!

Оё ту ҳаётатро ба ҳукмронии Исои Масеҳҳамчун Худованд

бахшидӣ? Агар не, ва меҳоҳӣ инро кунӣ, ҳоло Замимарокушо ва дар он ҷо гуфта шудааст чӣ тавр ту метавонӣ ин қарорро қабул кунӣ—ин қарор аз ҳама муҳимтарин аст.

## ДОВАРИИ ИМОНДОР

Акнун боз барамегардем ба он, ки чаро ба мо гуфта шудааст ки ба Худо хеле писанд оем. Мо аз сухани Павлус медонем, ки инро ба фарзандони Худоба воситаи имонба Исои Масеҳмуроҷиат мекунад, на ба тамоми одамизод. Вай менависад:

Ва ба ин сабаб саъю кӯшиши менамоем, ки хоҳ дар ин макон бошем ва хоҳ набошем, ба Ӯ мақбул афтем; зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали амале ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад. (2 Қӯринтиён 5:9-10)

Ба мо гуфта шудааст, ки мо ба Худописанд оем, чунки як рӯз Вай моро доварӣ мекунад. Шояд ту пурсӣ:"Лекин ман фикр кардам, ки Исомаро аз доварӣ наҷот дод".Дуруст, агар ту Ӯро ҳамчун Худованд қабул кардӣ, Вай Наҷотдиҳандаи ту аст, лекин як рӯз ту пеши Ӯ ҳамчун довар меистӣ.

Бисёриҳо намедонанд, ки як рӯз дар оянда ҳар имондор шахсан пеши тахти доварии Масеҳ меистад ва аз рӯи он, ки дар вақти муддати кӯтоҳамон дар замин чӣ кор кардем мукофот дода мешавад. Дар як тарҷумаи Китоби Муқаддас гуфта шудааст: "Ҳар яки мо он чизеро, ки сазовор ҳастем, мегирем"(ояти 10).

Худо гуноҳҳои моро доварӣ намекунад, чунки хуни Исоҷазои абадиро барои гуноҳ нест кард. Лекин мо аз барои меҳнати худ ҳамчун имондорони Исои Масеҳ мукофот мегирем ё зарар мебинем. Павлусинро дар номани аввали худ ба калисои Қӯринт равшан мекунад:"Зеро ҳеҷ кас таҳкурсии дигаре ниҳода наметавонад, ҷуз он ки [аллакай] ниҳода шудааст, ки

он Исои Масеҳ аст” (1 Қӯринтиён 3:11). Боз, вай фақат ба онҳое гап мезанад, ки фарзанди Худо бошад, чунки таҳкурсии ягоани ҳаёти имондон ин Исои Масеҳ аст. Павлусниз дар дигар номаи худ чунин менависад: “Пас чӣ тавре ки Исои Масеҳро ба унвони Худованд қабул кардаед, ҳамон тавр дар Ӯ рафтор намоед”. Дар бораи решаат [ё таҳкурсиат]дар ёд дошта, хонданро давом деҳ:

Ба агар касе ба ин таҳкурсӣ иморате аз тилло, нуқра, ҷавоҳирот, ё чӯб, хасбеда, пахол бино кунад... (1 Қӯринтиён 3:12)

Тилло, нуқра ё сангҳои қиматбаҳо арзиши абадиро маъно доранд.Чӯб, хасбеда ё коҳ чизҳои муваққатӣ маъно доранд ё чизҳое, ки намемонанд. Ту рӯз ба рӯз, соат ба соат, лаҳза ба лаҳза интихоб дорӣ: ту метавонӣ ҳаётатро болои чизҳои абадӣ ё муваққатӣ созӣ; ин аз ту вобаста аст. Дар давоми ин ҷои Навиштаҷот гуфта шудааст:

Амали ҳар кас зоҳир [ошкор, равшан] хоҳад шуд; зеро ки он рӯз [рӯзи Масеҳ] нишон хоҳад дод, чунки дар оташ ошкор хоҳад шуд, ва оташ амали ҳар касро озмоиш хоҳад кард, ки он чӣ гуна аст. (ояти 13)

Вақте ки чӯб, хасбеда ё коҳро ба оташ меандозӣ, онҳо месӯзанд ва несту нобуд мешаванд. Лекин агар тилло, нуқра ё сангҳои қиматбаҳо, онҳо пок шуда, мемонанд. Боз давоми ин ҷои Навиштаҷот аст:

Агар акмали касе ки бар он сохтааст [ҳар натиҷаи саъю кӯшишаш], пойдор бимонад [баъд аз санҷидан], вай музд хоҳад гирифт; ва агар амали касе бисӯзад [зери санҷиш], вай зиён хоҳад дид [мукофоташро аз даст медиҳад]; валекин худаш наҷот хоҳад ёфт, аммо тавре ки гӯё аз даруни оташ гузашта бошад. (оятҳои 14-15)

Ба калимаҳои мукофотва зиён диққат диҳед. Вақте ки

бори аввал ин ҷои Навиштаҷотро ҳондам, дар тааҷҷуб будам. Чизи хондагиам бо гапҳое, ки аз одамон дар бораи ман гуфтан, мувофиқ набуд.Ман фикр мекардам, ки ҳамаамон ба осмон рафта, мукофоти баробар мегирем аз барои он коре, ки Исобарои мо кард. Ман пеш аз ин нашунида будам, ки мукофоти имондор аз амалҳоаш вобаста буд.

Ман дар як равияи масеҳият калон шудам, ки дар он бисёр касон фикр доштанд, ки кори некамон моро наҷот медиҳад. Баъд аз он, ки ман ҳаётамро ба Исо бахшидам, ман хеле шод будам, ки лозим набуд ба аъроф равам ва барои гуноҳҳоам нарх супорам. Ман фақат аз барои он наҷот ёфта будам, ки Исо хунашро дар салби рехт. Наҷоттӯҳфаи Худо мебошад ва аз кори ман ё иҷрои шариати Ӯ вобаста нест.

Ба ҳар ҳол, ман наҷотробо мукофот ё зиёни абадӣ омехта кардам. Ман ҳар дуашро як кардам, лекин Навиштаҷотдигархел нишон медиҳад. Пайхас кунед, ки Павлусмегӯяд, ки одамоне мешаванд, ки дар ҳақиқат бо файзиХудоаз барои қабул кардани Исои Масеҳҳамчун ХудовандуНаҷотдиҳандаи худ наҷот ёфтаанд, лекин ба ҳар ҳол онҳо ба назди тахти доварӣ меоянд ва тамоми мукофотеро, киХудоба онҳо додан мехост, аз даст медиҳанд. Ин муқаддасон осмонро аз даст намедиҳанд, лекин онҳо мукофоти худро аз даст медиҳанд. Барои чӣ? Навиштаҷот бисёр содда ҷавоб медиҳад, ки аз барои он ки онҳо корҳоеро мекарданд, ки ба Худо писанд набуд.

Инчунин дар Навиштаҷотнишон дода шудааст, ки баъзе одамон мукофоти бузург қабул мекунанд аз барои он, ки онҳо ҳаёти худро болои Исои Масеҳсохтаанд ва корҳоеро мекарданд, ки ба Худо писанд буд. Барои ин мукофот дода мешаванд, ҳатто то дараҷае, ки онҳо назди Исои Масеҳто абад ҳукмронӣ мекунанд. Аҷоиб!

Қарорҳое, ки Исо оиди ҳаётамон дар рӯзи доварӣ, "ҳукми абадӣ" номида мешаванд (ниг. Ибриён 6:1-2), яъне онҳо ҳеҷ

вақт тағир намеёбанд, ислох намешаванд ва ба онҳо ҳеҷ чиз илова мешавад. Қарораш то абад мемонад! Истода, дар бораи ин фикр кун: Хулосаи оддӣ ва рост дар он аст, ки аз муносибат мо ба салиб вобаста аст, ки дар абадият мо дар куҷо мешавем. Аммо, тарзи зинадгиамон ҳамчун имондорон муайян мекунад, ки чӣ тавр мо абадиятро мегузаронем.

Ман дар калисоҳо дар тамоми дунё мавъиза мекардам ва ҳайрон мешавам—махсус дар маданиятҳои ғарб—чӣ қадар масеҳиёни зиёд ин ростиро намедонанд. Ин дониш ҳамчун таълимоти "ибтидоии" Масеҳ баён шудааст (ниг. Ибриён 6:1-2).

Каме истода, дар бораи калимаи ибтидоӣ фикр кун. Он ҳамчун "чизе, ки фақат факту қоидаҳои оддитарину асостарин дар бар дорад ё иборат аст " маънидод шудааст. Дигар Таърифи дигаре, ки дар луғат оварда шудааст - "чизе, ки ба мактаби ибтидоӣ тааллуқ дорад". Дар мактаби ибтидоӣ чӣ меомӯзанд? Мо асосро меомӯзем барои тамоми таҳсили дигар, монанди хондан, навиштан, ҷамъу зарб кардан ва ғайра. Тасаввур карда метавонед, ки агар хонандаи мактаби миёна ё донишгоҳ хондану навистан, ҷамъу зарб карда наметавонад ва ӯро дарс диҳед?

Ин ғайриимкон мешуд. Лекин аз ҳад зиёд имондорон кӯшиш мекунанд, ки зиндагии масеҳии худро бе ин дониши ибтидоию асосии Масеҳ месозанд. Аз ин сабаб ҳайратовар нест, ки намуди имрӯзаи калисо бисёр аз он намуди калисо, ки мо дар китоби Аъмол мехонем, дур аст. Ҷои тааҷҷуб нест, ки мо ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ намекунем.

## МУКОФОТОНИДАНИ КӮДАКОНИ ХУД

Ман дидам, ки бисёр имондорон фурӯтании сохта доранд нисбати мукофоти абадӣ. Онҳо барои наҷот ёфтанашон сипосгузоранд, ки ин дуруст ва нағз аст, лекин фикр дар бораи

меҳнат кардан барои гирифтани мукофот аз Худо барояшон ҳавобаланд менамояд. Ин ба ростӣ наздик нест. Хонед, ки вакилЮҳанно дар бораи ин мавзӯъ чӣ гуфт—ва дар ёд доред, ки Худо ба воситаи вай ба мо гап мезанад: “Ах худ бохабар бошед, ки мабодо он чиро, ки мо барояш меҳнат кардаем, барбод диҳед, балки муковофти комил бигиред” (2 Юҳанно 1:8).

Худо на фақат орзу дорад, ки мо мукофоти оддӣгирем, лекин “мукофоти комил” дошта бошем! Ману занам, Лиза, ба чор писарони худ кори душвор дода, мукофоти нағзро барои заҳмати онҳо ваъда мекардем. Ман хушҳол мешавам, вақте ки онҳо комёб шуда, хоҳишамро иҷро мекунанд. Дар он сурат ман бо хурсандии калон мехоҳам барои заҳматашон мукофот диҳам. Лекин баъзан ман дилхунук мешудам, чунки онҳо чизе, ки ман хоҳиш мекардам, иҷро намекарданд, ва ман наметавонистанд ба онҳо мукофот диҳам. Ман мехостам, лекин наметавонистам, чунки вақте ки падару модар кӯдакони худро мукофот медиҳанд, вақте ки онҳо сазовори он нестанд, маълу хоҳиш нест мешавад ва ин чизи нағз аст.

Писари калониам, Эддисон, мактабро бо баҳои аъло тамом кард ва ба яке аз донишгоҳҳои беҳтарини Амрико қабул шуд. Ман бисёр ҳайрон шудам, вақте ки якчанд ҳафта пеш аз дарс сар шуданаш вай аз ман пурсид: “Дада, моҳи оянда ба донишгоҳ равам ё не?”

Ман намедонистам чӣ ҷавоб диҳам ва гуфтам: “Чаро ту рафтан намехоҳӣ?”

Вай ҷавоб дод: “Дада, ман бисёр мехоҳам вақти пурра хизмат кунам ва ба ту ва модарам ёрдам кунам, ки Каломеро ки Худо ба шумо дод, паҳн кунам”.

Ман чӣ гуфта метавонистам? “Албатта, писарам” – ҷавоб додам.

Эддисонро ба кор ба муддати санҷишӣ гирифтанд ва

тақрибан баъд аз шаш моҳ директори шӯъбаи кадрҳо ба ман занг зада, хоҳиш кард, ки Эддисон ба мансаби менеҷери шӯъбаи муҳим гузошта шавад.

Ман каме шубҳанок будам: "Вай қобилияти зарурӣ дорад ё ту инро фақат аз барои писарам будагиаш мекунӣ?"

"Ҷон, писарат роҳбар аст" – ҷавоб дод.

Баъд аз он, ки ба Эддисон он шӯъбаро доданд, вай роҳҳои нав меёфт, ки коргаронашро рӯҳбаланд кунад ва самаранокии корашонро баланд кунад. Як рӯз дар моҳи январ вай ба наздам омада, гуфт: "Падар, ту чӣ кор мекунӣ агар мо самаранокии худро нисбати соли гузашта ду баробар зиёд кунем?"

Ман қариб ба фикронии идеалистонаи ӯ хандидам, лекин хайрият худро доштам. Соли гузашта шӯъбааш аллакай кори калон кардааст, ва Эддисон боз ҳам ба чизи зиёдтар умед дошт, ки ин ба ман маъқул буд, лекин мақсадаш бениҳоят ғайриимкон менамуд. Чунки чизи хостагиаш "иҷронашаванда" буд, ман тех як мукофоти хеле калон ваъда кардам, лекин медонистам, ки ин ваъдаро иҷро кардан зарур намешавад. Ман дилпурона гуфтам: "Писарам, агар ту ба ин мақсадат расӣ, ман ту ва тамоми коргаронатро ба сафари ҳафтрӯза мегирам".

Эддисон табассум кард. "Зур падарҷон" – гуфта, баромад.

Ман як чизро намефаҳмидам, ки орзу ва имонаш дар ин соҳа аз имони ман калонтар буданд. Дар давоми соли оянда вай бисёр дафъа аз ман хоҳиш мекард, ки ман барои коргаронаш дуо хонам, то онҳо мақсади муайяни моҳонаро иҷро кунанд. Пас манну вай ҳамроҳ дуо мехондем ва ман инчунин пайхас кардам, ки шӯъбааш хеле тез нашъунамо меёбад. Баъд аз шаш моҳ ман дидам, ки онҳо ба мақсади солонаи худ расида метавонанд. Ман ҳайрон шудам (барои ман ин хеле ғамгин буд).

Ниҳоят, баъд аз дувоздаҳ моҳ саъю кӯшиши шӯъбаи Эддисон тақрибан се маротиба нисбат ба соли гузашта зиёдтар натиҷа

дод. Ман зери ҳаяҷон будам аз он коре, ки Худо кард. Натиҷаи фаъолияташон ғайриоддӣ буд.

Дар охири сол Лиза ва ман тамоми дастаи ӯро ба сафар болои киштӣ гирифтем. Ба Эддисон ва ҳар аъзои шӯъбааш барои меҳнати боғайраташон мукофот додан бароям хурсандии калон буд. Ин ғалабаи онҳо буд. Ғалабаи аввал ва аз ҳама муҳим он буд, ки аз сад ҳазорҳо одамон зиёдтар каломи Худоро шуниданд. Чӣ қадар одамон наҷот ёфтанд, оилаҳои барқарор шуданд, калисоҳо мустаҳкам шуданд ва одамон шифо ёфтанд, ки ҳеҷ вақт таъсири калом ва қуввати Худоро аз сар намегузаронданд, агар Эддисон ва дастаи коргаронашон барои мақсадашон саъю кӯшиш намекарданд? Ғалабаи дуюм он буд, ки Эддисон ва дастааш бояд аз қаноатмандӣ ва саъю кӯшишашон ҳаловат мебурданд, ки натиҷааш тағироту самараи ҷовидонӣ дар зиндагии бисёр одамон буд. Он вақте, ки онҳо ҳамроҳ дар вақти сафар доштанд фоиданок низ буд, инчунин пур аз шодӣ, ханда ва хотираҳои нағз буд. Ғалабаи сеюм дар он буд, ки барои ман ба онҳо мукофот додан хурсандӣ буд. Барои ману Лиза шодии калон буд, вақте ки медидем чӣ тавр онҳо аз самараи меҳнаташон ҳаловат мебаранд. Онҳо ба ягдигар доим мегуфтанд: "Тасаввур мекунед чӣ қадар одам каломи Худоро шуниданд аз барои он, ки мо ба ин бовар ва ҷидду ҷаҳд кардем?" Ман аз камолоти онҳо дар ҳайрат будам. Сафар ба онҳо маъқул шуд, лекин онҳо диққати худро гум накарданд, ки ҳадафи асосиашон чӣ буд.

Ҳозир, якчанд сол пас онҳо ғайраташонро аз даст надоданд ва то ҳол аз ман хоҳиш мекунанд, ки ман барои онҳо ҳадафи баланд гузорам, ва аз тахти дил сӯи он медаванд. Онҳо мефаҳманд, ки чӣ қадаре ки онҳо муваффақ шаванд, он қадар одамон зиёдтар ба тавре абадӣ тағир меёбанд. Барои ҳамаи мо ин мукофоти бузургтарин мебошад.

# НАҚШАИ ХУДО БАРОИ ҲАЁТИ ТУ

Чӣ тавр ин ба муносибати мо бо Падари осмониамон дахл дорад? Худо барои ҳаёти ҳар яки мо ҳадаф гузоштааст. Дар ҳақиқат, Вай онҳоро пеш аз сар шудани замон дар китобаш сабт намуд. Довуд менависад:

Ҷанинамро чашмони Ту дидааст, ва дар дафтари Ту ҳамаи узвҳоям навишта шудааст, ва рӯзҳои пайдо шудани онҳо, дар сурате ки ҳеҷ яке аз онҳо ҳанӯз вуҷуд надошт. (Забур 138:16)

Ин беҳамто аст! Оё медонистӣ, ки дар бораи ту китоб навишта аст? На фақат ҳаёти одамони машҳур дар тарҷумаи ҳолашон қайд шудааст. Зиндагии ту низ дар он китоб аст ва муаллифаш худи Худо аст. Пешаз он, ки ту дар батни модарат пайдо шудӣ, Вай ин китобро навишт. Чӣ қадар фикри ҳайратангез аст—ҳар рӯзи ҳаётат дар ин китоб қайд шудааст. Ростие, ки аз ин ҳам тааҷҷубовар аст, он ки на фақат ҳар рӯз, лекин ҳар лаҳзаи ҳаётамон дар он сабт шудааст.

Монанди он, ки писар калониам барои иҷрои вазифаи додагиам заҳмат кашид, инчунин Худо дар китобаш комёбшавии туро муайян кардааст. Бале, Худо барои ту ҳадав гузоштааст. ВакилПавлус низ равшан месозад, ки меҳнати таъиншудаи мо пешакӣ қайд шуда буд:

Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро [зиндагии нек доштан, ки Худо барои мо пешакӣ таъин кардааст ва моро ба вуҷуд овард]Худо пешакӣ (пештар ба нақша гирифт) барои мо таъин намудааст [роҳҳое, ки барои мо пешакӣ тайёр кардааст], ба вуҷуд оварда шудаем [аз нав таваллуд ёфтаем]. (Эфсӯсиён 2:10)

Худо роҳҳоятро пешакӣ ба нақша гирифт, лекин бинед Павлус чӣ менависад: “мо бояд бо ин роҳҳо гардем”. Рӯҳи Муқаддас ба воситаи Павлус нагуфт, ки “мо бо ин роҳҳо

мегардем”. Фарқияти хеле калон аст. Акнун иродаи озод ба амал меояд, чунки иҷрои ин вазифаҳо худ ба худ намешавад. Мо бояд дар меҳнати худ ҳамкорӣ кунем. Худо ин ҳадафҳоро гузошт, лекин мо бояд худамон ба воситаи дуохонӣ, хондани Каломи Худо ва дигар воситаҳои рӯҳонӣ фаҳмем, ки барои зиндагиамон чӣ таъин шудааст. Пас мо ба воситаи файзи Ӯ онро иҷро мекунем. Ба ин сабаб Павлус дуо мегӯяд:

Бинобвар ин мо низ аз он рӯзе ки инро шунидаем, дар ҳаққи шумо дуо ва илтимосро бас намекунем, то ки шумо аз дониши иродаи Ӯ дар ҳар ҳикмат ва фаҳми рӯҳонӣ пур шавед, ба тавре ки муносиби Худованд рафтор намуда, аз ҳар ҷиҳат ба Ӯ писанд оед, ва дар ҳар кори нек самара диҳед, ва дар дониши Худо нашъунамо ёбед. (Қӯлассиён 1:9-10)

Агар мо хости Худоро барои ҳаёти худ донем, мо қобилият пайдо мекунем, ки ҳама вақт ба Вай писанд оем. Лекин, хости Ӯ ҳатман иҷро намешавад. Худо барои мо ҳадафҳои ғайриоддӣ гузошт ва бе дуо, имон ва заҳмати боғайрат онҳо ба амал намеоянд. Ба ҳамин сабаб мо “ҳамкорони” Худо номида шудаем (1 Қӯринтиён 3:9). Мо бояд вазифаҳои шахсиамонро ёбем ва сӯи онҳо ҳаракат кунем, мисли он ки Эддисон ва шӯъбаи ӯ карданд. Агар онҳо дуо намехонданд, бовар намекарданд ва бо ҷидду ҷаҳд меҳнат намекарданд, онҳо ба мақсадашон намерасиданд.

Ба баъзе одамон маъқул нест, вақте ки ман ба онҳо дар бораи ҳадафҳои Худо гап мезанам. Онҳо ҳаёти масеҳиро ин тавр тасаввур мекунанд, ки “чӣ тавре ки меояд онро қабул кун ва ба тарзи беҳтарин онро зиндагӣ кун”, ба ҷои он, ки нақшаҳои муайяни Худоро барои ҳаёташон ба амал оваранд. Онҳо фикр мекунанд, ки онҳо аз нав таваллуд шуданд, ба калисо мераванд, ба одамон нағз муносибат мекунанд, дар ҷои корашон кор мекунанд, ба нафақа мебароянд, аз ягон касалӣ мемуранд ва ба осмон мераванд. Бо ин фаҳмиш ин муқаддасони азиз аз чӣ

бехабар мемонанд? Чӣ қадар ғамгин аст, ки тақдири аз Худо таъиншуда ин қадар ҳастии рӯзмарра иваз кунем!

Навиштаҷот қайд мекунад, ки ҳар лаҳзаи ҳаётамон ба нақша гирифтааст. Чӣ мешуд агар писарам фақат корҳои пайдо мешудагиро иҷро мекард? Вай ва коргаронаш ҳеҷ вақт шодиро аз расидан ба ҳадафи баланд намедоштанд. Падарамон махсус қайд мекунад:"Зеро фикрҳоеро, ки Ман дар бораи шумо дорам, Ман медонам, - мегӯяд Худованд, - фикрҳое ки ба осоиштагӣ оид аст, на ба бадӣ, то ки ба шумо ояндаи нек ва умедворӣ бибахшам" (Ирмиё 29:11). Худо интизор аст, ки мо хости Ӯро барои ҳаётамо кофта, ёбем. Павлус менависад: "Бинобар ин нодон набошед, балки дарк кунед, ки иродаи Худо чист" (Эфсӯсиён 5:17). Дар дигар тарҷума аз ин ҳам тезтар гуфта шудааст: "Беақл набошед. Ба чои ин фаҳмед Худованд чӣ мехоҳад, ки шумо кунед".

Оё донистани он хуб нест, ки Худо на фақат ҳаёти Билли Грэм, Орал Робертс, Авраам Линколн, Корриэтен Бум ва дигар одамони машҳур ба нақша гирифтааст? Вай ҳаёти туро низ ба нақша гирифтааст—ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар лаҳзаро—ва онро дар китобаш навишт. Зиндагии ту беҳамто, махсус аст ва ба ҳеҷ роҳ зиндагиат тасадуфӣ нест ва байни ҳаёти дигар одамони "оддии" бешумор гумшуда нест. Ҳеҷ кас оддӣ ё паст нест. Ҳамаи мо барои роҳи беҳамто офарида шудаем, ки он ғайриоддӣ аст.

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Ҳоло дар зиндагиат ту чӣ тавр ба Худо писанд меоӣ? Чӣ тавр метавонӣ ба Вай зиёдтар писанд биёӣ?

Ба фикрат нақшаи махсуси Худо барои ту чӣ аст?

# 4

# Чӣ тавре ки ҳастем фош шудаем

Вақте ки назди тахти доварӣ ҳамчун имондорон меистем, Исо на фақат меҳнат, амалу гапҳои гуфтагиамонро тафтиш мекунад, лекин Вай бодиққат даруни ҳастии моро месанҷад, аз он ҷумла фикрҳои махфӣ, ният, мақсаду ҳадафҳои мо. Аввал ва пеш аз ҳама мо ба Худо чуқур дар даруни худ писанд меоем, ва дар бобҳои оянда мо мебинем, ки зиндагии ғайриоддӣ дар одами даруниамон сар мешавад.

Мо дар бораи имондорон чунин мехонем: "Вақте ки Худованд биёяд, ҳукм накунед, ки маҳз Ӯ чизҳои дар торикӣ пинҳонро равшан ва ниятҳои дилҳоро ошкор хоҳад кард" (1 Қӯринтиён 4:5). Дар бораи калимаҳои "чизҳои дар торикӣ пинҳон ва ниятҳои дилҳо" фикр кун. Фаҳмо аст—ҳеҷ чизи ниҳон нест, ки ошкор нашавад. Инро дониста, биёед як бори дигар каломи Худоро дар бораи доварии имондорон мехонем, ин дафъа аз тарҷумаи васеъи Китоби Муқаддас:

Ва ба ин сабаб саъю кӯшиши менамоем, ки хоҳ дар макон бошем ва хоҳ набошем, ба Ӯ мақбул афтем; зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали амале ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек

бошад ва хоҳ бад, бигирад [аз рӯи он нигоҳ карда, ки мақсаду нияташ чӣ буд ва ба чӣ вай расид, бо чӣ машғул буд ва худро ва диққаташро барои чӣ ба даст овардан мебахшид]. (2 Қӯринтиён 5:9-10)

Яъне мо чӣ тавре, ки ҳастем, зоҳир мегардем. Ҳама одамон се тасвир доранд: тасвири гумоншавандаи онҳо, тасвири зоҳирии онҳо ва албатта тасвири ҳақиқиашон. Тасвири гумоншавандаи шумо ин чӣ тавре, ки шумо мехоҳед дигарон шуморо бинанд. Тасвири зоҳирӣ ин чӣ тавре, ки дигарон шуморо мебинанд. Тасвири ҳақиқӣ он, ки ту дар ҳақиқат кӣ астӣ.

Дар бораи Исо фикр кун—бисёр касон Ӯро рад карданд, одамони обрӯманд Ӯро танқид карданд, ҳокимон дар бораяш дурӯғ гуфтанд ва оила ӯро бидъаткор ва ҳатто девдор фикр мекарданд. Тасвири зоҳириаш дар назари бисёр касон хуб набуд, махсус дар назари ашрофзадагон. Аммо тасвири ҳақиқиаш бисёр фарқ мекард, чунки дар Навиштаҷот қайд шудааст, ки Вай тасвири зуҳуршудаи Падар аст (ниг. Ибриён 1:3). Дар таоми шоми охирин Вай ошкор инро гуфтааст: "Ҳар кӣ Маро бинад, Падарро дидааст" (Юҳанно 14:9).

Бисёр касоне, ки шӯҳрат ё таъсир доштанд ба тасвири зоҳирии Исо нигоҳ мекарданд, лекин Худо фақат тасвири ҳақиқиашро медид. Ба ин сабаб Худои пурқудрат якчанд бор фаҳмо гуфтааст: "Ин аст Писари Маҳбуби Ман, ки ҳусни тавaҷҷӯҳи Ман бар Ӯст" (Матто 3:17; 17:5; 2 Петрус 1:17).

Дар ҷои аввал хушнудии Худо аз комёбшавии Исо вобаста набуд, чунки дар он вақт Вай ягон амали хизматашро накард (ниг. Матто 3:17). Гапи Падар аз рӯи он факт буд, ки Исо ба тасвири ҳақиқиаш бовафо монд ва ба васвасае, ки "одами номдор" бошад наафтид. Дар бораи ин фикр кун— шояд бародарону хоҳарони модарякаш кӣ будани Исоро нағз медонистанд бисёр пеш аз он, ки Вай дар вақти таъмиди обӣ ёфтанаш дар қудраташ зоҳир шуд. Фариштаҳо ҳам ба

модараш ва ҳам падарандараш зоҳир шуданд ва шояд инро ба тамоми оилаю кӯдаконашон нақл карданд. Фикр дорам, ки ҳатто бародарону хоҳаронаш Ӯро азоб медоданд—“Биё, Исо. Ягон кори аҷоиб кун!” Ҳатто баъд аз он, ки Исо таъмид ёфт, бародаронаш ба Вай фишор меоварданд, ки аз рӯи тасаввуроти худашон зиндагӣ кунад:“Ин ҷоро тарк карда, ба Яҳудо равона шав, то ки шогирдонат низ он аъмолеро, ки Ту ба ҷо меоварӣ, бубинанд”– онҳо масхара мекарданд.“Зеро касе ки мехоҳад машҳур шавад, дар пинҳонӣ амал намекунад; агар Ту чунин аъмолеро ба ҷо меоварӣ, Худро ба ҷаҳон бинамо” (Юҳанно 7:3-4). Агар онҳо одамони калон буда, ин тавр Ӯро озор медоданд, тасаввур карда метавонӣ чӣ тавр ҳамсояҳояш ва дигаркасон ба Вай муносибат мекарданд пеш аз он, ки Вай дар си солагиаш хизматашро сар кард?

Навиштаҷот ба тасвири зоҳирии Исо диққат намедиҳад, лекин ба тасвири ҳақиқии Ӯ нишон медиҳад. Агар ту Исо мебинӣ, ту Падарро мебинӣ. Барои ин Исо ба Филиппус гуфт: “Ин қадар вақт Ман бо шумо будам ва ту Маро нашинохтӣ” (Юҳанно 14:9). Исо одами ростқавл буд—чӣ тавре ки Вай бо Падараш буд, ҳамин хел Вай бо дигар одамон низ буд. Вай кӯшиш намекард, ки номи худро машҳур кунад, ва таърифу таҳсини одамонро намеҷуст. Вай фақат барои чизҳое, ки ба Падараш муҳим буд, ғамхорӣ мекард. Мо набояд дигархел бошем! Мо бояд пурра монанди Исо бошем. Ин мақсади Падарамон барои мо аст ва ин бояд мақсади мо ҳам бошад.

Аммо, барои бисёр масеҳиён фақат тасвири зоҳириашон муҳим аст. Агар сода карда гӯем, номи онҳо барои онҳо аз нияти ҳақиқии дилашон муҳимтар аст. Аз барои ин онҳо худро ба тавре нишон медиҳанд, ки мехоҳанд одамон онҳоро бинанду қабул кунанд. Саъю кӯшишашон ба намуди берунӣ, ҳолат, мансабашон, шарманда нашуданашон ва ғайра равона шудааст. Вале мо бояд дар хотир дорем, ки на тасвири гумоншаванда ё зоҳириамон пеши тамоми ҷамъомади

осмон ошкор мешавад. Лекин тасвири ҳақиқиамон, ниятҳою ҳадафҳои ҳақиқии диламон ошкор мешаванд. Гапи Павлусро такрор мекунам: “Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем” (2 Қӯринтиён 5:10).

## ТУ БА ШАХСЕ, КИ АЗ ВАЙ МЕТАРСӢ, ХИЗМАТ МЕКУНӢ

Бинобар ин, дарҳол баъд аз дар боари тахти доварӣ ба мо гуфтан, Павлус менависад:

Пас, мо, ки тарси Худовандро медонем, ба мардум насиҳат медиҳем”. (2 Қӯринтиён 5:11)

Ба сухани Павлус нигоҳ кунед—”тарси Худованд”. Тарси Худованд моро бо тасвири ҳақиқиамон пайваст мекунад. Баръаксаш ҳам дуруст аст: чӣ қадаре ки тарси Худованд кам бошад, он қадар зиёдтар мо ба тасвири гумоншавандаи худ такя мекунем.

Ту ба шахсе, ки аз вай метарсӣ, хизмат мекунӣ. Агар ту аз Худо метарсӣ, ту ба Худо итоат мекунӣ. Агар ту аз одамон метарсӣ, дар охир ту ба хоҳишҳои одам итоат мекунӣ. Одатан одамеро, ки мо мебинем нисбат ба Худое, ки мо намебинем, ранҷондан душвортар аст, махсусан агар мо муҳаббат ё дӯстии ин одамро мехоҳем.

ВакилПавлус аз Худо метарсид. Ба ин сабаб вай зиёдтар дар бораи тасвири ҳақиқиаш ташвиш мекашид, тасвире, ки Худо мебинад, на тасвири гумоншаванда. Аз барои ин ба Масеҳ итоаткор монд, ҳатто вақте ки дигар одамон ӯро рӯҳафтода мекарданд, розӣ набуданд ё рад мекарданд. Павлус навишт: “Оё ман алҳол назди одамон ҳусни таваҷҷӯҳ меҷӯям, ё назди Худо? Оё саъю кӯшиш менамоям дили одамонро ёбам? Агар ман ҳанӯз дили одамонро меёфтам, бандаи Масеҳ намебудам” (Ғалотиён 1:10).

Ман боварӣ дорам, ки оташ дар дили Павлус ӯро водор кард, ки ин суханро нависад бо назардошти он чизе, ки вай ба наздики аз сар гузаронд. Чунки дар боби дуюми ин нома вай дар бораи муқобилате, ки бо Петрус ва баъзе вакилони дигар дошт, менависад:

Аммо вақте ки Петрус ба Антиёхия омад, ман шахсан ба ӯ мухолифат кардам, чунки ӯ айбдор буд. Зеро, пеш аз он ки баъзе касон аз ҷониби Яъқуб биёянд, ӯ бо ғайрияҳудиён хӯрок мехӯрд; лекин вақте ки онҳо омаданд, аз тарси маҳтунон худро дур кашид ва канорагирӣ кард. Бо якҷоягии ӯ яҳудиёни дигар ҳам риёкорӣ карданд, ва тавре ки Барнаббо низ саргарми риёкории онҳо шуд.

Аммо, чун дидам, ки онҳо мувофиқи ростии Инҷил рафтори рост намекунанд, дар ҳузури ҳама ба Кифо гуфтам: "Агар ту, ки яҳудӣ ҳастӣ, на ба тариқи яҳудиён, балки ба тариқи ғайрияҳудиён зиндагӣ мекунӣ, чаро ғайрияҳудиёнро маҷбур менамоӣ, ки ба тариқи яҳудиён рафтор кунанд?" (Ғалотиён 2:11-14)

Дар ёд дор, ки ту ба шахсе, ки аз вай метарсӣ, хизмат мекунӣ. Петрус аз дӯстон дар Ерусалим, ки ақидаҳои кӯҳнапараст доштанд, метарсид. Вай бисёр розигии Яъқубу дигар пешвоён дошта мехост, ки ин ӯро ба рафтори риёкорӣ овард. Вай ба тасвири гумоншавандааш диққат медод, чунки бисёр мехост, ки тасвири зохириаш на назари онҳо писанд бошад. Ба ҳамин сабаб дар Масалҳо гуфта шудааст: "Тарсончакии одам ба дом меоварад" (Масалҳо 29:25).

Павлус ин масъаларо дид ва ҷуръат карда, Петрусро ба рӯяш сарзаниш кард, инчуни Барнаббо ва дигаронеро, ки аз барои фишори шарикашон пинҳон шуданд. Павлус ба Петрус гуфт, ки то он вақте, ки пешвонёни яҳудии кӯҳнапараст наздаш набуданд, вай дар ростӣ ва аз рӯи тасвири ҳақиқиаш зиндагӣ мекард. Барои ин Петрус таъин шуд, ки намояндаи ҳақиқии

Исои Масеҳ бошад аз барои қабул кардан, дӯст доштан ва муносибат кардан бо ин навимондорони ғайрияҳудӣ. Лекин ҳамон даме, ки одамоне омаданд, ки Петрус мехост ба онҳо таъсир расонад ва ҳайрон кунад, вай ба тасвири гумоншаванда гузашт. Ин гуна рафтор барои навимондорони ғайрияҳудӣ мисоли бад буд ва ин ба Худо писанд набуд.

Мо медонем, ки Петрус кӣ буд ва ҳоло вай дар осмон аст. Вале, ин гуна нияту рафтори бад дар пеши тахти доварӣ санҷида мешавад. Петрус маҷбур мешавад, ки барои ин ҳодиса ҷавоб диҳад, монанди мо, ки ҷавоб медиҳем барои ҳар вақте, ки аз барои он ки мехостем худро ба одамон нишон диҳем, ин хоҳиш моро идора мекард.

Ҳоло ин каломро аз нома ба Ибриён бодиққат хон:

Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст, ва то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ, буғумҳо ва иликҳо рафта мерасад, ва андеша ва ниятҳои дилро месанҷад. Ва ҳеҷ махлуқе нест, ки аз Ӯ ниҳон бошад, балки ҳама чиз пеши чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст: ба Ӯ ҳисобот хоҳем дод. (4:12-13)

Ин калом бисёр сахт таъсир мерасонад! Агар ту онро тез хонда, гузаштӣ аз барои он, ки пештар онро хондӣ, ҳоло гашта онро хон ва дар бораи ҳар ифода оҳиста фикр кур.

Диққат деҳ, ки Каломи Худо чуқур ба фикру хоҳишҳои мо мерасад. Вай моро фош мекунад чӣ тавре, ки мо дар ҳақиқат ҳастем, на он ки худро нишон медиҳем. Агар мо ба Калом гӯш карда, ба он итоат мекунем, он моро аз фиреб нигоҳ медорад.

Агар мо ба Каломи Худо диққат медиҳем, он тарси Худовандро дар дилҳоамон гарм ниҳон медорад:

“Ва ҳеҷ махлуқе нест, ки аз Ӯ ниҳон бошад, балки ҳама чиз пеши чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст”.

Инро шунида ва диниста, акнун ту метавонӣ боз ҳам нағзтар фаҳмӣ чаро Рӯҳи Муқаддас мегӯяд: “Эй писарам! Агар гуфтаҳои маро бипазирӣ ва аҳкоми маро дар худ маҳфуз дорӣ, ба тавре ки гӯши худро ба шунидани ҳикмат роғиб ва дили худро ба хирад моил гардонӣ; агар донишро даъват намоӣ ва овози худро сӯи хирад баланд кунӣ; агар онро мисли нуқра орзу кунӣ ва мисли ганҷҳо ҷустуҷӯ намоӣ, - он гоҳ худотарсиро хоҳӣ фаҳмид ва дониши Худоро хоҳӣ ёфт”(Масалҳо 2:1-5).

Вақте ки мо дар дарунамон Каломи Худоро ҳамчун ганҷи бузургтарин меҷӯем, ва агар мо роҳҳои Ӯро донистан мехоҳем монанди он, ки роҳҳояш мукофот ё ҳаловати олӣ бошад, пас мо тарси Худовандро мешиносем. Пас мо дигар худро бо тасвири зоҳириамон фиреб намедиҳем, лекин дар ростӣ зиндагӣ мекунем.

## ТАРСИ ХУДОВАНД ЧИСТ?

Инак, тарси Худованд чист? Пеш аз ҳама, ин аз Худо дар даҳшат будан нест. Чӣ тавр мо метавонем бо касе, ки аз вай ба даҳшат меафтем, наздикӣ дошта бошем? Ин бошад орзуи Худо аст—ки бо мо муносибати наздик дошта бошад.

Вақте ки Мусо халқи Исроилро аз Миср баровард, вай онҳоро рост ба кӯҳи Сино овард, ба ҷое ки Худо худро ба Мусо дар бутта зоҳир кард. Бисёриҳо фикр мекунанд, ки мақсади сафарашон замини ваъдашуда буд. Ин нодуруст аст. Мусо ба фиръавн якчанд маротиба каломи Худовандро эълон кард: “Қавми маро равона кун, то ки Маро дар биёбон ибодат намоянд” (Хуруҷ 7:16). Чаро Мусо хост, ки пеш аз он, ки онҳоро ба замини ваъдашуд барад, аввал ба ҳузури худи Ваъдадиҳанда барад?

Ман байни Мусо ва халқе, ки вай роҳбарӣ мекард, фарқияти калон мебинам. Исроилиҳо дар Миср азоб мекашиданд—онҳоро мезаданд, писаронашонро мекуштанд, тамоми

зиндагиашон меҳнат мекарданд, ки мулки мисриёнро созанд, дар ҷои ноободию камбағал зиндагӣ мекарданд, хӯроки нағз намехӯрданд, либоси дарида мепӯшиданд. Лекин ҳатто баъд аз Миср баромадан, онҳо доим шикоят мекарданд ва баргаштан мехостанд!

Баъд ман ба Мусонигоҳ кардам: вай дар хонаи одами давлатмандтарини дунёи он замон зиндагӣ мекард, хӯроки беҳтарин мехӯрд, либоси зеботарин мепӯшид, барои худ хизматгор дошт ва саводи беҳтарин мегирифт—аммо вай аз Миср баромад ва ҳеҷ вақт баргаштан намехост! Чаро ин фарқият вуҷуд дошт? Мусо шахсан назди бутта бо Худо вохӯрд; ба Исроилиҳо ҳам ин вохӯрӣ пешниҳод шуд, лекин онро рад карданд. Худо мехост болои кӯҳ фароянд ва худро ба Ибриён зоҳир кунад, ва инро баъд аз се рӯз кард. Лекин халқи Исроил ба ҷои он, ки ба ҳузури Худо дароянд, аз Вай гурехтанд. Мусо инро дида, ба Исроилиҳо гуфт:

Натарсед, зеро ки Худо барои озмудани шумо омадааст, то ки тарси Ӯ пеши рӯи шумо бошад, ва шумо гунҳо накунед. (Хуруҷ 20:20)

Бо дигар гап: “Натарсед, чунки Худо омад, то ки бинад оё тарси Ӯ пеши назари шумо аст ё не”. Ин монанди он буд, ки Мусо ба худ мухолифат мекард, лекин дар ҳақиқат вай нишон медиҳад, ки байни воҳима пеши Худо ва доштани тарси эҳтиромонаи Худо фарқият аст. Фарқият дар он аст, ки одаме, ки аз Худо воҳима дорад, чизеро пинҳон мекунад—мисол, чӣ тавре ки Одаму Ҳавво дар боғи Адан баъд аз беитоатиашон амал карданд. Онҳо аз ҳузури Худованд гурехтанд, чунки онҳо гуноҳ карданд ва фикр карданд, ки Худоро ба воситаи пинҳон шуданашон фиреб мекунанд.

Одаме, ки худотарсӣ дорад, ҳеҷ чиз пинҳон намекунад. Дар ҳақиқат, вай метарсад, ки аз Худо дур шавад. Шоҳ Довуд тарси

муқаддаси Худо дошт, лекин ба ҳар ҳол ба назди Ӯ медавид ва мегуфт: “Маро, эй Худо, тафтиш намо ва диламро бишнос; маро бисанҷ ва андешаҳоямро бидон, ва бубин, ки оё роҳам каҷ аст” (Забур 138:23-24).

Чӣ тавре ки шумо аллакай дидед “тарси Худованд” мавзӯъи калон аст ва мавзӯъи ин китоб нест, барои ин ман кӯтоҳ дар бораи ин гап мезанам. (Ман ду китоби калон дар бораи ин мавзӯъ навиштам—“Тарси Худованд” ва “Дили оташин”—агар хоҳед дар бораи худотарсӣ зиёдтар дониш пайдо кунед.) Тарси Худо аз эҳтироми Ӯ иборат аст, лекин аз он зиёдтар аст. Ин вақте, ки мо ба Худо ҷои ҷалол, шаъну шараф, ситоиш, минатдорӣ, ҳамду сано ва афзалиятеро, ки Вай сазовори он аст, медиҳем. Худо дар назари мо ин ҷоро ишғол мекунад, вақте ки мо Ӯро ва хоҳишҳояшро аз хоҳишҳои худ ва дигарон болотар мешуморем. Мо он чизҳоеро, ки Худо нафрат мекунад, нафрат мекунем, ва он чизҳоеро, ки Вай дӯст медорад, мо ҳам дӯст медорем. Мо боағайрат ростиро чуқур «дар даруни худ» меҷӯем. Тарси муқаддас бо итоати бечуну чаро ба Худо нишон дода мешавад, новоста аз он, ки Ӯро мефаҳмем ё не.

Вақте ки мо тарси дуруст пеши Худо дорем, мо медонем, ки аз Офарандаи худ ҳеҷ чиз пинҳон карда наметавонем ва мо пеши Худованд чӣ тавре, ки дар ҳақиқат ҳастем меистем, на он тавре, ки мо худро нишон медиҳем. Натиҷаи ҳайратовардар он аст, ки мо худро хеле бехатар ҳис мекунем.

## ТАРСИ ФИРЕБ

Хатари он, ки мо аз рӯи тасвири зоҳириамон зиндагӣ кунем ва на аз рӯи тасвири ҳақиқӣ дар он аст, ки мо фиреб хӯрда метавонем! Ва фиреб як мушкилии калон дорад: вай фиребдиҳанда аст. Одамони фиребхӯрда аз тахти дилашон боварӣ доранд, ки онҳо рост ҳастанд, лекин дар ҳақиқат хато мекунанд. Ин даҳшатовар аст! Яъқуб ба мо мегӯяд:

Пас иҷрокунандагони калом бошед, на фақат шунавандагоне ки худро фиреб медиҳанд, зеро, касе ки каломро мешунаваду иҷро намекунад, ба шахсе монанд аст, ки тарҳи рӯяшро дар оина мебинад: ба чеҳраи худ нигоҳ карду рафт, ва дарҳол фаромӯш кард, ки он чӣ гуна аст. Амма касе ки ба шариати комил, ба шариати озодӣ диққат мекунад ва дар он устувор мемонад, дар ҳолате ки на шунавандаи фаромӯшхотир, балки иҷрокунандаи кор мебошад, - хушо он кас дар амали худ. (Яъқуб 1:22-25)

Мо худро фиреб медиҳем, вақте ки мо фақат ба каломи Худо гӯш мекунем ба ҷои он, ки ба вай иҷозат диҳем, то калом чуқур ба диламон даромада, фикр, муносибат, фаҳмиш, ният ва дигар чизҳоро доварӣ кунад—ин тавр рафтори моро дигар кунад. Агар Калом ба даруни мо надарояд, пас мо Худо ва роҳҳояшро фақат дар ақли худ медонем, лекин ин дониш фақат ба як лаҳза аст (вақте ки мо ба оина нигоҳ мекунем). Аммо, вақте ки мо фаҳмида дар бораи имонамон фикр намекунем (вақте ки мо аз оина дур рафтем), мо тамоман бар зидди чизҳои эътироф мекардагиамон рафтор мекунем.

Биёед як мисол мебиёрам. Оилаам дар давоми понздаҳ соли охир ҳар сол дар давоми як ҳафта дар ҷазираи Гавайи истироҳат мекард. Мо тавонистем, ки бо нархи арзон истироҳат кунем аз ҳисоби он, ки ман ва Лиза аз барои зуд-зуд парвоз кардан ва дар меҳмонхонаҳо истодан бисёр хол ҷамъ мекардем.

Яке аз чизҳое, ки ба ман дар Гавайи маъқул аст, ки соати баданам мувофиқи вақти қитъа аст, яъне ман барвақтар бедор шуда, барои дуохонӣ пеш аз рӯз сар шудашан зиёдтар вақт дорам. Дар давоми он соатҳои субҳ ман дар соҳили бахр гашта, бо Рӯҳи Муқаддас гап мезанам.

Дар яке аз ин сафарҳо ман дар соҳил мегаштам ва мардеро дидам, ки аз барои фарқияти вақт мисли ман барвақт хест. Вақти рухсатиаш ба охир мерасид ва бо шавқ дар бораи Гавайи

нақл кард ва гуфт чӣ қадар ин ҷазираро нағз мебинад. Вай дар бораи занҳое, ки ҳамроҳашон вохӯрд фахр мекард, чӣ қадар шабнишинӣ зӯр буданд ва ғайра. Ҳар ҷумлааш пур аз куфр буд ва афсус, баъд аз якчанд савол аз вай пурсидан, ман фаҳмидам, ки вай оиладор буд ва ду духтар дошт.

Аз барои он, ки вай ба вақти шахсиам бо Худованд аллакай халал расонд, ман қарор кардам, ки ба вай дар бораи Исо шаҳодат кунам ва интизори фурсати дуруст будам. Вай аз ман пурсид, ки ман чӣ кор мекунам ва ман гуфтам, ки ба Худо ҳамчун хизматгори Хушхабар хизмат мекунам.

Вақте ки инро гуфтам, рӯяш равшан шуд ва бо хурсандии бештар гуфт: "Ин аҷоиб! Ман масеҳӣ азнав таваллудшуда ва ба калисои нағз дар шаҳри Ню-Йорк меравам". Вай дар бораи пастораш гуфт ва он, ки вай аъзои яке аз хизматҳои калисо буд. Вай ин қадар аз вохӯрдан бо хизматгори Хушхабар хурсанд буд, ки беист дар бораи "имонаш" гап мезад.

Вақте ки ӯ гап мезад, ман фаҳмидам чӣ қадар ин одам фиребхӯрда аст. Вай дигар калимаҳои куфр намегуфт, вақте ки дар бораи духтарону шабнишиниҳо гап мезад, лекин ҳоло вай ба "оина" нигоҳ мекард. Вай забони махсуси масеҳиро медонист, метавонист аз Навиштаҷот иқтибос оварад ва бошавқ дар бораи Худо гап мезад. Леки нагар ман ин оинаро ба рӯяш намебаровардам бо гуфтани он, ки ман хизматгор астам, ман метавонистам озодона бо вай бо ҳисси фисқу фуҷур ва айёшӣ гап занам. Ман метавонистам ҳамроҳи вай куфр гӯям ва шояд ин тамоман ба вай таъсир намекард. Дар ҳақиқат, ин шаҳвати ҷисмониашромешӯронд. Вай тамоман ҳисси айбдорӣ надошт: Каломи Худо ният, хоҳишу фикрҳои даруниашро доварӣ намекард.

Вақте ки вай ба"оинаи масеҳият" нигоҳ мекард ва дар бораи "имон"-у калисоаш гап мезад, вай медонист чӣ намуд дошт. Лекин вақте ки аз оина дур мерафт, тасвири ҳақиқиаш зоҳир

мешуд. Эҳтимол вай ҳақиқатан Исои Масеҳро намешинохт, ки ин аз меваааш маълум буд (ниг. Матто 7:20-23). Вақте ки вай дар байни дигар масеҳиён буд, вай тасвири ҳақиқиашро не, лекин тасвири гумоншавандаашро нишон медод.

Ин мисоли қатъӣ аст, лекин нағз он чиро, ки Яъқуб дар номааш мегӯяд, нишон медиҳад. Маҳз ин қоида ба дигар сатҳ ҳам дахл дорад. Чӣ қадар одамони зиёд такроран ҷангу ҷанҷол мекунанд, сахт бо оилаҳоашон гап мезананд, дар баъзе соҳаҳои зиндагиашон беодоб ҳастанд ва барои роҳату манфиати худ зиндагӣ мекунанд—пас ба калисо рафта, намуди одамони меҳрубон, нек, босабр, ростқавл ва худотарсро нишон медиҳанд? Дар калисо онҳо дигар одам ҳастанд (вақте ки онҳо назди оина меистанд), аммо давоми ҳафта дигар одам. Шояд онҳо имондори ҳақиқӣ ҳастанд, лекин онҳо зиёдтар дар бораи тасвири зоҳириашон ғам мехӯранд, на дар бораи тасвири ҳақиқиашон. Онҳо ҳам фиребхӯрда ҳастанд ва пеши тахти доварии Масеҳ ба тааҷҷуб меафтанд.

## ҚАРОРИ МУСТАҲКАМИ ДИЛ

Ростии ғамгиновар дар он аст, ки агар мо ба тасвири зоҳириамон диққат диҳем, мо имконияторо аз даст медиҳем, ки ба тасвири Исои Масеҳ табдил ёбем. Мо фиреб мехӯрем ва ноқобил мешавем, ки ба Худо писанд оем ва ҳаёти ғайриоддӣ дошта бошем. Мо бояд аз худ пурсем: - Оё ман барои он зиндагӣ мекунам, ки Худоро хурсанд кунам ё байни мардум машҳур бошам? Дар интихоби худ мо бояд ростқавл бошем. Мо наметавонем Худоро фиреб диҳем, ки рӯякӣ дар бораи аҳамияти ба Худо писанд омадан гап занем, лекин вақте ки барои мо ин нороҳат аст, худро аз он кашем. Ин бояд қарори мустаҳкам ва ҳеҷ вақт бетағир бошад, чунки аз ин вобаста аст, ки оё мо метавонем ба тасвири Исои Масеҳ калон шавем, ё тасвире пайдо мекунем, ки шакли масеҳият дорад, лекин аз

дили Худо дур аст.

Ин бисёр содда аст. Ту метавонӣ зиёд китобҳои масеҳӣ хонӣ, ба мавъизаҳои сершумор гӯш кунӣ, ба ҳар ҷамъомади калисо биёӣ, тез-тез бо имондорон вохӯрӣ ва ҳатто дар башоратдиҳӣ иштирок кунӣ. Лекин агар ту ҳақиқатан аз Худо натарсӣ ва зиёдтар ба ному шӯҳрати худ диққат диҳӣ, ту аз Вай дур мешавӣ. Бинобар ин ба мо гуфта шудааст:

Тарси Худованд ибтидои ҳикмат аст. (Забур 110:10)

Ва боз:

Сирри Худованд бо тарсггорони Ӯст, ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад. (25:14)

Худованд худашро ва ҳикмати ҳақиқиашро ба онҳое, ки тарси муқаддас надоранд, зоҳир намекунад. Худо бояд дар ҳаёти одам афзалият дошта бошад. На фақат дар сухан ё шакл, лекин чуқур дар дил ва дар асоси қарор: "Ҳаётам аз они ман нест; он ба Худовандам, Исои Масеҳ, тааллуқ дорад".

Яке аз фоҷиаҳои бузургтарин дар калисоҳои ғарбӣ он аст, ки мо баракатҳои қувваи зиндашавиро бе итоаткуние, ки ба салиби Масеҳ далх дорад, пешниҳод мекунем. Бисёр пешвоён боғайрат кӯшиш карданд, ки Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда пешниҳод кунанд, на мисли Худованди ҳаёти одам. Дар калисоҳо якшанбе паи якшанбе дар ҷамъомадҳо бисёр мавъизаҳо дар бораи"зиндагии нағз" дар асоси қоидаҳои Китоби Муқаддас гуфта мешавад, лекин ҳеҷ чиз дар бораи худро инкор кардан намегӯянд, ки барои паҳн кардани хушхабар лозим аст.

Бисёр пасторҳо зиёдтар дар бораи он фикр мекунанд, ки тренери шахсии одамон бошанд, на дар бораи он, ки хизмати панҷкарата бовиҷдон иҷро кунанд. Мавъизаҳои онҳо аз қоидаҳои идоракунии ин дунё ё рӯҳшиносӣ бармеоянд, ва Навиштаҷотро барои исбот кардани ақидаҳои худро истифода мебаранд. Ба ҷои он, ки соддадилона ва далерона ба гуфтаҳои Китоби Муқаддас бовар кунанд, онҳо дигар маълумотро

ҳамчун асоси имонашон б Китоби Муқаддас пайваст мекунанд. Як бори дигар ин каломи боқувватро гӯш кун:

Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст, ва то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ, буғумҳо ва иликҳо рафта мерасад, ва андеша ва ниятҳои дилро месанҷад. (Ибриён 4:12)

Мисли ҷарроҳи ихтисоснок каломи ҳақиқии Худо чуқур ба фикру хоҳишҳои ниҳониамон мерасад ва ҳолати диламонро фош мекунад, ки мо дар ҳақиқат пеши Худо солим бошем. Оё мо мувофиқи ин меъёр мавъизаҳоро дар калисоҳои ғарбӣ мешунавем? Агар не, оё мо каломи ҳақиқии Худоро гӯш мекунем ё не? Оё ҳикмати ҳақиқии Худо аз саҳна меояд ё не?

Оё мо аз худ самимона пурсидем, ки чаро мо ин қадар зиёд худпарастӣ ва ҳасад дар калисоҳоамон дорем? Оё ин натиҷаи он аст, ки мо пеши Худованд тарс надорем? Яъқуб аз аъзоёни калисо мепурсад: "Оё касе аз шумо ҳаким ва бохирад аст?" (Яъқуб 3:13). Мазмуни ин савол чунин аст: "Кӣ байни шумо ҳақиқатан аз Худо метарсад?" (ҳикмат берун аз тарси Худованд вуҷуд надорад). Вай давом мекунад:

Бигзор инро дар рафтори неки худ бо фурӯтании хирадмандона дар амал нишон диҳад. Аммо агар шумо дар дили худ ҳасади талх ва худсарӣ доред, фахр накунед ва дар ҳаққи ростӣ дурӯғ нагӯед: ин ин ҳикмате нест, ки аз боло [тарси Худованд] нозил шуда бошад, балки ҳикмати заминӣ, нафсонӣ ва шайтонӣ мебошад.(оятҳои 13-15)

Каломи Худо моро аз доми фиреб нигоҳ медорад—ин мавъизаҳое, ки барои одамон шавқовар аст ё гӯшфорам ҳастанд. Ба мо гуфта шудааст: "Тарсончакии одам ба дом меоварад" (Масалҳо 29:25). Чизи даҳшатнок оиди дом дар он аст, ки то вақте ки дер нашавад, ту намефаҳмӣ, ки ба он афтодаӣ. Ягон парранда ё ҳайвон ҳеҷ вақт бадом намеафтод, агар пешакӣ медониста, ки дар пеш чӣ мешавад. Дар Масалҳо ошкор гуфта

шудааст, киагар мо ба тасвири зоҳириамон диққат диҳем ин дом аст, ва то вақте ки дер навашад, ту намефаҳмӣ, ки ба он афтодаӣ.

Ба наздикӣ вақте ки ман рӯза медоштам: Рӯҳи Муқаддас ба дилам фарёд зад: Куҷо одамоне дар ин замин, ки барои ростӣ борҷуръат бошанд? (ниг.Ирмиё 9:3). Ман ғамгинии Худовандро ҳис кардам, чунки хеле бисёр одам дар калисоҳои ғарбии мо ба доми тарси одам афтоданд ва ғайрати худро барои каломи Худо аз даст доданд.

Ман ғамгинии Ӯро нисбати пешвоёни масеҳӣ ҳис мекунам, ки бо гунаҳкорон рӯ ба рӯ намешаванд, то ки онҳо наҷот ёбанд. Дар ақиби биноҳои, ки якчанд миллион доллар нарх доранд, қуттӣ овезон аст барои одамоне, ки мехоҳад масеҳӣ шаванд ва ин хоҳишро дар коғазча навишта ба ин қуттӣ мепартояд. Инро мекунанд, ки ягон кас нороҳат ё фарқдошта ҳис накунад, ҳангоме ки қарор оиди қабул кардани Масеҳ мекунад. Мо мехоҳем, ки "роҳи онҳоро ба имон омадан осон кунем". Лекин оё мо сухани Худовандамонро фаромӯш кардаем: "Зеро ҳар кӣ аз Ман ва аз суханони Ман шарм кунад, Писари Одам, ҳангоме ки дар ҷалоли Худ ва дар ҷалоли Падар ва фариштагони муқаддас меояд, аз вай шарм хоҳад кард" (Луқо 9:26).

Оё мефаҳмӣ, ки ин хаёлпарастӣ нест?

Оё ин гуна хизмат ба корҳои Исо мувофиқ аст? Мисол, ба ҷавони сарватдор нигоҳ кун. Вай бо хоҳиши калон барои наҷот ёфтан омад ва орзу дошт, ки ба осмон равад (ниг. Марқӯс 10:17). Исо ба вай гуфт, ки тамоми дороии худро фурӯшад ва ба камбағалон тақсим кунад, ва салиби худро гирифта, Ӯро пайравӣ кунад. Чӣ қадар сухани сахт барои ин одами ҷӯянда! Охираш чӣ буд? Ин одами сарватманд, ки бисёр наҷот ёфтан мехост, "ғамгин" аз ҳузури Исо рафт. Вай каломи Худоро шунида, "андӯҳгин"(ояти 22) аз пешаш рафт. Ин ба дилаш расид ва фикур ниятҳояшро фош кард. Вай натавонист аз ин

санҷиши зиндагӣ гузарад.

Бодиққат дар бораи ин фикр кун: ин одам омад ва барои гӯш кардан тайёр буд, лекин баъд аз он ки Исо ба вай мавъиза кард, вай ғамгин шуда рафт. Чӣ қадар усулҳои хизмати ғарбии имрӯзаамон ба ин монанд аст? Ба ин марди ҷавон коғазча надоданд, ки онро пур карда, ба қуттичаи Матто партояд. Не, вай бо ростӣ рӯ ба рӯ шуд ва баъд аз он ки вай ростиро қабул накард, Исо ростиро ба ақиб нагирифт.

Пас Исо ба дигарон гуфт, ки чӣ қадар ба подшоҳии Худо даромадан душвор аст: "Аз сӯрохи сӯзан гузаштани шутур осонтар аст аз он ки сарватдор ба Малакути Худо дохил шавад" (Марқӯс 10:25). Дигар хел гуфтан мумкин аст: "Барои одамоне, ки ба тасвири гумоншавандаю зоҳириашон бовар мекунанд, ба подшоҳӣ даромадан душвор аст". Сарвате, ки онҳо ба он бовар мекунанд, ин пул нест, лекин чӣ тавр одамон ба пул муносибат мекунанд.

Чӣ тавр Исоро дар баъзе аз ин гуна калисоҳо қабул мекарданд, ки дар ақибашон қуттича доранд? Чӣ тавр Исоро дар калисоҳоеқабул мекарданд, ки фақат одамонро рӯҳбаланд мекунанд ва сухани хуб мегӯянд, ки ба одамон ёрдам кунанд? Пешвоёни ин калисоҳо чӣ кор мекарданд, агар баъд аз он, ки Исо тарзи худпарастонаи зиндагиии одамоно фош мекард ва онҳоро даъват кунад, ки ҳаёти худро ба Худо таслим кунанд, бисёр одамон аз калисоҳоашон мерафтанд?

Хабари хуш дар он аст, ки дер нашудааст ва мо метавонем дигаргун шавем. Пешвоён, бархезед! Масеҳиён, бархезед! Худои мо даъват мекунад, ки мо дар наслли худ дигаргуниҳои калон ба вуҷуд оварем. Мо даъват шудаем, ки ба рӯҳи афлок зиддият кунем, рӯҳе, ки дар писарони исёнгар амал мекунад, рӯҳи ин олам. Мо даъват шудаем, ки осмонро ба замин биёрем!

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Дар кадом соҳаҳо байни тасвири зоҳирӣ ва ҳақиқӣ номувофиқӣ вуҷуд дорад?

Чӣ тавр фаҳмиши дурусттари"тарси Худованд"метавонад муносибататро бо Худо беҳтар кунад?

# 5
# Ту ин корро карда метавонӣ!

Вақте ки гап дар бораи ба Худо писанд омадан меравад, як саволи асосӣ пайдо мешавад: “Оё мо инро карда метавонем?”Оё мо қобилият дорем, ки Ӯро ба табассум кардан оварем? Оё мо, ки дар олами нокомил зиндагӣ мекунем, метавонем ба Худои комилро ба ваҷд оварем?

Дар солҳои аввали хизматам ман бо ҷавонон кор мекардам. Ва ҳамчун пастори ҷавонон ман бисёр чизҳоро дар бораи тарбия кардан ва муносибат дар оила ёд гирифтаам. Ман як чизро пайваста медидам, ки маро ғамгин мекард, чӣ тавр баъзе ҷавонон наметавонистанд ба падару модараш писанд омада наметавонистанд. Новобаста аз корҳояшон ё аз кӯшишашон ин кӯдакон ба интизории падару модаронашон (бисёр вақт интизории падаронашон) расида наметавонистанд.

Ман зуд намунаашро дидам. Ин ҷавонони рӯҳафтода кӯшиш мекарданд, ки писанд оянд, лекин баъд аз нокомиҳои такрорӣ онҳо таслим мешуданд ва поён ба тарзи зиндагии бефарқу бепарво мефуромаданд.Дилхунук шуда, ноумед мешуданд. Агар падару модарон зиёдтар кӯдакони худро ба таври мусбат тарафдорӣ мекарданд, бисёр нокомиҳои ҳатмӣ

рӯй намедоданд.

Оиди Падари осмонии мо чӣ? Оё мо метавонем ба Шахсе, ки беайбу нуқсон аст, писан доем? Ба гуфтаи вакилПетрус гӯш кун:

Азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст. (2 Петрус 1:3)

Инак ҷавоб барои саволи мо—мо ҳамаи чизҳои зарурро дорем, ки ҳаёте дошта бошем, ки Падари осмониамон писанд бошад. Пас аз худи аввал инро ба дилат қабул карда, нагузор ки донистани ин аз ту дур шавад. Маҳз Худоин каломро ба воситаи Петрус гуфт. Каломаш рост ва тағирнопазир аст. Ҳеҷ вақт ва ҳеҷ гоҳ дурӯғро қабул накун, ки мегӯяд, ки ту ба Худо писанд омада наметавонӣ. Дар ҳақиқат, ту писанд омада метавонӣ!

Бисёр имондоронба баъзе масеҳиён, махсус ба пешвоёни бузург, нигоҳ карда, фикр мекунанд, ки онҳо ҳеҷ вақт наметавонанд ба қадри онҳо расанд ё монанди вакил Юҳанно, вакил Павлус, Билли Грэм, Орал Робертс, Модари Тереза ё касе дигаре, ки аз онҳо ба ваҷд меоянд, дар назари Худодилрабо бошанд. Ростӣ дар он аст, ки аз ту дида, касе дигар қобилияти зиёдтар надорад, ки ба Худописанд ояд!

Инро гуфта, ман мехоҳам, ки ту ҳеҷ вақт инро фаромӯш накунӣ: дар асл ту қобилият дорӣ, ки Худо писанд биёӣ, лекин аз ту вобаста аст, ки ту ин қувватро истифода барӣ ва аз рӯи он зиндагӣ кунӣ.

Ману Лизачор писар дорем. Писари сеюми мо, Александр, дар таҳсили умумӣ мушкилӣ дошт. Ба ростӣ, вай якчанд сол ба таҳсили махсус мерафт. Вай ҷавони бисёр боақл, ки яқинан иқтидор дорад, то аз дастовардҳои падару модараш пеш гузарад. Александрбениҳоят эҷодкор аст, фикронии ғайриоддӣ дорад, ақидаҳои шавқовар дорад ва метавонад бо одамони боақлтарин сӯҳбати оқилона барад. Лекин, дар мактаб вай бо

хониши китоб мушкилӣ дошт, чунки дар фикронию таҳсилаш вай зиёдтар ҳофизаи чашм ва тасаввуротро истифода мебурд.

Бародари калониаш, Эддисон, дар таҳсили умумӣ бениҳоят қобилиятдор аст. Вай метавонад китоберо аз панҷсад саҳифа иборат дар муддати вақте хонад, ки барои ман чор бор зиёдтар лозим аст, ва баъд метавонад маълумоташро дуруст баён кунад ва фаҳмад.

Ҳар ин дуи писаронамқобилият доранд, ки дар зиндагиашон комёб бошанд, ва ман аз ҳар дуи онҳо хеле фахр мекунам.

Вақте ки ҳар дуяшон дар мактаб мехонданд, Лизава ман ёд гирифтем, ки аз ҳар дуи онҳо интизории гуногун дошта бошем. Ман бисёр вақт дар ёд дорам, ки Эддисоназ ҳама фанҳо баҳои аъло дошт. Ба Лизава ман кам лозим мешуд, ки бо вазифаи хонагиаш ё хонишаш ёрдам кунем. Одатан вай бисёр кор мекард, то даме ки худаш фаҳмад, ва бисёр нағз аз имтиҳон мегузашт. Мо аз вай ҳушнуд будем.

Дар яке аз чоряки таҳсилаш, вақте киАлександрдар синфҳои миёна буд, мо бо вай бисёр мушкилӣ доштем. Вай гоҳ-гоҳ вазифаи хонагиашро фаромӯш карда, иҷро намекард, ва вазифаҳое, ки вай мекард, дар сатҳи зарурӣ набуданд. Вай баҳои ду мегирифт. Дар он чоряк мо аз натиҷаҳояш норозӣ будем.

Баъд аз якчанд чоряк Александрвазъиятро дигар карда, бо ҷидду ҷаҳд мехонд. Ман ҳеҷ вақт фаромӯш, вақте ки ман рӯзномаашро кушодам ва фақат се ва чор дидам, ва ягон ду набуд. Мо бисёр хурсанд будем! Ба он нигоҳ накарда, ки вай ба баҳои Эддисон нарасид, Лизава ман медонистем, ки вай боғайрат хонд. Мо гаштаю баргашта ӯро барои комёбиаш таъриф мекардем. Вай бешубҳа медонист, ки падару модараш хушнуд буданд. Ва дар охир дар натиҷаи хондани вазнин Александрҳам аълохон шуд.

Дар чоряки дигар Эддисонбо баҳоҳои панҷу чор омад. Мо

хурсанд набудем—на аз барои он, ки баҳоҳоаш фақат панҷ набуданд, лекин аз барои он, ки мо тарзи хонданашро дар он чоряк дидем ва дидем, ки вай ба дӯстону чорабиниҳои иҷтимоӣ зиёдтар вақт мебахшид нисбат ба дарсҳои мактаб. Ҳатто агар ки вай аз Александр, ки сею чор дошт, баҳоҳои нағзтар дошт, мо медонистем, ки Эддисонто охир кӯшиш накард. (Ин фақат як бор рӯй дод, лекин Эддисонмактабро бо мукофот тамом кард ва доим дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёташ боғайрат кор мекард.)

Мазмуг чунин аст: Худоинтизор аст, ки мо бо чизҳое, ки Вай ба дод, бовафо бошем, ва Худо ба ҳар кӯдакаш қобилияти баробар намедиҳад. Оҳ, чӣ қадар зӯр мешуд, агар имондоронустувор мефаҳмиданд. Ин дар масалҳо дар бораи талантҳо ошкор дида мешавад. Ба як ғулом панҷ, ба дигар ду ва ба дигар як талант дода шуд. Дар Навиштаҷотхусусанқайд шудааст, ки ба ҳар яки мо "мувофиқи қобилияти шахсиамон" бахшоиш дода шудааст (Матто 25:15). Оиди писаронамон, ҳар ғулом дар ин масал сатҳи гуногуни қобилият дошт.Дар бораи ин фикр карда, мо бояд ҳама вақт гуфтаҳои Павлусро дар ёд дорем:

Зеро кист, ки туро бартарӣ додааст? Ва чӣ чизе дорӣ, ки нагирифта бошӣ? Ва агар гирифта бошӣ, чаро фахр мекунӣ, ки гӯё нагирифта бошӣ? (1 Қӯринтиён4:7)

Мо бояд ҳама вақт ба он диққат диҳем, ки Худо ба мо чӣ додааст. Қобилияти одам барои навиштан, дарс додан, маъвиза кардан, суруд хондан, мусиқӣ навиштан, нақша кашидан, идора кардан, ба тартиб овардан, роҳбарӣ кардан, бо дигар одамон мулоқоти нағз доштан ва ғайра бахшоиши Худо аст. Агар инро дар хотир нигоҳ дорем, ин моро аз доми марговари ғурур ва ҳасад муҳофизат мекунад—ғурур дар он, ки одамон фикр мекунанд, ки онҳо аз дигарон беҳтаранд, аз барои он, ки баъзе одамон чизе доранд, ҳасад мебаранд.

Ба масалҳо дар бораи талантҳо бармегардем. Ғуломе, ки

ба вай панҷ талант дода шудааст, боғайрат меҳнат кард ва дар охир даҳ талант дошт. Ба ғуломе, ки ду талант дода шуд, монанди аввалин боғайрат меҳнат кард, лекин дар охир фақат чор талант дошт. Ба он нигоҳ накарда, ки ғуломи аввалин аз дуюм шаш талант зиёдтар дошт (ки натиҷаи бениҳоят беҳтар буд), ҳар дуи онҳо мукофоти баробар гирифтанд. Ту дида метавонӣ, ки оғояшон аз онҳо хурсанд буд:

Оғояш ба вай гуфт: "Офарин, эй ғуломи нек ва мӯътамад! Ту дар чизи андак мӯътамад будӣ, туро бар чизҳои бисёр бигуморам; ба шодии оғои худ шарик шав". (Матто 25:21 ва 23)

Ва бин, ки дар ин ҷо ду ҷои Навиштаҷот оварда шудааст, ки ин оддӣ нест—оятҳои 21 ва 23. Ин ду оят айнан якхел ҳастанд. Ба фикри ман ин тасадуфӣ нест. Худо як нуқтаи бисёр муҳимро қайд мекунад: ояти 21 барои ғуломе буд, ки даҳ талант ба даст овард; ва ояти 23 барои ғуломе, ки дар охир панҷ талант дошт, аз нисфи он, ки аввалин дошт, ҳам камтар аст. Лекин хурснади ва хушнудии оғо аз ҳар дуи ғулом якхел буд. Исо мегӯяд:

Ба ҳар касе ки бисёр ато шуда бошад, аз вай бисёр талаб карда мешавад; ва ба ҳар касе ки амонати бисёр супурда шуда бошад, аз вай бисёртар талаб мекунанд. (Луқо 12:48)

Агар ту худро бо ягон пешво, аъзои оила ё дӯстат муқоиса мекунӣ, пас ту комёб намешавӣ. Ҳақиқат дар он аст, ки Худо эҳтимол ба он одам зиёдтар бахшоиш, зиёдтар қобилият, зиёдтар маҳорат нисбат ба ту додааст. Ба гапи Павлус гӯш кун:

Зеро ба ҳасби файзе ки ба ман ато шудааст, ба ҳар яке аз шумо мегӯям: дар ҳаққи худатон бештар аз он чи шоён аст, фикр накунед, балки хоксорона, ба андозаи имоне, ки Худо ба ҳар кас насиб кардааст, фикр ронед.

Зеро, чунон ки дар як бадан андоми бисёре дорем, лекин на ҳамаи андомҳо айни як корро ба ҷо меоваранд, ҳамчунин мо, ки бисёрем, як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем, аммо ҳар яке ба танҳоӣ андоми якдигарем; ва ба ҳасби файзе ки ба мо

дода шудааст, атоҳои гуногун дорем.(Румиён 12:3-6)

Худо туро ба таври комил офаридааст, ки ту дар подшоҳиаш амал кунӣ ва бахшоишу қобилият дошта бошӣ, ки вазифаи муайяни худро иҷро кунӣ. Ва нисбати он чизҳое, ки мо дорем, мо наметавонем натиҷаҳои худро бо дигарон муқоиса кунем. Аммо, оиди он, ки мо бо чизҳои доштагӣ чӣ кор мекунем, мо доварӣ карда мешавем, ва ба воситаи ин мо ба Падари осмониамон хурсандӣ меорем ё онро кам мекунем.

Биёед инро ба таври дигар мегӯям. Агар ғуломе, ки ду талант гирифта буд, бахшоишашро бо ғуломе, ки панҷ талант дошт, муқоиса мекард, вай нокм мешуд. Аммо, ҳар дуи ғулом чизҳои гирифтагиашонро ду баробар зиёд карданд. Онҳо баробар бо чизҳои гирифтагиашон вафодор буданд ва баробар оғои худро хурсанд карданд.

## ҲАМОН МАСАЛ, ЛЕКИН БО МАЗМУНИ ДИГАР

Баъд ҳамаи инро гуфтан, биёед ба як масали монанд нигоҳ мекунем, лекин мазмунаш бисёр фарқ мекунад. Дар масал дар бораи даҳ мино (ниг. Луқо 19:11-26), Исо на дар бораи се, лекин даҳ ғулом нақл мекунад. Ба ҳар ғулом як мино дода шуда буд. Дар ин масал мино сатҳи гуногуни даъват ё бахшоишҳои махсусро маъно надорад, монанди он, ки дар масалҳо дар бораи талант буд. Лекин, мино маънои файз, имон асосӣ, муҳаббати Худо ва дигар бахшоишҳоро маъно дорад, ки Худо ба ҳамаи имондорон баробар медиҳад.

Биёед як мисол оварда, онро фаҳмотар мекунам. Агар Худо махсус ягон шахсро даъват кард, ки ба воситаи ҳамду сано ва парастиш одамонро ба ҳузури Худо биёрад, ба вай истеъдоди мусиқӣ дода мешавад. Лекин, ин бахшоиш аз олами табиӣ берун меравад, чунки ин истеъдод парастандагонро ҳам ба ҳузури Худо мебарад.

Ман самимона гуфта метавонам, ки ин қобилияти махсус

ба ман дода нашудааст. Ҳар боре, ки ман пеши оилаам суруд хонам, ин як фалокат аст. Онҳо хандида, аз хона мебароянд ё шӯхӣ карда, ба сӯи ман чизеро мепартоянд—ва ин дуруст аст. Бинобар ин, боақлона намешавад, агар ман дар калисои ҷои пешвои ҳамду саноро гирам. Қобилияте, ки Худо ба ман додааст, то ман даъвати махсуси худро иҷро кунам, дар дигар соҳаҳо ҳастанд, монанди маъвиза кардан, китоб навиштан ва роҳбарӣ кардан. Ҳамаи мо қобилиятҳое дорем, ки ба вазифами муайяни мо мувофиқ аст.

Лекин, дар соҳаҳои умумии ҳаёт ҳамаи мо баробар қабул кардаем. Навиштаҷот ба мо мегӯяд, ки ҳар яки мо ақли Масеҳ, аслиҳаи Худо, номи Исо, имони асосӣ, ваъдаҳои Худо, муҳаббати Худоро дорем—ва ин рӯйхат беохир аст. Ҳамаи ин дар масал дар бораи миноҳо нишон дода шудааст. Дар он масал якум ғулом минои худро даҳ маротиба афзуд. Вай мукофоти саховатмандона гирифт ва ба вай болои даҳ шаҳр қудрат дода шуд. Дуюмаш миноашро панҷ маротиба зиёд кардааст. Ва ин қадар мукофоти калон нагирифт; ба вай болои панҷ шаҳр қудрат дода шуд. Мукофоташ камтар буд, чунки вай чизҳои ба вай додашударо истифода бурад аз ғуломи аввалин онро ду маротиба камтар зиёд кард. Сеюмаш минои худро гӯр кард, оғояш ӯро барои танбалиаш сахт сарзаниш кард ва мукофот нагирифт.

Ин ду масал нишон медиҳанд чӣ тавр Худо ҳар яки моро баробар дар зиндагии умумӣ мусаллаҳ мекунад (масал дар бораи даҳ мино), аммо барои даъвату вазифаи махсуси худамон мо ба таври гуногун мусаллаҳ шудаем (масал дар бораи талантҳо). Дар қисми дигарии китоб ман дар бораи он чизҳое гап мезанам, ки Худо ба мо баробар додааст. Лекин, ин маълумот инчунин асос аст, ки мо бомуваффақият вазифаҳои муайяни худро иҷро кунем.

Хулас, агар он чизҳоеро, ки ман дар бобҳои навбатӣ гап

мезанам, нафаҳмӣ, ту ҳеҷ вақт наметавонӣ дар истеъдоди пураат—ба таври ғайриоддӣ—амал кунӣ.

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Ба фикрат кадом бахшоишу маҳорат ба ту додааст, ки кори подшоҳиашроиҷро кунӣ?

Оё ягон чиз ҳаст, ки ба ту мамониат мекунад, ки ту бахшоишу маҳорататро ба тарзи пурра барои пешрафти подшоҳии Худоистифода барӣ?

# 6
# Қувват барои писанд омадан

Ҳатто агар зиёд ҳам бошад, мақсади асосии боби гузаштаро такрор мекунам, чунки агар ту ва ман пурра ин ростиро "нақапем", ҳаётамон аз ҷангу ҷадал, шакку шубҳа ва рӯҳафтодагӣ.

Мо ҳар чиҳи даркорӣ дорем, ки Падари осмониамонро хурсанд кунем. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст: "Азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст" (2 Петрус 1:3). Дар дигар тарҷума гуфта шудааст:

Мо ҳар чизи зарурро дорем, ки ба Худо писанд оем. Ҳамаи ин ба воситаи қуввати Худо дода шудааст.

Ман саволи навбатиро медонам: "Кадом қувват мӯъҷизакорона ба мо дода шудааст, ки мо тавонем ба Худо писанд оем?" Ҷавоб: "Файзи Худо".

Файз. Дар вақтҳои охир дар бораи файз бисёр чизҳо гуфта шуда буданд, лекин то ҳол бисёр касон онро пурра нафаҳмиданд. Файз бешубҳа яке аз муҳимтарин ростӣ мебошанд барои имондорони Аҳди Нав, агар аз ҳама муҳимтар набошад. Ва ҳар имондор бояд онро пурра фаҳмад, чунки ин худи асоси наҷот

ва ҳаёти мо дар Масеҳ аст.

Агар дар бораи наҷот гап занем, албатта мо мо бо файз наҷот ёфтаем. Ин тӯҳфа аст, тӯҳфаи бузургтарин, ки ба одамизод дастрас аст. Мо аз барои иҷро кардани шариати Худо, бо Ӯ муносибат пайдо накардем, он вақт одамон метавонистанд сазовори наҷот шавад. Дар ҳақиқат файз ин марҳамати сазоворнашудаи Худо мебошад. Ба мо гуфта шудааст:

Зеро ки шумо бо файз (марҳамати сазоворнашудаи Худо) ба воситаи имон [-и шумо] наҷот ёфтаед (аз доварӣ халосӣ ёфтаед ва шарики наҷоти Масеҳ шудед), ва ин [наҷот] на аз шумост [аз корҳои шумо, ин аз барои саъю кӯшишҳои шумо наомад], балки атои Худост, ва аз аъмол нест [на аз иҷрои талаботи шариат], то ки ҳеҷ кас фахр накунад. [Ин натиҷаи он корҳое нест, ки одам карда метаонад, яъне ҳеҷ кас фахр карда наметавонад ё ҷалол гирифта наметавонад.] (Эфсӯсиён 2:8-9)

Ин наҷотамонро ҷамъбаст мекунад. Маҳз ба воситаи файзи Исои Масеҳ гуноҳҳоамон несту нобуд шуданд ва абадан аз мо дур бурда шуданд, монанди ки шарқ аз ғарб дур аст. Вақте ки мо пеши тахти доварӣ меистем, ва агар Худо пурсад аз барои чӣ мо метавонем ба подшоҳиаш дохил шавем, ин албатта на аз барои рафтори худотарсиамон мо, ки ҳар ҳафта ба калисо мерафтем, бовафона тамоми зиндагиамон хизмат кардем ё аз барои дигар чизҳои нағзи ҳаётамон мешавад. Худо моро аз барои он қабул мекунад, ки Исо ду ҳазор сол пеш чӣ кор кардааст ва хуни шоҳонаи худро рехта, бо марги даҳшатовар мурд ва рӯзи сеюм аз мурдагон барои озодиамон зинда шуд. Вай фидияи Худо аст, ки барои озодии мо аз ғуломиамон супорида шуд. Ҳеҷ чиз дигар наметавонист моро озод кунад! Аз барои он, ки мо ба қурбонии Исо бовар мекунем ва зиндагии худро ба шоҳигарии Ӯ бахшидем, мо метавонем пеши Худо бо боварӣ истем.

Лекин файз чӣ вазифа доранд аз он лаҳзае, ки мо наҷот меёбем ва то он даме, ки пеши Подшоҳамон меистем? Аввал, мо набояд ҳеҷ вақт фаромӯш кунем, ки файз барои зиндагӣ ин ҳам марҳмати Худо аст, ки мо сазовори он шуда наметавонем. Ҳатто аз барои он, ки мо бо Худо муносибат пайдо кардем, ин дигар намешавад.

Афсӯс, бисёриҳо ба ҳаёти худ дар Масеҳ баъд аз наҷот ёфтанашон ба воситаи шариат нигоҳ мекунанд. Ба ҷои он, ки ба файзи Худо такя карда, марҳамату баракатҳоро гиранд, онҳо ба саъю кӯшишҳои худ такя мекунанд. Рӯҳафтода шуда, Павлус мепурсад: "Оё он қадар шумо нофаҳм ҳастед, ки бо Рӯҳ сар карда, алҳол бо ҷисм анҷом медҳед?" (Ғалотиён 3:3).

Дертар Павлус ба ин калисо зиёдтар сахтгап ва бодиққат шуда, мегӯяд: "Шумо, ки худро бо шариат сафед мекунед, аз Масеҳ ҷудо шудаед, аз файз маҳрум гардидаед" (5:4). Агар мо хоҳем мавқеъи дурусти худро пеши Худо ба воситаи иҷро кардани қоидаю қонунҳо ва талаботи шариати Аҳди Қадим нигоҳ дорем, дар ҳақиқат мо метавонем муносибати худро бо Масеҳ ва баракатҳои файзро аз даст диҳем! Ин ҳушёркунанда аст. Мо бояд ҳама вақт ба худ хотиррасон кунем, ки мо бо файз наҷот ёфтаем, ва ба воситаи файз мо то ҳол баракатаҳои наҷотро мегирем.

Ба ин сабаб Павлус қариб дар ҳамаи номаҳояш дар Аҳди Нав менависад: "Файзи Худованди мо Исои Масеҳбо рӯҳи шумо бод". Дар ёд дошта бош, ки номаҳояш барои он одамоне буд, ки аллакай наҷот ёфтанд, на одамоне, ки гумроҳ буданд ва мӯҳтоҷи файзи наҷотдиҳанда буданд.

Вакил Яъқуб ба имондорон навишт: "Лекин файзе бештаре мебахшад" (Яъқуб 4:6). Бо дигар гап, аз он чизе, ки мо дорем барои мо файзи бештар дастрас аст!

Петрус инро ба сатҳи болотар гирифта, менависад: "Файз ва осоиштагӣ… бар шумо фаровон бод" (2 Петрус 1:2). Ин хабар боз ҳам хуштар аст: файз на фақат ба ҳаёти мо омада метавонад, он афзуда ҳам метавонад! Агар вакилон мехостанд ва боғайрат барои зиёдтар файз доштан дуо мехондан, ки ин барои зиндагии ҳаррӯзаамон дар Масеҳ ҳам муҳим аст.

Бинобар ин, вақте ки гап дар бораи зиндагиамон дар Масеҳ меравад, мо на фақат дар аввал бо файз наҷот ёфтаем, лекин бо файз ҳам наҷотёфта мемонем. Ман медонам, ки бисёр имондорон фикрҳое мубориза мебаранд, ки онҳо баъд аз наҷот ёфтанашон ин қадар хатоҳои зиёд карданд, ки Худо шояд наҷоташонро гашта, аз онҳо гирифт. Ин нодуруст аст! Ба мо гуфта шудааст:

Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд. (1 Юҳанно 1:9)

Диққат деҳ, ки дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки аз ҳарноинсофӣ. Хуни Исо моро аз ҳар ноинсофӣ пок мекунад. Вай моро мебахшад ва аз ҳар чизе, ки моро аз ҳузураш дур нигоҳ медорад, пок мекунад.

Вай бовафо аст ва моро бахшида ва пок мекунад. Бовафоӣ маъно дорад, ки Вай ҳар вақт бовафо аст; яъне Вай ҳамеша ба ваъдаҳои аҳду паймон вафодор мемоманд. Вай ҳеҷ вақт намегӯяд: "Ман гуноҳҳои дигаронро мебахшам, лекин туро не".

Оё ту то ҳол бовар намекунӣ? Оё ту фикр мекунӣ, ки ту ин қадар бисёр маротиба гуноҳ кардӣ, ки Худо туро бахшида наметавонад ва марҳаматаш барои ту тамом шуд?

Не, Навиштаҷот мегӯяд: "Худовандро ҳамд гӯед, зеро ки некӯст; зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст" (Забур 135:1). Марҳаматаш ҷовидон ва тамомнашаванда аст. Дар ҳақиқат, дар ҳамон як таронаи Забур ибораи "Эҳсони Ӯ то абад аст" бисту шаш

маротиба такрор шудааст!

Ту дуруст фикр мекунӣ, агар ту бузургии бахшиши Худоро фаҳмида наметавонӣ. Ҳатто вакилПетрус инро ба душворӣ мефаҳмид, ки як рӯз аз Исо пурсид: “Худовандо! Чанд бор ба бародари худ, ки нисбат ба ман гуноҳ карда бошад, афв намоям?” (Матто 18:21). Петрус фикр кард, ки гапаш дар борaи “то ҳафт бор” аллакай босаховат буд, чунки дар Аҳди Қадим гуфта буд: “чашм дар ивази чашм”(ниг. Хуруҷ 21:23-24). Петрус одат карда буд, ки одамон барои хато, гуноҳ ва беадолатиашон дуо мехонданд.

Ҷавоби Исо ӯро ба ҳайрат андохт: “Ба ту намегӯям: “То ҳафт бор”, балки то ҳафтод карат ҳафт бор” (Матто 18:22). Ин 490 маротиба! Аммо, Исо дар назар надошт, ки бахшиш бо 490 маротиба тамом мешавад, чунки дар инҷили Луқо Вай мегӯяд: “Ба худ назорат кунед. Агар бародарат ба ту гуноҳ кунад, ба ӯ гап зада, фаҳмон, ва агар тавба кунад, ӯро афв намо; ва агар рӯзе ҳафт карат ба ту гуноҳ кунад ва рӯзе ҳафт карат руҷӯъ намуда, гӯяд: “Тавба кардам”, - ӯро афв намо” (17:3-4).

Ба мо гуфта шудааст, ки мо ҳар рӯз то ҳафт маротиба бахшем. Лекин, агар касе ҳафт маротиба дар рӯз дар давоми аз ҳафтод рӯз зиёдтар гуноҳ кунад, ин аз 490 маротиба зиёд мешавад. Ва агар мо гуноҳ карда, фақат 490 бахшида шуда метавонистем, пас Исо дар инҷили Луқо“то 490 маротиба” мегуфт. Лекин ин хел нагуфт. Вай гуфт ҳафт маротиба дар рӯз, лекин нагуфт, ки бо ин тамом. Пас агар ягон кас ба ҳисоби миёна дар рӯз ҳафт маротиба дар давоми ҳаштод соли умраш гуноҳ мекунад, ин ба 204 400 маротиба баробар мешавад! Ин аз 490 маротиба хеле зиёдтар аст.

Исо дар назар дорад, ки бахшиши мо ҳеҷ вақт сарф намешавад! Чаро он бепоён аст? Чунки ин бахшиши Худоро барои мо нишон медиҳад ва ба мо гуфта шудааст, ки “Якдигарро афв намоед, чунон ки Худо низ моро дар Масеҳ афв намудааст”

(Эфсӯсиён 4:32).

Ва агар ту ҳис кунӣ, ки бахшиши Худо тамом кардӣ, ту ба ҳиссиёти худ ё ба дурӯғ гӯш мекунӣ, ки бо каломи Худо дуруст намеояд. Агар ту гуноҳ карда, афсӯс хурӣ ва тавба кунӣ, пас ту бахшида мешавӣ. Гап тамом.

Ба вуҷуди ин хабари хуш, бисёр муҳим аст, ки туро огоҳ кунам, ки аз гуноҳ кардани бешармона канорагирӣ кунӣ. Агар ту чунин гӯӣ: "Ман бо файз наҷот ёфтам, ва ман бахшида шудаам, новобоста тарзи зиндагиам чӣ хел аст. Ман дар бораи парҳезгорӣ фаромӯш карда, барои ҳаловат зиндагӣ мекунам,", бояд истӣ! Ин роҳи хатарнок. Ту фиреб хурдаӣ! Хафа нашав, лекин ту бояд аз худат пурсӣ: "Оё ман умуман наҷот ёфтаам ё не?" Павлус дар бораи ин масъала мегӯяд: "Пас чӣ гӯем? Оё дар гуноҳ бимонем, то ки файз зиёд шавад? БА ҳеҷ ваҷҳ. Мо, ки нисбат ба гуноҳ мурдаем, чӣ гуна метавонем дар он боз зиндагӣ кунем?"(Румиён 6:1-2). Дар асл, Павлус масеҳиёнро огоҳ мекунад:

Фаҳмо, ки ин гуна зиндагӣ аз барои он пайдо мешавад, ки одам ҳама вақт бо роҳҳои худ зиндагӣ мекунад: такроран, номеҳрубон, алоқаи ҷинсии арзон; ҷамъкардани партови зеҳнӣ ва эҳсосии бадбӯй; орзуҳои бадхашм ва ғамгини доштани хушбахтӣ;... мусобиқаи золим; хоҳишҳое, ки ҳеҷ вақт қонеъ намешаванд; хислати вахшӣ; нотавонӣ барои дӯст доштан ё муҳаббатро қабул кардан; оилаҳои ва ҳаётҳои ҷудошуда; саъю кӯшишҳои камандеш ва каҷрафтор; одати бад, ки ба ҳама ҳамчун душман нигоҳ кардан; вобастагии беназорат ва беихтиёр.... Ман метавонам номбар карданро давом кунам.

Шуморо пешакӣ огоҳ менамоям, чунон ки пештар ҳам огоҳ намудаам, ки кунандагони чунин корҳо Малакути Худоро мерос нахоҳанд гирифт. (Ғалотиён 5:19-20)

Маълум аст, ки мо ба воситаи файзи Худо озодӣ дорем. Лекин, ин озодӣ набояд барои гуноҳ кардани бешармона

истифода бурда шавад. Одаме, ки ҳақиқатан наҷот ёфтааст, дили Худоро доранд ва чунин намегӯяд: "Чӣ қадар ман метавонам беҷазо гуноҳ кунам?" Баръакс, имондоре, ки дар ҳақиқат аз боло таваллуд шудааст, мегӯяд: "Ман гуноҳ кардан намехоҳам, чунки ин дили Исоро ғамгин мекунад, ки барои ман ва дигарон аз барои муҳаббаташ ҷон дод". Лекин боз, агар одам гуноҳ мекунад, ҳатто агар вай дар рӯз ҳафт маротиба гуноҳ мекунад, ва аз тахти дил тавба мекунад, Худо ӯро мебахшад.

## АЗ БАХШИШ ЗИЁДТАР

Чӣ қадар аҷоиб—мо бо файз наҷот меёбем ва дар наҷот нигоҳ дошта шудаем. Лекин, аз ин чизҳои хеле бисёртар ҳаст! Файз аз бахшиш хеле зиёдтар аст. Файз ин қуввати Худо аст. Ин тавр мо метавонем монанди Масеҳ зиндагӣ кунем.

Ин каломро бодиққат хон: "Касе гӯяд, ки дар Ӯ собит мемонад, вай бояд тавре рафтор кунад, ки Исо рафтор мекард " (1 Юҳанно 2:6). Пайхас кун, ки вакил мегӯяд "бояд". Мо бояд монанди Исо зиндагӣ кунем! Ин пешниҳод ё ҳадаф нест; ин он чизе, ки Худо аз мо интизор аст. Хабари хуш дар он, ки Худо ҳеҷ вақт дар Аҳди Нав амр намедиҳад, агар барои иҷрои он қувват надиҳад. Яъне бо қувваи файз мо метавонем монанди Исо рафтор кунем.

Ба шаҳодати шахсии Павлус дар бораи ин масъала гӯш кун: "Шумо шоҳид ҳастед ва Худо низ, ки чӣ гуна пеши шумо, имондорон, мо муқаддасона ва одилона ва бенуксон рафтор кардем; ва шумо медонед, ки чӣ гуна ҳар яке аз шуморо мисли падар фарзандони худро, насиҳат медодем, дилдорӣ мекардем ва вазифадор менамудем, ки муносиби Худо, ки шуморо ба Малакут ва ҷалоли Худ даъват менамояд, рафтор кунед" (1 Таслӯникиён 2:10-12). Павлус ба имондорон мефармуд, ки монанди вай зиндагӣ кунанд: "муносиби Худо"! ин имконпазир аст—барои вай ва барои мо—ва мо инро бо қуввои файз карда

метавонем.

Бисёриҳо маҳз ин ҷиҳати файз надида мемонанд, бисёр вақт ба сабаби он, ки дар бораи он бо ғайрати баробар мавъиза намекунанд. Ба ин сабаб, бисёр имондорон дар ҳаёти масеҳиашон мубориза мебаранд ва ҳаёти ғайриоддӣ надоранд.

Биёед аввал ба маънои калимаи файз дар забони юнонӣ нигоҳ мекунем, забони аслие, ки Аҳди Нав навишта буд. Калимаи юнонӣ, ки барои файз дар ҳолатҳои аксарият дар Аҳди Нав истифода мешавад, ин "чарис", ки тақрибан 150 дафъа дар Аҳди Нав дида мешавад. Маънои умумии "чарис"-ин "марҳамат кардан бе интизории бозгашт". Ин ифодаи бисёр озоди некӣ ва меҳрубонии Худо нисбати мо. Ин марҳамате, ки тамоман сазовор нашудаем.

Агар мо ин таърифи асосии файзро гирифта, бо ҷои Навиштаҷот ҳамроҳ кунем, ки Павлус ба Эфсӯсиён, Ғалотиён, Румиён ва дар дигар номаҳо дар бораи наҷот аз гуноҳ ва марги абадӣ навишт, пас мо таърифи файзеропайдо мекунем, ки аксарияти масеҳиён шинос ҳастанд. Аммо, ин фаҳмиш фақат ба ният ва мақсади ниҳоии тӯҳфаи файз дахл дорад, лекин табиати ҳозираи файзро нишон намедиҳад. Бо дигар гап, ин файзро ҳамчун тӯҳфаи муфт нишон медиҳад, ки моро наҷот медиҳад, лекин қувваташро барои зиндагиамон муайян намекунад.

## БО ЯРОҚ НАҶОТЁФТА

Биёед ба воситаи маҷози дар бораи силоҳ нишон медиҳам, ки файз дар ҳақиқат чӣ маъно дорад. Биёед ба якчанд садсолаҳо қафо ба соли 1717 меравем, пеш аз ихтироъ кардани яроқи оташфишони аввал.

Аз барои шикаст ёфтани киштӣ як мард, ки номашро Марди ҷазира мемонем, ба як ҷазираи беодам дар байни уқёнус афтод.

Ҳавои ҷазира тропикии оддӣ аст; лекин аз барои баъзе шароитҳои ғайриодатӣ, соҳил доим бо тумани ғализ пӯшида аст. Ҷазира аз роҳҳои шиноварии оддии киштиҳо дур аст лекин ҳатто киштие ба ҷазира наздик шавад, аз барои туман ягон кас ҷазираро дида наметавонад.

Дар ҷазира оби хӯрданӣ ва баъзе табиат вуҷуд дорад, инчунин оҳу ва хуки вахшӣ ҳаст. Ҷавзи ҳиндӣ фаровон ҳаст, лекин онҳо боло дар нахл овезон ҳастанд.

Марди ҷазира якчанд рӯз пеш ба ин ҷазира шушта шуд ва бисёр гурусна аст, лекин ҳама саъю кӯшишҳои ёфтану шикор кардани ҳайвон ноком шуданд. Вай хост аз шоҳаҳо найза кунад, лекин онро ба қадри кифоя сахт партофта наметавонист, ки ҳайвони мегурехтагиро маҷрӯҳ кунад. Марди ҷазира хост фалахмони калон кунад, лекин маводи чандир наёфт. Дар охир, вай аз паси оҳу ва хук давид ва ба онҳо сангҳои калон мепартофт—лекин яготааш ба онҳо нарасид.

Марди ҷазира инчунин кӯшиш кард, ки болои нахли баланд баромада, ҷавзи ҳиндиро ҷамъ кунад, лекин аз барои ин фақат пойҳояш хунолуд шад ва дастонашро ярадор карду ягон ҷавзи ҳиндӣ ҷамъ накард.

Аз ин ҳам бадтар, ин марди танҳо бояд бениҳоят аз дигар сокинони ҷазира, хирсҳои дарранда ва айёр, эҳтиёт мешуд. Вай ҳеҷ вақт макони онҳоро намедонист ва барои ин бояд ҳамеша хушёр бошад, чунки менамуд, ки хирсҳо ба вай шикор мекунанд. Бо умеди солимақл мондан Марди ҷазира харсанги лӯндаи калон ба андозаи хонаи хурд ёфт, ки хирс ба он баромада наметавонад. Вай аз чизи доштагиаш зинапоя соху ба болои санг баромад ва зинапояро ба боло баровард. Марди ҷазира худро нисбатан бехатар, лекин монанди зиндонӣ ҳис мекард—чунки қисми зиёди шабу рӯз болои санг мешишт, ки аз ҳайвонҳои вахшии гурусна муҳофизат ёбад. Акнун Марди ҷазира на фақат гушна буд, лекин аз барои хоби нооров бисёр

монда буд, чунки рӯи санг ҳамвор набуд ва хоб кардан бисёр нороҳат буд.

Ба ин вақт расида, ин марди бечора хеле рӯҳафтода ва беқувват шуд, лекин аз ин ҳам бадтараш он, ки вай ноумед шуд. Вай ҳақиқати вазъияти ноилоҷашро фаҳмид: вай ё аз гушнагӣ мемурад, ё хирс ӯро мехӯрад.

Ногоҳ як мард гӯе аз ҳеҷ куҷо пайдо шуд. Вай аз асри бисту як омад. Технология ба вай имконият дод, ки вай ба замону макони Марди ҷазира нигоҳ кунад. Вақте ки Марди ҷазираро дид, мушкилиашро фаҳмида, аз барои муҳаббати ва ғамхорӣ донишу таҷҳизоти заруриро ҷамъ кард, ки Марди ҷазираро аз марг халос кунад ва ба воситаи мошини замон барои ёрӣ омад. Номаш Номабар буд.

Номабар ба Марди ҷазираи хурсандшуда мегӯяд, ки айнан баъд азшасту як рӯз як киштӣ ба ҷазира наздик мешавад. Ва боз мегӯяд, ки ин фурсати ягонааш мешавад, ки ба хона баргардад, чунки Номабар ба замони гузашта нигоҳ кард ва дид, ки то омадани дигар киштӣ назди ҷазира якчанд даҳсола мегузарад. Номабар соати дақиқи омадани киштиро мегӯяд ва барои хотиррасони Марди ҷазира соати офтобиро месозад. Ва гуфт: “Вақте ки киштӣ ба ҷазира дар масофаи наздиктарин мешавад, ту овози карнай мешунавӣ”.

Пас Номабар як қуттии ғалатиро, ки ҳамроҳи худ овард, мекушояд ва дар дарунаш чизҳои номаълум буд. Яктааш яроқ буд, ки албатта Марди ҷазира ҳеҷ вақт пештар надидааст. Вай тамоман намедонад, ки ин милтиқи ҳафт миллиметра чӣ кор карда метавонад.

Номабар бо шавқ нақл мекунад: “Номи ин яроқ ва он ҷонатро халос мекунад!”

Каме истод, ки рафторашро бинад, ва давом кард: “Вақте ки он тирдор аст ва ту ба ин кулангаш зер кунӣ, овозӣ хеле баланд мебарояд”. Барои нишон додан Номабар дасташро

дароз карда, аз қуттӣ дигар чизи ғалатӣ, яъне тир мегирад ва онро ба милтиқ гузошта, милтиқро ба ҳаво равона мекунад ва ба куланги милтиқ зер мекунад. Марди ҷазира аз барои садои баланд аз ҷояш меҷаҳад.

Номабар мегӯяд: "Садои ин яроқ ба якчанд километр паҳн мешавад". "Вақте ки сардори киштӣ ин овозро мешунавад ва ба даруни туман шино карда қисми шарқии соҳили ҷазираро мебинад. Вақте ки киштиро бинӣ, ту бояд якчанд бори дигар тир паронӣ. Туро меёбанд, ба киштӣ мегиранд ва солим ба хонаат мерасонанд!"

Марди ҷазира ба ваҷд омада, беохир Номабарро миннатдорӣ мекунад.

Вай ҷавоб медиҳад: "Саломат бошӣ, лекин ту боз як чизи дигарро бояд донӣ. Яроқ на фақат садои баланд мебарорад, лекин тир бо суръати бисёр тех аз милтиқ мебарояд ва метавонад ҳар хирс, оҳу ва хуки вахшиеро, ки дар ин ҷазира ҳастанд, кушад. Акнун ту набояд тарсӣ, ки хирс туро мехӯрад. Лекин беҳтарин он аст, ки то омадани киштӣ ту бисёр хӯрок дошта метавонӣ. Ту на фақат гӯшти оҳу ва хуки вахширо мехӯрӣ, лекин барои ғизои иловагӣ ту метавонӣ ҷавзи ҳиндиро паронӣ, ки онҳо аз дарахт афтанд.

Баъд Номабар ба Марди ҷазира истифодаи милтиқро нишон медиҳад, ки барои бисёр чизҳо истифода шуда метавонад. Баъд аз парондан ба пӯсти чормағз нишонгириаш беҳтар мешавад. Номабар бо табассум мегӯяд: "Ту ёд гирифтӣ!", пас бо шавқ илова мекунад: "Ва боз як гапи дигар дорам!"

Онҳо ба соҳил мераванд ва ҳамроҳи Марди ҷазира ба назди ғор мераванд, ки дарунаш рег буд. Баъд аз ба ҷазира афтидан Марди ҷазира ин ғорро ёфт ва мехост дар дарунаш хоб равад, лекин метарсид, ки хирс метавонад дар вақти шаб ҳамла кунад.

Номабар гуфт: "Ту метавонӣ даромади ғорро бо пӯсти оҳӯ пушонӣ. Акнун ту метавонӣ болои замини нарм хоб равӣ ва агар

якчанд хирс куши̅, ту метавони̅ пӯсти онҳоро ҳамчун бистар ва болопуш истифода бари̅. Ин тавр ту дар вақти шабҳои хунук гарм мемони̅ ва ғор туро дар вақти борон муҳофизат мекунад".

Номабар боз қуттиро кушода, захираи тирро боз нишон медиҳад. Даруни қутти̅ якчанд сад тир ҳаст. Варо огоҳ мекунад: "Боақлона тирҳоро истифода бар, лекин барои шасту як рӯз аз кифоя зиёдтар дори̅".

Ба ин лаҳза расида, Марди ҷазира бениҳоят сипосгузор аст. Ногаҳон ба сараш фикри муҳим меояд ва боэҳтиёт мепурсад: "Номабар, бар ивази ин яроқ чи̅ доданам даркор?"

Вай бо табассум мегӯяд: "Ман медонам, ки ту ягон сум надори̅, яъне онро харида наметавони̅, ва ҳатто агар дошта боши̅, ман иеро барои ту барои маблағ накардам. Ман туро ба воситаи мошини замон дидам ва хостам ба ту ёрдам кунам. Яроқ фурӯши̅ нест, онро ҳамту гир. Ба ғайр аз ин, сардори ман, ки як марди хеле сарватманд дар замони ман аст, ки соҳиби ин мошини замон аст, ба ман ин милтиқро дод, ки онро ба ту расонам. Ман имтиёз дорам, ки ин тӯҳфаро ба ту биёрам".

"Оҳ, раҳмати калон, раҳмати калон!" Марди ҷазира бисёр сипосгузор ва аз ғамхорию саховатмандии Номабару сардораш дар ҳайрат аст. Вай яроқро қабул мекунад ва ношиноси некхоҳ баъд аз якчанд сония нест мешавад. Марди ҷазира бо яроқе мемонад, ки ҷонашро халос мекунад ва дар давоми ду моҳе, ки дар ҷазира меистад, ӯро кифоя таъмин мекунад. Вай халоси̅ ёфт!

Чи̅ тавре ки шумо шояд аллакай фаҳмидед дар ин маҷоз Номабар маъно хизматгори Исои Масеҳро дорад, ки ба Марди ҷазира дар бораи роҳи наҷот мегӯяд. Шояд вай башоратдиҳанд, пастор, аъзои оила, дӯсташ ё тамоман одами ношинос. Сардори Номабар Худовандро маъно дорад, ки Номабарро барои наҷот овардан фиристод. Яроқ файзи Худоро, тӯҳфаи сазоворнашудаи Ӯро маъно дорад. Наҷот аз марги даҳшатовар

на аз барои амалҳои Марди ҷазира омад, лекин аз барои тӯҳфаи сардори Номабар. Шасту як рӯзе, ки Марди ҷазира то омадани киштӣ дар ҷазира зиндагӣ мекунад, ҳаёти боқимондаи ӯро дар замин нишон медиҳад, ва киштӣ бошад – нишон медиҳад, ки вай аз замин рафта, ба осмон меравад.

## РОСТИИ МУҲИМ ГУМ ШУД

Ҳоло мехоҳам ин ҳодисаро дигархел нақл кунам ва диққат диҳед, агар як чизи муҳим тағир ёбад, чӣ рӯй медиҳад.

Дар ин дуюм тафсир Номабар пайдо шуда, эълон мекунад, ки яроқ ҷони Марди ҷазираро наҷот медиҳад. Монанди пештар, вай мегӯяд, ки сардори киштӣ фақат аз барои шунидани садои тирпарронӣ мефаҳмад, ки шахсе паси туман ҳаст. Номабар боз яроқро ба осмон равон карда, мепаронад, пас онро ба Марди ҷазира медиҳад, ки ба он тир андозад ва якчанд бор ба ҳаво паронад. Ва монанди тафсири аввал мегӯяд, ки ин роҳи ягона, ки аз ҷазира ба хона равад.

Аммо, ин дафъа Номабар фаромӯш кард, ки Марди ҷазира дар бораи дигар имкониятҳои яроқ гӯяд. Вай намефаҳмонад, ки ба ғайр аз овози баланд, тири аз оҳани сахт бо суръати баланд аз мили яроқ мебарояд ва метавонад ҳайвонҳоро кушад, то хӯрок, муҳофизат ва гармӣ таъмин кунад. Номабар бархато гумон дорад, ки Марди ҷазира медонад яроқ чӣ кор карда метавонад. Вай фаромӯш кард, ки Марди ҷазира дар замоне пеш аз ихтироъи яроқи оташфишон зиндагӣ мекунад. Монанди дафъаи гузашта Марди ҷазира Номабарро барои тӯҳфа раҳмат мегӯяд ва Номабар фавран ба замони худ бармегардад. Акнун Марди ҷазира роҳи халосӣ дорад, лекин маълумоте, ки барои бороҳат дар ҷазира дар давоми шасту як рӯзи навбатӣ зиндагӣ кардан зарур аст, надорад.

Дар ин ҳолат Марди ҷазира баъд рафтани ногаҳонии Номабар ҳиссиёти гуногун дорад. Қаҳрамонии асосиамон шод

аз донистани он, ки аз ҷазира роҳи баромад ҳаст, лекин инчунин мефаҳмад, ки дар пеш мубориза меистад. Дар давоми шасту як рӯзи навбатӣ вай чӣ мехӯрад? Оё ин қадар рӯзҳо бе хӯрок зинда монда метавонад? Марди ҷазира дар ҳар кӯшишаш натавонист, ки ягон ҳайвонро кушад. Имконият хеле баланд аст, ки вай аз гушнагӣ мемурад ё хирс ӯро пеш аз тамом шудани шасту як рӯз мехӯрад, ва то ҳол вай ором шабона хоб рафта наметавонад ва аз борони сахту шабҳои хунук муҳофизат надошт. Оё Марди ҷазира зинда мемонад? Дар дилаш тарс дошт, ки то омадани киштӣ баъд аз ду моҳ зинда намемонад.

Боз ноумед мешавад. Марди ҷазира дар бораи имконияти чизи медоштагиашро намедонист. Чӣ тавр ин одаме, ки ин қадар некдил буда, роҳи баромадро аз ҷазира нишон дод, лекин маълумотро барои комёб зиндагӣ кардан дар ҷазира дар давоми вақти боқимонда нагуфт?

Акнун, ки мо ба ду тарзи гуногуни ин маҷоз нигоҳ кардем, мақсади ман чист? Ба бисёри мо гуфта буданд, ки файз ин тӯҳфаи сазоворнашуда ва ба воситаи он мо ҳаёти абадӣ гирифтаем. Лекин, дар бисёр калисоҳои як чизро ба назар нагирифтанд – ин фаҳмиши он, ки чӣ тавр файз барои зиндагӣ кардан қувват мебахшад—ба таврӣ ғайриоддӣ—ва пеш аз он, ки ба осмон биёем, ҳаёте дошта бошем, ки Худо писанд аст. Мағзи гап дар он аст, ки мо нагуфтем "яроқ" то омадани киштӣ чӣ кор карда метавонад. Аз барои нофаҳмидани ин ҷиҳати файз бисёр одамон дар калисо то ҳол қариб монанди он зиндагӣ мекунад, чӣ тавре ки пеш аз наҷот зиндагӣ карданд, ва дар бисёр соҳаҳои зиндагиашон мағлуб мешавад.

## ҚУВВАТИ ХУДО БАРОИ ЗИНДАГӣ

Биёед ба дигар маънои калимаи файз нигоҳ кунем. Дар луғати юнонии "Стронг" қуввааи файзро (чарис) нишон медиҳад ва онро чунин маънидод мекунад: "таъсири Худо

ба дил ва инъикоси он дар ҳаёти одам”. Ба ин ибора диққат деҳ “инъикоси он дар ҳаёти одам”. Фаҳмо, ки маънои файз ба ғайр аз он, ки ба осмон дахл дорад, васеътар аст. Аз ин таъриф маълум мешавад, ки байни одамоне, ки файз доранд, ва онҳое, ки файз надоранд, фарқияти берунӣ ҳаст. Бо дигар гап, файз дар ҳаёти имондор инъикос мешавад ва дида мешавад. Мо инро дар китоби Аъмол мебинем:

Вақте ки овозаи он ба гӯши аҳли калисои Ерусалим расид, Барнабборо ба Антиёхия фиристоданд. Чун расид, файзи Худоро дида, шод шуд, ва ҳамаро насиҳат кард, ки аз самими қалб ба Худованд бичаспанд. (11:22 -23)

Барнаббоаломати берунии файзи Худоро дар ҳаёти имондорониАнтиёхия дид. Дар дигар тарҷума боз ҳам фаҳмотар гуфта шудааст:

“Вақте ки ӯ омад ва ин исботро дид”. Файзи Исои Масеҳ дили онҳоро пур кард ва Барнаббоисботи онро—тасвири беруниро—дид.

Дар Энциклопедияи Зондервани Китоби Муқаддас қайд шудааст: “Файз ин қуввати динамикӣ аз таъсир ба мавқеъи мо пеши Худо ба воситаи бахшидани адолат зиёдтар аст. Файз ба таҷрибаи мо ҳам таъсир мерасонад. Файз ҳама вақт кори қувватбахши Худо даруни мо бо мақсади ғолиб шудан бар беқувватии мо қайд мешавад”. Ин таъриф дар ин ҷои Аҳди Нав дида мешавад:

Пас мо малакутеро, ки ба ларза намеафтад, қабул намуд, файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро бо таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард.

(Ибриён 12:28)

Ин тааҷҷубоварона фаҳмо аст, ки файз ба мо қувват

мебахшад, ки ба Худо ба таври писандида хизмат кунем. Дар дигар тарҷумаи Китоби Муқаддас аз калимаи писандида зиёдтар гуфта шудааст: "Бинобар ин биёед... ба Худо хизмати писандидаро тақдим мекунем". Он чизҳое, ки дар қуввати худамон мумкин набуданд, ва ҳаёти писандида ва мақбул барои Худо ҳоло имконпазир аст ва файз ин қобилиятро ба мо мебахшад. Мо қувват гирифтем, ки бар норасоиҳои худ ғолиб бароем.

Калимаи юнонӣ, ки дар Ибриён 12:28 истифода бурда мешавад ин "чарис" ва ин калима дар Эфсӯсиён 2:8 ёфт мешавад: "Зеро ки шумо бо файз [чарис] ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост". Ва он калимаи юнонӣ, ки кушоду равшан наҷотро ҳамчун тӯҳфаи муфт нишон медиҳад, инчунин истифода шуда, нишон медиҳад, ки файз моро қувват мебахшад на фақат ҳаёте дошта бошем, ки Худо онро қабул мекунад, лекин ҳаёте, ки ба Худо писанд аст.

Файз на фақат марҳамати Худо, ки мо сазовори он шуда наметавонем, лекин ин ҳузури қуввабахши Худо мебошад ва ба мо қобилият медиҳад, ки корҳоеро кунем, ки Ӯро ба ваҷд меоварад. Файз ба мо қобилият медиҳад, ки мо аз қобилияти худ болотар бошем. Файз ба мо қобилият медиҳад, ки мо ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ кунем!

Барои ман ин аҷоиб аст! Худо на фақат моро раҳоӣ дод; Вай ба мо қувват бахшид, ки мо дар ин ҷаҳон комёб шуда, зиндагӣ кунем. Вай намехост, ки фарзандонаш унвони адолатро дошта бошанд, лекин қувват надошта бошанд, ки бар гуноҳу заифиҳои худ, ки моро ба дом гирифтанд, ғолиб бароянд. Не, Вай ба нақша гирифт, ки наҷот пурра бошад—зиндагии ғалабаовар дар ин ҷаҳон ва дар олами меомадагӣ.

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Оё ягон бор фикр мекардӣ, ки агар аз файзи Худо берун мерафтӣ? Чаро ин фикр ин қадар нодуруст ва хатарнок аст?

Кадом қисми маҷоз дар бораи фиристода зиёдтар ёрдам кард, ки фаҳмиши файз васеътар шавад?

# 7
# Файз ва ростӣ

Вакил Петрус дар номаи охиринаш дониста, як чизеро қайд кард, ки вақти зиёд аз назарам дур мемонд. Ман гаштаю баргашта ин номаро мехондам, лекин стратегияи бомулоҳизаашро пайхас намекардам. Гӯш кун вай чӣ мегӯяд:

Барои ҳамин ман ба ёди шумо овардани инро ҳаргиз бас намекунам, гарчанде ки шумо инро медонед ва дар ин ростӣ устувор ҳастед. (2 Петрус 1:12)

Ба иборан "ба ёд овардан" диққат деҳ. Петрус қайд мекунад, ки хонандагонаш аллакай чизи менавиштагиашро шуниданд ва дар ростӣ устувор меистоданд, лекин бо мақсад ба онҳо хотиррасон мекард. Пас боз инро мекунад: "Аммо ман салоҳ медонам, то даме ки дар ин хайма ҳастам, шуморо бо ёдоварӣ таҳрик диҳам"(ояти 13). Яъне мегӯяд, ки аз назорат кардани онҳоро ҳеҷ вақт даст намекашад!

Ва Петрус кори "ёдовариашро" ҳанӯз тамом накард:

Ва саъю кӯшиш хоҳам кард, ки шумо пас аз риҳлатам низ ҳамеша инро ба ёд оваред. (ояти 15)

Боз "ба ёд овардан" мегӯяд! Дар ин порча Петрус эълон мекунад, ки онҳо ҳатман ва ҳама вақт, яъне ҳама вақт дар бораи

чизҳои навистагиаш хотиррасон шаванд, ҳатто баъд аз он, ки вай аз ин дунё равад. Дар дигар тарҷума гуфта шудааст: "Ман бисёр сахт кӯшиш мекунам, ки ин чизҳоро ба шумо фаҳмо кунам".

Он рӯз ман бисёр нағз фаҳмидам, ки Каломи навиштаи Худо аҳамияти калон дорад. Менамояд, ки дар бисёр мавъизаҳо ин ошкоршавӣ ва фаҳмиши Навиштаҷот кам аст. Ман китобҳои сершумори масеҳии ҳозиразамонро дидам, ки дарки Китоби Муқаддас кам дар бар доранд. Вақте ки ман навиштаҳои падарони аввали калисо мехонам, ман бисёр иқтибос аз Каломи навиштаи Худо мехонам — садҳо, баъзан ҳатто ҳазор иқтибос аз Навиштаҷот, ки ба матнашон бофта шудааст. Яке аз падарони аввал, Клэменти аз Искандария, ки тақрибан дар солҳои 150-215 милодӣ зиндагӣ мекард. Вай дар калисоиИскандария, Миср, пешво буд, ки мактабро барои навимондорон роҳбарӣ мекард. Ҷош МакДаул дар китобаш "Далеле, ки хулосаро талаб аст" факти ҳайратангезро қайд мекунад, ки Клемент дар китобҳоаш аз се китобҳои Аҳди Нав 2400 иқтибос овард. Чаро ин қадар фарқияти калон аст оиди диққат ба Навиштаҷот байни асрҳои аввали масеҳият ва замони ҳозира? Падарони аввали калисо аҳамияти ба ёд овардани Каломи Худоро мефаҳмиданд.

Ман давоми нуздаҳ соли умрам ба равияи калисо мерафтам, ки ёд медоданд барои одамони мурда дуо хонам, шам даргиронам барои он, ки одамон тезтар аз аъроф бароянд, бовар кунам, ки агар аз Исо ҷавоби дуоамро гирифтан мехоҳам, бояд ба Марям муроҷиат кунам ва бисёр ақидаҳои ғалатӣ, ки аз Навиштаҷот дур ҳастанд. Вақте ки ман ба ин калисо мерафатам, барои дигароне, ки ба калисоҳо бо дигар равияҳои масеҳият мерафтанд афсӯс мехӯрдам, чунки фикр мекардам, ки мо ростиро медонем ва онҳо - не.

Агар ман дар он замон мемурдам, ман ба осмон намерафтам, чунки ман мазмуни наҷотро намефаҳмидам. Дере баъд аз он, ки

Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул кардам, нагузашта, ман фаҳмидам, ман ба бисёр чизҳои бардурӯғ ҳамчун ростӣ бовар мекардам. Маро фиреб дода, гумроҳ гардонданд. Ман ҳаётамро дар асоси он чизҳое месохтам, ки одамон аз рӯи фаҳмишашон таълим медоданд, ба ҷои он, ки фақат ба он чизҳое, ки Худо дар Каломаш мегӯяд, риоя кунам. Оё фикр мекунӣ, ки равияи ман якбора аз баъзе ҷиҳатҳои Навиштаҷот дур шуд? Албатта не. Тамоми таълимоти инсонӣ одатан аз фиреби майда сар мешаванд, ки дар охир одамонро аз ростӣ дур мебарад.

Баъд аз он, ки Исоро қабул кардам ва аз ин хато халос шудам, ин калом маро ҷазб шудам:

Тамоми Навиштаҳоаз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст (мувофиқи хости Худо барои зиндагии муқаддасдар фикр, амалу мақсад). (2 Тимотиюс 3:16)

Тамоми Навиштаҷот аз Худо илҳом ёфтааст. Боз як бори дигар ба ин калом гӯш кун: “Тамоми Навиштаҷот”—на баъзе ақидаҳои Навиштаҷот, на баъзе қисмҳои Навиштаҷот, лекин Худо навиштани тамоми Навиштаҷотро илҳом бахшидааст.

Дере нагузашта ман гапи Исоро хондам: “Осмон ва замин гузарон аст, лекин каломи Ман гузарон нест” (Марқӯс 13:31). Чаро осмону замин нобуд шуда метавонанд, лекин “ҳеҷ як ҳарфе” ё “нуқтае” аз Каломан намегузарад (Матто 5:18)? Чунки Худо “ҳама чизро бо каломи қуввати Худ нигоҳ доштааст” (Ибриён 1:3).

Худо бисёр кӯшиш кард, ки Каломашро то ба мо расонад, пас чаро мо онро ин қадар камаҳамият мешуморем ва ба он диққати зиёд намедиҳем? Чаро мо мехоҳем Каломи бенуқсонашро ба тарзи зиндагиамон ва маданияти иҷтимоиамон мувофиқ кунем ва ба он ғунҷонем, ба ҷое он ки ба Каломаш иҷозат диҳем, ки зиндагиамонро шакл диҳад?

Ба ҳамин сабаб Петрус мегӯяд: “Аммо ман салоҳ медонам, то даме ки дар ин хайма ҳастам, шуморо бо ёдоварӣ таҳрик диҳам”. Агар шумо дар бораи ин навишта мулоҳиза кунед, шумо муҳим будани Навиштаҷот мефаҳмед, махсус он чизҳоеро, ки мо ҳоло хондем.

Биёед Каломи навиштаи Худоро нигоҳ дошта, дар он мемонем. Он бефано, абадӣ ҳаст ва ҳеҷ вақт тағир ва дигар шуда наметавонад. Ин он сахрае, ки мо бояд устувор болояш истем ва ҳаёти худро болои он асос кунем.

Бори дигар ман навиштаи Петрусро ёддоварӣ мекунам. Ман аллакай ин каломро иқтибос овардам, лекин бисёр шавқовар аст, ки маҳз ин каломро вай беист ба масеҳиёни аввал хотиррасон мекард. Пас биёед ба он диққати махсус медиҳем:

Азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст... Ман ба ёди шумо овардани инро ҳаргиз бас намекунам... То даме ки дар ин хайма ҳастам, шуморо бо ёдоварӣ таҳрик диҳам... Ва съю кӯшиш хоҳам кард, ки шумо пас аз риҳлатам низ ҳамеша инро ба ёд оваред. (2 Петрус 1:3, 12-13, 15)

Бисёр муҳим аст, ки мо ин каломро дар фикрҳоямон нигоҳ дорем ва устуворона бовар кунем. Агар моин ростиро аз назар монем, ин ба ҳаёти мо дар Масеҳ зарар мерасонад. Пеш аз он, ки мо давом диҳем, ин бояд фаҳом бошад. Инчунин, шумо аллакай ҳар чизи заруририро доред, ки ба таври писандида ба Худо зиндагӣ кунед. Ин ба шумо ба воситаи қуввати Худо дода шудааст ва ин қувват дар асл файзи аҷиби Худо мебошад!

## ФАРҚИЯТИ АСОСӢ

Дар давоми бисёр асрҳо пеш аз он, ки Исо ба ин замин омад, дар салиб ҷон дод ва аз мурдагон зинда шуд, одамоне, ки мехостанд бо Худо муносибат дошта бошанд, метонистанд фақат ба воситаи шариат онро дошта бошанд. Мақсади асосии

шариати Худо, ки онро ба воситаи Мусо дод, дар он буд, ки ба одамизод нишон диҳад, ки онҳо ҳеҷ вақт наметавонанд бо қобилияти худ ба Худо писанд оянд. Шариат заифию камбудиҳои одамизодро фош кард.

Аммо, он чизе ки шариат карда наметавонист, ки мо барои Худо ба таври писандида зиндагӣ кунем, акнун ба воситаи файзи Худо имконпазир аст. Дарёддоред, кибамомахсусгуфташудааст: "Касе гӯяд, ки дар Ӯ собит мемонад, вай бояд тавре рафтор кунад, ки Ӯ рафтор мекард" (1 Юҳанно 2:6). Ин амр аст, не пешниҳод ё маслиҳати боисрор! Ва мо фақат ба воситаи файзметавонем инро иҷро кунем. ДарИнҷилихуд Юҳанно менависад:

Ва аз пуррагии Ӯ ҳамаи мо файз бар файз пайдо кардем; зеро ки шариат ба воситаи Мусо ато шуд, аммо файз ва ростӣ ба воситаи Исои Масеҳ омад. (1:16-17)

Ин ду оят мазмуни ин қадар чуқур дорад, ки ман бояд онро бодиққат дида бароям. Илтимос, дар давоми якчанд саҳифа маро сабр кунед, лекин он фаҳмиши фаровоне, ки мо пайдо мекунем, меарзад. Дар қисми аввал гуфта шудааст:

Ва аз пуррагии Ӯ ҳамаи мо файз бар файз пайдо кардем.

Як лаҳза истед, ки маъноаш ба шумо чуқур расад. Ба ин калимаҳо диққат диҳед: "аз пуррагии Ӯ". Пуррагии Исо ба мо бахшида шудааст! На пуррагии сарвазир, президент, одами машҳур, сурудхон, варзишгари бузург ё олим, лекин пуррагии худи Исои Масеҳ. Агар ту инро дар ҳақиқат шунавӣ, ту ҳеҷ вақт ба дигар одам ҳасад намебарӣ. Ту дар худ табиати пурраи Исои Масеҳро дорӣ!

Биёед боз ба навиштаи Петрус нигоҳ кунем:

Биёед боз ба гапи Петрус нигоҳ мекунем:

Азбаски қуввати илоҳии Ӯ [файз] ҳамаи чизҳои барои ҳаёт

ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидаат... Ки бо онҳо ба мо ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳо дода шудааст, то ки шумо ба воситаи онҳо шарики табиати илоҳӣ гардед. (2 Петрус 1:3-4)

Табиати Ӯ! Дар дигар тарҷума боз ҳам нағзтар баён шудааст: "Шумо метавонад шарики табиати Худо бошед".

Чӣ қадар тӯҳфаи аҷоиб, қариб даркношаванд—"табиати илоҳии" Худо. Калимаи табиат ҳамчун "сифату хислати табиӣ ва асосии одам" баён шудааст. Инро дар назар дошта, гӯш кунед Петрус боз чӣ менависад:

Ҳамчун касоне ки аз нав ба вуҷуд омадаед на аз тухми фонӣ, балки аз тухми бефано, ба василаи каломи Худо, ки зинда аст ва то абад боқист. (1 Петрус 1:23)

Тухмӣ тамоми хусусиятҳои табиии растании ибтидоиашро дорад—ин растании аслӣ дар даруни пӯчоқ, ки пурра монанди растание, ки онро ташкил кард, мебошад. Мувофиқи навиштаи Петрус тухмие, ки ба ту кошта шудааст, ин Каломи Худо аст.

Дар ёд доштан бисёр муҳим аст, ки Исои Масеҳ Каломи зиндаи Худо аст. Исо "Калом" номида шуд.Юҳанно дар бораи Исо чунин менависанд: "Дар ибтидо Калом буд, ва Калом бо Худо буд, ва Калом Худо буд... Ва Калом ҷисм гардид ва дар миёни мо сокин шуд"(Юҳанно 1:1, 14). Дар 1 Юҳанно 1:1 Исо "Каломи ҳаёт" номида шудааст.

Муаллифи Ибриён инчунин қайд мекунад:

Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст, ва то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ, буғумҳо ва иликҳо рафта мерасад, ва андеша ва ниятҳои дилро месанҷад. Ва ҳеҷ махлуқе нест, ки аз Ӯ ниҳон бошад, балки ҳама чиз пеши чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст: ба Ӯ ҳисобот хоҳем дод. (4:12-13)

Агар ту инро дар дарси забон менавиштӣ, муаллимат онро

ҳамчун нодуруст қайд мекард. Тарзи дурусти навиштани ин порча бошад чунин мешуд: “Ҳама чиз пеши чашмонаш (яъне чашмони Калом, на Ӯ) бараҳна ва ошкор аст”. Аммо, фаҳмост, ки ин хел навишта нашудааст. Дар Навиштаҷот махсус қайд шудааст: “чашмони Ӯ”. Исо Каломи зиндаи Худо аст.

Тухмие, ки ба ту кошта шуд ва ба воситааш ту аз нав таваллуд ёфтаӣ ин худи Масеҳ мебошад. Ин тухмӣ дар ҳақиқат нофаноaccess. Мо дар Масеҳ ҳастем ва Ӯ дар мо, ва пуррагии табиати Ӯро дорем. Тухмие, ки дар мо ҳангоме аз нав таваллуд ёфтанамон кошта шудааст, ин ҳамаи он чизҳое, ки дар Масеҳ ҳаст! Чӣ қадар аҷоиб. Дар ин ҷаҳон мо пуррагии табиати Ӯро дорем! Оё фаҳмиши ин ҳақиқат ба ту расид?

Юҳанно инро чунин мегӯяд: “Чунон ки Ӯ дар ин ҷаҳон аст, ончунон мо ҳастем” (1 Юҳанно 4:17). Ин қадар имондорони зиёд фикр мекунанд, ки ягон рӯз, дар осмон, мо монанди Ӯ мешавем, лекин ҳоло дар замин мо гунаҳкорони бахшида ҳастем, ки доим бо гуноҳ мубориза мебарем. Ин дурӯғи калон аст, одамонро дар ғуломи нигоҳ медорад ва қуввати файзро дар ҳаёташон бекор мекунад.

Ин беҳад аҷоиб аст, лекин ин рост аст. Дар Китоби Муқаддас ба мо гуфта шудааст, ки мо фарзандони Ӯ ҳастем: “Эй маҳбубон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем” (1 Юҳанно 3:2). На дар оянда мешавем, лекин ҳоло. Агар мо ҳоло аз Худо таваллуд ёфта бошем, мо ҳоло фарзандони Ӯ ҳастем, пас мо ба хулоса меоем, ки мо ҳоло ҳосиятҳои асосии Ӯро дорем. Чӣ тавре ки асп наметавонад кирмро таваллуд кунад ва шер наметавонад рӯбоҳро ба вуҷуд оварад, инчунин мо ҳам наметавонем хислатҳои паст дошта бошем, агар мо аз худи Худо таваллуд шуда бошем. Табиати Ӯ акнун қисми мо мебошад!

Лекин бо ин тамом намешавад! Агар мо иҷозат диҳем, Худо ба воситаи мо зиндагӣ мекунад! Чӣ тавре ки мо ҳоло мебинем ин қуввати файзи Ӯ аст. Модаршер наметавонад ба ҷои бачааш

зиндагӣ кунад, аммо Масеҳ даруни мо зиндагӣ мекунад. Павлус менависад: “Акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад” (Ғалотиён 2:20). Инчунин: “Зеро ки шумо мурдаед, ва ҳаёти шумо бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст” (Қӯлассиён 3:3). Чӣ қадар наҷоти комил Худо ба мо додааст!

Акнун биёед тадқиқи муфассали навиштаи вакил Юҳанноро давом диҳем:

Ва аз пуррагии Ӯ ҳамаи мо файз бар файз пайдо кардем. (Юҳанно 1:16)

Имрӯз бисёрон аз барои таълимоти нопурра маҳз инро надида мемонанд: Юҳанно нишон медиҳад, ки қабул кардани пуррагии табиати Худо бо файз пайваст аст. Ин тӯҳфаи сазоворнашудаи Худо аст—тӯҳфае, ки на фақат моро аз азобҳои абадӣ наҷот дод, лекин инчунин хислатҳои Ӯро ба мо бахшидааст. Як ҷиҳати файз мисли дигар ҷиҳатҳои он рост аст ва ин ба мо он лаҳзае, ки мо наҷот ёфтаем, бахшида шудааст.

Диққат деҳ, ки Юҳанно ифодаи “файз бар файз” истифода мебарад. Ман дӯсти юнонӣ дорам, ки дар Атино зиндагӣ мекунад. Вай хизматгор аст ва забони юнонӣ на фақат забонӣ модариаш аст, лекин забони юнонии қадимро омӯхтааст. Ӯ ба ман гуфт, ки вакил дар ҳақиқат навишт, ки Худо ба мо “сарвати файзи фаровонтарин” додааст. Ин рост аст!

Ман бисёр вақт фикр мекардам, ки бисёр нағз мешуд агар Худо моро монанди яке аз фариштаҳояш офарид ё моро ҳамчун гунаҳкор монад—лекин гунаҳкорони бахшидашуда, ки дар абадият ҳамроҳи Ӯ мешаванд. Ҳар дуи ин роҳ бениҳоят аз ҳолати пештараамон мешуд. Лекин, Худо на фақат моро бахшидааст, вале инчунин моро писарону духтарони худ хонда, табиати илоҳию пурраи худро ба мо додааст. Ин қадар марҳамати сазоворнашуда ғайриоддист!

Боварӣ дорам, ки Юҳанно ба ин сабаб ин ибораро “сарвати файзи фаровонтарин” истифода бурд. Вай зери шариати Мусо

зиндагӣ мекард ва маҳдудияти онро медонист. Вай медонист, ки шариат қувват надорад, ки табиаташро тағир диҳад; шариат фақат заифию нуқсонҳои ӯро фош кард. Вай медонист, ки шариат метавонад одами даруниашро боз дорад, лекин тағир дода наметавонад. Бинобар ин вай қайд мекунад, ки мо ба воситаи файз табиати Исоро қабул кардаем, ва ҳамон замон мегӯяд, ки шариат ба воситаи Мусо дода шудааст, ва файзу ростӣ бошад ба воситаи Исои Масеҳ омад. Бори дигар ба ин калом нигоҳ кун:

Ва аз пуррагии Ӯ ҳамаи мо файз бар файз пайдо кардем. Зеро ки шариат ба воситаи Мусо ато шуд, аммо файз ва ростӣ ба воситаи Исои Масеҳ омад. (Юҳанно 1:16-17)

Биёед наздиктар ба фарқият нигоҳ мекунем.

## МУҚОИСАКУНИИ ИСО

Барои фаҳмидани бузургии пурраи файз фаҳмем биёед ба муқоисакунии Исо, ки дар Матто 5 мекунад нигоҳ мекунем, ки дар он ҷо Вай такроран мегӯяд:

Шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст... Лекин Ман ба шумо мегӯям... (оятҳои 21-22)

Шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст... Лекин Ман ба шумо мегӯям... (оятҳои 27-28)

Ҳамчунин гуфта шудааст...Лекин Ман ба шумо мегӯям... (оятҳои 31-32)

Боз шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст... Лекин Ман ба шумо мегӯям... (оятҳои 33-34)

Шунидаед, ки гуфта шудааст... Лекин Ман ба шумо мегӯям... (оятҳои 38-39)

Шунидаед, ки гуфта шудааст... Лекин Ман ба шумо мегӯям... (оятҳои 43-44)

Исо зиндагиро зери шариат (зиндагӣ пеш аз он, ки табиати Ӯ ба мо дода шуд) бо зиндагӣ пур аз файзи қувватбахш муқоиса мекунад. Вай талаботи шариати Мусоро бо чунин гуфтаҳо номбар мекунад: "Шунидаед, ки гуфта шудааст...", ва пас роҳи худро—ростиро— зери файзи қувватбахш нишон дода, мегӯяд: "Лекин Ман ба шумо мегӯям".

Дар ин ҷо Исо ҷиҳати файз шинос мекунад, ки он қобилияти Худо ба даруни мо гузошта, моро аз тарзи беқуввати шариат озод мекунад. Шариат моро аз берун медошт ва файз бошад тағироти дарунииро инъикос мекунад.

Ман бисёр вақт мешунавам, ки хизматгорон ва имондорони дигардар бораи талаботи сахти шариат нола мекунанд ва баъд сабукиро изҳор карда, мегӯяд ки онҳо зери файз ҳастанд, на зери ин гуна тарзи сахти зиндагӣ. Ман ҳам бисёр шодӣ мекунам, ки дигар зери шариат нестам, лекин ин аз барои он нест, ки акнун интизории Худо нисбати мо мулоимтар шуд. Дар ҳақиқат, тамоман баръакс аст—зери файзи қувватбахш интизории Худо нисбати мо баландтар мебошад! Биёед чуқуртар мекобем:

Шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст: "Қатл накун; ҳар кӣ қатл кунад, лоиқи ҳукми дорулқазо хоҳад буд". Лекин Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба бародари худ беҳуда хашм гирад, лоиқи ҳукми дорулқазо хоҳад буд; ҳар кӣ бародарӣ худро "аҳмақ" гӯяд, лоиқи оташи дӯзаҳ хоҳад шуд. (Матто 5:21-22)

Агар хашми одам ба нуқтае расад, ки вай бародарашро аҳмақ гӯяд, Исо мегӯяд, ки вай дар хатари ба дӯзах рафтан аст. Калимаи аҳмақ "бехудо" маъно дорад ("Нокас дар дили худ гуфт: "Худо нест" [Забур 13:1]). Бародари худро аҳмақ гуфтан айбдоркунии ҷиддӣ буд. Ҳеҷ кас инро намегуфт то даме, ки хашмаш то ба ҳади нафрат расад.

Дар Аҳди Қадим одам барои куштор айбдор буд, агар вай дар ҳақиқат ҷони ҷисмонии касеро мегирифт. Акнун

зери файзи қуввабахш Худо сатҳи талаботи ҳақиқиашро—ростиро—ошкор мекунад, чӣ тавре ки доим буд, на барои худдорӣ за барои заифиҳои диламон. Худо ошкор мекунад, ки Вай нафрат кардани бародарро бо одамкушӣ баробар мекунад! Ҳамин ақида дар 1 Юҳанно 3:15 ҳам ҳаст: "Ҳар кӣ аз бародари худ нафрат дорад, қотил аст; ва шумо медонед, ки ҳеҷ як қотил ҳаёти ҷовидоние надорад, ки дар вай сокин бошад".

Агар росташро гӯем, зери шариат одам бояд дигаркасро бо кор кушад, ки одамкуш номида шавад. Ҳоло бошад дар замони Аҳди Нав, вақте ки мо файзи қуввабахш дорем, агар ту набахшӣ, хашмгинона зарар расонӣ ё дигар намуди нафрат дошта бошӣ, ин нишонаи он, ки ҳаёти абадӣ ва файзи Худо дар ту нест. Ту одамкуш астӣ! Ин рост аст.

Имрӯзҳо дар калисо бисёр одамон дар бораи файз ҳамчун "Баҳонаи калон" фикр мекунанд, чунки ин тавр онро таълим медоданд ва нодуруст фаҳмиданд. Ман бо "Баҳонаи калон" чиро дар назар дорам? Шумо ягон нунидед, ки ягон кас гуфта бошад: "Ман медонам, ки ба таври бояду шояд зиндагӣ намекунам, лекин ҷалол ба Худо барои файзи Ӯ!" Ин тамоман зидди таълимоти Аҳди Нав дар бораи файз мебошад. Албатта, файз моро рӯпӯш мекунад, лекин ба ғайр аз ин файз ин таъсири Худо ба дили мо мебошад ва қувваташ дар ҳаётамон инъиқос мешавад. Файз ба мо қобилият медиҳад, ки дар ростӣ зиндагӣ кунем.

Акнун ман савол дорам, ки оё Исо файзро ҳамчун "Баҳонаи калон" баён мекунад ё онро ҳамчун қуввати табиати худ нишон медиҳад, ки ба мо қобилият медиҳад, ки мо ба таври писандида ба Худо Падар зиндагӣ кунем?

Биёед ба дигар муқоисакунӣ нигоҳ мекунем:

Шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст: "Зино накун". *Лекин Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба заре бо чаҳми шаҳватомез [хоҳиш] нигоҳ кунад, дар дили худ бо вай зино карда бошад.*

(Матто 5:27-28)

Дар замони Аҳди Қадим одам айбдор мешуд, агар амали ҳақиқии зино содир мешуд, лекин бо таълимоти Исои Масеҳ дар Аҳди Нав мард зинокор мешавад, агар ба зане нигоҳ карда, бо вай алоқаи ҷинсӣ доштан хоҳад. Осон карда гӯем, зери шариат зиноро бояд дар асл содир мекард, лекин зери файзи Аҳди Нав, агар онро кардан хоҳӣ, аллакай кифоя аст! Оё ин талаботи сахтари зино бо таълимоту зиндагии мо зери файз рост меояд ё не? Оё мо онро ҳамчун "Баҳонаи калон" қабул кардем ё мо файзро ҳамчун қобилияти Худо додагӣ мефаҳмем, ки монанди Исо зиндагӣ кунем?

## ФАЙЗ ВА РОСТӢ

Пеш аз он, ки мо ба дигар муқоисакунии АҳдиҚадимбо АҳдиНавнигоҳ мекунем, биёед Юҳанно 1:16-17-ро мехонем:

Ва аз пуррагии Ӯ ҳамаи мо файз бар файз пайдо кардем. Зеро ки шариат ба воситаи Мусо ато шуд, аммо файз ва ростӣ ба воситаи Исои Масеҳ омад.

Ростӣ бо файз омад. Чаро Юҳанно инро қайд мекунад? Чаро ростӣ бо шариат ҳамроҳ нест? Дар ин дигар калиди муҳим барои фаҳмидани ин ду ояти, ки мо меомӯзем, ҳаст— муқоисакунии навбатӣ барои фаҳмидан муҳим мебошад.

Исо мегӯяд: "Ҳамчунин гуфта шудааст: "Ҳар кӣ аз зани худ ҷудо мешавад, бояд талоқномае ба вай диҳад". Лекин Ман ба шумо мегӯям". (Матто 5:31-32). Барои ҷавобашро нағзтар фаҳмидан ман чуқуртар ба Инҷили Матто нигоҳ мекунам, ки дар он ҷо Исо аз ҳар ҷиҳат ҷавоб медиҳад. Роҳбарон ба назди Исо омада, пурсиданд ки оё мард метавонад бо ҳар сабаб аз занаш ҷудо шавад. Исо ҷавод дод:

"Оё нахондаед, ки Офаридагор дар ибтидо онҳоро марду зан офарид?" Ва гуфт: "Аз ин сабаб марду падару модари худро тарк карда, бо зани худ мепайвандад, ва ҳар ду як тан мешванд",

ба тавре ки онҳо акнун ду тан не, балки як тан мебошанд. Пас, он чиро, ки Худо бо ҳам пайвастааст, одам набояд чудо кунад”. (Матто 19:4-6)

Баъдроҳбарон пурсиданд: “Пас чаро Мусо амр фармудааст, ки мард талоқномае дода, аз зан ҷудо шавад?”(ояти 7). Ба ҷавоби Исо гӯш кун:

Ба сабаби дилсахтии шумо МУсо ба шумо иҷозат додааст, ки занони худро талоқ диҳед; лекин дар ибтидо чунин набуд; аммо Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ зани худро, ба ҷуз сабаби зино, талоқ диҳад ва дигареро никоҳ кунад, зино карда бошад; ва ҳар кӣ зани талоқшударо гирад, зино карда бошад. (оятҳои 8-9)

Ба гапаш диққат деҳ “лекин дар ибтидо чунин набуд”. Исо ҳақиқатро қайд мекунад, чунки ҳақиқат ҳеҷ вақт дигар намешавад. Ҳақиқат дирӯз, имрӯз ва то абад ҳамон аст. Аммо бо вуҷуди талаботи шариат, ҳангоме ки табиати Худо дилҳоашонро пур накард, онҳо наметавонистанд ростиро дар ин соҳа, инчунин дар дигар соҳаҳо иҷро кунанд. Бинобар ин Худо ба Мусо иҷозат дод, ки чизҳое муайянро нависад, ки дар асл хости “олии”Худо набуд.

Лекин, вақте ки файз омад ва табиати Худо моро муфт пур кард, дилҳоамон бо тухми табиати хоси Худо иваз шуанд, акнун мо қобилият дорем мувофиқи нақшаи Худо, ки аз аввал барои одамизод дошт, зиндагӣ кунем—яъне ба таври ғайриоддӣ. Ҳоло мо метавонем ҳамчун писарону духтарониХудо монанди Вай зиндагӣ кунем ва ба воситаи файз қобилияти Ӯро дошта бошем!

Яъне зери шариат одам метавонист аз занаш ба ғайр аз сабаби фисқи шаҳвонӣ ҷудо шавад. Лекин зери файз хости ҳақиқии Худо, ки аз аввал буд, боз имконпазир шуд. Файз ва ростӣ ҳамроҳ шуданд, ки марду занҳо тавонанд барои наслибеимон ва каҷрафтор нур бошанд. Дар даруни худ мо

табиати Худоро дорем; мо метавонем ба таври писандида ба Худо зиндагӣ кунем.

## ҚАСАМ БА РОСТҚАВЛӣ ИВАЗ ШУД

Дар муқоисакунии дигар ҳамроҳшавии файз ва ростӣ зиёдтар ошкор мекунад. Исо қайд кард:

Боз шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст: "Қасами дурӯғ ёд накун ва ба қасами худ дар назди Худованд вафо кун". *Лекин* Ман ба шумо мегӯям: ҳаргиз қасам ёд накун... Балки сухани шумо: "оре, оре" ва "не, не" бошад; он чи зиёда аз ин бошад, аз иблис аст. (Матто 5:33-34, 37)

Зери шариат вақте ки ягон кас қасам ёд мекард, бо ин нишон медод, ки вай кардани чизи гуфтагиашро ният дорад. Худо боз ба Мусо гуфт, ки инро нависад, чунки одамон табиати Исои Масеҳро дар худ надоштандва дилашон сахт буд. Бори дигар ин талабот дар шариат мустаҳкам шуд, ки қарори ҷиддӣ аз ғайриҷиддӣ фарқ дошта бошад.

*Лекин*, акнун зери файз мо табиати Исои Масеҳро дорем, акнун мо метавонем ҳама вақт дар ростӣ зиндагӣ кунем. Акнун ростқавлӣ ба худи ҳастиамон гузашт. Ҳоло мо метавонем одамоне бошем, ки монанди Худо ҳастанд ва чизҳои дар назардоштаро гӯем ва чизҳои гуфтагиамонро дар назар дошта бошем, ва дар ростии гапамон монем, чунки диламон нав шуд ва бо тухми бефанои табиати Худо пок шуд. Ба ин сабабба мо гуфта шудааст: "Чун фарзандони маҳбуб, ба Худо тақлид намоед" (Эфсӯсиён 5:1).

Имондоре, ки ростқавлона зиндагӣ намекунад, мухолифи табиати Худо, ки даруни ӯст, зиндагӣ мекунад. Чаро шасхоне, ки ин қадар файзиаҷиб гирифтанд, мехоҳанд аз табиати Худо фарқдошта зиндагӣ кунанд? Шахсе, ки пайваста камии ростқавлиро нишон медиҳад, ин шубҳаомез аст ва ҳатто эҳтимолияти кам аст, ки вай дар ҳақиқат бо файз наҷот ёфтааст,

чунки меваҳои зиндагиаш нишон медиҳад, ки вай табиаташро надорад. Исо чунин гуфта, инро равшан мекунад: “Пас, онҳоро аз меваҳошон хоҳед шинохт” (Матто 7:20). Ин тавр мо муайян мекунем, ки одам дар ҳақиқат бо файз наҷот ёфтааст.

Акнун биёед ман ба муқоисакунии охирини Исо дар ин боб мегузарам.

Шунидаед, ки гуфта шудааст: “Ёри худро дӯст бидор ва аз душмани худ нафрат кун”. Лекин Ман ба шумо мегӯям: душманони худро дӯст бидоред, барои лаънаткунандагони худ баркат бихоҳед, ба нафраткунандагони худ некӣ кунед ва барои озордиҳандагону таъқибкунандагони худ дуо гӯед, то ки фарзандони Падари худ, ки дар осмон аст, гардед; зеро Ӯ офтоби Худро бар бадону некон тулӯъ мекунонад ва боро бар одилону золимон меборонад. (Матто 5:43-45)

Дар ин муқоисакунӣ қисми асосӣ ин “то ки фарзандони Падари худ, ки дар осмон аст, гардед”. Ин вуҷуди ҳақиқии мо аст баъд аз таваллуди нав, баъд аз он, ки мо файз бар файз гирифтем, ки хислату хосият худи Худо дарбар дорад. Ман бояд такрор кунам: Мо гунаҳкороне нестем, ки фақат бо файз бахшида шудаем. Мо писарону духтарони Худо ҳастем, ки табиати Ӯро дорем ва даъват шудаем, ки ба Ӯ тақлид кунем.

Дар ҳақиқат, Исо муқоисакуниу насиҳаташро бо гапи асосӣ ба охир мерасонад:

Пас, комил бошед, чунон ки Падари шумо, ки дар осмон аст, комил аст. (Матто 5:48)

Мо бояд комил бошем, ҳатто монанди он, ки Худо Падар комил аст! Ман одатан аз калимаи «комил» тез гузашта, ба худ мегуфтам, ки Исо фақат барои мо мақсад гузоштааст ва ба ин мақсад расидан ғайриимкон аст; мо фақат бояд чӣ қадаре, ки тавонем ғайрат кунем.

Баъдтар ман фикр кардам, ки Исо инро мегӯяд, чунки дар осмон мо инхел мешавем. Ин беҳтар менамуд, чунки чӣ тавр

мо метавонем ҳатто орзую мақсад дошта бошем, ки мисли Худо дар хислатамон комил бошем. Ин барои фаҳмиш бисёр ғалатӣ буд.

Вале, агар мо дурст гапи Исоро дида бароем, он аҷоиб аст. Калимаи «комил», ки дар ин ҷо истифода бурда мешавад ба забони юнонӣ “телеиос” аст. Ин калима ин тавр таъриф шудааст: “ба охир расонидашуда, тамом кардашуда; барои пуррагӣ чизи зиёдтар лозим нест; комил”. Дар тарҷумаи васеъи Китоби Муқаддас ин таъриф оварда шудааст: “Бинобар ин шумо бояд комил бошед [ба балоғати пурраи Худо дар ақл ва хислат калон шавед ба воситаи расидан ба қади дурусти некукорӣ ва ростқавлӣ] монанди он, ки Падари осмонии шумо коми ласт”.

Ба ин калима диққат диҳед “бояд”. Гуфта нашудааст “шояд”. Дар Навиштаҷот ҷойҳои “шояд” ва ҷойҳои “бояд” ҳастанд. Мо бояд боақл буда, гуфтаҳои “шояд”-ро дониста, иҷро кунем; лекин беақл мешавем, агар ибораҳои “бояд” ҷиддӣ қабул накунем.

Агар ба дигар тарҷумаҳои Китоби Муқаддас нигоҳ кунем, мо ягон фарқиятро намебинем. Мо наметавонем аз амрҳои Исо барои мо бехабар монем. Бори дигар мегӯям, ки ин пешниҳод, маслиҳат ва ҳатто мақсади дастраснашаванда нест. Ин фармон аст.

Бинобар ин Павлус менависад: “Зеро файзи Худо, ки барои ҳамаи одамон наҷобахш аст, зоҳир шудааст, ва моро таълим медиҳад, ки маъсият ва шаҳавоти дунёро рад намуда, дар ин дунё бо исмат, адолат ва парҳезгорӣ зиндагӣ кунем” (Титус 2:11-12).

Файз на фақат моро таълиму насиҳат мекунад, инчунин ба мо қувват мебахшад, ки мо беруну болотар аз қобилияти инсониамон зиндагӣ кунем—ба таври ғайриоддӣ. Мо аз нав таваллуд ёфтаем; мо одами нав шудем; мо писарону духтарони

Худо ҳастем.

## ҶАРО МО БА ҲАДАФ НАМЕРАСЕМ?

Ман тайёрӣ медидам, ки дар як барномаи байналмилалии телевизионӣ иштирок кунам. Вақте ки пеш аз барнома дар ӯтоқи меҳмонхонаам дуо мехондам, ман ба Худо фарёд карда, пурсидам: "Чаро дар калисо ин қадар нокомиҳои рӯҳӣ зиёд ҳаст? Чаро, Худо, ин қадар бисёр имондорон, ҳатто пешвоён, ба қолабҳои калони гуноҳ меафтанд?"

Рӯҳи Муқаддас ба ман гуфт: "Ин аз барои он, ки шуморо чӣ тавр таълим доданд." (Ман фаҳмидам, ки Вай ҳамаи пешвоёни калисоро дар назар дошта.) Рӯҳи Муқаддас давом дода, нишон дод, ки калимаҳо тухмӣ мебошанд ва тухмиҳо ҳамеша мувофиқи намуди худашон хосил медиҳанд. Ин қонуни табиӣ аст—агар ту тухми себро корӣ, дарахти чинор калон намешавад. Агар ту тухми анҷирро корӣ, буттаи пахта намебарояд. Тухмӣ мувофиқи намуди худ хосил медиҳад.

Агар мо чизҳоеро таълим диҳему мавъиза кунем, ки мувофиқи Каломи Худо нестанд, монанди чунин гуфтаҳо: "Мо аз гунаҳкор фарқият надорем. Мо фақат бахшида шудаем." Пас одамон қобилият пайдо намекунанд, ки дар қуввати табиати Худо—дар қуввати файз—зиндагӣ кунанд. Дар хотир дошта бошед, ки ба воситаи ваъдаҳои (тухмии) бениҳоят бузург ва қиматбаҳо мо шарики табиати Худо шудаем. Қуввати файз ба воситаи калом мегузаранд. Чизи баръакс ҳам дуруст аст—камқувватӣ ҳам ба воситаи гапҳо (тухмиҳо) озод мешавад. Каломе, ки аз саҳна, китоб, диск ва сӯҳбати шахсиамон гуфта мешаванд, мувофиқи намуди худ хосил медиҳад; ин калом тухмӣ аст! Ҳоло бошад ба ҷои одамоне, ки дар пуррагии табиати Худо зиндагӣ кунанд, бисёр одамоне ҳастанд, ки дар заифии ҷисм зиндагӣ мекунанд. Дар ҳақиқат мо қуввати тухми бефаноро бекор кардем.

Шояд шумо фикр кунед: “Бас, Ҷон, акнун ту гузарондӣ! Чӣ хел ту гуфта метавонӣ, ки таълимоти инсон метавонад қуввати таъсири Худоро бар ҳаёти одам бекор кунанд?

Ман ҷавобро дар гапи Исомеёбам. Исо ба роҳбарон дар замони худ чизеро гуфт, ки ба гапе, ки дар меҳмонхона гуфт, монанд буд:

Дар айни ҳол [қудрати] каломи Худоро бо ривояти худ, ки ҷорӣ сохтаед, бартараф менамоед; ва бисёр расмҳои монанди инро ба ҷо меоваред. (Марқӯс 7:13)

“Қудрати Каломи Худо”, ки Исо дар бораяш мегӯяд, қувватеро нишон медиҳад, ки метавонад ҳаёти одамро тағир диҳад. Ин қувват метавонад бекор шавад! Агар дар бораи ин фикр кунӣ, ин бисёр аҷоиб аст. Ситораҳое, ки дар давоми насҳои зиёд киштиҳоро роҳнамоӣ мекарданд, офтобе, ки ҳазор солҳо нуру гармиашро ба замин медод ва галаситораҳое, ки пеш аз одам ҳам медурахшиданд, метавонанд талафу нест шавад, пеш аз он, ки Каломи Худо нест шавад. Каломи Худо он қадар қавӣ аст, ки тамоми офаринишро нигоҳ медорад! Ва он қадар қаввист, ки Худо Каломашро ҳатто аз номи худ болотар бардошт (ниг.Забур 137:2). Ба тамоми қувваи Каломаш нигоҳ накарда, фақат як чиз метавонад қувваташро бекор кунад ва ин таълимот дар дилҳои одамон, ки мухолифи ростӣ аст!

Қуввати Каломи Худо дар ҳаёти одамон ба воситаи таълимот ва ақидаҳои мухолиф ба ростӣ, ки ақлашон кошта шуд, бекор гашт. Онҳо нигоҳ дошта шуданд ва ба камолот нарасиданд мисли он, ки Падари осмониашон комил аст. Расму одатҳо, таълимоти инсонӣ, ки бар зидди Навиштаҷот ҳастанд, калоншавии рӯҳониро боз медоштанд. Исо ин қадар нархи калону пурра барои наҷоти комиламон супорид, лекин ба ҳар ҳол расму одатҳо дар калисо метавонанд қуввати онро бекор кунанд.

Оё ту яке аз бисёриҳое, ки беқувват, рӯҳафтода ва ноумед

дар зиндагии худ бо Худо ҳис мекунанд? Оё ҳис мекунӣ, ки дар муносибати наздик бо Худо алоқа канда шуд? Оё ту ҷиддӣ фикр мекардӣ: “Аҳ, бояд чизҳои бештар бошад?” Эҳтимол, ба ту дуруст гуфтанд, ки ту бахшида, аз марги абадӣ халос шудаӣ, лекин ту хосили тухмии фанои инсониро, ки ба дилу ақлат кошта шуд, мекорӣ. Пас қудрати Каломи Худо дар ҳаётат бекор шуд!

Агар дар ҳаётат чунин бошад, ман барои ту хабари нағз дорам. Зиндагиат метавонад пурра бо қуввати файзи Худо дигар шавад. Ва хосили ту тағир меёбад, чунки ту Каломи Худоро мехӯрӣ, на расму одатҳои инсониро. Зиндагии дуруст мувофиқи Навиштаҷот аз бовар кардани дуруст сар мешавад. Агар таҳкурсиат нодуруст буд, ту асос надоштӣ, ки болояш созӣ. Каломи Худо инро ба зудӣ дигар мекунад. Ба ғайриоддӣ тайёрӣ бин!

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Оё ба фикрат аз барои таълимоти нодуруст ё воситаҳои дигар ту тухмии фано қабул кардӣ? Агар бале, кадом тухми нофано—Каломи Худо—бояд ин тухмиро иваз кунад?

Ту аз ин вақт боз чӣ кор карда метавонӣ, ки ҳаётат зиёдтару зиёдтар бо тухмии нек пур бошад?

# 8
# Навии ҳаёт

Вақте ки ман фаҳмидам, ки файз на фақат бахшиши аҷиби Худо ва ваъдаи ба осмон рафтанро маъно дорад, лекин қуввати Ӯро низ дарбар мекунад, ҳаёти ман ҷиддан тағир ёфт. Пеш аз ин ман бо гуноҳ мубориза мебурдам, бисёр амрҳои Худоро бароям иҷро кардан хеле душвор буд, бо сатҳи пасти зиндагӣ ва фикри паст дар бораи худ мубориза мебурдам ва ҳайрон мешудам чаро дар зиндагиам ин қадар самараҳои абадӣ кам ҳастанд. Вале вақте ки фаҳмидам, ки ман табиати Худоро даруни худ дорам, ҳаётам ба тартиб омад, баракатҳо ҷорӣ шуданд ва таъсири ман ба дигарон барои Подшоҳии Худо зиёд шуд.

Сатҳи тағироти ман ба кори аввалини ман бо компютер монанд буд. Дар ёд дорам, ки компютерро даргирондам ва нишонаро ба якчанд барнома бурдам, лекин кори зиёд карда наметавонистам.

Дертар ман ба сари компютер бо як мутахассис шиштам ва ӯ ба ман имкониятҳои онро ба ман нишон дод. Аз чизи дидагиам ҳайрон шуда, ман истода пурсидам: “Оё ту мегӯӣ, ки ман ин корҳоро карда метавонам?”

“Ту ин корҳоро пештар ҳам карда метавонистӣ” – вай ҷавоб дод.

Пас вай дар компютерам бо як барнома боз як кори аҷиб кард ва ман боз пурсидам: "Оё ман ин корро ҳам карда метавонам?"

Вай бо табассуму гуфт: - "Ту ин корҳоро пештар ҳам карда метавонистӣ."

Чӣ ба ман ошкор шуд? Ин одам фақат қобилияти компютерамро ошкор мекард, ки пештар ҳам дар он буданд, лекин аз ман аз барои норасоии дониш пинҳон буданд. Худо мегӯяд: "Бинобар ин қавми ман баногоҳ ҷалои ватан гардидаанд" (Ишаъё 5:13). Бисёриҳо монанди ман асир ҳастанд ва мағлуб мешаванд, чунки онҳо дар бораи қуввати файз барои зиндагии худ дониш надоранд. Ин ба марде, ки танҳо дар ҷазира монд, монанд аст. Вай ҳар чизи даркориро барои зиндагии комёб дар давоми ду моҳи оянда дошт, лекин дар бораи яке аз вазифаи асосии яроқ дониш надошт.

Надонистани Каломи Худо метавонад аз асирӣ бадтар ҳам шавад: "Қавми Ман аз камии дониш нобуд шудаанд" (Хушаъ 4:6). Чӣ қадар имондорони зиёддар имонашон шикаст ёфтанд, чунки кӯшиш карданд бо қуввату қобилияти худ ба Худо писанд оянд? Хулас, масеҳиён комёб намешавад ва ҳатто талаф мешаванд, чунки онҳо ба таълимоти инсонӣ, ки аз барои фаҳмиши худ ва ҳиссиёти худсарӣ ё ба масеҳияти зеҳнӣ бовар мекарданд, ба ҷои он, ки фаҳманд Худо дар Каломи навиштаи худ чӣ мегӯяд. Дар бораи имондорони аввал дар Бирия гуфта шудааст, ки онҳо "назар ба аҳли Таслӯникӣ равшанфикртар буданд: бо иштиёқи комил каломро гӯш мекарданд ва ҳар рӯз Навиштаҳоро санҷида мебаромаданд, то бидонанд, ки оё дар ҳақиқат ҳамин тавр аст ё не"(Аъмол 17:11). Дар дигар тарҷума гуфтааст, ки "Мардуми Бирия хислати бошарафтар доштанд". Павлус ошкоршавии Худо додагиро ба ин одамон овард, лекин онҳо онро якбора қабул накарданд. Онҳо боғайрат Навиштаҷотро меомӯхтан, ки он чизҳоеро, ки ба онҳо таълим

медоданд, тафтиш кунанд, ва Худо гуфт, ки онҳо “хислати бошарафтар доштанд”.

Ман мефаҳмам, ки Худо ба муаллимони қобилиятнок, ки боғайрат Ӯро меҷӯянд, каломи худро ошкор мекунад. Лекин, новобаста аз он чӣ қадар таълимот дилкаш бошад, мо бояд худамон онро омӯзем ва тафтиш кунем, ки Навиштаҷот онро тасдиқ мекунад. Ман дар ҷамъомадҳои калисоҳои калону машҳур будам ва шунидам, ки одамон ин гуна чунин гапҳои бемаънӣ мегуфтад: “Бисёр дар бораи интихобу қарорҳои худ ғам нахӯр, чунки бисёр роҳҳои нодуруст дар охир ба хости Худо оварда мерасонад, чунки Ӯ ҳамеша моро меёбад” ё “Мо, масеҳиён, то ҳол гунаҳкор ҳастем, лекин бо файз бахшида шудаем”. Бисёриҳо дар он ҷамъомад табассум карда, бо розигӣ сар меҷунбонданд: онҳо гапи гуфтагиашонро бе исбот қабул мекардан, чунки он мантиқан дуруст менамуд. Лекин баъдатр онҳо ҳайрон мешаванд, ки онҳо дар зиндагии худ ин қадар зиёд мубориза мебаранд. Оё онҳо ҳеҷ гоҳ насиҳати Худоро нахонданд: “Ба хиради худ такя накун” (Масалҳо 3:5)?

Ба дилашон тухмиҳои фано кошта шуданд, чунки ин сухан мувофиқи каломи Худое, ки дар Навиштаҷот ҳаст, намебошад. Лекин онҳо ин суханро ҳамчун Хушхабар қабул карданд. Онҳо Каломи Худоро, махсус Аҳди Навро тафтиш намекунанд, то фаҳманд, ки имондорон гунаҳкорони муборизамебурдагӣ нестанд, ки бо роҳҳои нодуруст мераванд, лекин аз барои файз дар охир ба ҷои дуруст мерасанд. Аммо онҳо фаромӯш карданд, ки Худо гуфт: “Зеро ки он чи одамизод мекорад, ҳамонро хоҳад даравид!” (Ғалотиён 6:7). Онҳо хато карда, ростиро дар бораи он намеҷӯянд, ки мо акнун фарзандони Худо ҳастем ва чунон ки Ӯ аст, мо ҳам дар ин дунё ҳастем!

Биёед монанди имондорони Бирия бошем, новобаста аз он, ки мо мавъиза мекунем ё ба мавъиза гӯш мекунем. Пеш аз он, ки ман барои мавъиза кардан меравам, ман ҳатман дар

бораи мавъизаи худ бодиққат фикр мекунам, ки он пурра ба тамоми Каломи Худо мувофиқ бошад. Одатан ман бисёр ҷойҳои Навиштаҷот истифода мебарам, ҳар бор ду ё се ҷои Навиштаҷот барои тасдиқи ҳар гапам. Чаро ман бояд дар бораи Худо маълумоти нодуруст диҳам ва баъдтар пеши тахти доварии Ӯ ҷавоб диҳам, ки чаро ман халқашро гумроҳ ва беқувват кардам?

Агар ту ягон китоб хонӣ ё ягон таълимотро гӯш мекунӣ, дар бораи чизи гӯш мекардагиат фикр кун. Оё мазмуни он ба Навиштаҷот рост меояд (ва на ба як ё ду оят, лекин ба тамоми Каломи Худо)? Ҳар чизро қабул накун фақат аз барои он, ки пастор инро гуфтааст. Онро тафтиш кун! Вақте ки мефаҳмӣ, ки он дуруст аст, онро бе шакку шубҳа қабул кун. Ҳаётатро ба он бубахш. Худо мегӯяд, ки ин гуна одамон беғараз ҳастанд ва ҳатто “хислати бошарафтар доштанд”.

## ҲУКМРОНИИ ГУНОҲ ШИКАСТ ЁФТ

Бори дигар ба муаллифи Ибриён гӯш кун: “Файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба еаври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард” (12:28). Файз ин тӯҳфаи муфт, ки моро қувват мебахшад ки ба таври маъқул ва писандида ба Худо хизмат кунем. Ин моро ба зиндагии ғайриоддӣ мебардорад.

Ин қувватбахшӣ аввал ва пеш аз ҳама дар вуҷуди мо дида мешавад, ки хислатҳои хоси Исоро дорад. Дар Навиштаҷот эълон шудааст, ки Худо моро аз нав офарид: “ки ба сурати Писараш монанд шавем [ва аз дарун шарики шабоҳати Ӯ шавем]” (Румиён 8:29). Дар дигар тарҷума гуфта шудааст: “монанди Писари Ӯ шавем, ки Писарашнахустзода байни бисёр фарзандон бошад”. Мо аз нав аз дарун дақиқ ба сурату шабоҳати Исои Масеҳ таваллуд шудем; ба ин сабаб Ӯ нахустзода байни бисёр бародарону хоҳарон номида шуд.

Ба наздикӣ ман давоми чанд рӯз дар кӯҳҳои Колорадо рӯза дошта, дуо мехондам. Баъзе дӯстон иҷозат доданд, ки ман дар хонаи онҳо истам, ки он дар ҷои дурдаст буд. Гирду атрофам фақат табиату зебогӣ буд.

Дар давоми ин рӯзадорӣ ман пайваста дар рӯҳам мешунидам: "Ба Румиён 6 нигоҳ кун". Афсӯс лозим шуд, ки ин гап дар дилам якчанд маротиба такрор шавад пеш аз он, ки ман дар охир шишта, онро хондам. Вақте ки хондам ин ҷои Навиштаҷот ба ман парид:

Зеро ки гуноҳ дигар набояд бар шумо ҳукмронӣ кунад: шумо, охир, тобеи шариат не, балки тобеи файз ҳастед. (Румиён 6:14)

Чаро гуноҳ набояд бар мо ҳукмрон набошад? Чунки мо дигар табиати гуноҳкор надорем, ки зери маҳдудияти оддӣ зиндагӣ мекунад, лекин мо ба қуввати Худо дохил шуда, дорои табиати худи Исо ҳастем.

Мо аз қуввати гуноҳ озод ҳастем! Боз як бори дигар ин ҷои Навиштаҷотро хон, чунки ин хабари бениҳоят хуш аст! Дар дигар тарҷума гуфта шудааст: "Гуноҳ наметавонад ба ту гӯяд, ки чӣ тавр зиндагӣ кунӣ ". Каломи Худо ростӣ аст ва дар он гуфта шудааст, ки ғайбат, тӯҳмат ва дурӯғ дигар бар ту ҳукмрон нест. Зино, алоқаи чинсӣ берун аз оила ё алоқаи ҷинсии мард бо мард ва зан бо зан, ё дигар нопокӣ дигар бар ту бартарӣ намекунад. Нафрат, алам, нобахшиш, хурофот ва ҳасад дигар туро идора намекунад. Ғазаби идоранашаванда, қаҳр ва хашм қудратро болои хаёти ту аз даст доданд. Дуздӣ, нашъамандӣ ё аракхӯрӣ дигар болои ту ҳӯҷаин нестанд. Беитоатӣ ба қонун, саркашӣ ва якравӣ дигар бар ту қудрат надоранд. Ва ин рӯйхат давом меёбад. Ту набояд дигар ба ин гуноҳҳо гирифтор шавӣ, чунки акнун ту зеир қуввати файз астӣ!

Ин тавр фикр кун: боре ту аз барои табиати гунаҳкорат баъзе аз ин чизҳо туро ғулом карданд ва ту наметавонистӣ ҳаёти

муқаддас дошта бошӣ. Исо омад ва дари зиндонро кушод. Ӯ калидро барои ҳукмронии қавии гуноҳ кашида, гирифт ва акнун ту метавонӣаз ин зиндон барой. Ту дигар ғуломи гуноҳ нестӣ. Ту озод шудӣ ва фарзанди Худо астӣ!

## ЧАРО БАЪЗЕҲО ТО ҲОЛ МУБОРИЗА МЕБАРАНД?

Пас чаро ин қадар имондорони зиёд то ҳол мубориза мебаранд ва ҳатто дар ин соҳаҳо зери қуввати гуноҳ ҳастанд? Чаро онҳо озод нестанд? Ҳангоме ки шумо китобро хонда, мегузоред, ман ба ин саволҳои муҳим ҷавоб медиҳам, лекин аввал, биёед бинем, ки дар Румиён боби 6 чӣ ошкор мешавад:

Пас чӣ гӯем? Оё дар гуноҳ бимонем, то ки файз зиёд шавад? Ба ҳеҷ ваҷҳ. Мо, ки нисбат ба гуноҳ мурдаем, чӣ гуна метавонем дар он боз зиндагӣ кунем? Оё намедонед, ки ҳамаи мо, ки дар Исои Масеҳ таъмид ёфтаем, дар мамоит Ӯ таъмид ёфтаем? (оятҳои 1-3)

Вақте ки ту сухани “таъмид ёфтед” мезонӣ,фақат дар бораи таъмиди обӣ фикр накун. Калимаи таъмид аз калимаи юнонӣ “баптизо” меояд ва маънояш “ғӯтондан, ғарк кунондан; фаро гирифтан [пур кардан]”. Бисёр вақт калимаи “баптизо” дар Навиштаҷот ба маъноми таъмиди обӣ истифода бурда мешавад. Аммо, ҳодисаҳои дигар ҳастанд, ки он ба ғӯтондан ба чизи дигар маъно дорад. Ин равшан дар Ибриён дида мешавад, ки муаллифаш дар бораи “таълимоти таъмид” (6:2) баҳс мекунад. Маълум, ки бояд аз як таъмид (ё ғӯтондан) бояд зиёдтар бошад. Мисол, таъмид бо Рӯҳи Муқаддас вуҷуд дорад (ниг. *Луқо* 3:16), таъмид ба бадани Масеҳ (ниг. 1 Қӯринтиён 12:13) ва таъмиди азобу уқубат. Исо ба Яъқуб ва Юҳанно гуфт: “Оё метавонед... таъмидеро, ки Ман меёбам, биёбед?” (Марқӯс 10:38). Исо таъмиди обиро дар назар надошт, ки онро аллакай гирифтааст, лекин дар бораи таъмиди (ғӯтондан) қурбонӣ кардани ҳаёти худ барои Подшоҳии Худо.

Акнун маънои гуногуни калимаи таъмидро дониста, он ҷои Навиштаҷотро аз нав хон ва калимаи таъмидро бо ғӯтондан иваз кун. Вақте ки мо ба Исои Масеҳ ғӯтонда шудаем, мо бо Ӯ як шудем. Исо ин якҷояшавиро бо чунин гуфта баён мекунад: "Ман дар онҳо ҳастам, ва Ту дар Ман; то ки онҳо дар ягонагӣ комил бошанд"(Юҳанно 17:23). Акнун ту ва Исо дигар ду кас не, лекин як шудед. Чӣ тавре ки навдаҳои токро аз шохааш ҷудо кардан мумкин нест, ин тавр ҳам ягонагӣ бо Масеҳ ҷудо шудан мумкин нест. Ҳоло мо барои гуноҳ мурда ҳастем, чунки мо дар Масеҳ ва табиати Ӯро дорем. Хонданродавомдеҳ:

Пас мо, дар мамоташ таъмид ёфта, бо Ӯ дафн шудаем, то ки, чунон ки Масеҳ бо ҷалоли Падар аз мурдагон эҳё шуд, онучунон мо низ дар ҳаёти нав қадамгузор шавем. (Румиён 6:4)

Мо қувват дорем, ки ба таври нав зиндагӣ кунем! Дар тарҷумаи васеъи Китоби Муқаддас қайд шудааст: "Барои он ки мо ҳам тавонем [аз рӯи одат] дар навии ҳаёт зиндагӣ карда, дар он рафтор кунем". Ин тавр дар бораи ин фикр кун. Вақте ки ту ҳаётатаро ба Исо додӣ, ту рӯҳан бо Ӯ мурдӣ, ҳамроҳи Ӯ гӯронда шудӣ ва чӣ тавре, ки Ӯ аз мурдагон бо қуввати Худо зинда шуд, маҳз ҳамон қувват табиати азнав таваллудшудаи Исоро ба ту ҷорӣ кард.

Ҳамаи ин бо қувваи мӯъҷизакори Худо иҷро шуд! Агар кӯшиш кунӣ, ки инро бо ақли табииат фаҳмӣ, инро монанди фаҳмидани он, ки чӣ тавр марду зан баъд аз оиладор шудан як тан мешаванд, душвор мешавад. Барои фаҳмиши инсониамон ин сиру асрор аст. Лекин ба ҳар ҳол ин ҳақиқӣ аст. Ту айнан "ба Масеҳ" ғӯтонда шудаӣ. Ту дигар табиати гунаҳкор не, лекин табиати Ӯро дорӣ. Барои ин мо дар навии ҳаёт зиндагӣ карда метавонем. Ба ин каломи шодиовар гӯш кун:

Инсони кӯҳнаи мо бо Ӯ маслуб шудааст, то ки ҷисми пургуноҳ ботил гардад, ва мо дигар бандагони гуноҳ набошем; чунки мурда аз гуноҳ фориғ аст. (Румиён 6:6-7)

Мо аз қуввати гуноҳ озод шудаем! Гуноҳ дигар бар мо ҳукмроннест. Мо дигар табиати гунаҳкор надорем; мо табиати Худоро дорем! (Ман бо мақсад инро бисёр такрор мекунам, ки ин аз фикр дида зиёдтар шуда, дар фаҳмиши ту устувор шавад.) Гуноҳ бар ҳаёти мо қувваташро гум кардааст!

Ҳамин тавр шумо низ худро барои гуноҳ кардан мурда, аммо барои Худо дар Худованди мо Исои Масеҳ зинда ҳисоб кунед. Пас, бигзор гуноҳ дар ҷисми мирандаи шумо ҳукмрон нашавад, то ки ба ҳавасҳои он итоат намоед; ва андоми худро ба гуноҳ насупоред, то ки олати шарорат шавад, балки худро, ҳамчун касони аз мурдагон зиндашуда, ба Худо таслим кунед ва андоми худро дар ихтиёри Худо вагузор намоед, то ки олати адолат бошад. Зеро ки гуноҳ дигар набояд бар шумо ҳукмронӣ кунад. (оятҳои 11-14)

Гуноҳ дигар хӯҷаини мо нест, чунки ба мо ҳаёти нав дода шудааст! Исо дари зиндонро кушод. Акнун мо озод шудем, ки дар ҳаёти ғайриодии Ӯ зиндагӣ кунем, чунки файз ба мо табиату қувваташро дод.

Оё ту иқтидори файзро мефаҳмӣ?

## МО БОЯД ТО ҲОЛ ХУДАМОН ИНТИХОБ КУНЕМ

Пеш аз он, ки мо дар Масеҳ будем, мо асири гуноҳ будем ва болои он қувват надоштем, лекин акнун дорем. Мо метавонем интихоб кунем ё ба гирифторшавии гуноҳ таслим шавем ё метавонем аз гуноҳ озод буда, дар файз монем. Ба ҳамин сабаб, барои масеҳӣ гуноҳ кардан ғайритабиӣ аст, лекин барои одаме, ки ҳеҷ вақт Исои Масеҳро ҳамчун Худованд қабул накардааст табиист. Масеҳиён бар гуноҳ қудрат доранд, чунки онҳо табиати Исоро доранд. Одами гунаҳкор фақат аз рӯи табиати гунаҳкораш амал мекунад. Барои ин Худо ба воситаи вакил Павлус ба масеҳиён мегӯяд:

Пас чи кунем? Оё гуноҳ кардан гирем ба он сабаб ки тобеи

шариат не, балки тобеи файз ҳастем? Ба ҳеҷ ваҷҳ. Оё намедонед, ки ба ҳар кӣ шумо худро чун бандагон барои итоат таслим кунед, бандагони ҳамон кас гардида, ба вай мутеъ мешавед, хоҳ гуноҳе барои мамот бошад, хоҳ итоате барои адолат? (Румиён 6:15-16)

Худо туро аз гуноҳ озод кард на барои он, ки ту гуноҳ карданро давом кунӣ ва аз нав бахшида шавӣ—бе он, ки оқибати онро даравӣ. Не, ҳазор бор не! Худо туро аз гуноҳ озод кард, ки ту дар ҳақиқат аз он озод бошӣ ва дар мисли Исо дар муқаддасии ҳақиқӣ гардӣ.

Мақсади асосии имондоргуноҳ накардан нест. Лекин, агар мо гуноҳ кунем (диққат деҳ, ки ман "агар" гуфтам, на "вақте ки"), мо бавоситаи файзи Ӯ бахшиш меёбем.Юҳанно менависад: "Эй фарзандонам! Инро ба шумо менависам, то ки шумо гуноҳ накунед; ва агар касе гуноҳ кунад, мо ба ҳузури Падар Шафоатгаре дорем, ки Исои Масеҳи Одил аст" (1 Юҳанно 2:1). Оё гапашро хондӣ: "ки шумо гуноҳ накунед"? Аз ин равшантар гуфтан намешавад.

Пеш аз он, ки ту аз нав таваллуд шудӣ, шояд ту ҳадаф доштӣ, ки гуноҳ накунӣ, лекин ин ғайриимкон мешуд, чунки гуноҳ худи табиататро муайян мекард. Акнун ту хислату табиати Ӯро гирифта, қувват дорӣ, ки аз гуноҳ озод шуда, зиндагӣ кунӣ. Аммо, агар гуноҳ карданро интихоб кунӣ, ту оқибаташро медаравӣ ва озодиатро аз даст медиҳӣ. Бори дигар ба гапи Павлус барои масеҳиён гӯш кун:

Оё намедонед, ки ба ҳар ки шумо худро чун бандагон барои итоат таслим кунед, бандагони ҳамон кас гардидагардида, ба вай мутеъ мешавед, хоҳ гуноҳе барои мамот бошад, хоҳ итоате барои адолат? Аммо, Худоро шукр, ки агарчи пештар бандагони гуноҳ будед, ҳоло аз самими қалб ба ҳамон тарзи таълим мутеъ шудаед, ки худро ба он таслим кардаед. Ва аз гуноҳ фориғ шуда, бандагони адолат гардидаед. (Румиён 6:16-

18)

Файз моро қувват мебахшад, ки мо ба Худо писанд оем ва ҳаёти ғайриоддӣ дошта бошем! Вале, лекин агар мо интихоб кунем, ки дар табиати нави худ нагардем, ва гаштаю баргашта ба гуноҳ таслим шавем, пас мо озодии худро аз даст дода, боз асир мегардем. Яъне дар ҳақиқат мо файзи Худоро беҳуда қабул кардаем. Павлус хоҳиш мекард: "Мо, ки мададгорони Ӯ ҳастем, аз шумо илтимос мекунем, ки файзи Худоро бефоида қабул накунед" (2 Қӯринтиён 6:1). Чизеро беҳуда гирифтан маъно дорад, ки ту иқтидори пурраи онро истифода намебарӣ. Агар файз фақат баҳона мешуд, пас гапи Павлус тамоман бемаънӣ мешуд. Лекин, вақте ки мо файзро дуруст, чӣ тавре ки он аст мефаҳмем—яъне қуввати сазоворнашудаи Худо, ки ба мо қобилият медиҳад, то талаботи ростиро риоя кунем—пас мо фаҳмида метавонем, ки файз ягон натиҷа ё мева намебиёрад, агар беҳуда қабул шуда бошад.

Боз такрор мекунам, ки Павлус ба Румиён чунин гуфтааст: "Оё намедонед, ки ба ҳар ки шумо худро чун бандагон барои итоат таслим кунед, бандагони ҳамон кас гардида гардида, ба вай мутеъ мешавед, хоҳ гуноҳе барои мамот бошад, хоҳ итоате барои адолат?" (6:16). Ин барои масеҳиён каломи бисёр сахт аст. Оё эҳтимолият ҳаст, ки вай ин ҷумларо аз будаш зиёдтар кард? Албатта не, зеро нигоҳ кун, ки поёнтар дар ҳамон нома чӣ менависад:

Пас, эй бародарон... агар шумо ба ҳасби ҷисм зиндагӣ кунед, албатта хоҳед мурд. (Румиён 8:12-13)

Инчунин, шубҳа нест, ки вай ба масеҳиён менависад (ба калимаи "бародарон"нигоҳ кунед). Пас Павлус бо "хоҳед мурд" чиро дар назар дорад? Ман инро дертар дида мебароям, лекин ҳоло биёед дар ёд дошта бошем, ки мувофиқи он чизе, ки мо ҳоло хондем, мо метавонем пас ба ғуломии гуноҳ афтем. Кӣ инро мехоҳад?

# ТАВБАКУНӢ

Шояд ба ин нуқта расида, ту тарс пайдо кардӣ ва ба худ мегӯӣ: “Аҳ, аҳ, лекин ман инро мекардам! Ман такроран гуноҳ мекардам!” Дар бораи он хабари хуш, ки дар боби гузашта хондем, ба ёд овар: “Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд” (1 Юҳанно 1:9). Гуноҳро эътироф кардан маъно надорад, ки мо ҳамту бо дудилагӣ пичиррос мекунем: “Ман гуноҳ кардам. Ман афсӯс мехӯрам. Илтимос, маро бубахш”. Не, агар ту Навиштаҷотро дида барой, ту мефаҳмӣ, ки роҳи дигар ҳаст—тавбакунӣ.

Тавбакунӣ дар Аҳди Нав аз тавбакунӣ дар Аҳди Қадим фарқ дорад. Дар Аҳди Қадим одамон барои нишон додани самимияти худ либоси ҷиғда-ҷиғда пӯшида, болои сарашон хокистар мепошидан. Яъне аз барои сахт будани дилашон ин шакли берунаи фурӯтаншавӣ буд. Тавба дар Аҳди Нав ростиро дар назар дорад ва тағироти пурраи ақлу дилро маъно дорад. Яъне вақте ки мо чуқур афсӯс мехӯрем, ки дили Худоро ранҷондем,ва акнун худро мебахшем, ки хости Ӯро дар ин соҳа иҷро кунем.

Барои Павлус лозим шуд, ки имондорони шаҳри Қӯринтросахт ислоҳ кунад ва бо ин дили онҳоро бисёр ғамгин кард. Вайдарбораиномаипештараашчунининнавишт:

Алҳол ман шодам на аз он, ки шумо ғамгин шудаед, балки аз он ки ғами шумо боиси тавба гардидааст. (2 Қӯринтиён 7:9)

Павлус бисёр ҷиддӣ буд ва намонд, ки хатоҳои онҳоро ислоҳ нашуда монанд. Аммо, диққат деҳ, ки ғами чуқурашон онҳоро барои дигаргун кардани роҳҳояшон водор кард. Ин тавбакунии ҳақиқӣ буд—дилашон тағир ёфт ва қарор карданд, ки дигар хоҳишҳои ҷисмашонро иҷро накунанд, лекин табиати

нави худро дар Исои Масеҳ пайравӣ кунанд. Акнун гӯш кун, ки Павлус ба ин имондорон боз чӣ мегӯяд:

Зеро ки ғами шумо аз тарафи Худо буд... Зеро ғаме ки Худо додааст, тавбаро дар роҳи наҷот ба амал меоавард, ки аз он пушаймонӣ нест, лекин ғами дунёвӣ мамотро ба амал меоварад. (оятҳои 9-10)

Диққат деҳ, ки Павлус чунин мегӯяд: "Ғам бе тавбакунӣ ба марг меоварад". Бори дигар вай бо масеҳиёне,ки табиати даруниашонро пайравӣ накарда, ба ҷисми худ таслим шуданд, гап зада, калимаи "марг" истифода мебарад.

Павлус қайд мекунад, ки баъд аз эътирофии самимии гуноҳ, дигар қисми зарурӣ барои имондоре, ки мехоҳадозод шавад баъд аз баргаштан ба ғуломии гуноҳ ин тавбакунӣ аст—тағироти ҳақиқии дил.

Шояд ту савол дорӣ, ки агар вай ба масеҳиён гап мезанад, чаро Павлус мегӯяд: "Худо метавонад ғаму ғуссаро истифода бурда, ба мо ёрдам мекунад, ки аз гуноҳ рӯй гардонем ва наҷотро ҷӯем". Калимаи "наҷот" дар ин порча "аз нав таваллуд шудан" маъно надорад. Калимаи юнонӣ, ки дар ин ҷо истифода мешаванд,"сотериа" аст, ки чунин маънидод мешавад "раҳоӣ, халосӣ, бехатарӣ ва саломатӣ". Биёед ба маънои "раҳоӣ" диққат медиҳем ва фаҳмо мешавад, ки ҳангоме Павлус ба ин масеҳиён менавишт, ба онҳо нагуфт, ки онҳо роҳи нав ба осмон пайдо карданд. Вай ба онҳо гуфт, ки ғаму ғуссаи чуқурашон ба тавбакунии ҳақиқӣ овард (дигаргунии ақлу дил), ки онҳоро аз асирии гуноҳ раҳоӣ кард.

Барои озод шудани имондор аз қудрати гуноҳ ҳам эътирофи гуноҳ, ҳам тавбакунӣ зарур аст.

## МАРҲАМАТ ВА ФАЙЗ

Муаллифи Масалҳо инро тасдиқ мекунад:

Касе ки ҷиноятҳои худро пинҳон дорад, муваффақият намеёбад; вале касе ки иқрор шавад ва онҳоро тарк кунад, сазовори раҳм мегардад. (Масалҳо 28:13)

Бори дигар мо мебинем, ки ин на фақат эътироф кардани гуноҳ, лекин эътирофи гуноҳ бо мондани он (тавбаи ҳақиқӣ), ки комиёбӣ ва озодӣ мебиёрад.

Диққат деҳ, ки калимаи марҳамат, на файз истифода мешавад. Фарқиятимаъноро байни ин ду калима фаҳмондан осон аст:

Файз ин вақте ки мо чизҳои сазоворнашударо мегирем. Марҳамат ин вақте ки мо ҷазои сазоворшударо намегирем.

Марҳамат намудор мешавад, вақте ки ҷазо барои гуноҳамон бар мо намеояд. Аз дигар тараф файз ин қуввати сазоворнашуда, ки ба мо мегузарад ва моро аз зулми гуноҳ озод мекунад.

Мисоли нағзи ин дар Инҷил ин зане, ки барои зиноаш дастгир шуд. Одамони диндор ӯро ба назди Исо, ба ҷои кушоди майдони маъбад оварданд, ки Ӯро дар пеши мардум ба ҳолати ноилоҷ гузоранд. Дар шариат гуфта шудааст, ки вай бояд сангсор шавад. Онҳо медонистанд, ки Исо дар бораи бахшиш таълим медод ва умед доштанд, ки дар таълимоташ ягон айб ёбанд.

Исо гуфт: “Он ки аз шумо бегнуҳо аст, аввалин касе бошад, ки ба вай санг андозад”(Юҳанно 8:7). Аҳ, ман бисёр сахт мехоҳам, ки дар он ҷо бошам ва нигоҳ кунам чӣ тавр ин одамон як ба як оҳиста аз калонсолон сар карда, мерафтанд то даме, ки Исо бо ин зан танҳо монд.

“Даъваогарони ту куҷо шуданд? Оё касе туро маҳкум накард?”Исо пурсид.

“Ҳеҷ касе, эй оғо!” - вай ҷавоб дод.

Чаро вай Исоро “Оғо” номид? Ман шахсан фикр дорам,

вақте ки Исо пеши вай истод ва чашмони Худои офарандаро дар ҷисм дид, дилаш бисёр таъсир ёфт ва ба Ӯ имон овард.

Исо гуфт:"Ман низ туро маҳкум намекунам; бирав ва дигар гуноҳ накун." (оятҳои 10-11).

Барои он ки Исо бе гуноҳ буд, Вай қудрат дошт, ки ӯро маҳкум кунад ва сангсор карда, ҷазоашро диҳад. Лекин марҳамат бартарӣ кард: "Ман низ туро маҳкум намекунам".

Пас Исо гуфт: "Бирав ва дигар гуноҳ накун"(ояти 11). Бо ин сухани охиринаш файзашро ба ӯ бахшид ва акнун вай қувват дошт. Чунки навишта шудааст: "Зеро ки назди Худо ҳеҷ каломе бе оқибат намемонад" (Луқо 1:37). Суханаш: "Бирав ва дигар гуноҳ накун" бо худ барои иҷро кардани он қувват дарбар дошт. Каломи Исо ба вай қобилият дод, ки аҳкомамро риоя кунад. Файз ба вай чизи сазоворнашударо дод.

Бори дигар такрор мекунам, ки файз ин гирифтани чизи сазоворнашуда, ва марҳамат бошад ин вақте, ки мо ҷаҳои сазоворшударо намегирем. Бисёр масеҳиён ин ду калимаро омехта мекунанд ва ба ҳар дуаш як маъно медиҳанд. Оё ман ба маъои калима хурдагирӣ мекунам ё ин фақат сафсатагӯӣ аст? Не тамоман не. Мо метавонем дар бораи ин чунин фикр кунем: гумон кунед, ки шумо ҳам футбол, ҳам баскетболро бо қоидаҳои футбол бозӣ мекунед. Бозии футбол нағз меравад, лекин бозии баскетбол сифати худро гум мекард ва ба бисёр захмҳои меовард. Мо қуввати хоси файзро аз даст додем, чунки ин қадар бисёр имондорон онро бо марҳамат омехта карданд. Ба ғайр аз ин бо бисёр захм гирифтем, чунки файз бо қоидаҳои марҳамат бозӣ мекардем.

Ба ҳамин сабаб, муаллифони Аҳди Нав бисёр вақт номаҳои худро чунин сар мекунанд: "файз, марҳамат ва осоиштагӣ аз ҷониби Худои Падар ва Худованди мо Исои Масеҳ бод...". (ниг. 1 Тимотиюс 1:2; 2 Тимотиюс 1:2; Титус 1:4; 2 Юҳанно 1:3).

Ин муаллифон ва дигарон файзро аз марҳамата фарқ

мекунанд, ки ин ростии аҷиб гум нашавад. Ин тавр мо метавонем ба тарзи қаввӣ зиндагӣ кунем ва аз маҳкумият озод бошем. Файз ба мо барои зиндагӣ қувват мебахшад ва марҳамат моро аз айб, маҳкумият ва шарм, ки мехоҳанд моро боз зери ҳукмронии гуноҳ баргардонад, озод нигоҳ медорад.

Биёед инро дар асоси Навиштаҷот тасдиқ мекунем. Оиди марҳаматИсо гуфт: “Ва агар медонистед, ки “марҳамат мехоҳам, на қурбонӣ” чӣ маъно дорад, бегуноҳонро мазаммат намекардед” (Матто 12:7). Ту пайхас карда метавонӣ, ки марҳамат моро аз маҳкумият озод мекунад ва виҷдонамонро аз ҷаҳои сазоворшудаамон пок нигоҳ медорад. Ба мо гуфта шудааст: “Пас, ҳеҷ маҳкумияте нест барои онҳое, ки дар Исои Масеҳ ҳастанд” (Румиён 8:1). Чӣ қадар Худо ба мо марҳамати аҷибнишон дод! Аз дигар тараф, нигоҳ кун чӣ тавр файз фарқ дорад:

Бинобар ин бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем, то ки марҳамат ба даст оварем [барои нокомиҳои мо] ва барои мадади саридарвақт файз ёбем. (Ибриён 4:16)

Марҳамат аз барои нокомиҳо ва гуноҳҳоамон, ки мо барояшон тавба кардем, дода мешавад. Лекин, файз барои кӯмак ва бахшидани қувват дода мешавад. Чӣ қадар Падарамонба мо наҷоти бузург додааст—наҷоти пурра, ки ҳеҷ камие надорад!

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Бо сухани худ фарқиятро байни марҳамату файз баён кун.

“Барои озод кардани имондор аз ҳукмронии гуноҳ ҳам эътироф, ҳам тавба лозим аст”. Оё ту дар ягон соҳаҳои ҳаётат мубориза мебарӣ, ки он эътирофи самимӣ ва инчунин тавбакунӣ бо ғами дурусту дил тағирдиҳандаро талаб мекунад?

# 9
# Муқаддасӣ

Маҳз файзи Худо ҳамаи гуноҳҳои моро мебахшад, моро аз марги абадӣ наҷот медиҳад, ба мо мерос дар осмон медиҳад, моро бо Масеҳ як мекунад, табиати Ӯро ба мо медиҳад, Рӯҳашро ба мо мебахшад ва моро бо ҳар баракати рӯҳонӣ баракат медиҳад:

Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки моро бо ҳар баракати рӯҳоние, ки дар афлок аст, дар Масеҳ баракат додааст.... Барои ҳамду санои ҷалоли файзи Худ, ки ба мо дар Маҳбуби Худ бо саховатмандӣ бахшидааст.(Эфсӯсиён 1:3, 6)

Ҳар баракат натиҷаи ҳусни таваҷҷӯҳи сазоворнашудаи Ӯст—ҷалоли файзи Ӯ. Наҷоти мо комилан пурра аст! Исо ягон корро накарда намонд.

Фаҳмост, ки файз ин тӯҳфаи сазоворнашудаи Худо аст, ки аз муҳаббату ҳусни таваҷҷӯҳи Ӯ бармеоянд. Нашрҳои зиёдро дар бораи ин навиштан мумкин аст, лекин ин китоб дар бораи қуввати файз аст. Биёед зиёдтар омӯзем.

# МУҚАДДАСӢ МУҲИМ АСТ

Яке аз меваҳои файз муқаддасӣ аст, ки имрӯзҳо дар калисоҳои мо бисёр мавъиза карда намешавад. Ба фикрам ду сабаби ин аст. Якум, фикр дорам ин айби мавъизачиён бо ниятҳои пасту шариатпараст, ки ба бисёр имондороне, ки самимона мехостанд ба Худо писанд оянд, зарар расонданд. Ин диндорон муқаддасиро то ба тарзи зиндагии ақибмонда паст заданд ва хурсандии ҳаётро нест карданд. Ин албатта аз хоҳиши дили Худо дур аст. Хушбахтона, ки бисёр касон аз ин зулмот озод шуданд, лекин оқибатҳояш монд. Яке аз натиҷаи аз ҳама вайронкунанда он аст, ки онҳо калимаи муқаддасӣ шунида, банохост худро ба ақиб мекашанд.

Зарбулмасали "Ба шир сӯхтӣ, ба об пуф кун" нишон медиҳад, ки агар одамро чизе сӯзонад, онҳо аз ҳар чизе метарсанд, ки ҳатто каме ба чизи, ки онҳоро сӯзонид, монанд бошад. Чӣ қадар фоҷианок, лекин маҳз ин бо имондорони зиёде рӯй дод, ки "муқаддасии" шариатпараст онҳоро сӯзонид. Акнун онҳо аз муқаддасии ҳақиқӣ метарсанд, ки хеле фоиданок аст.

Дуюм, аз тарафи дигар муқаддасии ҳақиқӣ аз мо ҷидду ҷаҳд металабад, ки бисёр касон кардан намехоҳанд. Барои он, ки файзи Худо дар ҳаёти мо меваи муқаддасӣ биёрад, мо бояд бо он ҳамкорӣ кунем, бинобар ин бисёр хизматгорон ноҳоҳ ё бо мақсад дар бораи ин мавъиза намекунанд, ки дилкашии Хушхабар барои одамон кам нашавад. Бисёр одамон дар ғарб мехоҳанд назар ба Инҷили ҳақиқӣ Инҷили осон дошта бошанд, ки ягон меҳнат талаб намекунад. Биёед росташиро мегӯем: мо беғамона ба зиндагии Масеҳ монанд сафар карда, дохил намешавем. Павлус мегӯяд: "Мо бояд бо мусибатҳои бисёр дохили Малакути Худо гардем"(Аъмол 14:22).

Муқаддасии ҳақиқӣ мавзӯъи бисёр ҷалбкунанда ва муҳим мебошад. Исо барои гирифтани калисои чиркиншуда, ки мисли ин ҷаҳон зиндагӣ мекунад, барнамегардад, лекин

барои гирифтани калисое,"ки на доғе дошта бошад, на нуқсоне, на чизе монанди ин". Калисои "муқаддас ва беайб" бошад(Эфсӯсиён 5:27). Пас агар Исо барои гирифтани калисои муқаддас бармегардад, ман ҳатман мехоҳам дар бораи муқаддасӣ ҳама чизро донам.

Бағайр аз ин, ба мо гуфта шудааст, ки бе муқаддасӣ ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид (ниг. Ибриён 12:14). Чаро муқаддасӣ ин қадар муҳим аст, на фақат дар ҳаёти осмонии меомадагӣ, лекин дар ин ҳаёт ҳам? Яке аз ваъдаҳои дӯстдоштаи ман дар Навиштаҷот он аст, ки Худо мегӯяд ки ғолибон "рӯи Ӯро хоҳанд дид" (ниг. Ваҳӣ 22:4-5). Чӣ қадар ҳайратангез! Он чизе, ки Худо барои Мусо рад кард, мо имтиёз дошта, пеши тахти Ӯ мебинем.

Оиди ҳаёти заминиамон вақте ки мо ба Исои Масеҳ нигоҳ мекунем, мо ба сурати Ӯ аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем (ниг. 2 Қӯринтиён 3:18). Агар мо ҳоло Ӯро дар диламон набинем, мо ба сурати Ӯ табдил намеёбем ва дар асл бо зиёд шудани донишамон зиёдтар диндор мешавем. Донишро бе табдилёбӣ пайдо кардан хатарнок аст. Ман намехоҳам дар ин иштирок кунам.

## ПОКИИ АЛОҚАИ ҶИНСӣ

Ба насиҳати ҷиддии Павлус гӯш кун:

Ва боз, эй бародарон, аз шумо дар Исои Масеҳ хоҳиш ва илтимос мекунем, ки чӣ тарзе ки аз мо пазируфтаед, ки чӣ гуна бояд рафтор кунед ва дар назари Худо писанд оед, ба ҳамон тарз боз ҳам зиёдтар муваффақият ба даст оваред; зеро медонед, ки чӣ гуна аҳкоме аз ҷониби Исои Худованд ба шумо додаем. Зеро иродаи Худост, ки шумо пок бошед ва аз зино парҳез кунед.(1 Таслӯникиён 4:1 -3)

Вақте ки мо ба таври муқаддас зиндагӣ мекунем, махсус дар соҳаи алоқаи ҷинсӣ, ин ба Худо писанд аст. Ин соҳае мебошад,

ки агар дар дарун мушкилии чуқур бошад, он ба берун кафида, мебарояд. Агар ту ба даруни дили масеҳӣ нигоҳ кунӣ, киғуломи зино, фисқ, алоқаи ҷинсии гомосексуалӣ, порнография ё дигар нопокии шаҳвонӣ шуд, ту ҳатман як мушкилии чуқуртарро меёбӣ. Ин метавонад ғурур, исён, хоҳиши қудрат, хафагӣ, ҳасад ё ягон гуноҳи дигар бошад. Лекин чизе, ки набошад, решааш ҳама вақт дар камии тарси ҳақиқии Худованд ҳаст.

Ба он нигоҳ накарда, ки покии алоқаи ҷинсӣ ин тасвири пурраи муқаддасӣ нест, лекин нопокӣ дар соҳаи алоқаи ҷинсӣ албатта ба камии муқаддасӣ нишон медиҳад. Ба ҳамин сабаб Павлус қайд мекунад, ки покии алоқаи ҷинсӣ бояд дар мо зиёдтару зиёдтар шавад. Мо бояд аз ҳама шаклҳои нопокӣ дар соҳаи алоқаи ҷинсӣ дур шавем ва ҳатто ба ҳар чизе, ки каме ба он монанд бошад, наздки нашавем. Дарҳақиқат, ин гуна нопокӣ ин қадар ҷиддӣ, ки Павлус ба Румиён навишт: "аз ҳар гуна кизб, зино...пур ҳастанд...[ва] доварии Худоро медонанд, ки кунандагони чунин корҳо сазовори марганд, бо вуҷуди ин на фақат худашон ин корҳоро мекунанд, балки кунандагони дигарро низ таҳсин менамоянд" (1:29, 32). Ин огоҳии ҷиддӣ на фақат барои касоне, ки таври шаҳвонӣ рафтор мекунанд, лекин инчунин барои касоне, ки бо он розӣ ҳастанд!

Пешвоён бояд инро дар ёд дошта бошанд, ҳангоме ки қабул кардани қарор, таҳия кардани қонунгузорӣ ё дигар дастур, чунки онҳо мардумро роҳбарӣ мекунанд: чунки маъқул донистан, розӣ шудан ё ба назар нагирифтани бадахлоқӣ ин барои Худо озори ғамгиновар аст (ниг. 1 Подшоҳон 3; 1 Қӯринтиён 5). Аз дигар ҷиҳат, пешвоён бояд тех бубахшанд ва босабр бошанд, ки он касоне, ки барои нопокӣ самимона тавба карданд, барқарор шаванд.

Ин гуноҳи ҷиддӣ аст, агар имондор зидди табиати Масеҳ додагӣ равад ва ғуломи нопокии алоқаи ҷинсӣ шавад. Павлус дар бораи ин зиёдтар дар номаи худ ба Таслӯникиён гуфта,

қайд мекунад, ки Худо барои масеҳиёне, ки дар нопокии алоқаи ҷинсӣ зиндагӣ мекунанд, чӣ кор мекунад:

Зеро иродаи Худост, ки шумо пок бошед ва аз зино парҳез кунед... Чунки Худованд барои ҳамаи ин корҳо интиқом мегирад, чунон ки пештар низ ба шумо гуфтем ва шаҳодат додем. Зеро ки Худо моро на ба нопокӣ, балки ба қудсият даъват кардааст. Бинобарин, ҳаркӣсаркашӣмекунад, набаодамизод, балкибаХудосаркашӣмекунад. (1 Таслӯникиён 4:3, 6-8)

Чаро мо ба ин огоҳии ҷиддӣ аз саҳнаи худ диққати махсус намедиҳем? Ман дӯсте дорам, ки дар калисои калон, ки зиёда аз 250 калисоҳои дигар дар тамоми дунё кушод, ҳамчун пастор хизмат мекунад. Вақте ки ман ин китобро менавиштам, мо ҳамроҳи вай хӯрок мехурдем ва муҳокима мекардем чӣ тавр калисои имрӯза аз покии алоқаи ҷинсӣ дур рафт. Вай дар бораи якчанд ҳолатҳои бадкирдорӣ нақл кард, ки вай ва пешвоёни калисоаш ҳал мекарданд, валекин як ҳодиса махсус буд. Ба наздикӣ зани пастор конфронси занона дар калисоаш гузаронд ва дар он конфронс дар бораи муносибати зану шавҳар мавъиза мекард. Баъд аз ҷамъомад як иштирокчии конфронс баромада, самимона гуфт: “Маъшуқам дар вақти охир бо ман ҳамбистар нашуд. Баъд аз он, ки мавъизаи шуморо гӯш кардам, фаҳмидам, ки дар муносибатамон чӣ кор нодуруст кардам. Ман чизҳои даркориро тағир медиҳам ва боварӣ дорам, ки вай боз хоҳиш пайдо мекунад, ки бо ман ҳамбистар шавад. Ман ба Худо барои мавъизаи шумо миннатдорам!”

Ин зани“масеҳӣ” гумон кард, ки ин таълимот ба муносибати ғайриқонуниаш бо маъшуқаш дахл дорад. Лекин вай барои гуноҳи зинокориаш фош нашуд, чунки вай фикр кард, ки ин рафтораш аз ҷиҳати иҷтимоӣ дуруст буд.

Ҳодисаи монанди ин бо зани хизматгори дигар рӯй дод, ки ман мешиносам. Вай ба хонаи як зан омад, ки бовафо ба яке аз калисоҳои Инҷил дар штати худ мерафт. Вақте ки онҳо

ба хонаи хоб даромаданд, ин зан ба шиносам ҷевони либоси худ ва маъшукашро нишон дод. Вақте ки маълумот дар бораи зиндагиаш маълум шуд, вай тамоман намуди шармгин надошт. Ба ғайр аз ин инчунин гуфт чӣ қадар ёд кард, ки назди маъшуқаш хо бравад, вақте ки ӯ ба сафари хизматӣ рафт. Барои вай оиладор набуда, лекин ҳамроҳ зиндагӣ кардан чизи нодуруст набуд. Ҳар дуи онҳо ба ин калисои калони Инҷил солҳои зиёд мерафтанд ва аз барои нопокии алоқаи ҷинсиашон маҳкумиятро ҳис накарданд. Пас дар ин калисои машҳур чӣ таълим медиҳанд?

Якчанд мисоли он ҳаст, ки хизматгорон ҳаёти нопок дар соҳаи алоқаи ҷинсӣ доштанд. Нопокии онҳо бисёр вақт на фақат ба оилаи онҳо ва шахсе, ки бо вай зино карданд таъсир мерасонад ва дар натиҷа аз Худо дур шуданд ё рӯҳан хунук шуданд. Ба ин сабаб Павлус дар он ҷои Навиштаҷот боз қайд мекунад: "Ва касе дар ҳеҷ бобат ба бародари худ таҷовуз ё суиистифода накунад, чунки Худованд барои ҳамаи ин корҳои интиқом мегирад" (1 Таслӯникиён 4:6).

Мо аз дили Худо аз барои таъсири ҷамъиятамон хеле дур шудем. Дар соҳаҳои бисёр калисо зери таъсири ҷамъият афтод ба ҷои он, ки даъвати худро иҷро кунад—ба ҷамъият таъсир расонад. Дар ин калисоҳо Хушхалаби нопурра дар бораи бахшиш ва мероси осмонӣ мавъиза карда мешавад ба ҷои мавъиза кардани Хушхабари пурра, ки мо инчунин аз қуввати гуноҳ ҳам озод шудаем. Аз барои ин мо ба осонӣ ба ин ҷаҳон ҳамшакл мешавем, ки барои ин ҷаҳон дуруст аст, агар марду зан бе оиладор шудан ҳамроҳ зиндагӣ кунанд, берун аз оилаи худ ё бо одамони як ҷинс алоқаи ҷинсӣ дошта бошанд, ба ҳар сабаб ба ғайр аз бевафоӣ ҷудо шаванд ва аз нав оиладор шаванд. Ва ин амалҳо дар байни масеҳиён оддӣ мешавад, чунки калисо эълон накард, ки Исо моро озод кард.

Павлус ба калисо дар Қӯринт огоҳии ҷиддӣ навишт,

ки аз ҷиҳати бисёр ба калисо имрӯза дар ғарб монанд аст. Баъзе аъзоёни он калисо дар нопокии алоқаи ҷинсӣ зиндагӣ мекарданд ва Павлус ин масъаларо ҳал кард. Аввал вай гуфт, ки исроилиҳое, ки Мусо пайравӣ мекарданд, ба масеҳиёни Аҳди Нав монанд буданд. Вабаъдонҳороогоҳкард:

Лекин бар аксари онҳо ҳусни таваҷҷӯҳи Худо набуд; зеро ки онҳо дар биёбон ба ҳалокат расиданд. Ба инҳо барои мо тимсоле буданд, то ки мо бадиро орзу накунем, чунон ки онҳо орзу мекарданд.

Ҳамчунин, монанди баъзеи онҳо, бутпараст набошед, чунон ки навишта шудааст: "Қавм ба хӯрдану нӯшидан нишастанд, ба барои рақсу бозӣ бархостанд". Зинокорӣ накунем, чунон ки баъзеи онҳо зинокорӣ карданд, ва дар як рӯз бисту се ҳазор нафарашон нобуд шуданд. Масеҳро наозмоем, чунон ки баъзеи онҳо озмуданд ва аз неши морҳо ба ҳалокат расиданд. Шиква накунед, чунон ки баъзеи онҳо шиква карданд ва аз дасти қиркунанда нобуд шуданд.

Ҳамаи ин ба онҳо чун тимсоле рӯй дод, ва барои тарбияти мо навшита шуд, ки охирзамон насиби мо гардидааст. Бинобар ин ҳар кӣ гумон мекунад, ки рост истодааст, эҳтиёт кунад, ки наафтад. (1 Қӯринтиён 10:5-12)

Бо ин каломе, ки маънояш хеле чуқур аст, ман мехоҳам қайд кунам, ки ба Худо нопокии онҳо дар соҳаи алоқаи ҷинсӣ маъқул набуд. Бисту се ҳазор одам дар як рӯз мурданд—ин аҳолии шаҳри майда. Ин огоҳӣ дар бораи хатар аст, ки мо монанди онҳо наафтем. Ба файз нигоҳ накарда, мо зидди афтодан кафолат надорем ва Исо гуфт, ки мо бояд дар сатҳи баландтар зиндагӣ кунем (Матто боби 5-ро ба ёд биёр). Чаро мо қуввати файзи ҳақиқиробекор кардем, чунки боз ба ин гуна рафтор баргаштем? Мо аз он ростӣ бехабар мондем, ки файз ба мо қувват бахшид на барои он, ки мо дар дил, ақл ё танамон нопок бошем. Мо бояд фақат бо табияти нави худ ҳамкорӣ

кунем.

Вакилони аввал дар якҷоягӣ ба ҳама имондорон дар бораи чор чиз оиди парҳезгорӣ навиштанд, ки онҳо бояд диққати махсус диҳанд. Се аз чор ба масъалаҳое, ки дар шариати Мусо манъ шуда буданд, дахл доштанд; лекин, онҳо як чизи дигар илова карданд, ки ҳам ба яҳудиён, ҳам ба ғайрияҳудиён дахл дошт. Дар мактуби худ вакилон гуфтанд: "Зероки Рӯҳи Муқаддас ва мо савоб дидем, ки ба зиммаи шумо боре нагузорем, ҷуз воҷиботи зерин: аз қурбониҳои бутҳо, аз хун, аз гӯшти ҳайвоноти буғишуда ва аз зино парҳез кунед; ҳар гоҳ аз ин чизҳои худро нигоҳ доред, кори хубе мекунед." (Аъмол 15:28-29). Чӣ қадар ҳайратовар, ки онҳо дуздӣ, дурӯғ, одамкушӣ, ҳасад ё дигар ин гуна чизҳое, ки дар шариат омадаанд, нагуфтанд. Онҳо махсус нопокиро дар соҳаи алоқаи ҷинсӣ қайд карданд.

## МУҚАДДАС БОШЕД, ЧӢ ТАВРЕ КИ ХУДО МУҚАДДАС АСТ

Акнун гапи Петрусро бодиққат хонда, дар хотир дор, ки вай инро фақат ба масеҳиён мегӯяд, на ба тамоми одамизод:

Бинобар ин, камари ақли худро маҳкам баста ва хушёр шуда, ба файзе ки дар вақти зуҳури Исои Масеҳ ба шумо ато хоҳад шуд, комилан умедвор бошед. Ҳамчун бачагони фармонбардор, ба ҳавасҳои пештарае, ки дар вақти нодонии худ доштед, мувофиқат накунед, балки, чунон ки Даъваткунандаи шумо муқаддас аст, худатон низ дар тамоми рафторатон муқададс бошед, зеро ки навишта шудааст: "Муқаддас бошед, чунки Ман муқаддас ҳастам". Ва агар шумо Ӯро Падар мехонед, ки бе рӯйбинӣ ҳар касро аз рӯи аъмолаш доварӣ мекунад, пас замони ғурбати худро бохудотарсӣ бигзаронед. (1 Петрус 1:13-17)

Ба гапи ӯ гӯш кун—шумо бояд дар ҳар амали худ муқаддас бошед, монанди он ки Худо муқаддас аст. Бори дигар, ин гуфтаи

“шояд” нест, ин гуфтаи “бояд” мебошад. Мо бояд муқаддас бошем монанди он, ки Худо муқаддас аст. Дар ин масъала мо интихоб надорем ва аз рӯи гапи Петрус мо дар асосӣ ин аҳком ё ҷазо мегирем, ё мукофотонида мешавем. Ба ғайр аз ин, чунон ки Исо қайд намудааст, мо бояд комил бошем, чӣ тавре ки Падари мо комил аст.

Биёед ба калимаи “муқаддасӣ” нигоҳ кунем. Ин аз калимаи юнонӣ “ҳагиос” меояд. Барои маънидод кардани муқаддасӣ чунин калимаҳо истифода бурда мешавад: ҷудо шуда, соф шуда ва бахшида шуда, инчунин пок ва ахлоқан беайб. Сифатҳои асосии муқаддасӣ ин ҷудокунӣ, тақдисшавӣ ва бахшидашавӣ ба хизмати Худо, шарикӣ дар покии Худо ва канорагирӣ аз ифлосии ҷаҳонӣ.

Дар Аҳди Қадимхалқи Худо бояд айнан ҳамчун халқ аз дигарон ҷудо бошанд. Яҳудиён иҷозат надоштанд, ки бо ғайрияҳудиён дар ягон соҳаи ҳаёташон рафту омад дошта бошанд. Лекин, дар Аҳди Нав мо, имондорон,бояд худро аз бадӣ ҷудо кунем, лекин дар байни одамон зиндагӣ карда, бо одамоне, ки бо Худо муносибат надорад, рафту омад дошта бошем. Мо бояд ба ин ҷаҳон ҳамчун нур равем, лекин аз тарафи ин ҷаҳон ифлос шавем. Мо набояд ба роҳҳои ин ҷаҳон ҳамшакл шавем, лекин дар сатҳи баландтар—вагарна мо дигар нур намешавем.

Худо мегӯяд: “Зеро ки фикрҳои Ман фикрҳои шумо нест, ва роҳҳои шумо роҳҳои Ман нест, - мегӯяд Худованд. Зеро, чунон ки осмон аз замин баланд аст,ончунон роҳҳои Ман аз роҳҳои шумо, ва фикрҳои Ман аз фиркҳои шумо баланд аст” (Ишаъё 55:8-9). Вақте ки Худо мегӯяд: “Муқаддас бошед, чунки Ман муқаддасҳастам”, дар ҳақиқат Вай чунин мегӯяд: “Ман монанди шумо фикр намекунам, гап намезанам ва зиндагӣ намекунам, бароин ин ба сатҳи зиндагии Ман бароед”. Фаҳмотар карда гӯем агар, Худо мегӯяд: “Чаро шумо мехоҳед назди молхона

бошед ва монанди мурғон зиндагӣ кунед, дар ҳолате, ки Ман шуморо даъват кардам, ки монанди уқоб парвоз кунед? Ман шуморо ба ҳаёти ғайриоддӣ даъват кардам!"

Бинобар ин, муқаддасии Худо на фақат ҷудошавӣ ва покӣ дарбар мекунад. Агар муқаддасӣ фақат ба покӣ дахл дошта бошад, пас фарисиён муқаддас мебуданд, чунки ҳаёти беруниашон беайб буд. Лекин Исо роҳҳои худсафедкунии онҳоро айбдор мекард. Агар муқаддасӣ фақат ба ҷудошавӣ дахл дошта бошад, пас равияи "хиппи" дар солҳои шаст хеле муқаддас мебуд. Ин на фақат покӣ, ва на фақат ҷудошавӣ аст. Ва ин покӣ ва муқаддасӣ дар якҷоягӣ нест. Ин ҷудошавию покии ғайриоддӣ аст. Ин даъват ба "ҳаёти баланд". Ин даъват ба сатҳи зиндагии ғайриоддӣ аст! Яъне монанди он, ки Исо зиндагӣ мекард, зиндагӣ кунем, ба Худо монанди кӯдаконаш тақлид кунем.

Вақте ки мо монанди Худо фикр мекунем, монанди Исо гап мезанем (он чизе, ки Падар мегӯяд, гап мезанем) ва ба тарзи зиндагии Исо тақлид кунем, мо монанди одамони ин ҷаҳон зиндагӣ намекунем. Ҳавасу хоҳишҳои ҷисм моро равона намекунанд. Мо эҷодкор, пешқадам, пок дар ахлоқи худ ва дар роҳҳои худ ҳаётбахшанда мешавем. Мо таъсирбахш мешавем ва ин ҷаҳон бисёр вақт ба мо аз барои комёбиамон ҳасад мебарад, чунки мо дар сатҳи баландтар фикр мекунем ва амал мекунем.

Одамоне, ки барои мастӣ, ҳаловати вайроншудаи шаҳвонӣ, хасисӣ, шаҳват, обрӯ, ҳасад, интиқом, ғурур ва ғайра зиндагӣ мекунанд, дар асл дар сатҳи поён, сатҳи ҷаҳонӣ, сатҳи шайтон зиндагӣ мекунанд—ҳар кас метавонад чунин зиндагӣ кунад. Онҳо ба воситаи файзи Худо ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ намекунанд. Гуноҳашон метавонад ҳаловати кӯтоҳмуддат биёрад, лекин дер нагузашта он зараровар ва вайронкунанда мешавад. Натиҷааш "нешаш" дард ва марг мебошад.

Дар муқаддасии ҳақиқӣ гаштан ин озодӣ дар сатҳи олӣ доштан аст. Ин фоиданок аст ва ба ҳар соҳаи ҳаётамон таъсири мусбат мерасонад.

## ХУДРО ПОК КУНЕМ

Павлус чунин ба калисо дар Қӯринт навишт:

Пас, эй маҳбубонам, дар сурате ки чунин ваъдаҳо дорем, худамонро аз ҳар гуна наҷосати ҷисм ва рӯҳ тоза карда, қудсияти худро дар тарси Худо мукаммал намоем. (2 Қӯринтиён 7:1)

Оё ба мо гуфта шудааст, ки мо худро аз баъзе нопокӣ пок кунем? Ё аз 95 фоизи нопокӣ? Не, мо бояд худро аз ҳар қисми нопокӣ пок кунем ва ин нопокӣ мувофиқи меъери Худо аст, ҳам аз дарун, ва ҳам аз берун. Аз дарун ин ба алам, ҳасад, рашк, ҷанҷол, нобахшиш, ҳирс, шаҳват ва чизҳои монанд дахл дорад. Аз берун ин ба амали дуздӣ, дурӯғ, ғайбат, тӯҳмат, бадахлоқии шаҳвонӣ, фиреб, мастӣ, нашъамандӣ, вандализм, зӯроварии ҷисмонӣ дахл дорад ва ин рӯйхат давом дорад.

Рӯзе вақте ки ин оятро мехондам, Рӯҳи Муқаддас диққатамро ба калимаи "худро пок кунед" ҷалб кард. Ин маро ба ҳайрат андохт, ки дар дар он гуфта нашудааст: "Худо шуморо пок мекунад", ва гуфта нашудааст: "Хуни Исо шуморо пок мекунад". Навишта шудааст, ки мо бояд худро пок кунем.

Илтимос, маро дуруст фаҳмед: хуни Исо моро аз ҳамаи гуноҳҳо пок мекунад. Лекин, фарқи калон ҳаст байни сафедкунӣ (наҷот аз марги абадӣ) ва тақдисшавӣ (муқаддасӣ). Он лаҳзае, ки мо Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул карде, мо сафед шудаем. Дар он лаҳза, одами кӯҳнаи мо мурд ва мо махлуқи нав шудем ва табиати Исо ба даруни мо гузашт. Мо дарҳол дар чашмони Худо сафед шудем ва тамоми беадолатӣ аз рӯҳамон решакан шуд. Мо дар ин иштирок накардем. Мо сазовори ин нашудем ва бо "некии" худ лоиқи он нашудем. Он ба мо ба воситаи файзи Худо муфт дода шудааст.

Лекин, лаҳзае ки мо аз нав таваллуд шудаем, кори тақдисшавӣ (муқаддасӣ) оғоз шуд. Яъне онч изе, ки дарунимо, дар рӯҳамон рӯй дод, ба берун баромада, рафтори моро муқаддас мегардонад. Павлус дар бораи ин чунин мегӯяд: "Бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред" (Филиппиён 2:12). Мо бояд як чизро дар хотир дорем, ки тақдисшавӣ (муқаддасӣ) низ тӯҳфаи файзи Худо мебошад. Лекин ин дафъа моқисми худро дар ин ҷараён дорем ва бояд бо он ҳамроҳ кор кунем. Тӯҳфаи файзи Худо ба мо қувват мебахшад, ки худро пок созем ва заҳмати тозакуниро мо бояд кашем! Бори дигар ба гапи муаллиф гӯш кун:

Файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард. (Ибриён 12:28)

Файз на фақат моро сафер кардааст, лекин ҳоло ба мо қувват мебахшад, ки ба Худо ба таври писандида бо тарси муқаддас хизмат кунем. Мо худро аз ҳар нопокӣ аз дарун ва аз берун пок мекунем, дар муқаддасӣ ва Худотарсӣ комил мешавем. Ба он нигоҳ накарда, ки файз тӯҳфаи муфт аст, мо бояд бо қувват ҳамкорӣ кунем, ки меваи муқаддасӣ дар зиндагии мо пайдо шавад. Ба ҳамин сабаб, биёед бори дигар ба гапи Павлус ба Қӯринтиён пеш аз он, ки амр кард, ки "худро пок кунед", нигоҳ кунем:

Аз шумо илтимос мекунем, ки файзи Худоро бефоида қабул накунед. (2 Қӯринтиён 6:1)

Чӣ тавре ки пештар гуфтам, агар мо ба файз ҳамчун "Баҳонаи калон" нигоҳ кунем, мо ҳеҷ вақт ин гапи вакилро намефаҳмем. Чӣ тавр ту метавонӣ бахшише, ки фақат ба воситаи файз дода мешавад ва ба бисёр касон таълим дода мешавад, беҳуда сарф кунӣ ва иқтидори онро истифода набарӣ? Лекин вақте ки ту файзро дуруст, чӣ тавре ки он ҳаст мефаҳмӣ, яъне қуввати сазоворнашудаи Худо аст, ки ба мо қобилият дод, то талаботи

ростиро иҷро кунем ва меваи самараи муқаддасӣ оварем—пас ту мефаҳмӣ чӣ тавр метавонӣ файзро беҳуда сарф кунӣ.

Бори дигар дар бораи қиссаи дар бораи мард, ки танҳо дар ҷазира монд, фикр кун. Номабар пурра фаҳмонд чӣ тавр ярок кор мекунад ва он ӯро наҷот медиҳад, ва чӣ тавр дар охир яроқ сардори киштиро огоҳ мекунад ва марди ҷазира халос шавад. Инчунин ба марди ҷазира гуфт, ки яроқ ҳар ҳайвонро ҳам барои хӯрок, ҳам барои муҳофизат кушта метавонад, ва ба ғайр аз ин яроқ метавонад ҷавзи ҳиндиро аз дарахт афтонад. Ҳамчунин ғорро ба марди ҷазира нишон дод ва гуфт, ки оҳӯро парронда, бо пӯсташ даромади ғорро маҳкам кунад ва аз ҳуҷуми хирс худро муҳофизат кунад. Ва пӯсти хирс кати бороҳат ва болопӯши гарм дар шабҳои хунук мешавад.

Номабарба замони худ, ба асри бисту якум баргашт. Рӯзи дигар вай бо сардораш ба воситаи мошини замонмарди ҷазираро тамошо мекунанд. Ҳайратовар, лекин дар тарзи зиндагии марди ҷазира ягон чиз дигар нашуд. Вай ба оҳӯ ё хуки вахшӣ як тир ҳам напарронд. Вай то ҳол ба воситаи дом, санг ва найза аз чӯб барои хӯрок гирифтан шикор мекард. Марди ҷазира ғамгин ва бадбахт буд. Ошуфта шуда номабар аз сардораш мепурсад: “Чаро вай ярокро истифода намебарад?”

Ҳар дуи онҳо ба рӯзи ёздаҳум замони мошинро мегузаронанд ва марди ҷазираро боз тамошо карданд. Онҳо ғамгинона диданд, ки вай то ҳол бероҳат болои санг хоб мерафт ва барои муҳофизат аз хирсҳои назди худ сангҳоро ҷамъ кард. Марди ҷазира хароб шуд, чунки давоми ду ҳафта хӯрок нахӯрд. Борони хунук меборид ва номабару сардораш тарсиданд, чунки марди ҷазира сахт меларзид. Онҳо шуниданд, ки марди ҷазира ҳолату зиндагии бадбахташро лаънат мекард.

Баъдтар замони мошинро ба рӯзи сездаҳум гузаронданд. Номабар ва сардораш мехостанд бинанд, ки марди ҷазира ярокро ба даст гирифта, ба оҳӯ шикор кунад. Сардораш гуфт:

“Ба фикрам вай дар охир ароқро истифода мебарад!” Аммо, онҳо тарсида диданд, ки марди ҷазира надониста, назди лонаи хирс мегашт. Модахирс бо бачаҳоаш даруни лона буданд ва вақте ки марди ҷазира садо мебарорад, модахирс дар ғазаб баромада, ба вай ғуррос мезад. Вай карахт шуд, лекин ба ҷои ба хирс паррондан, вай милтиқро бардошта, ба ҳаво якчанд бор мепарронад бо умеди он, ки хирси ғазабнокро тарсонад. Вақте ки модахирс ба садои баланди яроқ аҳамият намедиҳад ва сӯи ӯ медавад, марди ҷазира сангро гирифта, ба рӯяш мепартояд. Модахирс аз ҷояш наҷунбида, ҳамлаашро давом мекард. Марди ҷазира милтиқро партофта, дар даҳшат мегурезад. Баъд аз якчанд ҷаҳиши калон, модахирс вайро қапид ва то маргаш дарронд.

Номабар ва сардораш инро дида, чӣ кор карданд? Онҳо барои ин мард бисёр вақт ва зихира сарф карданд. Номабар бисёр рӯзҳоро барои тайёрӣ сарф кард, ки ба назди марди чазира омада, маълумоту таҷҳизоти дурустро биёрад, ва нархи истифода замони мошин миллион доллар аст. Чӣ тавр марди ҷазира ҳамаи инро сарф кард? Чӣ тавр вай ин қадар тӯҳфаи калонро истифода набурд? Заҳмати муҳаббату қурбониашон беҳуда буд.

Онҳо ин кори марди ҷазираро дида, аввал барои маргаш бисёр ғамгин, рӯҳафтода ва озурда шуданд. Онҳо ночор ба ягдигар нигоҳ карда, афсӯс хӯрданд: “Мо ин қадар бисёр кор кардем, лекин ҳамааш беҳуда буд. Ин яроқ метавонист ӯро наҷот диҳад, лекин онро истифода набурд; вай тӯҳфаи моро беҳуда сарф кард”.

Мақсади гап: марди ҷазира натавонист ба тарзи пурра тӯҳфаи аҷиброро, ки ба вай муфт бахшида шудааст, қабул карда, истифода барад. Вайбамақсаднарасид.

Агар болои қабри ягон одам ин катибаи мақбара навиштагӣ бошад, ин ғамгиновар мешавад— “Ин одам ба

ҳадафаш нарасид". Лекин бо файзи Худо лозим намешавад, ки зиндагии одами росткор ин хел тасвир шавад. Дар боби оянда мо мефаҳмем чаро.

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

То ҳол оё ту фаҳмиши мусбат дар бораи муқаддасӣ доштӣ? Агар ин хел бошад ё набошад, чаро?

Чӣ мехоҳӣ болои гӯрат навишта бошад?

# 10
# Ҳеҷ вақт ноком нашав

Хабари тааҷҷубовар дар он аст, ки Худо ба мо ҳамаи захираҳои зарурӣ дод, ки мо ҳаёти муқаддас дошта бошем ва ба Худо писанд оем! Ва мо набояд ҳеҷ вақт ноком нашавем. Нигоҳ кун муаллифи нома ба Ибриён ба мо чӣ мегӯяд:

Қудсиятро толиб бошед, ки бе он ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид, ва бохабар бошед, ки мабодо касе аз файзи Худо маҳрум шавад. (12:14-15)

Гапи асосӣ дар ин ҷо фаҳмост: мо мӯҳтоҷи файзи Худо ҳастем, ки дар муқаддасии ҳақиқӣ гардем. Шояд мо пурсем: "Агар мувофиқи таълимотамон файз фақат ба бахшиш дахл дорад, пас "маҳрум шавад"дар ин оят чӣ маъно дорад?" Дар ин оят калимаи юнонӣ "хустерео" истифода мешавад. Дар луғат ин калима чунин маънидод шудааст: "пасттар будан, ба мақсад нарасидан (камӣ кардан), дар қафо мондан, маҳрум кардан, нобарор шудан". Дар дигар луғат ин калима чуқуртар маънидод шудааст: "дар давиш дар ақиб мондан ва нарасидан ба ҳадаф, нарасидан ба охир".

Марди ҷазира дар ақиб монд ва натавонист ба ҳадафи озод шудан расад, ки аз тарафи сардори номабар муфт ба вай дода шуда буд. Вай метавонист ба осонӣ ба ҳадаф расад, лекин вай

чизҳои гирифтагиашро беҳуда сарф кард ва натавонист ба охир расад. Муқаддасӣ бисёр зарур аст, ки мо нағз ба охири давиши худ расем. Ба гапи пайғамбар Ишаъё гӯш кун:

Ва дар он ҷо шоҳроҳе ва ҷоддае хоҳад буд, ва он роҳи муқаддас номида хоҳад шуд; наҷисе аз он нахоҳад гузашт; балки он барои онҳо хоҳад буд, ва ҳар кӣ бо ин роҳ равад, ҷоҳил бошад ҳам, гумроҳ нахоҳад шуд. Шере дар он ҷо нахоҳад буд, ва ҳайвони даррандае бар он нахоҳад баромад ва дар он ҷо ёфт нахоҳад шуд, балки растагорон бар он қадамгузор хоҳанд шуд. Ба растагорони Худованд баргашта, бо тараннум ба Сион [осмон] хоҳанд омад, ва хурсандии абадӣ бар сари онҳо хоҳад буд; онҳо ба шодӣ ва хурсандӣ ноил хоҳанд гардид, ва андӯҳу фиғон нест хоҳад шуд. (35:8-10)

Пеш аз он, ки давом диҳам мехоҳам дар маҷоз дар бораи марди ҷазира як камбудиро қайд кунам. Агар ин ҳодиса дар олами мо рӯй медод, ба ҳар ҳол имконияти калон вуҷуд медошт, ки агар марди ҷазира яроқро истифода мебурд, хирс кушта мешуд. Бисёр роҳҳои гуногун ҳастанд—шояд хирс марди ҷазираро парешон кард ва ӯ натавонист дар вақташ милтиқро бардошта, парронад. Ё шояд вай парронд, лекин тираш ба хирс нарасид. Ё шояд тир хирсро захмдор кард, лекин ӯро накушт, ва дар ғазаб хирс марди ҷазираро пора пора кард.

Лекин, Худо мегӯяд, ки агар мо дар қуввати файзи Худо гардем ва самараи муқаддасӣ биёрем, аз барои Ӯ мо мағлубнашаванда мешавем. Ишаъё мегӯяд, ки ҳеҷ ҳайвони даррандае монанди хирс ё шер наметавонад моро фурӯ барад! (Ин ба душмани асосии мо, ки шайтон аст дахл дорад, ки “мисли шери ғуррон гаштагузор карда, касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад” [1 Петрус 5:8].) Бар хилофи марди ҷазира, мо ягон сабаб надорем, ки дар овардани самараҳои муқаддасӣ ба воситаи қуввати файзи Худо ноком шавем—на аз барои худамон, лекин аз барои Ӯ. Аммо, ин ваъда ба имондороне,ки

дар муқаддасии ҳақиқӣ намегарданд, дахл надорад. Гӯш кун, ки Петрус дар бораи ин чӣ мегӯяд:

Вале дар ҳар кӣ ин сифот [-и муқаддасӣ] ёфт нашавад, вай кӯр аст, яъне чашмонашро пӯшида, фаромӯш кардааст, ки гуноҳҳои пештараи ӯ татҳир шудаанд. Аз ин рӯ, эй бародарон, беш аз пеш саъю кӯшиш намоед, ки даъват ва интихоби худро устувор гардонед ва агар ҳамин тавр рафтор кунед, ҳаргиз пешпо нахоҳед хӯрд, зеро ки бо чунин роҳ даромадгоҳи Малакути абадии Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ барои шумо бемалол кушода хоҳад шуд. (2 Петрус 1:9-11)

Петрус мегӯяд, ки мо ҳеҷ вақт пешпо намехӯрем ва намеафтем. Мо мағлубнашаванда ҳастем на аз барои қобилияти худ, лекин аз барои он қобилияте, ки файз ба мо мебахшад. Яъне дар асл файз ба мо қувват медиҳад, ки мо бо роҳи калони муқаддасӣ равем, ки ваъдаи ба охир расонидани давишамон иҷро шавад. Файз моро аз шикаст ёфтанамон дар имони худва афтодан нигоҳ медорад.

Петрус дигар ҷиҳати онро ҳам нишон медиҳад. Он касоне, ки дар қуввати файз намегарданд, наметавонанд сифатҳои муқаддасӣ инкишоф диҳанд. Дар натиҷа одамон нобино мешаванд ва фаромӯш мекунанд, ки Худо онҳоро аз ҳаёти кӯҳнаи гунаҳкориашон пок кард. Аз барои ин нобиноӣ дар роҳи танги муқаддасӣ истодан бисёр душвор, ҳатто ғайриимкон аст. Ба осонӣ ин одамон ба асирии гуноҳ бармегарданд (ва бисёр вақт монанди пештара фикр мекунанд, ки файзи Худо онҳоро рӯпӯш мекунад ва нигоҳ медорад). Баъдтар Петрус дар номааш дар бораи интихоби ин одамон афсӯс мехӯрад:

Зеро, агар ба василаи шинохтани Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ аз қабоҳатҳои дунё халосӣ ёфта, аз нав ба доми онҳо афтода мағлуб мешуда бошанд, анҷоми онҳо бадтар аз аввалашон мешавад. Барои онҳо надонистани роҳи адолат беҳтар мебуд аз он ки, баъд аз донистани он, аз ҳукми муқаддасе

ки ба онҳо супурда шудааст, рӯй гардонад. Ба онҳо ҳамон чизе рӯй додааст, ки дар ин зарбулмасали дуруст гуфта мешавад: “Саг ба қаи худ баргашт”, ва: “Хук баъд аз шустушӯй рафт, ки дар лой ғел занад”. (2:20-22)

Чӣ қадар ин сахт ҳушёр мекунад. Бори дигар ин гапи Павлус,ки ба масеҳиён навиштааст, хотиррасон мекунад: “Оё намедонед, ки ба ҳар кӣ шумо худро чун бандагон барои итоат таслим кунед, бандагони ҳамон кас гардида, ба вай мутеъ мешавед, хоҳ гуноҳе барои мамот бошад, хоҳ итоате барои адолат?” (Румиён 6:16). Вақте ки мо дидаву дониста ва такроран хоҳишҳои гуноҳро иҷро мекунем, мо ба доми ӯ меафтем ва бори дигар ғуломи гуноҳ мегардем. Монанди он, ки марди ҷазира талаф шуд, имондор ҳам метавонад. Баҳаминсабаб Павлус огоҳ мекунад: “Пас, эй бародарон, мо ӯҳдадори ҷисм нестем, ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ кунем; зеро ки агар шумо ба ҳасби ҷисм зиндагӣ кунед, албатта хоҳед мурд; аммо агар аъмоли ҷисмониро ба воситаи Рӯҳ бикушед, зинда хоҳед монд” (Румиён 8:12-13).

Шояд ҳоло ту фикр мекунӣ чӣ хел вакилПавлус метавонад ба масеҳиён навишта, гӯяд, ки онҳо мемуранд. ВакилЮҳанно монанди ин ҳам насиҳат мекунад: “Агар касе бародари худро бинад, ки гуноҳе мекунад, ки анҷомаш мамот нест, бигзор дуо гӯяд, ва Худо ӯро ҳаёт хоҳад бахшид: дар бораи онҳо мегӯям, ки анҷоми гуноҳашон мамот нест. Гуноҳе ҳаст, ки анҷомаш мамот аст.” (1 Юҳанно 5:16). Вай дар бораи кадом марг гап мезанад, ки метавонад ба сари бародар ё хоҳари имондор биёяд? Оё ин ҳамон марге ҳаст, ки вакилПавлус дар бораяш мегӯяд? Оё ин он марге ҳаст, ки Худо Одамро дар бораяш огоҳ кард? Оё вай фақат дар бораи марги ҷисмонӣ мегӯяд?

ВакилЯҳудо ба онҳое менависад, ки файзи Худоро ба шаҳват табдил медиҳанд ба воситаи он, ки файзро ҳамчун баҳона барои сафед кардани тарзи зиндагии бадахлоқии

худ истифода мебаранд. Бо вуҷуди он, ки онҳо пайваста ба ҷамъомадҳои калисо меоянд, Яҳудо огоҳ мекунад: “Инҳо дарахтони тирамоҳ ҳастанд, ки бесамар буд, ду карат мурдаанд ва решакан шудаанд” (1:12). Ин одамон ҷисман зинда ҳастанд, дар ҷамъомадҳои калисо иштирок мекунанд, лекин онҳо на фақат “мурда” номида шудаанд, лекин “мурдаи дукарата”. Вай дар бораи чӣ гуна мурда мегӯяд?

Бисёр бахсҳои динӣ дар бораи маънои ин оят рафта истодааст, лекин ман як савол дорам: “Чаро дар бораи ин бахс кунем?” Гапи асосӣ—мо ба ҳар ҳол мурдан намехоҳем. Оқибати марг ҳеҷ вақт нағз ва умедбахш нест. Агар росташро гӯем, мо намехоҳем аввал маънои маргро фаҳмем. Ман пешниҳод мекунам, ки барои он, ки ҳаёти ғайриоддӣ дошта бошем чӣ қадаре ки мумкин бошад аз марг дур истем ва дар файзи Худо монем.

Ба ғайр аз ин, хабари аҷиб дар он аст, ки Худо ба мо файзи худро додааст. Ба мо табиати Исои Масеҳ дода шудааст ва аз ҳукмронии гуноҳ озод шудем! Чаро шахсоне, ки аз зулми гуноҳ озод карда шудаанд, мехоҳанд зери асирии гуноҳ баргарданд ва бо марг бозӣ кунанд?

Инак, дӯстам, фикр накун, ки аз рӯи одат дар гуноҳ зиндагӣ мекунӣ ва ба ҳар ҳол ба осмон меравӣ. Ин нуқтаи назари нодуруст ба зиндагӣ мебошад. Аммо, фаҳмиданат лозим аст, ки Худо ба ту тӯҳфаи аҷоиб додааст—озодӣ! Ба ту дигар гуноҳ кардан лозим нест; ту худро пештар аз гуноҳ озод карда наметавонистӣ, лекин ҳоло ту метавонӣ ба воситаи қуввати файзи аҷоиби Худо дар озодӣ зиндагӣ кунӣ!

## ФАЙЗ ДАР ҲАҚИҚАТ КОР МЕКУНАД

Ман Исои Масеҳ ҳамчун Худованди худ дар соли 1979 қабул кардам ва табиати нави Исоро аз сар гузарондам ва ин зиндагиамро тағир кардааст. Дарҳол хоҳиши арақхӯрӣ

нест шуд ва ба он нигоҳ накарда, ки ман монанди моҳигири маст ҳақорат мекардам, забонам тоза шуд. Чӣ қадаре ки ман зиёдтар Каломи Худоро мехонам, дар бораи он фикр мекунам ва болои ҳаётам эътироф мекардам, дигар роҳҳои гунаҳкорӣ оҳиста-оҳиста аз ҳаётам нест шуданд.

Лекин, як соҳаи гуноҳ буд, ки ба осонӣ нест нашуд. Ман бо шаҳват мубориза мебурдам ва ба порнография вобастагӣ доштам. Вақте ки ман ба суратҳои порнография нигоҳ мекардам, ман беқувват шуда, ба он кашида мешудам. Ман давраҳои озодӣ доштам, лекин баъд аз чанд вақт боз гирифтори он мешудам. Албатта шаҳват дар ҳаётам қалъаи қавӣ дошт ва ба ҷонам фишори калон мерасонд.

Дар соли 1985 як одам ба ман пешниҳод кард, ки ман дар хонааш барои дуохониибардавом истам. 6 маи соли 1985 дар чорум рӯзи рӯзадорӣ баъд аз муборизаи бошиддат дар дуохонӣ ман аз қалъаи порнография ва шаҳват озод шудам. Ҷалол ба Худо, ки ба воситаи файзаш ман то ҳол озодам.

Аммо, ҳангоме ки ман аз ҳукмронии порнография озод шуда будам, ман то ҳол мебоист зидди хоҳиши шаҳвонӣ мубориза барам. Пеш аз 6 маи ҳамон сол менамуд гӯё ки ман бо комёбӣ зиддият карда наметавонистам. Баъд аз 6 май ман зиддият карда метавонистам, лекин лозим буд, ки ман бо файз ҳамкорӣ карда, бо хоҳиши шаҳвонӣ мубориза барам, ки порнографияро тамошо накунам. Баъда аз рӯзадорӣ ва дуохонии бошиддат қуввати он болои ман шикаст ёфт, лекин ман то ҳол мебоист мустаҳкам ба шаҳвати ҷалбкунии он зиддият мекардам.

Ман дуо хондаро давом додам ва ба Каломи Худо иҷозат додам, ки ақламро пур кунад, ва рӯзе ман пайхас кардам, ки хоҳишҳоам дигар шуд. Дигар лозим намешуд, ки ман рӯямро аз порнография гардонам, лекин дар асл он ба ман нафратангез буд. Агар ягон сурати шаҳватпараст ба назарам мерасид, ман

ба зане, ки дар он сурат буд, ҳамчун ба духтари хурди ягон одам фикр мекардам. Ман ғамгин мешудам, ки ин ҳаёти пурқимат аз одаме, ки ба сурату шабоҳати Худо офарида шуд, ба порчаи гӯшт паст шуд. Файзи Худо маро пурра аз дарун тағир дод. Ақли ман нав шуд ва ман дар ҳақиқат озод шуда будам. Бо қуввати файзи Худо ҳиссиёти ман тағир ёфт. Муаллифи нома ба Ибриён ин баракатро чунин баён мекунад:

Зероҳаркиширхӯраст, азкаломиадолатбехабараст (мувофиқи хости Худо дар мақсад, фикру амал), чункикӯдакаст [ҳоло сухан ронда наметавонад]; валеғизоисахтбароикасонест, кибакамолрасидаанд, киҳиссиёташонбавасилаималакабафарқ карданинекубадомӯхташудааст. (5:13-14)

Ман Каломи Худоро доим мехондам, эътироф мекардам, дар бораяш фикр мекардам ва онро меомӯхтам ва Калом ҳиссиёту фаҳмишамро ба хоҳишу фикрҳои Худо мувофиқ кардааст. Дар ёд дошта бош, ки муқаддасӣ ин ба монанди Худо фикр кардан, сухан рондан ва зиндагӣ кардан аст. Ин ба сатҳи зиндагии Худо баромадан маъно дорад.

Маҳз ба ҳамин сабаб дар дилам хоҳиши калон дорам, ки ин китобро нависам: ин қадар бисёр кӯдакони Худо шир хӯрда, зиндагӣ мекунанд. Ба онҳо намегӯянд, ки табиати Худо ба онҳо дода шудааст. Ҳафта паи ҳафта ба онҳо мегӯянд, ки онҳо гунаҳкорони бахшида ҳастанд ва ҳамаи мо заифӣ дорем, лекин бо як роҳ ё дигар мо ба хати охири ҳаёт мерасем. Ин Инҷили гӯшфорам ба зиндагии онҳо қувват намебахшад. Ҳиссиёташон, на имонашон, зиндагии онҳоро идора мекунад.

Мо бояд фаромӯш накунем, ки ҷисмамон машқ доронда метавонад, лекин ба ҷисм тарзи одатшуда маъқул аст. Аз барои ин бисёр вақт ба одамон тағирот маъқул нест. Лекин хабари хуш дар он аст, ки чӣ тавре ки ҷисмамон метавонад ба шарорат одат кунад, инчунин метавонад дар адолат ҳам машқ доронда шавад. Муаллифи нома ба Ибриён низ инро қайд мекунад

–“ки ҳиссиёташон ба василаи малака ба фарқ кардани неку бад омӯхта шудааст” (5:14). Мо метавонем ба воситаи қуввати файз бар ақлу ҷисмамон ҳукмрон бошем ва бо ин фикронию ҳиссиётамон мувофиқи Каломи Худо мешавад. Ҳар чизе ки мо ба ҷисмамон мехӯронем, он ба вай ҷавоб медиҳад.

Ба он нигоҳ накарда, ки файзи Худо маро озод кард, ман метавонистам пас ба тамошо кардани порнография баргардам. Агар ман такроран онро тамошо мекардам ва дар дилам дар ҳақиқат тавба намекардам, ман аз нав ба доми он меафтодам ва ба он вобаста мешудам. Ва ҳолатам аз пештара дида бадтар мешуд. Аз барои муҳаббату тарсам пеши Худо ман қарор кардам, ки ин корро дигар намекунам.

Файзаш аз кифоя дида, зиёдтар аст! Ин аҷоиб аст!

## МУСОҲИБАИ ФОШКУНАНДА

Якчанд сол пеш вақте ки ман барои як радиостантсия дар як шаҳри калон дар ҷануб мусоҳиба медодам, ман дар бораи адолат ва машқ дорондани ҷисм гап мезадам. Ман дар бораи озод шуданам аз порнография ҳеҷ чиз нагуфтам, лекин зиёдтар аҳамияти муқаддасии ҳақиқиро барои ҳаёти имондорон қайд мекардам.

Тақрибан баъд аз си дақиқа баранда барои зангҳои одам вақт дод. Аввал марди хашмгин занг зада, ба ман ҳуҷум кард: “Чӣ тавр шумо метавонед ин гапҳоро ҷиддӣ гӯед? Марде, ки дар ҳаёташ асирӣ ё вобастагӣ дорад, чӣ кор кунад? Оё шумо мегӯед, ки ин гуна мард сӯи марг рафта истодааст?”

“Ман инро намегӯям” – ман ҷавоб додам. “Каломи Худо ин хел мегӯяд ”. Баъд ман пурсидам: “Оё шумо гапи худро фаҳмондан метавонед?”

“Бале!” – вай то ҳол хеле хашмгин буд.

Ман гуфтам: “Биёед кушоду равшан гап мезанем. Шумо

мегӯед, ки хуни Исо ва файзи Худо метавонад моро аз баъзе гуноҳҳо озод кунад, лекин дигар гуноҳҳои "махсус" ҳастанд, ки барои файзи Худо аз ҳад зиёд сахт ва қаввӣ ҳастанд? Дуруст?"

Ин мард тамоман хомӯш шуд. Вай якбора беақлии суханашро фаҳмид.

Дар охир ман хомӯширо вайрон кардам. "Ман ғуломи шаҳват будам ва дар соли 1985 файзи Худо маро озод кард. Шумо ба ман гуфта наметавонед, ки барои файзи Худо ягон ғуломӣ ё вобастагӣ аз ҳад зиёд сахт вуҷуд дорад. Ман комилан ғуломи гуноҳ будам ва акнун ман озодам".

ЗАМОНИ ДУШВОР

ВакилПавлус ба Тимотиюс навишта, дар барои замони мо чунин гуфт: "Ва инро бидон, ки дар айёми охир замонҳои сахт фаро хоҳад расид" (2 Тимотиюс 3:1). Мо дар замони охир зиндагӣ мекунем. Ин бешубҳа аст, чунки ҳамаи ҷойҳои пешгӯии Навиштаҷот нишон медиҳанд, ки Исо ба зудӣ бармегардад. Павлус пешбинӣ мекард, ки замони мо барои масеҳиён замони душвортарин мешавад. Чаро ин хел?

Дар замони худ Павлус бо зиддияти калон дучор мешуд. Панҷ маротиба ӯро золимона сию нӯҳ бор бо қамчин ба пушт заданд. Се маротиба ӯро бо чӯб заданд. Як маротиба ӯро сангсор карданд. Ва солҳои зиёд ӯро дар ҳабсхона нигоҳ доштанд. Ҳар ҷое ки Павлус меомад, вай бо таъқиботи даҳшатнок дучор мешуд. Бо вуҷуди ин вай навишт, ки дар замони мо масеҳӣ будан аз ин ҳам душвортар мешавад! Вайчунинсабабҳорономбаркард:

Зеро ки одамон худписанд хоҳанд шуд, ва зарпараст, ва пурғурур, ва ҳавобаланд, ва бадзабон, ва беитоат ба падарону модарон, ва кӯрнамак, ва осӣ, ва ноаҳл, ва номуросо, ва тӯҳматчӣ, ва бепарҳез, ва бераҳм, ва душмани некӣ, ва хоин, ва рӯйнатан, ва бодӣ, ки айшу ишратро бештар аз Худо дӯст медоранд. (2 Тимотиюс 3:2-4)

Баъд аз хондани ин порча шояд шумо то ҳол фикр мекунед

чаро Павлус фикр дошт, ки замони мо аз замони ӯ ин қадар фарқ дошта бошад. Одамон дар ҷамъияти Павлус низ ин хусусиятҳоро доштанд—онҳо худро ва пулро дӯст медоштанд, ғайримуқаддас, бераҳм ва ғайра буданд. Петрус дар рӯзи Пантикост гуфт: "Худро аз ин насли каҷрав (фосиқ, шарир, бевиҷдон) раҳо кунед"(Аъмол 2:40). Пас чаро Павлус мегӯяд, ки дар замони мо масеҳӣ будан душвортар мешавад? Дарпорч аиояндавайсабабшроменевисад:

Ва намуди зоҳирии диндориро доранд, вале қуввати онро инкор мекунанд. (2 Тимотиюс 3:5)

Яъне мо дар замоне зиндагӣ мекунем (ин дар бисёр дигар ҷойҳои Аҳди Нав навишта шудааст), ки бисёр одамон ҳастанд, ки худро бо файз наҷотёфта ва азнав таваллудшуда эътироф мекунанд, лекин онҳо бо файзи Худо ҳамкорӣ намекунанд, ки дар ҳаёташон хислате ба Масеҳ монанд пайдо шавад. Онҳо қуввати файзро рад мекунанд, ки метавонад онҳоро муқаддас кунад, ва бо вуҷуди ин бовар мекунанд, ки онҳо ба воситаи файз наҷот ёфтанд. Онҳо то ҳол соҳиби зиндагии худ ҳастанд ва чӣ тавре ки мехоҳанд зиндагӣ мекунанд,ва худро ба подшоҳии Исо намесупоранд. Ин "имондорон" хатарнок мебошанд, чунки ба воситаи тарзи зиндагиашон онҳо инҷили қалбакии Исои Масеҳро мавъиза мекунанд. Ба ин сабаб Павлус мегӯяд: "Аз чунин шахсон канорагирӣ намо" (2 Тимотиюс 3:5).

Ба фикрам муборизаи калоне, ки падарони аввали калисо доштанд, бар зидди шариатпарастӣ буд. Бисёр одамон кӯшиш мекарданд навимондоронро гашта зери шариат баргардонанд ба чои он, ки ба файзи Худо барои наҷот ёфтанашон бовар кунанд. Имрӯз, баъд аз бисту панҷ соли хизмат зиёдтар, ман ба хулоса омадам, ки дар замони мо мубориза калонамон шарорат аст—одамон дар калисо бовар мекунанд, ки онҳо метавонанд наҷот ёбанд, лекин ба ҳар ҳол монанди одамони дигар дар ҷаҳон зиндагӣ кунанд. Онҳо ба қудрати Худо тобеъ

нашуданд.

Дар бораи замони охир гуфта, Исо огоҳ мекунад:

Ва ба сабаби афзудани шарорат, муҳаббати бисёр касон сард хоҳад шуд; лекин ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҳот хоҳад ёфт. (Матто 24:12-13)

Барои он ки дар замони Исо ҳам гуноҳ паҳншуда буд, замони мо чӣ фарқият дорад? Чизи ҳайратангез он аст, ки дар бораи замони мо гуфта, Исо умуман дар бораи ҷамъият намегӯяд, лекин дар бораи онҳо мегӯяд, ки Ӯро пайравӣ мекунанд. Вай мегӯяд, ки дар замони мо гуноҳ дар байни масеҳиёне, ки имонашонро эътироф мекунанд, паҳн мешавад. Вагарна чаро Ӯ гапашро чунин тамом мекунад: "лекин ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҳот хоҳад ёфт"? Ба беимонон чунин гуфтан мумкин нест: "Агар ту давишро ба охир расонӣ, ту наҷот меёбӣ", чунки вай давишро ҳатто сар накардааст. Лекин, ин ба одамоне гуфта мешавад, ки аллакай имон овардан, аллакай давишро сар карданд.

Мақсади гап он аст, ки дар муқаддасии ҳақиқӣ гаштан аз замони пештара хеле ҳам муҳимтар аст, чунки гуноҳ фиребанда аст ва Исо гуфт, ки дар замони мо гуноҳ фаровон мешавад. Аммо хабари хеле хуш дар он аст, ки Худо ба воситаи файз ба мо қувват бахшидааст, ки мо дар байни шарорат ба таври муқаддас зиндагӣ кунем.

Аз барои ду сабаб мо бояд дар ин замони торик нур бошем: якум, барои худамон, ва дуюм, барои одамони гумроҳшуда. Бисёр касон дар ин олам илтиҷо мекунанд, ки Худоро бинанд. Мо устухон аз устухони Ӯ ва ҷисм аз ҷисми Ӯ ҳастем, бинобар ин биёед ба Худо монанди кӯдакони азизаш тақлид кунем, ки ин ҷаҳон нурашро бинад.

Мо ҳар чизи зарурӣро дорем. Ин файз аст. Биёед дар қуввати ғайриоддиаш мегардем!

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Оё ягон соҳаи ҳаётат мӯҳтоҷи покшавӣ аст? Ин кадом соҳаҳо ҳастанд?

Чаро ҳаёти муқаддас бе файзи Худо ғайриимкон аст?

# 11
# Подшоҳӣ андарун

Файз ба мо қобилият медиҳад, ки мо ба Худо ба таври писандида хизмат кунем. Аввал ва пеш аз ҳама, мо қувват гирифтаем, ки дар муқаддасӣ зиндагӣ кунем. Муқаддасии ҳақиқӣпокӣ дар соҳаи алоқаи ҷинсӣ ва бисёр чизҳои дигар дар бар мекунад. Монанди Худо муқаддас будан ин монанди Исо зиндагӣ кардан, мисли Ӯ рафтор кардан, меваҳои ҳамшакл овардан аст. Исо инро ошкоро гуфт:

На шумо Маро баргузидаед, балки Ман шуморо баргузидаам ва шуморо таъин кардам, ки шумо биравед ва мева оваред, ва меваи шумо бимонад. (Юҳанно 15:16)

Исокадом меваи мемондагӣ дар назар дорад? Исодарвақтит аомишомиохиринтабиаташроошкоркард:

Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад, аъмолеро, ки Ман мекунам, вай низ хоҳад кард ва ҳатто бузургтар аз он ҳам хоҳад кард. (14:12)

Корҳои зиёдтар? Исо чунин нагуфт: "Шумо, вакилоне, ки бовар мекунед...". Не, Исо махсус қайд кард: "ҳар кӣ ба Ман имон оварад...". Агар Исо не, лекин касе дигар ин гапро мегуфт, бароям бовар кардан душвор мешуд. Аммо, ин гапи аҷиб рост аз даҳони Исо баромад ва Каломаш бехато аст! Одамоне, ки қисми оилааш шуданд, бо Ӯ як шуданд ва табиату Рӯҳашро

гирифтанд на фақат барои он, ки корҳои мӯъҷизакори Ӯро кунанд, лекин аз он зиёдтар ҳам кунанд! Чӣ тавр ин имконпазир аст? Акнун ту ҷавобашро медонӣ—ба воситаи файзи Ӯ.

Файз ба мо қувват медиҳад, ки мо аз қобилияти табииамон болотар равем. Ин моро ба олами ғайриоддӣ меоварад. Ба сухани вакил Павлус гӯш кун:

Ва Худо қодир аст ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад, то ки шумо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ба қадри кофӣ қонеъ буда, барои ҳар кори хайр афзунӣ зоҳир намоед. (2 Қӯринтиён 9:8)

Дар ин қисми Навиштаҷот Павлус маҳз дар бораи маблағ ва додани ҳадия гап мезанад, лекин ин қоида ба ҳама соҳаҳои ҳаётамон дахл дорад. Дар ин ҷои Навиштаҷот мо бояд якчанд калимаҳои асосиро қайд кунем. Якум, Павлус гуфт: "ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад"—на камтар файз, лекин тамоми файз. Ҳар баракати рӯҳонӣ дар Исои Масеҳ аз они мо аст (ниг. Эфсӯсиён 1:3). Бинобар ин Рӯҳи Муқаддас ба воситаи Павлус мегӯяд: "Хуллас, ҳеҷ кас ба одамон фахр накунад, зеро ки ҳамааш аз они шумост. Ва шумо аз они Масеҳ ҳастед, ва Масеҳ – аз они Худо." (1 Қӯринтиён 3:21, 23).

Павлус давом дода, мегӯяд, ки ту ҳама вақт, на дар баъзе ҳолатҳо, лекин ҳама вақт ҳар чизро ба қадри кифоя (пурра ва комил), ки дар ҳар кори нек фаровон бошӣ. Исо эълон мекунад, ки ҳар яки мо корҳои бузург мекунем. Яъне файзи фаровону қувватбахш ба мо пурра ва комилан ҳар чизро ба қадри кифоя медиҳад, ки ҳар мӯҳтоҷӣ қонеъ шавад, чизе ки набошад! Мо метавонем ҳар чизе, ки ба мо лозим аст, аз осмон гирем, чунки файз ҳамаи онро ба мо пурра бахшидааст.

# ПОДШОҲӢ АНДАРУН

Вақте ки Исо ба шогирдон дуо хонданро ёд медод, Вай сухани бисёр тааҷҷубовар гуфт: "Малакути Ту биёяд". Ва барои мо ин афсона нест, чунки ин дуо ба мо ҳам дахл дорад. Биёед ман инро мефаҳмонам. Аз шумо хоҳиш мекунам, ки якчанд саҳифаи ояндаро бодиққат хонед, чунки агар гапамро пурра фаҳмӣ, зиндагиат тамоман тағир меёбад.

Барои фарисиён фаҳмидани Исо душвор буд, чунки Ӯ чӣ тавре, ки онҳо интизор буданд, наомад. Аз барои пешгӯиҳо дар Аҳди Қадим онҳо Подшоҳи Масеҳро интизор буданд. Ишаъё навишт:

Зеро ки кӯдаке барои мо таваллуд ёфт,

Писаре ба мо дода шуд,

Ва салтанат бар дӯши Ӯ хоҳад буд,

Ва номи Ӯ Аҷиб, Мушовир, Худои Ҷаббор,

Падари ҷовид, Мири осоиштагӣ хонда хоҳад шуд.

Афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ

Бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт,

То ки онро бо инсоф ва адолат,

Минбаъд ва то абадулобод барқарор ва мустаҳкам намояд;

Рашки Худованд лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард.(9:6-7)

Ин пешвоён медонистанд, ки онҳо дар замони омадани Масеҳ зиндагӣ мекарданд. Дар бораи омадани хирадмандон аз шарқ ба ёд овар. Вақте ки Ҳиродус аз китобдонон дар бораи вақти таваллуд шудани Подшоҳи Яҳудо пурсид, китобдонон ҳайрон нашуданд.

Дар асоси пешгӯиҳои Ишаъё фарисиён бовар мекарданд, ки Масеҳ монанди подшоҳи ҷанговар, ғалабаовар меояд ва онҳоро аз зулму ҳукмронии румиён халос мекунад. Онҳо интизор буданд, ки Вай дар Ерусалим тахти шоҳ Довудро мемонад ва

то абад дар он шоҳигарӣ мекунад.

Лекин вақте ки Исо омад—Насронӣ, одами оддӣ, дуредгар аз оилаи камбағал ва ёри фоҳишаҳо ва мафия (чинандагони андоз мафия ҳамон замон буданд), онҳо Ӯро ҳамчун Масеҳ қабул накарданд. Бо вуҷуди он, ки бисёр одамони оддӣ Исоро ҳамчун "Масеҳ" қабул мекарданд, роҳбарон инро рад мекарданд, чунки Исо дигар хислатҳоро дошт, на хислатҳое, ки онҳо мунтазир буданд.

Бинобар ин фарисиён аз Исо пурсиданд: "Майлаш, агар ту Масеҳ бошӣ, пас он подшоҳӣ, ки Ишаъё пешгӯӣ карда буд, куҷо аст, ки дар он ҳукмронӣ кунӣ? Чаро мо то ҳол зери зулми румиён ҳастем?"

Исо ҷавоб дод:

Малакути Худо тавре намеояд, ки ба назар намоён шавад, ва намегӯянд: "Инак, он дар ин ҷост", ё "Инак, дар он ҷост"; зеро инак, Малакути Худо дар дохили шумост. (Луқо 17:20-21)

"Малакути Худо дар дохили шумост"? Момедонем, ки "шумо" гуфта, Исофарисиёнродарназарнадошт, чункибаонҳогуфт: "Падари шумо иблис аст"(Юҳанно 8:44). Исо дар бораи онҳое гап мезад, ки аз нав таваллуд шуда, бо Рӯҳаш пур мешаванд. ПештарӮ баонҳое, киӮродӯстмедоранд, ваъдакардабуд: "Натарс, эй рамаи хурд! Зеро ки Падари шумо таваҷҷӯҳ намудааст, ки Малакутро ба шумо ато кунад" (Луқо 12:32).

Лекин подшоҳӣ кай бояд дода мешуд? Шогирдонаш аз Исо ин саволи дилбазанро баъд аз эҳъё шуданаш аз мурдагон пурсиданд. Худро дар ҷои онҳо тасаввур кун. Охир ин фаҳмо буд: Исо зиндаю саломат пеши пайравони вафодораш меистод, Вай дар ҳақиқат он шоҳе буд, ки Ишаъё дар борааш пешгӯӣ кард, ки дар тахти шоҳ Довуд ҳукмронӣ мекунад, лекин ин куҷост? Онҳо инро намефаҳмиданд, ҳатто пеш аз он, ки Исо ба осмон рафт:

Пас, онҳое ки ҷамъ шуда буданд, ба Ӯ савол дод, гуфтанд: "Худовандо, оё дар ҳамин вақт салтанатро бар Исроил аз нав барқарор хоҳӣ кард?"(Аъмол 1:6)

Онҳо то ҳол интизори омадани подшоҳии ҷисмонӣ буданд, ва ин хел мешавад, вақте ки рӯзе Исо ба замин бар аспи сафед бо "беварҳои муқаддасони Худ" бармегардад (ниг. Яҳудо 1:14-15; Ваҳӣ 19:11-16). Онҳо мехостанд айнан ин тахташро дар замин бинанд, лекин гапашро фаромӯш карданд: "МалакутиХудодардохилишумост". Ва чӣ тавре ки фарисиёнро ислоҳ кард, инчунин фикрҳои шогирдонашро низ ислоҳ карда аст:

Кори шумо нест, ки замонҳо ва мӯҳлатҳоеро, ки Падар бо қудрати Худ муқаррар намудааст, бидонед[муқаррар намудани подшоҳии ҷисмониаш, вақте ки Ӯ бармегардад];. Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт [подшоҳӣ андарун]. (Аъмол 1:7-8)

"Қувват хоҳед ёфт" аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас барои чӣ кор кадан? Паҳн кардани подшоҳӣ! Ин на фақат барои онҳо буд, лекин барои мо низ, чунки Петрус ба тӯдаҳо эълон кард: "Зеро ки ин ваъда [дар бораи пур шудан бо қуввати Рӯҳи Муқаддас] барои шумо ва барои ҳамаи онҳоест, ки дур ҳастанд, яъне барои ҳар касе ки Худованд Худои мо ӯро бихонад"(Аъмол 2:39). Ман ту ба шумораи "ҳамаи онҳое" дохил ҳастем. Ба ин сабаб Павлус ба ҳамаи мо навишт: "Зеро ки Малакути Худо на дар сухан, балки дар қувват аст" (1 Қӯринтиён 4:20). Ҳангоме ки Рӯҳи Муқаддас омада, даруни одамон сокин шуд, подшоҳӣ ва тамоми қувваташ ба даруни мо омад! Ҳоло мо соҳиби қувват шудем, ки подшоҳиро дар дилу зиндагии дигаронро васеъ кунем. Барои ин Каломи Худо қайд мекунад: "Зеро ки Малакути Худо аз хӯрдан ва нӯшидан иборат нест, балки адолат, сулху осоиштагӣ ва шодмонӣ дар Рӯҳулқудс аст." (Румиён 14:17).

Инак дар асл Исо ба саволи вакилон ҷавоб дод—на дар

бораи пойдор шудани подшоҳӣ аз ҷиҳати берунӣ, лекин дар бораи подшоҳии дарунӣ, ки ҳатман ба ҳаёти берунии одамон ҳам таъсир мерасонад. Ҳақиқати аҷиб дар он аст, ки мо акнун метавонем он корҳоеро кунем, ки Исо барои васеъ кардани подшоҳӣ мекард, ва ҳатто аз онҳо ҳам зиёдтар кунем. Боз каломашро ба хотир овар: "Малакути Ту биёяд [ки ҳоло омадааст]; иродаиТу, чунонкидаросмонаст, дарзаминҳамбаамалояд".

## ДАР ЗАМИН ЧУНОН, КИ ДАР ОСМОН

Биёед гап мезанем чӣ тавр Исо роҳҳои осмонро ба замин овард. Вазифаи Исоро оиди зоҳир кардани подшоҳӣ метавонем бо як калом муайян кунем: адолат. Ба мо гуфта шудааст: "Зеро ки Малакути Худо...адолат аст" (Румиён 14:17). Исо ба мо мегӯяд: "Аввал Малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед" (Матто 6:33). Баъд аз рафтанаш Исо ба шогирдонаш гуфт, ки Рӯҳи Муқаддас меояд ва "ҷаҳонро бар адолат мулзам хоҳад кард..., зеро ки назди Падари Худ меравам"(Юҳанно 16:8, 10).

Каломи юнонӣ, ки бисёр вақт дар Аҳди Нав барои адолат истифода бурда мешавад ин "дикаосин". Дар луғат барои ин калима як маъно оварда шудааст: "ҳолати одаме, ки ба Худо аз ҳар ҷиҳат писанд аст". Агар содда карда гӯем, маънои адолат "дуруст дар назари Худо" мебошад.

Навиштаҷот инро равшан қайд мекунад: "Касе одил нест, як нафар ҳам нест" (Румиён 3:10). Агар одам аз нав аз тухми ҷовидонии Каломи Худо таваллуд нашавад, дар назари Худо одил ва писанд шуда наметавонад. Аммо Павлус инчунин равшан қайд мекунад: "Зеро, чунон ки ба воситаи беитоатии як кас бисёр касон гуноҳкор шуданд, ончунон ба воситаи итоати як кас бисёр касон одил мешаванд." (Румиён 5:19). Мо дар ин замон одил мешавем ё вақте ки мо ба осмон меоем? Баъд аз хондани бобҳои гузашта мо аллакай ҷавобашро медонем. Дар

КаломиХудоэълоншудааст: “Зеро Ӯро [Исои Масеҳро], ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем. (2 Қӯринтиён 5:21)

Ва боз:

Шумо дар Исои Масеҳ ҳастед, ки барои мо... адолат шудааст. (1 Қӯринтиён 1:30)

Аз барои он коре, ки Исо барои мо карда аст, мо ҳоло ба Худо аз ҳар ҷиҳат писанд ҳастем. Ин бори дигар ба сафедшавиамон дахл дорад, на ба тарзи муқаддасии зиндагиамон. Мавқеъи дурустамон пеши Худо тамоман ба кӯшиши мо дахл надорад, лекин дар кори аҷиби Худо ба воситаи Масеҳ асос ёфтааст. Шунидани он хеле ғамгиновар аст, вақте ки масеҳиён дар бораи худ ҳамчун кирмҳои хоксор ё гунаҳкорони нафратангезе, ки фақат бахшида шудаанд, фикр мекунанд. Дилам мекафад, вақте ки ягон кас чунин гап мезанад, бо вуҷуди он, ки ин қадар нархи калон барои мо супорида шуд на фақат барои он, ки мо бахшида ва озод шавем, лекин барои он низ, ки мо аз нав ба сурату монандии Исои Масеҳ офарида шавем.

Аввал ва пеш аз ҳама, подшоҳӣ андарун табиати Худоро маъно дорад, ки ба мо қуввату қобилият медиҳад, ки мо дар ин олам муқаддас ва самарабахш зиндагӣ кунем. Ин қувват аз ҳама ошкор дар ҳаёти Исо дида мешавад. Исо нишон дод чӣ тавр одамизод бояд зиндагӣ кунад—на дар асирӣ зери хоҳишҳои гунаҳкори ҷисм, лекин аз адолат илҳом ёфта ва бо қуввати Рӯҳи Муқаддас водор шуда, дар муҳаббат, шодӣ ва осоиштагӣ зиндагӣ кунем—дар бахшиш, шифо, барқароршавӣ фаровон буда, дигаронро ба ҳаёти баландтар бардорем. Ин подшоҳии Худо аст; ин на фақат ба таври муқаддас зиндагӣ кардан, лекин инчунин тарзи зиндагии осмонро ба ин ҷаҳони гумшуда ва талаф мешудагиамон овардан аст.

Ин мақсади зиндагии Исоро ҷамъбаст мекунад—дидан осон аст, ки хоҳиши калони Исо дар он буд, ки диҳад, шифо

бахшад, озод кунад ва ҳикматро изҳор кунад барои зиндагии комёбу пурмазмун. Ҳангоми хондани Инҷил, мо дида метавонем, ки Исо нур дар торикӣ, ҳаёт барои мурдагон, тасаллидиҳанда барои мондашудагон, дар сӯи озодӣ, роҳ сӯи гумшудагон, ҳақиқат барои гумроҳшудагон, чупони ҷонҳои хаста, Наҷотдиҳандаинотавонон, Халоскунандаи асирон—ва ин рӯйхат давому давом меёбад. Исо осмонро ба замин овард, чунки гуфта буд: "Ҳар кӣ Маро бинад, Падарро дидааст"(Юҳанно 14:9). Акнун фармонашро барои мо хон:

Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам. (20:21)

Чӣ қадар гапи ҷиддӣ! Мо бояд монанди Исоосмонро ба замин биёрем. Бароиин Исо пайваста мегуфт: "Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ фиристодаи Маро қабул кунад, Маро қабул мекунад; ва ҳар кӣ Маро қабул кунад, Фиристандаи Маро қабул мекунад"(Юҳанно 13:20). Дар асл бояд чунин бошад: яке аз пайравони ҳақиқии Масеҳро дидан маънои Исоро дидан дорад, монанди он, ки Исоро дидан ин дидани Падар буд.

Ин чӣ қадар масъулияти калон аст, инчунин имконияти калон барои ҳар яки мо!

## "ДАР ИН ҶО" ДАР МУҚОИСА БО "НАЗДИК"

Ба он нигоҳ накарда, ки ин пеш аз он буд, ки подшоҳии Худо ба даруни мо омад, мо дар Инҷил баъзе аз ин ишораҳо мебинем. Мисол, фикр кун чӣ тавр шогирдон хизмат мекарданд: "Ва дувоздаҳ шогирдашро назди Худ хонда, ба онҳо бар арвоҳи палид қудрат дод, то ки онҳоро берун кунанд ва ҳар беморӣ ва бетобиро шифо диҳанд" (Матто 10:1). Вақте ки Исо ин қуввати махсусро (файзро) ба шогирдонаш дод, онҳоро насиҳат кард:

Балки назди гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил биравед; ва чун меравед, мавъиза карда, гӯед, ки Малакути

Осмон наздик аст; беморонро шифо диҳед, махавиёнро пок кунед, мурдагонро эҳё кунед, девҳоро берун кунед. (оятҳои 7-8)

Онҳо бояд подшоҳии Худоро эълон мекарданд. ХостиХудомонанди он, ки дар осмон аст, дар замин ҳам бояд иҷро мешуд. Агар дар ҳаёти одам ягон ҳолате буд, ки ба стандарти осмон мувофиқ набуд, он бояд тағир меёфт. Одамон дар осмон аз ҷониби девҳо азоб намекашанд. Одамон дар осмон касалии маҳавӣ ё дигар касалӣ надоранд. Одамон дар осмон бемор нестанд. Одамон дар осмон гурусна нестанд. Қуввате, ки вакилон қабул карданд, бояд ҳар чизеро дар замин, ки ба осмон мувофиқ набуд, тағир диҳанд! Инро мебинӣ? Инак онҳо пеш рафта, девҳо меронданд, ҳар беморию касалиро шифо медоданд, қашшоқонро мехӯронданд ва мепӯшонданд ва ҳатто мурдагонро зинда мекарданд!

Оиди эҳтиёҷоти ҷисмонӣ Исо кӯшиш мекард, ки шогирдонаш қувваташро истифода баранд, лекин онҳо як имконияти бисёр ҳайратангезро аз даст доданд. Онҳо дар ҷои беодам, аз шаҳру деҳот дур буда, бе хӯрок монданд. Онҳо фақат панҷ нону ду моҳӣ ёфта тавонистанд ва панҷ ҳазор одамони гушна ҷамъ омада буданд. Шогирдон аз Исо хоҳиш карданд, ки ин тӯдаи калонро ба деҳоти наздик фиристад, то ки онҳо барои худ хӯрок харанд. Лекин Исо ҷавоб дод:

Шумо ба онҳо хӯрок диҳед. (Марқӯс 6:37)

Исо мехост, ки шогирдонаш қуввати файзро истифода баранд, ки мӯҳтоҷии одамонро қонеъ гардонанд. Чунон ки дар осмон камӣ вуҷуд надорад, дар он ҷо ҳам бояд камӣ нобояд бошад. Аммо, шогирдон бовар намекарданд, ки ин мумкин аст ва чунин ҷавоб доданд: “Магар мо рафта, ба дусад динор нон бихарем ва барои хӯрдани онҳо диҳем?”(ояти 37). Онҳо то ҳол аз рӯи қуввати худ амал мекарданд, на аз рӯи қуввати ғайриоддӣ, ки ҳамчун тӯҳфаи муфти файз ба онҳо бахшида

буд. Ва барои Исо лозим буд, ки дар қуввати худ амал карда, ин тӯдаро хӯронад.

Оиди беморӣ, заифиҳо ва озод кардани одамон аз зулмот бошад, барои шогирдон осмон буд. Онҳорӯзе баргаштанд ва бо шодӣ гуфтанд: "Худовандо! Девҳои низ бо зикри исми Ту ба мо итоат мекунанд" (Луқо 10:17). Одамони бемор шифо меёфтанд; асирон озод мешуданд—монанди он, ки Исо гуфта буд, рӯй медод.

Аммо, қайд кардан муҳим аст (ниг. Матто 10:7), ки шогирдон бояд эълон мекарданд, ки подшоҳӣ наздик шуда буд. Лекин баъд аз фаро расидани рӯзи Пантикост, подшоҳии Худо на наздик, балки дар ин ҷо буд!

Акнун подшоҳӣ даруни дили марду заноне ҳаст, ки аз нав таваллуд шуданд ва бо Рӯҳаш пур шуданд, монанди он, ки подшоҳии Худо омада, зоҳир шуда буд, вақте ки Исо дар ин замин мегашт. Дар вақти таоми шоми охирин ин хеле кушоду равшан шуд. Исо дар бораи Рӯҳи Муқаддас гуфт: "Зеро ки Ӯ бо шумо мемонад ва дар шумо хоҳад буд"(Юҳанно 14:17). Дар Инҷил вақте ки вакилон рафтанд, ки самара биёранд, Рӯҳи Муқаддас фақар бо онҳо буд ва подшоҳӣ фақат наздик буд. Лекин, Исо нишон медиҳад, ки баъд аз омадани подшоҳӣ, Рӯҳи Муқаддас дар мо мешавад. Ба ин сабаб пеш аз рафтан ба осмон Исо ба ҳамаи мо гуфт: "Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам" (20:21). Мо даруни худ қувват дорем, ки подшоҳии Худоро монанди Исо ба дилу зиндагии одамон биёрем; ҳамаи ин аз барои файзи аҷиби Ӯ!

## ФАЙЗИ БУЗУРГ

Биёед мухтасар нигоҳ мекунем, ки дар китоби Аъмол баъд аз омадани подшоҳӣ ба даруни дилҳои халқи Худо чӣ рӯй дода буд. Дар рӯзи Пантикост "ҳамаашон аз Рӯҳи Муқаддас пур шуданд"(Аъмол 2:4).

Одамоне, ки бо Рӯҳи Муқаддас пур шуданд, ин 120 пайравони вафодори Исо буданд—марҳо, занҳо ва эҳтимол кӯдакон дар он рӯз подшоҳиро қабул карданд. Баъзе аз онҳо вакил, пайғамбар, башоратчии Инҷил, пастор ва муаллимон буданд. Лекин, бисёрашон шогирдони оддии Исо буданд.

Дар он рӯз ҳамаи ин 120 нафар бо забонҳои гуногун, ки наомӯхта буданд, гап мезаданд. Онҳо дар бораи корҳои аҷиби Худо эълон мекарданд. Аз барои ин қувват бисёр одамон истода, ба ин одамони содда гӯш мекарданд, ки Каломи Худоробо забони модариашон эълон мекарданд. Дар охир тамошобинон пурсиданд: “Ин чӣ маъно дорад?”(ояти 12). Дар натиҷаи файзиАҳдиНав се ҳазорба подшоҳии Худо омаданд.

Баъд аз он навишта аст: “Ҳаввориён аломоту мӯъҷизоти зиёде дар миёни қавм ба амал меоварданд” (5:12). Як мӯъҷиза хеле таъсирбахш буд. Петрус ва Юҳанно ба маъбад мерафтанд ва ҳангоме наздик шудан ба даромад, онҳо марди маъюбро диданд, ки ҳама вақт дар ҳамон ҷо шишта, садақа металабид. Вай аз онҳо кӯмаки пули мехост, аммо Петрус ба вай гуфт: “Ман нуқра ва тилло надорам; лекин он чӣ дорам, ба ту медиҳам: ба исми Исои Масеҳи Носирӣ бархезу роҳ рав” (3:6). Петрус чӣ дошт? Ҷавоб осон аст–ин подшоҳии Худо—Петрусқувват пайдо кард, ки тарзи зиндагии осмонро ба замин биёрад.

Ин одаме, ки аз батни модараш роҳ гашта наметавонист, ба по хеста, ба роҳ гаштан, ҷасту хез кардан ва Худоромадҳкарданшурӯъкард. Вақтекиодамонтаъсири подшоҳиро болои ин одам диданд, мардумдар гирди Петрусва Юҳанноҷамъшудандвабазудӣподшоҳӣбопанҷ ҳазорнафаридигаре, киИсоиМасеҳроқабулкарданд, васеъшуд.

Петрус ва Юҳанноро дастгир карданд. Ва Петрус, марде, ки пеш аз маслуб шудани Исо аз як духтари хизматгор тарсида, се маротиба Исоро рад кард, назди саркоҳин истоду далерона подшоҳии Исоро эълон мекард. Пешвоёни Исроил аз барои

ҷуръати Петрус дар ҳайрат монданд, лекин зидди онҳо чизе гуфта натавонистанд,чунки марде, ки солҳои зиёд маъюб буд, пеши онҳо солим меистод. Дар охир Петрус ва Юҳанноро озод карданд.

Баъд аз ин имондорон дуо хонданд ва биноашон зери қувваи Худо ба ларза омад. Баъдазоннавиштааст:

Ҳавворизн бо қувваи бузурге ба эҳёи Исои Худованд шаҳодат медоданд, ва файзи азиме бар ҳамаи онҳо буд. (Аъмол 4:33)

Пайхас кардӣ, ки дар ин ҷои Навиштаҷот қуввати бузург бо файзи бузург пайваст аст? Бори дигар мо мебинем, ки файз ҳамчун қуввати Худо барои васеъ кардани подшоҳӣ маънидод шудааст!

Файз на фақат тӯҳфаи бахшиш, табиати Ӯ ва қувват барои муқаддасона зиндагӣ кардан аст; инчунин ин қуввату қобилияти Худо барои подшоҳиашро васеъ кардан аст! Ин қуввати Худо, ки мо он корҳоеро кунем, ки Исо мекард, ва аз он зиёдтар кунем. Ин қувват барои ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ кардан мебошад.

Дар аввал, бисёриҳо дар калисо бовар мекарданд, ки қуввати Худо фақат ба вакилон дастрас буд, на барои ҳар имондор, чӣ тавре ки Исо фаҳмо карда дар таоми шоми охирин гуфт. Лекин, дар охир ин нофаҳмӣ тағир ёфт ва мо инро дар Аъмол 5 мебинем. Акнун на фақат Петрус хушхабарро мавъиза мекард, лекин ҳама имондорон ба воситаи қуввати файз подшоҳиро васеъ мекарданд. “Ва ҳар рӯз дар баъбад ва дар хонаҳо дар бораи Исои Масеҳ таълим ва башорат медоданд”(ояти 42). Петрус ба ҳеҷ роҳ наметавонист дар як рӯз дар ҳар хонаи Ерусалим мавъиза кунад. Дар замони ӯ телевизор ва радио вуҷуд надоштанд, пас чӣ тавр ин мумкин буд?

Ҷавоб осон аст, чунки ҳама имондорон дар ин файз амал мекарданд. Дароятидигаргуфтшудааст: “Дар он айём, ки

шогирдон зиёд мешуданд” (6:1). Калимаи “зиёд” бори аввал истифода мешавад. Пеш аз ин вақте ки фақат вакилон дар файзи Худо амал мекарданд, мо фақат калимаи “илова шудан” мехонем. Баъзе мисолҳои чунинанд: “Ва дар ҳамон рӯз тақрибан се ҳазор нафар ба онҳо ҳамроҳ шуданд” (2:41); ва боз: “Ва Худованд ҳар рӯз касонеро, ки наҷот меёфтанд, ба аҳли калисо мефазуд” (2:47); ва боз: “Мардону занони бисёре ба Худованд имон оварда, торафт бештар ба онҳо ҳамроҳ мешуданд” (5:14).

Аммо, вақте ҳама имондорон дар файзи Худо амал мекардагӣ шуданд, мо ҳам калимани “афзоиш”-ро мебинем, инчунин афзоиши калонро мебинем: “Каломи Худо торафт интишор меёфт, шумораи шогирдон дар Ерусалим бағоят меафзуд” (6:7).

Байни илова ва афзоиш фарқияти калон аст. Агар дар замони мо хизматгоре монанди вакил Петрус ба даҳ ҳазор одам дар моҳ мавъиза карда, онҳо ба подшоҳии Худо меовард, пас барои ба тамоми дунё мавъиза карда панҷоҳ ҳазор сол лозим мшуд, агар ба назар гирем, ки дар ин панҷоҳ ҳазор сол ягон кас таваллуд намешуд ва намемурд. Албатта, ин ғайриамалӣ аст.

Агар башоратчӣ дар як моҳ ба ним миллион одам мавъиза мекард? Пас барои ба тамоми дунё мавъиза кардан ҳазор сол лозим мешуд. Барои фаҳмидани он чӣ қадар ин вақти зиёд аст, замонеро ҳазор сол пеш, ки давлати Амрико вуҷуд надошт, тасаввур кун. Одамон дар бораи Кристофор Колумб намедонистанд, чунки вай ҳоло таваллуд нашуд, инчунин шоҳи Люи XIV дар Франсия ва шоҳи Ричард Шердил дар Англия таваллуд нашуд буданд. Як ҳазор сол муддати бисёр дароз аст, лекин барои ба тамоми олам мавъиза кардан ин қадар лозим мешуд— агар ба назар гирем, ки дар ин ҳазор сол ягон кас таваллуд намешуд ва намемурд. Чӣ тавре ки дида метавонӣ барои як одам ба тамоми олам мавъиза кардан

кори ғайриимкон аст, ҳатто агар дар як моҳ ба ним миллион мавъиза кунад.

Агар муқоиса кунем, биёед тасаввур кунем, ки як одам зери қуввати файз амал мекунад ва дар муддати як моҳ ба як одам мавъиза карда, ӯро ба подшоҳии Худо меовард. Пас моҳи оянда онҳо ҳар дуаш ба ду каси дигар мавъиха мекарданд; пас моҳи оянда аз чорашон ҳар яктоаш ду каси дигарро меоварданд; баъд дар моҳи оянда ҳар яктоаш аз ҳашт каси онҳо ба ту каси дигар мавъиза мекарданд; ва ҳар моҳ ин тавр давом медод. Бо вуҷуди ин ҷараёни афзоиш тамоми мардуми Штатҳои Мутаҳҳиди Амрико дар як солу даҳ моҳ Хушхабарро мешуниданд! Агар васеътар карда гӯем, барои овардани тамоми алоҳии дунё ба подшоҳии Худо фақат ду солу нӯҳ моҳ лозим мешуд! Дар бораи ин фикр кун—агар ҳар имондор дар як моҳ ақаллан ба ду одам мавъиза мекард, тамоми ҷаҳон Хушхабарро дар давоми аз се сол камтар мешуниданд ва кӯмаки телевизион, радио ва интернет лозим намешуд! Инро ба даст овардан осон аст ва ин афзоиши бузург аст!

Ва маҳз ҳамин афзоиш дар калисои аввал рӯй медод. Барои ин дар давомаш навишта аст:

Павлус аз онҳо худро канор гирифта, шогирдонро ҷудо кард ва ҳар рӯз дар мадрасаи Тиронус ном шахсе мавъиза менамуд. Ин тақрибан ду сол давмо кард, ба тавре ки ҳамаи сокинони вилояти Осиё, ҳам яҳудиён ва ҳам юнониён, каломи Исои Худовандро шуниданд. (Аъмол 19:9-10)

Ҳар одаме, ки дар Осиё зиндагӣ мекард, дар давоми фақат ду сол Каломи Худоро шунид! Агар дар бораи ин фикр кунӣ, ин хеле аҷоиб аст. Ҳар одам! Биёед мухтасар дар бораи ин фикр кунем. Дар Навиштаҷот ҳеҷ чиз аз будаш зиёдтар навишта нашудааст. Аз будаш чизеро зиёдтар нишон додан ин вақте ки мо чизеро аз будагиаш калонтар нишон медиҳем. Агар ман аз шикори моҳӣ баргашта гӯям: “Ман тамоми моҳиро дар он

кӯл қапидам". Бо ин ман гуфтанӣ астам, ки аз барои моҳигирӣ рӯзам нағз гузашт. Аммо, ин тамоман рост нест, ки ман ҳар моҳиро дар он кӯл қапидам. Ин аз будаш зиёдтар гуфтан аст, муболиға. Дар асл ин дурӯғ аст—лекин Навиштаҷот дурӯғ гуфта ё аз будаш зиёдтар гуфта наметавонад. Яъне агар навишта аст, ки ҳар одам давоми ду сол Каломи Худоро шунид, пас ин ҳар одамро маъно дорад!

Павлус ҳар рӯз дар мактабаш дарс медод ва тамоман мумкин набуд, ки ҳар одам дар тамоми минтақаи Осиё дар давоми он муддат дар ин мактаби майда хонданд. Дар он замон дар Осиёи хурд аз ёздаҳ миллион одам зиёдтар зиндагӣ мекарданд! Онҳо таълимоти Павлусро ба воситаи антенна ё телевизион паҳн намекарданд. Мавъизаи Павлусро дар радио паҳн намекарданд. Пас чӣ тавр ин рӯй дода метавонист? Ҷавобаш ошкор аст: акнун имондорон фаҳмиданд, ки Худо на фақат барои наҷот ёфтан ва муқаддасона зиндагӣ кардан ба онҳо файз додааст, лекин барои васеъ кардани подшоҳии Худо низ. Ва онҳо ин корро мекарданд!

## ИМОНДОРОН ОДДӢ

Агар ту баъд аз боби панҷуми китоби Аъмол дар боари имондороне хонӣ, ки вакил, пайғамбар, пастор ё муаллим набуданд, ту мебинӣ, ки акнун онҳо низ ба таври ғайриоддӣ амал мекарданд—зоҳир кардани роҳҳои подшоҳии Худо дар ин ҷаҳон. Агар дар зиндагии одамон ягон шароите буд, ки ба роҳҳои осмон мувофиқ набуд, ин имондорон қуввати файз доштанд, ки онро тағир диҳанд. Пайравони Исо инро ба воситаи эълон кардани озодӣ ва озод кардани одамон ба воситаи наҷот, шифо додани одамони бемор ва девдор, инчунин ба воситаи озод кардани ҳикмати олии осмон барои одамони гунаҳкор мекарданд—онҳо подшоҳии Худоро пеш мебурданд!

Истефанус, марде ки аъзои вафодори калисои Ерусалим буд, бо хизмати нон тақсим кардан машғул буд. Вай имондори оддӣ буд, ки ба воситаи тақсим кадани хӯрок хизмат мекард. Бихон, кидарНавиштаҷотдар бораяш чӣ гуфта шудааст:

Истефанус, ки пур аз имон ва қувват буд, дар миёни қавм аломоту мӯъҷизоти бузурге ба амал меовард. (Аъмол 6:8)

Файзи бузур на фақат болои вакилон буд, ки подшоҳии Худоро васеъ кунанд, лекин файз болои аъзоёни оддии калисо ҳам буд. Ин хости Худо дар он замон буд ва дар замони мо ҳам ин хости Худо мебошад, ва ин ҳама вақт хости Худо мемонад! Истефанус вакил, пайғамбар, башоратчӣ, пастор ё муаллим дар калисо набуд. Вай шогирди оддии Исои Масеҳ буд ва аз тую ман ҳеҷ фарқ надошт. Аммо вай дар қуввати бузург—дар файзи Худо—амал карда, байни мардум мӯъҷизаҳои аҷиб мекард.

Истефанус на фақат ба таври мӯъҷизакорона амал мекард; инчунин вай боҳикмат буд. Баъзе ғаюрон аз куништ бо вай бахсро сар карданд ва ба воситаи файзи Худо вай кушоду равшан ростиро эълон мекард: “Лекин ба он ҳикмат ва Рӯҳе, ки дар суханонаш буд, ёрои мухолифат надоштанд”(ояти 10). Вай ба осонӣ метавонист худро ақиб кашида, гӯяд: “Истед, ман худошинос ё вакил нестам. Шумо бояд дар бораи ин боя гон пастори ман гап занед”. Лекин инро гуфтан лозим набуд, чунки вай файз дошт, ки ин қуввату қобилияти Худо аст, ки мӯҳтоҷии мавҷудро қонеъ гардонад.

Биёед боз гапи Павлусро аз ин боб ба шумо хотиррасон кунам: “Худо қодир аст ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад, то ки шумо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ба қадри кофӣ қонеъ буда, барои ҳар кори хайр афзунӣ зоҳир намоед ” (2 Қӯринтиён 9:8). Павлус мегӯяд, ки мо на фақат ба қадри кифоя файз (қуввати Худо) дорем, лекин онро барои ҳар шароит ба таври фаровон

дорем, ки роҳҳои осмонро ба зиндагии одамон дар замин биёрем! Ва ин ваъда барои ҳамаи имондорон рост аст.

Чӣ тавре ки мо медонем Истефанус ҳеҷ вақт пешво дар калисо набуд ва хизматгори вақти пурра набуд. Вай имондор оддӣ буд, ки ба воситаи файзи Худо давишашро ба таври олӣ ба анҷом расонад. Пеш аз заминро тарк карда, ба осмон рафтан дар охир инро гуфт:

Вале онҳо бо овози баланд фарёд зада ва гӯшҳои худро маҳкам карда, якдилона ба ӯ ҳамла оварданд ва аз шаҳр берун бароварда, сангсор карданд... Вақте ки Истефанусро сангсор мекарданд, ӯ дуо мехонду мегуфт: "Эй Исои Худованд! Рӯҳи маро қабул кун". Сонӣ зону зада, боовози баланд нидо кард: "Худовандо! Ин гуноҳро ба ҳисоби онҳо дохил накун". Инро гуфту ҷон дод. (Аъмол 7:57-60)

Аҷоиб. Ин пешхизматро сангсор карданд, лекин вай файз дошт, ки кушандагони худро оромона бубахшад монанди он, ки Исо кушандагони худро бахшид. Вай ин хел карда тавонист, чунки дар осмон нобахшиш нест—подшоҳии Худо андаруни вай буд. Истефанус таълим медод, мӯъҷизаҳои аҷиб мекард, дар табиати Исои Масеҳ мегард ва подшоҳии Худоро васеъ мекард—ҳамаи ин корро ба воситаи файзи аҷиби Худо мекард! Бо вуҷуди он, ки вай пайрави оддии Исои Масеҳ буд.

Дар ҳаёти одами оддӣ, ки номаш Ҳанониё буд, низ чунин буд. Дар Навиштаҷот дар бораи ӯ гуфта шудааст: "дар Димишқ Ҳанониё ном шогирде буд"(Аъмол 9:10). Гуфта нашудааст, ки вай дар калисо вакил, пайғамбар, башоратчӣ, пастор ё муаллим буд. Эҳтимол вай тиҷоратчӣ, савдогар, муаллими мактаб, анборчӣ, сартарош ё дигар коргари оддӣ буд. Лекин бин дар Навиштаҷот дар борааш чӣ гуфта шудааст:

Ҳанониё рафта, ба он хона даромад ва даст бар ӯ гузошта, гуфт: "Эй бародар Шоул! Исои Худованд, ки дар роҳе ки меомадӣ, бар ту хоҳир шуд, маро фиристод, то ки боз бино

гардӣ ва аз Рӯҳулқудс пур шавӣ". Дарҳол аз чашмони ӯ чизе монанди пулакча афтода, бино шуд.(оятҳои 17-18)

Ин имондори оддӣ, ки мо дар борааш дар Аҳди Нав дигар намехонем, итоаткорона рафта, болои чашмони Павлус даст ниҳод ва биноиаш барқарор шуд. Чӣ қадар кори ҳайратовар! Ҳанониё бахшоиши махсус надошт ва дар калисо барои кардани мӯъҷизаҳо машҳур набуд. Ба вай фақат лозим буд, ки файзи зарурӣ ба вай дастрас бошад, то қисми худашро барои васеъ кардани подшоҳӣ иҷро кунад. Ҳамаи мо ин файзро дорад; дар Исои Масеҳ ин файз ба мо муфт дода шудааст.

Исо инро фаҳмо гуфт. Вақте подшоҳии Худо ба даруни мо гузошта мешавад, мо метавонем онро васеъ кунем, новобаста аз он, ки мо тиҷоратчӣ, модари хонашин, духтур, муаллими мактаб, механик, хонанда, сиёсатмадор, инвестор бошем ё хонаҳоро мефурӯшем—касби мо фарқ надорад. Вай ба ҳамаи мо фармон медиҳад, ки подшоҳии Худоро васеъ кунем:

Ба тамоми олам биравед ва Инҷилро ба ҳамаи махлуқот мавъиза кунед. Ҳар кӣ имон оварда, таъмид ёбад, наҷот хоҳад ёфт; лекин ҳар кӣ имон наоварад, таҳкум хоҳад шуд. Ва ин аломот ҳамроҳи имондорон хоҳад буд: ба исми Ман евҳоро берун кунанд ва ба забонҳои нав сухан гӯянд; ва морҳоро гиранд; ва агар заҳри қотиле бихӯранд, ба онҳо осеб нарасонад; ва даст бар беморон ниҳанд, онҳо шифо ёбанд. (Марқӯс 16:15—18)

Бин, ки Исо махсус қайд мекунад, ки имондорон қувват мегиранд, маҳз ҳамон қувват ё "файз",ки Истефанус дошт, ки "мӯъҷизаҳои аҷиб" барои васеъ кардани подшоҳии Худо мекард. Дар дигар тарҷума чунин гуфта шудааст: "Ҳар ки ба Ман имор оварад, корҳои аҷоибро карда метавонад"(ояти 17). Исо нагуфт "фақат вакилон ва хизматгорони доимӣ". Ин қувват барои ҳама имондорон аст—монанди он, ки барои Истефанус, Ҳанониё, чор духтарони Филлипус буд (ниг. Аъмол 21:9), имондорон дар Ерусалим, имондорон дар Осиё—ин рӯйхат

давом ёфта, ману туро ва ҳамаи он касоне, ки ба Исои Масеҳ ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда бовар мекунанд ва бо Рӯҳи Муқаддасаш пур ҳастанд, низ дарбар мекунад.

Умедворам, ки ин кушоду равшан шуд. Файз ин ҳузури қувватбахши Худо мебошад, ки ба мо қобилият медиҳад, то ки мо дар замони худ ба таври муқаддас зиндагӣ кунем ва кори зарурӣ барои васеъ кардани подшоҳии Худо кунем. Файз ба мо қувват медиҳад, ки мо аз қобилияти худ болотар амал кунем. Худо ба Павлус гуфт: "Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад". Вақте ки Павлус инро фаҳмид, вай бо хурсандӣ эълон кард: "Ман бо рағбати бештар аз заъфҳои худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ [файз] дар ман сокин гардад" (2 Қӯринтиён 12:9).

Файз ба мо қобилият медиҳад мо дар ҳар соҳа аз қобилият худ болотар бошем, ба Худо писанд оем ва ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ кунем. Сабаби ин бисёр содда аст: Худо тамоми ҷалол мегирад, на мо.

Ба имондорони Макдунӣ нигоҳ кун. Онҳо ба қадри кофӣ барои ҳадия додан пул надоштанд, лекин онҳо ба қобилияти худ таваккал намекарданд. Бин чӣ тавр Павлус онҳоро таъриф мекунад барои он, ки онҳо аз файзи Худо вобаста буданд:

Шуморо, эй бародарон, дар бораи файзи Худо, ки ба калисоҳои Макдуния ато шудааст, огоҳ менамоем; зеро ки дар миёни имтиҳони бузурги андӯҳҳо фаровонии шодии онҳо ва бенавоии сахти онҳо дар ҳиммати баландашон пурра зоҳир шуд; зеро ман шоҳиди онам, ки онҳо алоқадри қувваташон ва берун аз қувваташон сахӣ буданд. (2 Қӯринтиён 8:1-3)

Имондорони Макдуния чӣ қадаре, ки метавонистанд, карданд. Аммо онҳо бо ин тамом накарданд ва бо файзи Худо аз қобилияти худ болотар ҳадияи калон доданд. Ва Худо тамоми ҷалолро гирифт!

Файз ба мо аз қобилиятамон болотар қувват мебахшад.

Барои ин файз ғайриоддӣ аст! Аҳ, ман инро дар ҳаёти худ ва ҳаёти одамони бешумор дидам. Ман давоми бист сол сафар карда, хизмат мекардам, ва баъзан дар моҳ фақат се рӯз дар хона будам. Кӯдаконам ҳоло дар синну соли бист наздик ва боло ҳастанд ва ҳамаи онҳо Худоро дӯст медоранд ва аз тахти дил ба Ӯ хизмат мекунанд. Ману занам пешчат ҳеҷ вақт ин қадар сахт якдигарро дӯст намедоштем ва оилаамон аз пештара дида беҳад қавӣ аст. Бисёр вақт одамон ба ман нигоҳ карда, мегӯянд: "Шумо чӣ тавр инро мекунед? Чӣ тавр шумо дар сол аз сесад ҳазор километр зиёдтар сафар карда, навиштани китобҳоро давом медиҳед, тару тоза мемонед ва оилаи худро мустаҳкам нигоҳ медоред?" Ман табассум карда, ҷавоб медиҳам: "Ин файзи Худо!"

Ман заифиҳои худро медонам ва чӣ қадар ман бе файзи Худо бениҳоят ношоям мебошам. Пеш аз он, ки ман кори муҳандисии худро мондам ва хизмат карданро сар кардам, модарам гуфт: "Ҷон, ба фикрам ин инҷиқист. Баъд аз чанд сол ту ин хизматро мепартоӣ, чӣ тавре ки ҳар чизи дигарро партофтӣ ". Оҳ! Лекин гапаш асоснок буд—пеш аз он ки ман бо файзиаҷиби Худо дуҷор шудам, ман қариб ҳар чизеро, ки сар мекардам, мепартофтам. Ин камбудии қавииродагӣ ҳатто ба муносибатам бо одамон таъсир расонд, ва ҳангоме ки ман дар охир оиладор шудам, ман хавотир мешудам, ки ман аз занам хаста мешавам ва ӯро мепартоям. Лекин дигархел шуд: Ман имрӯз занамро сахттар дӯст медорам назар ба си сол пеш, вақте ки мо оиладор шудем. Имрӯз ман нисбати хизматам ғайрати бештар дорам назар ба бисту панҷ сол пештар, вақте ки ман хизматро ба Худо сар кардам. Ин чӣ тавр шуда метавонад? Ман бисёр нағз фаҳмидам, ки ҳеҷ вақт заифиҳоамро фаромӯш накунам ва файзи Худоро ҳама вақт дар ёд дошта бошам. Файз ба ман муфт ҳамчун тӯҳфа дода шуд, бинобар ин ман акнун чизҳои имконнопазирро карда метавонам. Ман метаовнам аз қобилияти инсонии худ буда, аз барои файзи Худо чизҳои

ғайриоддӣ кунам—ва ҳамааш барои ҷалоли Ӯ!

Ин бисёр ғамгиновар, ки ин қадар масеҳиёнӣ зиёд файзи Худоро то ба дараҷаи “суғуртаи мошин” паст кардан. Не! Файз ин тӯҳфаи муфти Худо аст, ки моро мебахшад, наҷот медиҳад, барқарор мекунад ва ба мо қувват мебахшад, ки муқаддасона зиндагӣ кунем. Инчунин файз моро қобилиятнок мекунад, ки мо подшоҳии Худородаруни худ васеъ кунем ба воситаи он, ки аз қобилиятамон болотар равем. Чӣ тавре ки файз моро аз марги абадӣ раҳоӣ медиҳад, он ба мо қувват мебахшад, ки мо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётамон ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ кунем.

Акнун мо ба саволи муҳимтарини ин китоб расидем: Чаро ҳамаи кӯдакони Худо дар қуввати ин файзи аҷиб зиндагӣ намекунанд? Барои шунидани ҷавоб тайёрӣ бин. Аз ин ҷо боз китоб махсус шавқовар мешавад!

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Бароят бовар кардан душвор аст, ки ту ҳамчун имондор аз Исо корҳои зиёдтар карда метавонӣ? Аз кадом сабаб ин тавр ҷавоб додӣ.

Дар кадом соҳаи заифӣ ба ту зиёдтар файзиХудолозим аст?

Ба фикрат Масеҳтуро даъват мекунад, ки подшоҳи аш ро васеъ кунӣ?

# 12
# Роҳи кушод

Файз ин тӯҳфаи Худо барои ҳар яки мо. Онросазоворшуданё хизмат карда гирифтан мумкин нест—он муфт дода мешавад. Муҳимам, ки ҳамон файзе, ки мо дар борааш дар бобҳои пеш гуфтем, ба ҳар кас дастрас аст. Илтимосҳеҷвақтинфикрхатор оқабулнакун, кионфақатбашахсонимуайяндода мешавад; не, файз ба ҳама дастрас аст!

Инро дониста, мо бояд чунин савол пурсем: "Нофаҳмӣ дар куҷост? Чароинқадар масеҳиёни зиёдбештар монанди пештара озод мекунанд, вақте ки онҳо ба воситаи файзи Худо озод шуда буданд? Чаронишонаи файзи қувватбахш ин қадар кам аст?" ВакилПавлус ҷавоби равшан дорад:

Пас, мо бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ сулҳу осоиштагӣ дорем, ки ба воситаи Ӯ мо бо имон сӯи ин файзе роҳ ёфтаем, ки дар он истодаем. (Румиён 5:1-2)

Калимаи асосӣ дар ин ҷои Навиштаҷот "роҳ". Калимаи юнониаш "просагог", ки аз рӯи якчанд луғати юнонӣ ҳамчун "гузаргоҳ"маънидод мешавад. Дардигарлуғатинкалимачун инмаънидодшудааст– "қобилият, ҳақ ё иҷозат барои наздик шудан, даромадан, сухан гуфтан ё истифода бурдан ". Дигарм уродифиинкалима"даромадгоҳ".

Фикркунбокадоммаъноидигармо ин калимаро истифода мебарем. Агартумехоҳӣаз компютер маълумотимуҳимрогирӣ, лекин иҷозат дода намешавад, чунки ту калимаи рамзро намедонӣ. ТумехоҳӣбаҚасрипрезидентдарой, токиӯробинӣ, лекинбатуиҷозатнамедиҳанд, чункиҳуқуқи даромадан надорӣ. Ту сардори дастаи футбол дар мактаб ҳастӣ ва ба ту либоси варзишӣ барои машқ лозим аст. Ондаранбормаҳкамаст, лек интубаонҷодаромаданаметавонӣ. Пастучӣбоядкунӣ? Ту бояд муаллимеро, ки калиди он ҷоро дорад, ёбӣ.

Мо метавонем маънои ин калимаро дигар хел баён кунем: тасаввур кун, ки ту ба об эҳтиёҷи калон дорӣ, чунки чоҳи ту хушк шуд. Дар шаҳр бурҷи оби калон ҳаст, ки дарунаш миллионҳои литри об ҳаст. Ҳамчуншаҳрвандтунисбатитамом иобизарурӣҳақдорӣ, лекинроҳбаобнадорӣ. Қубуриасосии об, ки захираи номаҳдуди об дорад, аз пеши хонаат мегузарад. Пастубоядчӣкоркунӣ? Бояд ба шаҳр рафта, иҷозат гирӣ, ки аз қубури асосӣ истифода кунӣ. Баъд аз он ту ба дукони асбобҳои рӯзгор рафта, қубур мехарӣ. Ту дар ҳавлиат ҷӯй меканӣ ва ба воситаи қубур хонаатро ба об пайваст мекунӣ. Об ба хонаат ҷорӣ мешавад, чунки акнун он ба ту дастрас аст.

Агар содда карда гӯем, имон ин қубури файз аст. Багапи Павлус бори дигар гӯш кун: “Мо бо имон сӯи ин файзероҳёфтаем, кидаронистодаем”. Биёедазмисоли қубури об истифода бурда, инро боз ҳам фаҳмотар кунам: “Мо бо қубури имон сӯи тамоми оби файзе, ки ба мо лозим аст, роҳ ёфтаем”.

Имон муайян мекунад, ки оё мо аз файз истифода мебарем ё не. Инмаънодорад, кисӯи ҳамон файзе, ки мо чуқур дар бобҳои пеш дида баромадем, ҷуз аз имон роҳи дигар нест! Инродониста, биёед боз ин ҳақиқати муҳимро такрор мекунам: файз қуввате мебошад, ки барои писанд омадан ба Худо лозим аст. Барои ин ба мо гуфта шудааст:

Аммо бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест. (Ибриён 11:6)

Дар тарҷумаи васеъи Китоби Муқаддас қайд шудааст: "Бе имон ба Худо писанд омадан ва барои Ӯ қаноатбахш будан мумкин нест". Чаро? Бе имон мо қубур надорем ва аз барои ин сӯи файзе,ки моро барои ба Худописанд омадан қувват мебахшад, роҳ надорем. Дар хотир дор, ки мо бо қобилияти худ ба Худо писанд омада наметавонем, лекин фақат ба воситаи файз.

## КАЛОМИ ФАЙЗИ Ӯ

Ҳар чизе, ки барои зиндагӣ лозим аст, дар Каломи Худо ҳаст. Моинроазномаиохирини Петрус медонем:

Азбаски қуввати илоҳии Ӯ [файз] ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст... ки бо онҳо ба мо ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳо дода шудааст, то ки шумо ба воситаи онҳо шарики табиати илоҳӣ гардед. (2 Петрус 1:3-4)

Дар ин оят мо ду ҳақиқати муҳимро мебинем. Якум, ҳамаи чизҳои барои ҳаёт—ҳаёти ғайриоддӣ—дар ваъдаҳои азизи Каломаш ҳаст, ва дуюм, ҳар чизе, ки барои ҳаёти росткор лозим аст, дар як калима ҷамъбаст шудааст: файз. Дар асл, мо гуфта метавонем, ки файзи Худо дар таркиби Каломаш ҳаст. Мо дар бораи имондорон чунин мехонем: "Муддати дарозе дар он ҷо монда, дар бораи Худованд далерона сухан мегуфтанд, ва Ӯ ба каломи файзи Худ шаҳодат медод" (Аъмол 14:3). Муаллифхусусан иборати "каломи файзи Худ"-ро истифода мебарад. Дертардаркитоби Аъмол монасиҳати охирини Павлусро ба касоне, ки аз тахти дил дӯст медорад, мехонем:

Акнун, эй бародарон, шуморо ба Худо ва ба каломи файзи Ӯ месупорам, ки қодир аст шуморо обод гардонад ва дар миёни ҳамаи муқаддасон ба шумо меросе бибахшад. (20:32)

Бори дигар “каломи файзи Ӯ”-ро мебинем. Бодигаргап, тамоми файз—қуввати Худо барои қабул кардани ҳар баракати рӯҳонӣ—дар Каломи Худо ҳаст. Барои ин мо мехонем, ки Исо“ҳама чизро бо каломи қуввати Худ нигоҳ доштааст” (Ибриён 1:3). Дар он ҷо гуфта нашудааст “қуввати каломи Ӯ”, лекин хусусан қайд мешавад“каломи қуввати Ӯ”. Агар“қуввати каломи Ӯ” гуфтамешуд, пасфақатмаъномедошт, киКаломашбоқувватаст. Лекин, Рӯҳи Муқаддас инро чунин навиштааст, то фаҳмо бошад, ки тамоми қуввати Ӯ, тамоми файзи Ӯ даруни Каломи Ӯ ҳаст!

Файз дода намешавад аз барои он, ки мо нағз ҳастем, ё аз барои он, ки мо Худоро дӯст медорем, ё самимӣ ҳастем, ё аз барои хизмати боғайрати мо, ё аз барои он, ки мехоҳем аз тахти дил ба Худо писанд оем, ё аз барои он, ки мо ба одамони дуруст наздик ҳастем, ё аз барои бисёр чизҳои дигар. Тамоми файз даруни Каломи Ӯст ва барои он, ки Каломаш тӯҳфаи файзро ба амал дарорад ва роҳ сӯи он кушода шавад, мо бояд ба он бовар кунем:

Зеро ки башорат ба мо низ, чунон ки ба онҳо, мавъиза карда шуд; аммо ба онҳо каломе ки шуниданд, фоидае набахшид, чунки бо имони шунавандагон напайваст. (Ибриён 4:2)

Дар ин оят дар бораи халқи Исроил гуфта мешавад. Хушобуранг гӯем, тамоми маҷмӯъи баракатҳои осмон аз пешо хонаҳои онҳо мегузашт, лекин онҳо ба воситаи қубури имонашон ба он пайваст нашуданд. Бароиинонҳо баракатҳои аҷиби Худоро барои ҳаёти ғайриоддӣ қабул накарданд, чунки онҳо ба он имон наоварданд.

Муаллифи номаи Ибриён моро бо Исроил муқоиса мекунад. Баракатҳои файз аз пеши хонаи мо низ ҷорӣ аст—ҳатто баракатҳои аҳди олитар нисбат ба ваъдаҳое, ки Исроилиҳо доштанд. Аммо, агар мо қубури имонамонро ба он пайваст накунем, мо ҳам аз файз фоида намебинем, чунки ба он роҳ

надорем.

## НАҶОТАЗМАРГ

Биёед ба баъзе ҷиҳатҳои файз, ки бо ин маъно муҳокима кардем,дида мебароем. Навиштаҷот қайд мекунад: “Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад” (Юҳанно 3:16). Худо Исоро қурбонӣ кард, ки барои ҳар одам дар тамоми олам фидия гардад. Петрус инро васеътар мефаҳмонад: “Худованд... пурсабрӣ зоҳир менамояд ва намехоҳад, ки касе нобуд шавад” (2 Петрус 3:9). ФайзиХудо на фақат ба воситаи Исои Масеҳ наҷот мебахшад, лекин инчунин Худо мехоҳад, ки ҳар одам онро қабул кунад. Инхоҳиши дил ва хости Ӯ мебошад, ки ҳар одам аз марги абадӣ наҷот ёбад.

Аммо, ҳақиқат дар он аст, ки на ҳама наҷот меёбанд. Дарҳақиқат, аз рӯи гуфтаи Исо аксарияти одамизод талаф мешавад. Исо гуфт: “Аз дари танг дароед; зеро фарох аст он дар ва васеъ аст он роҳе, ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое ки ба он дохил мешаванд, бисёранд; зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе, ки сӯи ҳаёт мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд” (Матто 7:13-14).

Чаро фақат миқдори ками одамизод ба осмон мераванд ва аксариат абадан дар дӯзах мешаванд? Бовуҷудион, ки Исои Масеҳ ин қадар дарди калон, азобу уқубут аз сар гузаронда, худро ба қурбонӣ овард, ки ҳамаи одамонро ба подшоҳӣ биёрад, чаро ин қадар одамони кам онро меёбанд? Каломбаонҳофоиданамебахшад, чункибо имонашон пайваст намешавад. Ҷоро аз Юҳанно 3:16 ба ёд овар: “то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад”. Бовариқарданлозимаствaин имон мебошад. Ба гапи Павлус гӯш кун:

Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост. (Эфсӯсиён 2:8)

Файз ин тӯҳфаи ҷовидонии Худост; фақат ба воситаи он мо метавонем бахшида шавем, нав гардем ва осмонро мерос гирем. Лекин, фаҳмост, ки мо онро фақат ба воситаи қубури имон қабул карда метавонем: “Зеро мо эътироф менамоем, ки одамизод... ба воситаи имон сафед мешавад” (Румиён 3:28). Беқубури имонфайз нест, ҳатто ба он нигоҳ накарда, ки он ба мо фаровон бахшида шудааст.

Павлус мегӯяд: “Аммо чӣ гуна онҳо бихонанд Онро, ки ба Ӯ имон наовардаанд? Чӣ гуна онҳо имон оваранд ба Он ки дар бораи Ӯ чизе нашунидаанд? Чӣ гуна онҳо бидуни воизон чизе бишнаванд?” (Румиён 10:14). Барои он ки одамон имон барои наҷот ёфтанашон дошта бошанд, бояд каломи файзи Худоро шунаванд.

Лекин гӯш кардан бо гӯшҳои ҷисмониамон фақат аввал аст, чунки Павлус давом медиҳад: “Лекин на ҳама башоратро гӯш карданд” (ояти 16). Чаро на ҳар касе, ки мешунавад, бовар мекунад? Якчанд сабабаш ҳаст; лекин, Павлус сабаби асосиашро дар ояти дигар мегӯяд:

Пас, имон аз шунидани ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи каломи Худост. (ояти 17)

Диққат деҳ, ки Павлус ду намуди шуниданро қайд мекунад. Якумаш, шунидан бо гӯшҳои табииамон; дуюмаш, бо диламон. Исо доим такрор мекунад: “Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!” (Матто 11:15; 13:9, 43; Марқӯс 4:9, 23; 7:16; Луқо 8:8; 14:35). Ҳар касе ки Исо ин гапро мегуфт ҷисман шунида метавонист, лекин Ӯ шунидан бо дил дар назар дошт, чунки ҷои имон дар дил ҳаст.

Диламон мешунавад, вақте ки он олӣ, гурусна ва ба итоат кардан тайёр аст (ниг. Луқо 8:15). Ба ин шарт мо қабул карда метавонем, вақте ки каломи файз гуфта мешавад, чунки фақат он метавонад ба ҳастии марказии мо таъсир кунад: “Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери

дудама тезтар аст,... ва ниятҳои дилро месанҷад" (Ибриён 4:12). Маънояш ба даруни чизе даромадан ва ба мақсад расидан. Фақат Каломи Худо метавонад ба дохили ақл, зеҳн ва эҳсосотамон дарояд ва ба ҳастии марказиамон расад, ки имони ҳақиқӣдар он ҷо ба вуҷуд меояд. Инро даниста, мо мефаҳмем чӣ қадар муҳим аст, ки Каломи Худоро эътироф кунем—ва на дар бораи анъанаҳо, қоидаҳои роҳбарият, ақидаҳои фалсафӣ, фикрҳои динӣ ва ғайра гап занем. Фақат Калом метавонад ба дарунамон дарояд ва имони ҳақиқиро ба вуҷуд оварад.

## ИСБОТИ ИМОН

Бисёр зарур аст, ки мо каломро дар дили худ шунавем, чунки мо аз барои хабардор будан, ҳиссиётҳои гарм ё ҳатто розигии ақлӣ наҷот намеёбем. Дурусташ, "Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст" (Румиён 10:10). Ин имони ҳақиқӣ, ки дар дохили мо пайдо мешавад. Бисёр касон инро мураккаб мекунанд, лекин ин хеле содда аст. Имон чуқур бовар мекунад, ки Худо гапи гуфтагиашро иҷро мекунад, ва дар натиҷа он каломи розигӣ ва амали итоатро ба вуҷуд меоварад. Сухану амалу муносиб фақат нишонаи он, ки диламон ба гуфтаи Худо нигоҳ медорад. Инсоддаюфаҳмо, лек инбароифаҳмишибисёркасондушворast.

Биёедкӯтоҳ сухану амали муносиби имон дида бароем, чунки ҳамроҳ онҳо исбот ҳастанд, ки ин одам ба сӯи файзроҳ пайдо кардааст.

Аввал, имон забон дорад. Павлус менависад: "Аммо адолате ки аз рӯи имон аст, чунин мегӯяд" (Румиён 10:6). Ва боз: "Чунон ки навишта шудааст: "Имон доштам, бинобар ин мегуфтам",мо низ имон дорем, бинобар ин мегӯем" (2 Қӯринтиён 4:13). Яъне имони ҳақиқӣ ба тарзи муайян сухан мегӯяд.

Исо гуфт:

Ба Худо имон оваред. Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар

кӣ ба ин кӯҳ гӯяд: “Бархоста, худро дар баҳр афкан”, ва дар дили худ шак надошта бошад, балки яқин дорад, ки он чӣ гӯяд мешавад, - ҳар чӣ гӯяд ба вай ато хоҳад шуд. (Марқӯс 11:22-23)

Диққат деҳ, ки Исо махсус қайд мекунад, ки имониҳақиқӣ ба Худо мувофиқи чизи бовар мекардагиаш гап мезанад; ин забони имон. Дар ҳақиқат, калимаи “гӯяд” се маротиба дар ин оят такрор мешавад ва Исо калимаи “яқин дорад” (бовар куанд) фақат як бор мегӯяд. Вай диққати калон ба забони имон медиҳад. Имони ҳақиқӣ мувофиқи чизи бовар мекардагиаш гап мезанад, чунки Исо мегӯяд: “Зеро ки забон аз пурии дил сухан мегӯяд” (Матто 12:34). Ба воситаи гапи дуруст гуфтан мо имон доштанамонро исбот намекунем. Балки мо ихтиёран чизи бовар мекардагиамон мегӯем. Мисли он, ки муаллифи таронаи Забур менависад: “Имон доштам, бинобар ин мегуфтам” (115:1). Имон аввал меояд ва исботи сухан аз паи он меояд. Павлус тасдиқ мекунад: “Имон доштам, бинобар ин мегуфтам”. Он чизе, ки аз даҳонамон зери фишор ё дар вақтҳое, ки мо фаҳмида фикр намекунем, мебарояд ин он чизе, ки мо дар асл бовар мекунем. Ин нишонаи имонамон ё нишонаи камии он мебошад.

Ин ростӣ дар як ҳодисаи шогирдони Исо возеҳ тасвир шудааст. Исо тамоми рӯз дар бораи қоидаҳои Каломи Худо ва имон таълим медод. Баъд аз он аз шогирдонаш пурсид: “Оё ҳамаи инро фаҳмидед?”

“Оре, Худовандо!” – ҷавоб доданд (Матто 13:51). Акнун санҷида мешуд оё онҳо таълимоти он рӯзро фаҳмиданд ё не, чунки Рӯҳи Муқаддас ба дили Исо гузошт, ки ба канори дигар баҳри Ҷалил гузарад, чунки Худо мехост марди девдорро, ки дар дигар канори баҳр буд, озод кунад. Исо гуфт: “Ба канори дигар бигзарем” (Марқӯс 4:35).

Шогирдонаш, ки баъзеашон моҳигири ботаҷриба буданд ва борҳои бешумор дар баҳр буданд, ба қаиқ даромада, сафарро

оғоз карданд. Исо аз рӯзи серкор монда шуда, дар думи киштӣ хоб рафт.

Тундбоди сахт бархест ва шамоли шадид мевазид. Обқаиқропурмекард ва соҳили баҳр намоён набуд. Инмоҳигирони ботаҷриба хулоса карданд, ки онҳо ҳалок мегарданд.

Акнун ба рафтори онҳо нигоҳ кун: "Ӯро бедор карда, гуфтанд: "Эй Устод, оё Туро парвое нест, ки мо ҳалок мешавем?" (Марқӯс 4:38). Онҳо аз тамоми дилашон дод мегуфтанд. Онҳо бо забони ҳиссиёти табиӣ гап мезаданд, на бо забони имон, чунки онҳо имон надоштанд. Фоҷиаи калонтарин дар он буд, ки ба онҳо гуфта буд: "Ба канори дигар бигзарем". Вайнагуфт: "Ҳэй, дӯстон, биёед ба қаиқ шишта, ними роҳ равем ва ғарк шавем".

Онҳо гапи Ӯро бо гӯшҳои табииашон шуниданд, на бо гӯшҳои дилашон. БароиниВайхеставабатундбоду шамоламркард: "Хомӯш шав ва ором бош" (ояти 39). Пас ба онҳо рӯ оварда, гуфт: "Барои чӣ шумо чунин ҳаросонед? Чаро имон надоред?" (ояти 40). Исо медонист, ки онҳо имон надоштанд, чунки зери фишор Исо нашунид, ки ягон гапи муносиби имон аз даҳонашон барояд. Онҳо аз пурагии дилашон гап мезаданд ва бе имон онҳо наметавонистанд ба файз роҳ ёбанд ва ба канори дигар гузаранд. Лозим буд, ки зери шароити мухолиф ва ҳузновар онҳо доим аз қуввати табииашон амал кунанд ба ҷои он, ки аз болои қуввати табиӣ хеста, ба воситаи қуввати Худо ба таври ғайриоддӣ амал кунанд.

Анҷоми ин ҳодиса ҳайратовар аст. Онҳогуфтанд, киҳарчизе, киИсоҳамонрӯзтаълимдодфаҳмиданд ва ба он бовар мекунанд. Лекинвақтекифишорзиёдшуд, он чизе ки дар дилашон буд, ба берун баромад. Дар вақти тундбод онҳо гап заданд ва ин забони ғайриоддӣ набуд, лекин ин гапҳое буд, ки одамон зери ин гуна шароит мегӯянд.

## АЪМОЛИ МУВОФИҚИ ИМОН

Оиди амалҳои муносиби имонвакил Яъқуб фаҳмо карда, мегӯяд: "Имони худро бе аъмол ба ман иншон бидеҳ, вале ман ба ту имони худро аз аъмоли худ нишон медиҳам" (Яъқуб 2:18). Биёед ман гапашро мисоли бурҷи обрзо истифода бурад, нағзтар мефаҳмонам. Исботион, кимоқубурропайв асткардемдаронаст, киобазмил мечакад. Туметавонӣпеши дастлӯяки ошхонаатистӣ ва далерона гӯӣ, ки ту тамоми хонаро ба об пайваст кардӣ; лекин агар ту мили обро кушоӣ ва аз он об наравад, ҳақиқат дар он аст, ки ту ба чашмаи об пайваст нашудаӣ.

Бо файз ва имон ҳам чунин аст. Ту метавонӣ такрор ан эълон кунӣ: "Ман бо файз наҷот ёфтаам", ва бо некии Худо фахр кунӣ, дар боари муҳаббат гап занӣ ва дигар ибораҳои масеҳӣ истифода барӣ. Лекинагарамалимувофиқнабошад—монанди тарзи зиндагӣ, ки ба Худо писанд аст—пас имонат сафсатаи холӣ. Маҳз ба ҳамин сабаб Исо қайд мекунад: "Пас, онҳоро аз меваҳошон [тарзи зиндагӣ] хоҳед шинохт" (Матто 7:20). ВакилЯъқуб гапи Ӯро бо чунин гуфта тақвият медиҳад:

Эй бародарони ман, чӣ фоидае ҳаст, агар касе гӯяд, ки имон дорад, дар сурате ки амал надорад? Оё чунин имон метавонад ӯро наҷот диҳад?

Балки касе хоҳад гуфт: "Ту имон дорӣ, вале ман аъмол дорам, - имони худро бе аъмол ба ман нишон бидеҳ, вале ман ба ту имони худро аз аъмоли худ нишон медиҳам". Ту имон дорӣ, ки Худо ягона аст? Хуб мекунӣ; девҳо низ имон доранд ва меларзанд. Аммо, эй одами бемағз, оё мехоҳӣ бидонӣ, ки имон бе аъмол мурда аст? Оё падари мо Иброҳим, ки писари худ Исҳоқро ба қурбонгоҳ баровarда буд, бо аъмоли худ сафед нашуд? Оё ту мебинӣ, ки имон ба аъмоли ӯ мадад кард, ва имони ӯ ба василаи аъмол ба камоли расид?... Оё мебинед, ки одамизод ба василаи аъмол сафед мешавад, на фақат ба

василаи имон?...

Зеро, чунон ки ҷисм бе рӯҳ мурда аст, ончунон имон низ бе аъмол мурда аст.(Яъқуб 2:14, 18-22, 24, 26)

Гапи сахт, лекин мо бояд онҳоро ба назар гирем. Номаи Яъқуб китоби илҳомёфтаи Аҳди Нав аст, монанди нома ба Ғалотиён, Румиён ё дигар нома ва инҷил. Яъқуб моро аз розигии соддаи ақл муҳофизат мекунад, ки зиндагии заифи масеҳӣ ва аз ҳама бадаш ба фиреб мебарад. Ваймoронигоҳ медорад, ки мо бо Каломи Худо фақат розигиификрӣнадошта бошем, вагарна ба сарчашмаи асосӣ—файз—пайваст намешавем. Мислион, кибаданиодамбе рӯҳ мурда аст, имон низ мурда аст ё ҳақиқӣ нест, агар дар ҳаёти одам самараи муқаддасӣ ва адолат набошад. Пас, аз дил имони ҳақиқӣ намеояд.

Яъқуб дар бораи Иброҳим мегӯяд, ки вай “падари ҳамаи мо” (Румиён 4:16) ва падари имон номида шуд. Иброҳим ваъдаи писарро дошт, лекин солҳои зиёд лозим шуд, ки ба ин ваъда устувор бовар кунад. ДараввалномашАбромбуд. Аммо, вақте ки вай устувор бовар кард, ки Худо ваъдаи худро иҷро мекунад, Худо номашро ба Иброҳим табдил дод, ки маъноаш “падари халқҳои бисёр”.

Тасаввур карда метавонӣ, ки мардум дар бораи Иброҳим чӣ фикр доштанд? Дарнавадунӯҳсолагӣвай гуфт: “Мардум, маро дигар Абром нагӯед; номам акнун “Падари халқҳои бисёр”. Шоядонҳомехандидандвапириаш ба ақлаш зарар расонд. “Аброми пир аз ақл берун шуд”. Фарқ надошт, ки дигарон чӣ фикр доштанд ва чӣ мегуфтанд, чунки Иброҳим дар дилаш бовар мекард. Бароиинсухануамалашбаякдигармувофиқбуданд.

Пеш аз он, ки писари ваъдашуда таваллуд шуд, Иброҳим дар бораи чизи бовармекардагиаш гап мезад ва чизе, ки мегуфт, ҳамон хел шуд. Маҳзкаломи имон бо ҳамроҳии амали бовариаш қуввати файзро дар ҳаёташ мустаҳкам гардонданд.

Бодиққатхон, кидарбоаривайчӣгуфташудааст.

Чунон ки навишта шудааст: “Ман туро падари халқҳои бисёр гардондам”, - дар пеши Худое, ки Иброҳим ба Ӯ имон овард, дар пеши Худое, ки мурдагонро зинда мекунад ва номавҷудро ҳамчун мавҷуд мехонад. Дар сурате ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳи умедвор шуда, имон овард, то ки падари халқҳои бисёр шавад, аз рӯи он чӣ гуфта шудааст: “Насли ту чунин хоҳад буд”. Ва имонаш суст нашуд, ва ба он ҳам назар накард, ки ҷисми ӯ, дар синни қариб садсолагӣ, аллакай пир шудааст, ва батни Соро низ аз кор баромадааст; ва ба ваъдаи Худо аз беимонӣ шубҳа накард, балки дар имонаш устувор истода, Худоро ҳамду сано хонд, ва боварии комил дошт, ки Ӯ ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир аст. (Румиён 4:17-21)

Мо мебинем, ки амали Иброҳим имон доштагиашро нишон медод. Вайчунин рафтор намекард, ки худ ва дигарон ро боварӣ кунонад, ки имон дорад. Не, аввал имон омад ва аз паи вай сухани дилпур ва амали мувофиқ.

Баъд аз чандин солҳо Иброҳим боз имон доштагиашро исбот кард. Худо аз вай хост, ки ба замини Мӯриё рафта, Исҳоқро ба қурбонӣ биёрад. Тасаввуркардаметавонӣчӣқадари ндархостиХудовазнин буд? Иброҳим бисту панҷ сол интизори писари ваъдашуда буд ва ӯроаз тахти дил дӯст медошт, ва акнун Худо аз Иброҳим хоҳиш мекунад, ки писарашро аз ҷонаш маҳрум кунад? Лекин гӯш кун чӣ навишта аст: “Ва Иброҳим бомдодон бархоста, ҳари худро зин кард, ва ду нафар аз ғуломбачагонаш ва Исхоқ писарашро ҳамроҳи худ гирифт; ва ҳезум барои қурбонии сӯхтанӣ шикаст, ва бархоста, сӯи маконе ки Худо ба ӯ гуфт, равона шуд” (Ҳастӣ 22:3). Чӣқадар имони аҷоиб! Иброҳим дудила нашуд ва шубҳа накард; вай саҳари рӯзи дигар равона шуд. Чӣтавр вай метавонист ин қадартез қарор кунад, то чизеро, ки барояш ин қадар азиз буд, ба марг расонад? Чаровайдавомиҳафтаҳо бо ҳиссиёташ

мубориза набурд пеш аз он, ки дар охир итоат карда, ба сафар барояд? Ҷавобашдаргапихудашёфтмешавад:

Дар рӯзи сеюм Иброҳим чашм андохта, он маконро аз дур дид. Ва Иброҳим ба ғуломбачагони худ гуфт: “Шумо дар ин ҷо бо хар бимонед; ва ман бо писар ба он ҷо рафта, ибодат мекунем, ва назди шумо бармегардем”. (Ҳастӣ 22:4-5)

Чаро Иброҳим мегӯяд: “Назди шумо бармегардем”? Агар вай мебоист Исҳоқро қурбонӣ кунад, чӣ тавр гуфта метавонист, ки “мо” бармегардем? Ин имонаш гап мезад. Вай бо имон ба каломи Худо нигоҳ медошт, ки ваъда дар бораи халқи бузург ба воситаи Исҳоқ иҷро мешавад. Инак Иброҳим хулоса баровард, ки Худо бо ягон роҳ Исҳоқро аз хокистари қурбонӣ зинда мекунад. Муаллифи нома ба Ибриён ба мо мегӯяд: “Бо имон Иброҳим, вақте ки озмуда шуд, Исҳоқро барои қурбонӣ тақдим намуд ва, бо вуҷуди он ки ваъдаҳо гирифта буд, писари ягонаи худро тақдим намуд, ки дар ҳаққи вай гуфта шуда буд: “Насли ту аз Исҳоқ хонда хоҳад шуд”; зеро ӯ фикр мекард, ки Худо қодир аст аз мурдагон низ эҳё кунад” (11:17-19).

Иброҳим қурбонгоҳ сохт, Исҳоқ баст, писарашро болои қурбонгоҳ гузошт ва кордашро бардошт—вай пурра тайёр буд, ки ӯро қурбонӣ кунад. Пас Худо аз осмон ӯро хонд: “Дасти худро ба писар дароз накун ва ба ӯ чизе накун; зеро акнун донистам, ки ту аз Худо метарсӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, аз Ман дареғ надоштӣ” (Ҳастӣ 22:12). Амали мувофиқи итоати Иброҳим нишонаи он буд, ки вай дар ҳақиқат аз Худо метарсид ва ба Каломаш аз дигар чизҳо болотар бовар мекард. Амалаш фақат нишонаи имонаш буд.

Барои ин Яъқуб дар бораи Иброҳим чунин мегӯяд:

Оё ту мебинӣ, ки имон ба амъоли ӯ мадад кард, ва имони ӯ ба василаи аъмол ба камол расид? Ва он Навишта иҷро шуд, ки мегӯяд: “Иброҳим ба Худо имон овард, ва ин барои ӯ адолат ҳисоб карда шуд, ва ӯ дӯсти Худо номида шуд”. Оё мебинед,

ки одамизод ба василаи аъмол сафед мешавад, на фақат ба василаи имон? (2:22-24)

Худо ибрати Иброҳимро истифода бурда, дар бораи имони Аҳди Нав моро таълим медиҳад. Бинобар ин вакил Павлус менависад: "Аммо на фақат нисбат ба ӯ навишта шудааст,... вале нисбат ба мо низ" (Румиён 4:23-24).

Маҳз ҳамин қоидаҳо барои мо низ амал мекунанд, чунки имони ҳақиқӣ на фақат чизи бовар мекардагиашро мегӯяд, инчунин мувофиқи он амал мекунад ва пеш аз ҳама қуввати файзро дастрас мегардонад.

## АЗ ИБРОҲИМ ИБРАТ ГИР

Биёед бори дигар ба мисоли қубури об бармегардем. Мопешазҳамабояднақубуриимонрочӯем,лекинонобифайзро, ки аз он ҷорӣ мешавад. Қубуринфақатгуразгоҳемебошад, киобиин қадар зарурромебиёрад. Вабоз, ҳадафи ниҳоӣ на худи имон аст, лекин оқибати он, ки файз аст. Бавоситаионмобахшидамешавем, басуратиИсотабдилмеёбем вақувватмегирем, то росткорона зиндагӣ кунему осмонро ба замин биёрем. Хуллас—ҳаёти ғайриоддӣ дошта бошем, ки ба Худо писанд аст. Онкасоне, киазрӯишариатзиндагӣмекунанд, ки Павлус доим бо онҳо дучор мешуд, таълим медоданд, ки адолат ба воситаи корҳои мо ба даст оварда мешавад. Агармокорҳоинеккунем, аҳкомҳои Мусоро иҷро кунем ва дастурҳои Худоро вайрон накунем, ба мо даромада ба подшоҳии Ӯ дастрас мегардад. Азбароион, кибағайраз Исо ҳеҷкаси дигар ин корро карда наметавонад, ин таълимот озодию қувватро аз одамон медуздад.

Ин гуна фикронӣ метавонад ба ҳаёти масеҳӣ низ роҳ ёбад. Шоядодамонбовар мекунанд, ки бо файзи Худо онҳо аз дӯзах халосӣ меёбанд, лекин аз дигар тараф бархато фикр мекунанд, ки онҳо баракатҳои Худоро фақат ба шарте қабул

карда метавонанд, агар ҳамаи аҳкомҳои Ӯро бо қувваи худ иҷро кунанд. Албатта, ин фикронӣ боз одамро ба ҷои ронанда мегузорад, гӯе ки одам ба воситаи саъю кӯшиш ва некии худ сазовори баракатҳои Худо мешавад.

Ин фикронии шариатпараст аст ва он моро аз имони ҳақиқӣ ва қувваи файз дур нигоҳ медорад. Инбаончизе, кимодарҳаёти Иброҳим дидем, зид аст. Вайаввалбоваркард; баъд аз ҳаёти пур аз қуввати файз омад. Павлус ба онҳое, ки бо шариатпарастӣ баста шудаанд, менависад: "Оё он қадар шумо нофаҳм ҳастед, ки бо Рӯҳ [-и Муқаддас] [ҳаёти нави рӯҳонии худро] сар карда, алҳол бо [вобастагӣ аз] ҷисм анҷом медиҳед?" (Ғалотиён 3:3).

Имони ҳақиқӣ медонад, ки некӣ ин натиҷаи файз аст, ки фақат ба воситаи бовар кардан ба гуфтаҳои Худо (Каломи ошкоршудаи Ӯ) дастрас мегардад. Агар мо бовар кунем, дар натиҷа қувват меёбем ва то даме, ки мо аз рӯи ҷисмамон зиндагӣ накунем, лекин дар Рӯҳ монем, ки ҷои файз дар он ҷост, пас ҳаёти мо ба Худо писанд мешавад ва минбаъд баракатҳо ҷорӣ мешаванд. Инак таъминоти кифоя аз Худо меояд, на аз ҷидду ҷаҳди инсониамон. Момедонем, киқувватдоремвамоазонвобас таҳастем. Момедонем, киқобилиятедорем, киодамоне бе имон зиндагӣ мекардагӣ надоранд.

## МУБОРИЗАИ МАН

Вақте ки ман ҷавон будам, падарам маро ба тамошои филми "Даҳ аҳком" бурд. Дарвақтитамошокарданифилмманмаҳкуми яти бениҳоят калон ҳис кардам. Манписарҷавонииисёнгар будам ва нопок зиндагӣ мекардам, ва ин филм бошад гуноҳамро фош кард. Вақтекиманҷоеродидам, ки замин кушода шуд ва Датон ва дӯстони исёнгарашро зинда ба зинда ба дӯзах фурӯ бурд, ман ҳаросон шудам.

Баъд аз тамошои филм ман баромада, барои гуноҳҳои сершуморам сахт тавба мекардам. Манқарориқатъӣ

кардам, ки аз он рӯз боз росткорона зиндагӣ мекунам. Дарнатиҷазиндагиамтағирёфт...тақрибан барои як ҳафта. Баъдазонман ба рафтори пештараам баргаштам. Чаро ман наметавонистам, чӣ тавре ки мехостам зиндагӣ кунам? Ҷавоб содда аст—ман аз файз қувват нагирифтаам. Ман тавба кардам, лекин файз надоштам, чунки ман ҳаётамро ба Исои Масеҳ бо имон набахшида будам. Бинобаринмантоҳолҳамонтабиатипу ргуноҳ доштам.

Баъд аз якчанд сол ман Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул кардам. Маназтахтидилимоновардамваҳаётамро баӮсупоридам. Акнунмандарҳаётурафторамбаъзедигаргун иҳородидам. Аммо, аз бисёр ҷиҳатҳо ман ҳаёти камқуввати масеҳӣ доштам, чунки ман намедонистам, ки даруни худ чӣ дорам. Мандарбораитабиатинавихуднамедонистам, ки дар Масеҳ ман адолати Худо гаштаам. Манфақатмедонистам, кибахшидаҳастамвадигарба дӯзах ва аъроф намеравам.

Каме дертар ман аҳамияти ҳаёти росткору муқаддасро фаҳмидам. Манҷиддуҷаҳд мекардам, ки ба Худо писанд оям, ва аз барои ин аз худам ва дигарон тарзи муқаддаси зиндагиро талаб мекардам. Инбетартибу зарарнок буд. Ман наздикони худро нороҳат мекардам ва баъзе аз онҳо ҳатто маро канорагирӣ мекарданд. Мансахтгир, шариатпарасту бераҳм будам. Ман бо Рӯҳ сар кардам, лекин акнун мехостам бо қуввати худ комил шавам.

Бо мурури вақт Худо ба воситаи Каломаш он чизе, ки дар ин боб навиштаам, ба ман ошкор кард. Манфаҳмидам, киқувватутаъмини кифоят аз Ӯст, на аз ман. Чӣтаврекиманнаметавонистамбаъд аз тамошои филми “Даҳ аҳком” росткорона зиндагӣ кунам, ҳатто ҳамчун имондор ман бе ёфтани роҳ ба файз ба воситаи имон наметавонистам ба Худо ба таври маъқул хизмат кунам. Мақсадигап — ман кӯшиш мекардам бе қуввати файз одилона зиндагӣ кунам ва

ин ғайриимкон аст.

Худо дар Каломаш мегӯяд, ки халқи Ӯ аз барои “камии дониш” (Хуша 4:6; Ишаъё 5:13)талаф мегардад ва асир мешавад. Мандарбораиқуввати файз дониш надоштам, чунки ин ҳақиқат ба даруни дилам наомадааст, ва албатта маҳз ҳамон қуввате, ки ин қадар ба ман зарур буд, дастрас набуд. Бе имон ман наметавонистам ба Худо писанд буда, зиндагӣ кунам, ҳатто ба он нигоҳ накарда, ки ман ба хуни Исо бовар мекардам, ки маро аз ҳамаи гуноҳҳо пок кард, ва ман ба осмон мерафтам. Монандибисёриҳоиимрӯза ман медонистам, ки ман масеҳӣ бо файз наҷот ёфта ҳастам, лекин ман ҳаёти бисёр оддӣ доштам ва дар баъзе соҳаҳо ҳатто мағлуб будам.

Мо бояд ба ҳақиқат нигоҳ кунем: мо наметавонем бо қобилияти худ одилона зиндагӣ кунем ва бо қуввати худ наметавонем ба Худо писанд оем. Мобояднамунаиибрати Иброҳимро дар хотир дорем: вай қарор кард, ки на аз рӯи вазъияти табииаш ва нотавониаш зиндагӣ кунад, лекин аз рӯи каломи Худо ва қуввати Ӯ. Иброҳим бовар кард. Вайфақатинкоррокардаметавонист ва ин аз кифоя дида зиёдтар буд. Монанди он, ки Соро ва Иброҳим наметавонистам писари ваъдашударо бо қувваи худ таваллуд кунанд, мо низ наметавонем бо қобилияти худ нақшаи Худоро барои ҳаёти мо иҷро кунем. Роҳиягондаронаст, кимофурӯтан шуда, бовар кунем. Агаринкоррокунем, мо ба қуввати бузургу беназири Масеҳ фақат ба воситаи бовар кардан роҳ пайдо мекунем. Фарқиятбайниодаме, киасирииҷаҳонромағлуб мекунад, ва одаме, ки асири он гаштааст, дар ин мебошад: якумаш имон дорад; дуюмаш онро надорад.

Бе имон ба Худописандомаданғайриимконаст. Бе имон ва файз мо ҳаёти оддӣ дорем, на ғайриоддӣ.

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Оё қуввати КаломиХудоро дар зиндагии худ аз сар гузарондӣ? Якчандмисолрономбаркун.

Ба фикрат ту чӣ тавр рафтор мекардӣ, агар дар он тунбонди сахт дар баҳри Ҷалил ҳамроҳи шогирдон мебудӣ?

Чӣ тавр метавонӣ қубури имонро дар ҳаёти худ кушоӣ, то файзиХудобаосониҷорӣшавад?

# 13
# Аз фаҳмиш болотар

Ба он нигоҳ накарда, ки файз муфт дода мешавад, он фақат ба воситаи имон дастрас мегардад ва ба сарватҳои он мо ба воситаи бовар кардан роҳ меёбем. Агар ту тавонӣ ин ростиро дар дилу ақлат ҷо кунӣ, ту дигар аз барои ҳиссиёти бархато, шароити мухолиф ё дурӯғи душман гумроҳ намешавӣ. Мақсади гап, фарқ надорад, ки мо чӣ қадар нағз, боғайрат, самимӣ ё фаъол бошем; тамоми гап дар бовар кардан ба Каломи Худо.

Зеро ки адолати Худо дар он [башорати Масеҳ] аз имон ба имон зоҳир мешавад. (Румиён 1:17)

Тамоми ҳаёти масеҳиамон аз он рӯзе, ки мо аъзои оилаи Худо шудем, ва то даме, ки Ӯро рӯ ба рӯ мебинем, ҳамааш аз бовар кардан ба Каломи Ӯ вобаста аст, ки мо аз он чизҳое, ки мебинем, мешунавем ё аз сар мегузаронем, ба Каломаш зиёдтар бовар кунем. Диққат деҳ, ки ман мегӯям, ки ҳамааш аз ин вобаста аст. Маназбудашзиёдтарнамегӯям; дар ҳақиқат ҳама чиз аз имон вобастааст. Ба ин сабаб ба мо гуфта шудааст: "Одил бо имон хоҳад зист" (Ибриён 10:38).

## ХУДОБА ФУРӮТАНОН ФАЙЗ МЕБАХШАД

Шояд ту пурсӣ: "Пас фурӯтанӣ чӣ? Оё дар Китоби Муқаддас нагуфта шудааст, ки "Худо...ба фурӯтанон файз мебахшад" (Яъқуб 4:6)? Албатта чунин навиштааст; аммо, фақат онҳое фурӯтан ҳастанд, ки ба Худо бовар карда, ба хости Ӯ итоат мекунанд ҳатто аз ҳиссиёт, фикрҳо ва хоҳишҳояшон зиёдтар. Ба мо гуфта шудааст:

Инак, каҷдил мағрур шудааст, валекин одил бо имони худ хоҳад зист. (Ҳабаққуқ 2:4)

Навиштаҷот қайд мекунад, ки ғурур ва имон муқобил ҳастанд. Ин оятро чунин навиштан мумкин аст: "Инак, одаме, ки фурӯтан нест, ҷонаш рост нест; лекин одил бо имони худ хоҳад зист". Фаҳмост, ки фурӯтанӣ ва имон бо ягдигар зич пайваст ҳастанд; инчунин ғурур бо беимонӣ пайваст аст. Ба Худо бовар накардан ин монанди гуфтани он, ки мо аз Ӯ дида, нағзтар медонем, ва ба фикри худ аз Каломи Худо дида, зиёдтар бовар мекунем. Беимонӣинфақатниқобпӯшида мебошад.

Иҷозат диҳед онро мисол оварда, фаҳмонам. Вақте ки Исроил дар биёбон буд, ба замини ваъдашуда ҷосусонро фиристоданд, ки он ҷо рафта,онро барои халқи Исроил бинанд. Худованд ба Мусо гуфт: "Одамонро аз ҷониби худ бифирст, то ки замини Канъонро, ки Ман ба халқи Исроил медиҳам, ҷосусӣ кунанд" (Адаҳо 13:2).

Дувохдаҳрохбар(ҳарякто аш ҳарсибти Исроилронамояндагӣ мекард) фиристода шуданд; лекин, даҳтои онҳо хеле фурӯтан ва дутоаш хеле мағрур буданд (ман ҳоло хандаомез мегӯям). Баъд аз чил рӯз ҷосусон аз заминиваъдашудабаргаштанд. Даҳодами фурӯтан аввал хеста, гуфтанд: "Ба замине, ки моро фиристодӣ, рафтем, ва дар он ҳақиқатан шир ва асл ҷорист, ва ин аст меваҳои он. Аммо қавме, ки сокини он заминанд, пурзӯранд, ва шаҳрҳояш ҳисордори азим аст. Онҳо ҷанговарони моҳир ва яроқи беҳад қаввитар доранд назар ба мо. Биёед ба ҳақиқат

нигоҳ кунем: мо фақат якчанд ғуломи халосёфта ҳастем. Мобояддарбораизанукӯдаконамонфикркунем. Чӣ тавр мо метавонем наздикони худро ба зулмот, азобу таҷовуз ва марги ҳатмӣ мефиристем? Мобояд падарону шавҳарони хуб бошем ва ба шумо росташро гӯем: ин заминро гирифтан ғайриимкон аст ” (ниг. Ададҳо 13-14).

Мардум фурӯтанӣ ва “хикмати” ин одамонро таъриф карданд, ҳатто чапак заданд. Ман боварӣ дорам, ки аксарияти падару модарон вақте ки хабари онҳоро шуниданд, аз барои рафториҳалимонаи онҳо шод шуданд. Халқи Исроил худро чунин тасаллӣ медоданд: “Мо бисёр шодем, ки ин одамон пеш аз мо ба ин замин рафтанд. Чӣ қадар роҳбарони бузург; онҳо худпараст нашуда, моро зери хатар нагузоштанд. Бамочӣкормешуд, агаронҳо солимақл намебуданд?”

Ногаҳони роҳбарони “мағрур”, Колеб ва Еҳушаъ, гапи онҳоро бурида, дод гуфтанд: “Як дақиқа истед! Шумодаринчочӣкормекунед? Мо бояд рафта, ин заминро гирем—ҳоло. Мо ин корро карда метавонем! Мо каломи Худовандро дорем, ки ин заминро ба мо ваъда кардааст. Биёедравем!”

Тасаввур карда метавонӣ, ки дигар роҳбарон ба гапи Колеб ва Еҳушаъ ҷавоб доданд? “Шумо чӣ мегӯед? Даҳони худро маҳкам кунед, эй шумо худпарастон. Оё шумо аз ақл берун шудаед? Ҳамаи мо ин артишро дидем—онҳо ҷанговарони моҳир ҳастанд. Мо якчанд ғулом ҳастем ва ба онҳо баробар нестем. Шумо дар бораи зану кӯдакони худ ва хушбахтии мардум фикр намекунед. Шумо ҳавобаланд, беандеша ва хаёлпараст ҳастед!”

Мардум нафасро рост карданд. “Ҳеҳ, Худорошукур, ки одамони бохиранд қаввитаранд ва ба ақиб намегарданд. Мобисёрхушбахтҳастем, киаксариятазиндувоздаҳ фурӯтан ва эҳтиёткор ҳастанд. Оётасаввуркардаметавонедбомочӣрӯй

медод, агар ҳамаи онҳо монанди Колебу Еҳушаъ худпараст мебуданд?"

Ногаҳон Худо дахолат карда, гуфт: "То ба кай ин қавм Маро хор медоранд? Ва то ба кай, бо вуҷуди тамоми аломоте, ки дар миёни онҳо ба амал овардаам, ба ман имон намеоваранд?" (Ададҳо 14:11). Фаҳмо аст, ки Худо аз онҳо розӣ нест. Он чизе, ки монанди фурӯтанӣменамуд, тамоман фурӯтанӣнабуд. Дараслнобовариашон ғурур буд. Онҳо тамоми пешбинии худро дар асоси қувваташон мекарданд. Худо дар дигар ҷои Навиштаҷот ба воситаи Ирмиё пайғамбар мегӯяд: "Малъун аст марде, ки ба одамизод таваккал мекунад... Муборак аст марде, ки ба Худованд таваккал мекунад, ва Худованд пушту паноҳи ӯст" (Ирмиё 17:5, 7). Даҳ ҷосус диданд чӣ қадар ин одамон азимҷусса буданд ва аз рӯи қувваи инсонӣ дар бораи ҷанг фикр мекарданд. Лекин Колеб ва Еҳушаъ диданд чӣ қадар Худо бузургтар аст нисбат ба душманони онҳо ва ҳама чизро дар асоси қуввати Худо баҳо медоданд. Дуиинҳодарохирбаракат ёфтанд; даҳтои дигар лаънат ёфтанд. Паскадомроҳбарондарҳақиқат фурӯтан ва кадоме аз онҳо мағрур буданд? Дарназари Худо даҳтои онҳо мағрур ва фақат дутои онҳо фурӯтанбуданд.

Бароидоштани имон ба Худо фурӯтании ҳақиқӣ лозим меояд, чунки ту бояд ба қобилияти Ӯ умед бандӣ, на ба қобилияти худ. Боз, барои ин Худо мегӯяд: "Инак, каҷдил мағрур шудааст, валекин одил бо имони худ хоҳад зист".

## ДАР ИМОН МУСТАҲКАМ ШУДА

Барои ҳар яки мо муҳим аст, ки мо "дар имон мустаҳкам шавем" (Қӯлассиён 2:7). Агар мо дар имонамон мустаҳкам бошем, мо ба осонӣ аз дилу ҳадафҳои Худо дур сохта намешавем. Вазифаи Павлус нисбати онҳое, ки бароящон фиристода шуд, албатта аз ҷумла мо ҳам, дар он буд, ки "камии имони моро пур кунад" (1 Таслӯникиён 3:10). Дар дигар

тарҷума гапи Павлус чунин қайд шудаанд:“ҳар номукаммалӣ ва камии имонатонро ислоҳ гардонида, онро пур кунам”. Маҳз ҳамин мақсад маро водор кард, ки ин китобро нависам: ман бодиққат ошкоршавиҳои Аҳди Навро дар бораи он, ки мо дар Масеҳ кӣ ҳастем ва ба мо чӣ дастрас аст, нишон медиҳад. Вақте ки ту ба таври доимӣ дар бораи ин файз ошкоршаванда мехонӣ, ту кӣ буданатро мефаҳмӣ ва ман боварӣ дорам, ки имонат мустаҳкам мегардад.

Агар мисол биёрем, фаҳмотар мешавад. Тасаввуркун, китуписаришоҳ таваллуд шудӣ, ворисиcтахти подшоҳӣбуда, ҳукмрониояндамешавӣ. Лекинфавран баъд аз таваллуд шуданат, касе туро медуздад ва ба ҷои дурдаст аз қаср дур мебарад. Ин нобакорон туро калон мекунанд, онҳо такроран ба ту мегуфтанд, ки ту дар камбағалӣ таваллуд шудӣ, ва ту одами содда, ноком ва пеш аз ҳама ғулом ҳастӣ. Оқибаташ чӣ мешавад? Ба он нигоҳ накарда, ки ту фарзанди шоҳ ҳастӣ, ту монанди ғулом калон шудӣ, монанди он амал мекардӣ, гап мезадӣ ва фикр мекардӣ.

Солҳои зиёд падарат, шоҳ, ба дастаҳи ҷӯяндагон фармуд, ки пайваста туро ҷустуҷӯ кунанд. Як рӯз тақрибан баъд аз бист сол, ки ҳар кунҷи подшоҳии калонро кофтанд, яке аз дастаҳо туро ёфта, халос мекунанд ва туро ба хонаат, ба қаср мебиёранд. Ҷашни калон мегузарад, чунки ворисиcтахти подшоҳӣ ба ҷои ҳаққониаш баргашт.

Ҳатто агар ҳоло ту дар ҷои дурусти худ ҳастӣ, омӯзишу тағироти бисёр лозим мешавад, ки рафторат дигар шавад ва ту на монанди ғулом, лекин монанди ворисиcшоҳ рафтор кунӣ. Рӯзи аввалатро дар қаср тасаввур карда метавонӣ? Ту аз хобат бедор мешавӣ ва ба боғу говхонаи шоҳона меравӣ, то барои ноништа барои худ хӯроке ёбӣ. Вақте ки ба қасрат бо мева, сабзавот ва шири тоза бармегардӣ, хизматгоронат аз ту мепурсанд: “Оғо, шумо чӣ кор мекунед?”

“Барои худ ноништа гирифтам” – ҷавоб медодӣ.

“Лекин шумо хизматгор доред, ки ин корро кунанд” – онҳо мегӯяд ва боз илова мекунанд, ки сарошпази шоҳ ҳаст, ки дар тамоми сарзамин хӯроки беҳтарин мепазад”. Баъдазонтубахуҷраатдаромада, кӯрпаву болини худро ҷамъ мекунед, ҳуҷраи худро ҷо ба ҷо мегузоред ва либосатонро дар ҳаммом мешӯед. Хизматгоронат боз аз ту мепурсад: “Оғо, шумо чӣ кор мекунед?” “Ман хонаамро тоза кардам ва либосамро шустам”.

“Лекин шумо хизматгорзан доред, ки хонаи шуморо тоза кунанд ва либосатонро шӯянд” – онҳо мегӯянд.

Вақте ки туро ба асорат бурданд, ту дар ин масъала интихоб надоштӣ; ту фақат ин тавр зиндагӣ карда метавонистӣ. Ту маҷбур будӣ ба хӯҷаини золими худ хӯрок биёрӣ, пасмондаҳоро хӯрӣ ва либоси онҳоро шӯӣ—ба ғайр аз он, ки либоси худро шӯӣ. Ту аз ҳар ҷиҳат ғуломи паст будӣ.

Инрафторитударрӯзиаввалат дар қаср ғайриоддӣ мешуд, лекин ба осонӣ тағирёбанда. Туро розӣ кунондан душвор мешуд, то ки хизматгоронат либосатро шӯянд ва бароят хӯрок пазанд. Аммо, он чизе, ки ба раги табиатат давоми солҳои зиёд талқин мешуд, ҳал кардан душвортар мешавад. Тарзификрониатумуман бояддарсатҳичуқурҳал шавад. Усулификркунӣ, рафтор бо одамон ва қарорҳоят бояд ҳамаашон муқобилат шавад ва тағир шаванд. Фикронии ғуломонаи ту бояд қабат ба қабат канда шавад ва бо фикронии шоҳзода иваз шавад. Бо вуҷуди он ки ту ворисиi тахт ҳастӣ, дар соҳаҳои зиёд ту монанди фикронии пештараат зиндагӣ мекунӣ. Зертафаккури ту бояд нав шавад, то ту монанди подшоҳзода фикр кунӣ. Тубоядшахсиятинавихудротаълим дода шавӣ ва дар бораи захираҳои ту ҳамчун шоҳзода донӣ. Бароиинвақтвас аъюкӯшишлозиммешавад.

Павлус маҳз инро қайд мекунад. Ҳарякимоаз лаҳзаи

таваллудамон ба “оддӣ”асир шудаем. Акнунмобоядозод шуда, ба таври “ғайриоддӣ” фирк ва бовар кунем. Павлус мехоҳад “ҳар номукаммалӣ ва камии имонамонро ислоҳ гардонида, онро пур кунад” (1 Таслӯникиён 3:10). Агармофикркунем, киазодамоне, кибо файзи Худо озод нашудаанд, ҳеҷ фарқе надорем, мо монанди онҳо ба таври оддӣ фикр мекунем. Мотарзезиндагӣмекунем, киморотаълимдоданд, яънемонандиасиронисохти ин ҷаҳон. Лекин, агар мо ба Каломи Худо иҷозат диҳем, ки он назари моро дар бораи худамон тағир диҳад ва агар мо дар диламон дар ҳақиқат бовар кунем, пас мо монанди аъзоёни оилаи шоҳонаи осмон зиндагӣ мекунем—дар олами ғайриоддӣ!

Худо нуқтаи назарамонро дар бораи худамон аз нав таълим медиҳад, ки ин фикронӣ чуқур дар моҳияти мо ҳаст. Дар Каломаш гуфта шудааст: “Лекин шумо насли баргузида, каҳонати шоҳона, халқи муқаддас, қавме ҳастед, ки мулки азизи Худо дониста шудаед, то аз камолоти Ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст, нақл кунед” (1 Петрус 2:9). Инчунин ба мо гуфта шудааст: “Ӯро, ки моро дӯст медорад, ва моро аз гуноҳҳоямон бо Хуни Худ халосӣ дод, ва моро подшоҳон гардонд” (Ваҳӣ 1:5-6). Ва боз: “Ҳамон Рӯҳ ба рӯҳи мо шаҳодат медиҳад, ки мо фарзандони Худо ҳастем. Ва агар фарзандонаш бошем, ворисонаш низ ҳастем: ворисони Худо ва ҳамирсони Масеҳ ҳастем” (Румиён 8:16-17).

Ту ворисиПодшоҳи коинот ҳастӣ! Туякеазҷамъияти шоҳона ҳастӣ. Моҳамчун писарону духтарони ҳукмрони Худо ҷудо карда шудаем. Мобоядинродонемва аз тахти дил ба ин бовар кунем, чунки фақат ин тавр қуввати табиати Худо ба мо дастрас мешавад ва ба Падари осмониамон ҷалол биёрем.

Тамоми гап дар он аст, ки мо ба ростӣ дар бораи кӣ буданамон бовар кунем, агар мо бовар накунем, мо ба таъминоти аҷоиби файзи Худоамонроҳ дошта наметавонем.

## БУЗУРГИИ ҚУВВАТИ Ӯ

Биёед бодиққат нигоҳ кунем, ки имон ба қуввати хоси табиати навамон чӣ тавр дахл дорад, инчунин чӣ тавр имон таъминоти подшоҳиро ба замин мебиёрад. Павлус далерона қайд мекунад: “Аммо бо файзи Худо он чӣ ҳастам, ҳастам” (1 Қӯринтиён 15:10). Чӣгуфтаест! Гуфтани “Ман ҳастам” маъно дорад, ки ту қатъӣ медонӣ кӣ ҳастӣ. Инзабони имон аст—ҳеҷ шакку шубҳа, ҳеҷ пешпохӯрӣ, ҳеҷ тааҷҷуб нест. Тудилпурона гап мезанӣ, чунки ту дар табиати дохишиат медонӣ, ки ин рост аст. Дарингапаш“Ман ҳастам” пуррагӣ аст. Ту метавонӣ ба дигарон гӯӣ: “Шумо метавонед ҳар чӣ хоҳед гӯед, метавонед маро аз барои гузаштаи ношоистаи ман айбдор кунед ё ночиз будани оилаам гӯед, ё гӯед, ки нокомӣ насиби ман аст. Ҳеҷ аз ин гуфтаҳо намеларзонад, чунки ман кӣ буданамро медонам. Мавқеъимандаркорҳоямёон чизҳое, ки сазовор шудаам, асоснаёфтааст. Манонробо имон қабул кардаам ва ман бо Исо як ҳастам—ҳамааш аз барои файзи Худо!”

Павлус на фақат худаш дар қуввати ин дониш зиндагӣ мекард, ничунин вай бо рашқ низ дуо мехонд, ки ин ростӣ дар дилиҳамаи масеҳиён ҷо гирад. Вай аз Худо хоҳиш мекард, ки “чашмони дили моро равшан созад, то мо бидонем, ки умеди даъвати Ӯ аз чӣ иборат аст, ва сарвати ҷалоли мероси Ӯ барои муқаддасон (касоне, ки Ӯ ҷудо кардааст)чӣ гуна аст, ва бузургии қудрати Ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна аз ҳад берун аст [донем ва фаҳмем]. Он қудрат аз рӯи амали қуввати азими Ӯст, ки дар Масеҳ амал кардааст, вақте ки Ӯро аз мурдагон эҳё намуд”. (Эфсӯсиён 1:18 -20)

Дуои Павлус бениҳоят чуқур аст. Вай қайд мекунад, ки дар мо, ки имон дорем, қуввати номаҳдуду бепоён вуҷут дорад. Калимаи “бовар кардан” асосӣ мебошад. Бо дигар гап, ин қувват фақат ба онҳое дастрас аст, ки имон доранд. Павлус аслан чунин дуо мехонад: “Ман аз Худо хоҳиш мекунам, ки ба

шумо барои донистани он, ки шумо бо файзи Худо кӣ ҳастед, қобилият дошта бошем. Чаро? Барои он ки шумо имоне дошта бошед, ки бар таъсиру қудрати ин ҷаҳон ғалаба кунед". Юҳанно инро боз ҳам равшантар мекунад:

Ва аҳкоми Ӯ [Худо] гарон нест, зеро ҳар кӣ аз Худо таваллуд ёфтааст, ҷаҳонро мағлуб мекунад; ва ин ғалабае, ки ҷаҳонро мағлуб мекунад, имони мост. (1 Юҳанно 5:3-4)

Сабаион, ки аҳкоми Худо душвор ва аз ҳад зиёд вазнин нест, дар он аст, ки мо ба воситаи файз қобилият пайдо кардем, то онҳоро иҷро кунем. Аҳкоми Худо моро дигар боз намедорад монанди одамони Аҳди Қадим, лекин баръакс моро қувват мебахшад, ки мо бо шавқ бо роҳҳои Ӯ гардем. Ваин қобилият фақат ба воситаи имон ба мо дастрас мегардад. Бинобарин Юҳанно эълон мекунад, ки "имон" ин ғалабае, ки ҷаҳонро мағлуб мекунад, ва ҷаҳон ҳамаи беимононродар ғуломии гуноҳ нигоҳ медорад. Барои ҳамин ба мо гуфта шудааст: "бо имон рафтор мекунем, на бо дидор" (2 Қӯринтиён 5:7). Бодигаргапмо ба воситаи чизҳое зиндагӣ дорем, ки ба он бовар мекунем, на чизҳое, ки мо мебинем, мешунавем, мечашем, ламс мекунем ё бӯ мекашем. Ҳарчизе, кизидди Каломи Худо мебошад, бояд тағир ёбад. ФақатКаломиӮабадӣаст, пасдиққатимобоядбагуфтаҳои Худо бошад, на ба шароити зудтағирёбанда.

Аммо, гап аз озодӣ аз ғуломӣ хеле берунтар аст. Дардуоихуд Павлус инчунин бо ҷидду ҷаҳд хоҳиш мекунад, ки мо "бидонем, ки умеди даъвати Ӯ аз чӣ иборат аст, ва сарвати ҷалоли мероси Ӯ барои муқаддасон (касоне, ки Ӯ ҷудо кардааст)чӣ гуна аст". Вайдуомехонад, кимофаҳмемки мо на фақат аз ғуломии гуноҳ озод карда шудаем, лекин ворисони шоҳонаи осмон низ шудаем. Баинсабабвайқайдмекунад, киҳамонқувватибеҳаду бепоёне, ки Исо аз мурдагон зинда гардонд, ба мо дода шудааст. Фикркунчӣқадаринаҷоибаст!

Калимаи юнонӣ «динамис» барои қувват истифода

мешавад. Онмаънои тавоноӣ, қобилият ва иқтидорро дорад. Дарлуғати юнонӣ ин калима чунин муайян шудааст "қуввате, ки дар чизе аз барои хоссияти табиаташ аст". Интаърифи калима бадуои Павлус муносиб меояд. Ин қуввати хос аст. Инҷили Юҳанноро ба ёд овар: "Ва аз пуррагии Ӯ ҳамаи мо файз бар файз пайдо кардем" (1:16). ФайзиХудо ба мо табиати нав бахшидааст ва мо бе ҳеҷ ками пуррагии Ӯро дорем, ва ин қуввати хос айни ҳамон қувватест, ки Исоро аз мурдагон эҳё гардонд. Инбароифаҳмишамонхеледушвораст!

Айни ҳамон қуввате, ки Исо азмурдагонзиндагардонд, дармосокинаст. Бароиҳаминдевҳометарсанд, китуошкор кунӣ, ки файз ба ту чӣ бахшидааст. Бароиинҳам душман бисёр кӯшиш мекунад, ки файзро то ба дараҷаи "суғуртакунӣ аз оташ" ё "баҳонаи калон" паст кунад. Агартукӣбуданатрофаҳмӣ, тухеста, бароикоришайтонбисёрхатарнокмешавӣ. Тубатавр иғайриоддӣзиндагӣмекунӣвабаПадари осмониат хурсандии калон мебиёрӣ.

Оё ҳоло мефаҳмӣ чаро Исо чунин гуфт: "Аъмолеро, ки Ман мекунам, шумо низ хоҳед кард ва ҳатто бузургтар аз он ҳам хоҳед кард" (Юҳанно 14:12)? Вай ба мо мегӯяд: "Агар дар Ман бимонед, ва сухани Ман дар шумо бимонад, ҳар чӣ мехоҳед, талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд. Ҷалоли Падари Ман дар ин аст, ки шумо меваи фаровон оваред ва шогирдони Ман хоҳед буд" (15:7-8). Худо ҷалол меёбад, вақте ки мо монанди Исо зиндагӣ мекунем; Вай ҷалол намеёбад, агар мо аз барои ноқобилии худамон азоб кашем, ки Исо ин қадар нархи калон супорид, ки моро аз онҳо озод кунад. Моофаридашудаем, кидарҳаётамонҳукмронбошем—бале, ҳукмрон бошем. Ба гапи Павлус гӯш кун:

Онҳое, ки файзи фаровон ва бахшоиши адолатро қабул мекунанд, дар ҳаёт ба воситаи Исои Масеҳи ягон ҳукмрон хоҳанд шуд. (Румиён 5:17)

Ин маъно дорад, ки мо бояд аз меъёри оддӣ болотар бароем. Модигармонандипештаразиндагӣнамекунем. Акнунмотаъсиркунандагонҳастем, на пайравон. Агар ту муаллим бошӣ, ту бояд роҳҳои аз ҳама эҳодкору пешқадам барои интиқоли донишу ҳикмат барорӣ. Дигар муаллимон бояд аз маҳорату устокориат ҳайрон шаванд. Агар ту тарҳрез бошӣ, ақидаҳои эҷодкорат бояд хеле пешрав, муосир ва тоза бошанд. Ту бояд дар соҳаи худ пешсаф бошӣ. Агар тиҷор бошӣ, ту бояд ақидаҳои чаққон ва нақшаи зираки фурӯшро пайдо кунӣ, ки аз дигарон пеш бошӣ. Ту бояд бинӣ чӣ фоидаовар аст ва чӣ не. Ту медонӣ кай харидан ва кай фурӯхтан лозим аст. Дигар тоҷирон сарашонро хорида, фикр мекунанд чаро ту ин қадар комёб ҳастӣ.

Агар ту модари хонашин бошӣ, ту бояд байни ҳамсояҳо аз ҳама эҷодкор, аз ҳама раҳмдил ва аз ҳама ҳирадманд бошӣ. Дигароне, ки бо файз наёфтаанд, ба назди ту барои маслиҳат меоянд. Агаркӯдаконашонкасалбошанд, тубаонҳомонанди Исо дастмомонӣ ва онҳо шифо меёбанд. Ҳамчунҳукмдорониинҳаёт мо аслан мӯҳтоҷиҳои одамонро бо ин қуввати бепоёне, ки дар мост, қонеъ мегардонем. Инастғалабае, киҷаҳонромағлубмекунад, ва бо ин мо дар ин ҳаёт ҳукмрон ҳастем—ин имони мост!

Чаро мо ҳамту бовар намекунем? Чароимонамонинқадардушворфаҳм аст? Чаромоазҳаётиғалаб аоварҳаловатнамебарем, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҷамъият пешрав бошем, аз ҳама одамони эҷодкор, пешқадам, дилписанд ва бохиради ин ҷаҳон бошем? Чаромодилсузона беморонро шифо намедиҳем ва асиронро озод намекунем? Павлус чунин дуо хонд, ки ин қуввати ҳайратоваре, ки аз барои имонамон дастрас аст, ба мо ошкор шавад. Бароиҳаминвайдардавомашэ ътирофмекунад:

Ӯро, ки бо қуввате ки дар мо амал мекунад, қодир аст аз ҳар

он чӣ мо мехоҳем ё фикр мекунем, беандоза зиёдтар бикунад, – Ӯро дар Калисо ва дар Исои Масеҳ аз насл ба насл то абад ҷалол бод, омин. (Эфсӯсиён 3:20-21)

Оё инро фаҳмидӣ? Вай қодир аст, ки аз ҳар чизе, ки мо хоҳиш мекунем ё фикр мекунем, беандоза зиёдтар кунад. Оёмебинӣ Павлус кадом калимаҳоро истифода мебарад, то он андозаи корҳоро нишон диҳад, ки Худо метавонад ба воситаи мо ва барои мо бикунад? Ваазинҳамбештарҳаст! Чунки қувваташ ба мо аз тахти Ӯ на фақат гоҳ-гоҳ ба мо дода мешавад. Инчунин ин қуввати махсусе нест, ки болои вакилон буд, вақте ки Исо онҳоро барои шифо додан ва мурдагонро зинда гардондан фиристод. Не, ин қуввате, ки дар мо амал мекунад ва дар мо сокин аст. Онбавоситаи Рӯҳи Худо ба табиатамон гузошта шудааст. Вақте ки ин ба мо дар диламон ошкор мешавад, мо дар зиндагӣ ҳукмрон шуда, ҳама қувваҳою таъсири ин ҷаҳонро мағлуб мекунем. Мо мағлуб, маҳкум намешавем ва бесамара намемонем. Мо бисёр самара оварда, дар ҳақиқат ба Худо ҳамчун фарзандони азизи Ӯ тақлид мекунем.

Дар тарҷумаи васеъи Китоби Муқаддас гапи Павлус аз ин ҳам қаввитар навишта шудааст:

Акнун ба Ӯ, ки... бо [амали Худ] қуввате, ки дар мо дар амал аст, қодир аст [мақсади худро иҷро кунад ва] бениҳоят фаровонона кунад, аз ҳамаи он чизҳое, ки мо [ҷуръат кард] хоҳиш мекунем ё фикр мекунем, болотар ва зиёдтар кунад [беҳад зиёдтар аз дуо, хоҳиш, фикр, умед ва орзуҳои олитарини мо]—ба Ӯ ҷалол бод.

Чӣ қадар ин калом аҷоиб аст. Нафақат беандо зазиёдтаразончӣ, ки мохоҳиш мекунем ё фикр мекунем, лекинбениҳоят фаровонона, болотар ва зиёдтар! Агаринҳамкамбошад, Павлус давом дода, мегӯяд “беҳад зиёдтар аз дуо, хоҳиш, фикр, умед ва орзуҳои олитарини мо”! Истода, яклаҳзадарбораиинфикркун. Беҳад зиёдтар

ин аз фаҳмиши инсониамон берун аст; ин ғайриоддист! Пасчаромоинқувватродар амали пурра ба воситаи масеҳиён намебинем?

## ХУДОҚОДИР АСТ

Ҷавоб дар як калимаи хурде, ки Павлус қайд кард, ёфт мешавад: қодир. Биёед дар бораи ин дар асоси мисол фикр кунем. Тасаввур кун, ки туфон навакак аз шаҳрат гузашт. Вайронкунӣ хеле бузург аст ва барқ нест. Аз ҳама бадаш он, ки оби тоза нест.

Хизматчиёни ҳарбӣ тез мошини калонро пур аз обӣ нӯшиданӣ оварданд. Эълон карданд, ки онҳо метавонанд он қадар об диҳанд, чӣ қадаре ки шумо бурда тавонед. Шумобоядфақатзарфҳои холӣ биёред ва онҳоро пур мекунанд.

Хеле шавқовар чӣ тавр одамон рафтор карданд. Якодамбо косаи калон омад, ки онро пеш аз туфон дар як дукон харид. Вай 1 литриобгирифт. Дигар одам бо кӯза омада, 4 литр об гирифт. Баъд дигар кас сатилро оварда, 20 литр об пур кард. Дарохир, як одам бо мошинаш ваннаро овард; вай 150 литр оби тоза пур карда, рафт.

Одаме дар мошинаш ба хонаи худ меравад ва маълум мешавад, ки вай ҳамсояи одаме мебошад, ки барои обгирӣ бо коса омад. Вақтекиинодамикосадормефаҳмад, киҳамсояашазӯ150 маротиба зиёдтар об гирифтааст, вай ба ғазаб меояд. Вайаввал ба мардум, ва дар охир ба хизматчиёни ҳарбӣ шикояткард: "Чаро ба ман зиёдтар об надоданд? Чароҳ амсояиманинқадаробизиёдгирифт?"

Генерале, ки барои ин амалиёт масъул буд, ҷавоби содда дод: "Мо ба ту гуфтем, ки он қадар об медиҳем, чӣ қадаре ки ту бурда тавонӣ. Чаро ту зарфи калонтар наовардӣ?"

Павлус маҳз инро гуфтанӣ аст. Худо ба воситаи қуввате, ки ба мо гузоштааст, қодир аст корҳои бениҳоят фаровон кунад,

болотар ва зиёдтар аз он чизҳое, ки мо фикр мекунем ё хоҳиш мекунем. Яъне “зарфи” мо ин он қадаре, ки мо фикр карда ё хоҳиш карда метавонем, ва албатта ин аз он меояд, ки мо дар диламондар асл ба чӣ бовар мекунем. Новобаста аз он, ки чӣ қадар калон ту фикр кунӣ ё дархостат чӣ қадар калон бошад, қуввати Ӯ, ки дар мост, метавонад аз он зиёдтар кунад. Яъне дар ҳақиқат фикрониамон қуввати Худоро, ки дар мо сокин аст, маҳдуд мекунад.

Оҳ, чӣ қадар мо аз қобилияташ камӣ дорем! Чаро мо ба андозаи калонтар фикр надоштем, орзу намекардемва дуо намехондем? Ҷавобашсодда: чунки имонамон инкишоф наёфта буд. Моваъдаҳоиаҳдупаймонашрокофтуков накардем ва ба онҳо бовар намекардем. Зеритаъсирииинҷаҳонмонда, мозиёдтарбоҳиссиёт, андеша ва таҷрибаи худ роҳнамоӣ мешудем ва аз Каломаш илҳом намеёфтем.

Чаро аз саҳнаи калисо ин қадар мавъизаи оддӣ, ҳатто ноумедона, гуфта мешавад, бо вуҷуди он, ки Худо ба воситаи имонамонин қадар файзи зиёд ба мо дастрас гардондааст? Душманпай дар пай мубориза мебурд, ки ростиро дар бораи файз аз мо пинҳон кунад. Вайҳаркоритавонистагиашрокард, кимавъизачиён, хизматчиён, нависандаҳо, пасторҳо ва дигар масеҳиёнро бовар кунонад, ки онҳо аз рӯи фаҳмиш, таҷрибаи шахсии худ ё мисолҳои дигар одамон, ки аз мероси худ дида, хеле пасттар зиндагӣ мекарданд. Инодамонончизҳоероэъл онмекардандватаълиммедоданд, ки ба ақли инсонӣ дуруст менамуд ва он чизҳое, ки дар гузашта рӯй доданд.

Ин худ ба худ нодуруст аст! Мобоядазҷалолбаҷалолбасурату шабоҳати Худо калон шавем. Агар душман тавонад моро ба таҷрибаи гузаштаамон маҳдуд нигоҳ карда тавонад ба ҷои он, ки ба Каломи Худо дар асл бовар кунем ва онро иҷро кунем, ва бо ин роҳ шайтон метавонад моро аз калон шудан ба одамони боқудрату самаранок нигоҳ дорад. Вай инчунин калисоро

метавонад нигоҳ дорад, ки он ҷалолеро, ки Худо барояш тайёр кардааст, аз сар гузаронад.

Имрӯзаҳо хеле бисёр вақт ба ҷои он, ки калисо қуввати калонтар нисбат ба калисое, ки дар китоби Аъмол, дошта бошад, он зиёдтар намуди клуби иҷтимоӣ дорад. Дарингуна ҳолат ҳатто агар мо хоҳем дар ҳақиқат ба дигарон ёрдам кунем, мо маҷбур ҳастем, ки онро фақат бо қуввати худ кунем. Иназдаҳ ҷосус чӣ фарқ дорад? Онҳо иродаи Худоро мехостанд,лекин фикр доштанд, ки онро фақат бо қобилияти худ иҷро кунанд. Онҳо ин корро имконнопазир фикр мекарданд ва ба сад ҳазор одамони дигар таъсир расонданд, ки онҳо аз рӯи назари онҳо фикр кунанд. Аз барои камии имон онҳо ҳеҷ вақт ба хости Худо барои ҳаёти худ дохил нашуданд. Онҳоба Худо бовар карда, мурданд, лекин ба он тақдире, ки Худо барояшон ба нақша гирифтааст, нарасидаанд.

Бисёр вақтҳо шогирдон мехостанд дар кори Исо иштирок кунанд—хӯрондани ҳазорҳо, ба одамонёрдам кардан ва шифо додани беморон. Онҳонамехостанд дар вақти тӯфон муранд, ҳангоме ки Устои онҳо дар қаиқ хоб буд. Лекинонҳодоимноком мешуданд, чунки онҳо фақат мехостанд фақат бо қуввати худ ёрдам расонанд. Онҳобаон чизе, ки Исо барояшон мехост, нарасиданд. Аммо, баъд аз сею ним сол ҳамроҳи Исо,ҳамааш дигар шуд.

## БАҲОНАИ КАМИИ ҚУВВАТАМОН

Барои аъзоёни калисои аввал ба доштани қуввати бузург бовар кардан душвор набуд. Мо аллакай ба имондорони оддӣ монанди Истефанус нигоҳ кардем, ки бемамоният дар файзи Худо амал мекарданд. Дар борааш гуфта мешавад: "Истефанус, ки пур аз имон ва қувват буд, дар миёни қавм аломоту мӯъҷизоти бузурге ба амал меовард" (Аъмол 6:8). Истефанус вакил ё ҳатто пастор набуд. Вай фақат аъзои оддии

калисо буд, ки дар тарабхонае пешхизмат кор мекард.

Агар калисои аввал чунин зиндагӣ мекард, чаро мо имрӯз ин қадар зиёд мубориза мебарем? Ҷавобдушворнест—Исо барояшон намунаи ибрат буд. Онҳо диданд, ки Исо чӣ кор карда метавонист ва шайтон наметавонист халқи Худоро фиреб диҳад, ки қуввати Худо заиф ё нест шуд. Онҳоақидаҳо ютаҷрибаинодурустнадоштанд, киба имонашон зид бошад. Онҳоҳамтубовармекарданд.

Имрӯзаҳо мо иҷозат додем, ки фикру гапҳои одамон аз ростӣ болотар бошад. Мо доим ин гуна гапҳоро мешунавем: "Бобои Ҷо хизматгор буд ва ӯ барои шифо ёфтани як одам дуо хонду ин одам мурд". "Холаи Рут аз Худо хоҳиш кард, ки кӯдакашро наҷот диҳад, лекин кӯдакаш партофта шуд".

"Дӯсти ман Сэм аз Худо хоҳиш кард, ки миёндардашро шифо бахшад, лекин бист сол аллакай аз он азоб мекашад".

Мо ин гуна ҳодисаҳо шунида, хулосаҳое мебарорем, ки ба Навиштаҷот мувофиқ нест, то ки баҳона ёбем чаро қуввати файз дар ҳар имондор нест ё чаро он дигар ба мо дастрас нест. Шояд ин баҳонаморо ором мекунад, лекин он нодуруст аст. Яънебаҷоиион, кимодалерона дар имон амал кунем, мо аз Худо чизи зиёдтар хоҳиш намекунем, чунки мо ноком шуда намехоҳем. Чароҳатто чизеро хоҳиш кунем, ҳангоме ки мо дар ҳақиқат интизор нестем, ки онро қабул мекунем? Аммо, агар мо ба ҳолати ноилоҷ меафтем, мо дар охир хоҳиш мекунем, лекин бештар аз барои ноумедӣ, на аз рӯи имон.

Ин гуна баҳона барои шогирдони аввал иҷозат набуд. Агар онҳо дар имонашон ноком мешуданд, Исо чунин мегуфт: "Эҳ, шумо сустимонҳо" ё ҳатто: "Шумо, беимонон".

Баъд аз он ки Исо ба осмон рафт, шогирдон монанди Петрус бисёр воқеаҳоро нағз дар ёд доштанд. Фақат як ё ду сол гузашт баъд аз он, ки Исоро болои об роҳ гаштагӣ диду гуфт: "Худовандо! Агар ин Туӣ, ба ман амр деҳ, то ки ба рӯи об назди

Ту биёям" (Матто 14:28). Исо амр дод ва Петрус болои об рафт. Лекин вақте шамоли сахтро дид, вай чашмашро аз Исо канд, ба воҳима афтод ва ғарк мешуд. Баъд Исо ӯро наҷот доду гуфт: "Эй сустимон! Чаро шубҳа кардӣ?" (ояти 31).

Бисёриҳо мегӯянд, ки Петрус комилан ноком шуд, лекин ман бо онҳо розӣ нестам. Дигар шогирдон ин имконияти бузургро аз даст доданд, чунки онҳо имон надоштанд ва дар қаиқ шишта, тамошо карданд. Петрус ақаллан ҷуръат дошт, ки вақти кӯтоҳ бо имони камаш болои об гардад. Баоннигоҳнакарда, киИсоӯроаз барои камии имонаш ислоҳ кард.

Петрус ин дарси имонро нағз дар хотир дошт, монанди он, ки мо дар ёд дорем, ки як ду сол пеш дар вақти истироҳат чӣ кор кардем. Имрӯзчӣрӯймедод? Чӣ қадар одамон то ҳол дар қаиқ шишта, аз пурсидан метарсанд: "Агар ин кор, ки ба дигарон ёрдам кунам аз Ту бошад Худованд, пас амр деҳ, ки ман равам".

Дигар ҳолатҳо буданд, ки Исо шогирдонашро аз барои надоштани имон ба тарзи қатъӣ ислоҳ мекард. Боре Ӯ аз кӯҳ фаромад ва як мард Ӯро нигоҳ дошта, пурсид чаро шогирдонаш писарашро шифо дода натавонистанд. Ба ҷавоби Исо барои шогирдонаш гӯш кун: "Эй насли беимон ва каҷрафтор! То кай бо шумо бошам? То ба кай шуморо тоқат кунам? Вайро ин ҷо назди Ман биёред" (Матто 17:17). Исо ин гапро ба шарикони худ, шогирдонаш гуфт. Тасаввур карда метавонӣ, ки Исо ба ту нигоҳ карда, мегӯяд: "Чӣ қадар дигар беимониатро тоқат кунам?" Баъд Исо сарзаниш кардани онҳоро бас карду писари он мардро шифо дода, ӯро ба падараш супурд.

Шогирдон дар хиҷолат буданд ва барои ҳамин ба назди Исо омада, пурсиданд чаро онҳо натавонистанд ӯро шифо диҳанд. Исофақат гуфт: "Ба сабаби беимонии шумо" (ояти 20). Азбароионки Исо ҷисман дар байни онҳо буд, шогирдон наметавонистанд чунин баҳонаи нағзи рӯҳонӣ гӯянд: "Хайр,

файзи Худо аслан ба ин ҳолат дахл надорад, чунки баъзе касалиҳо ҳастанд, ки Худо мехоҳад мо дошта бошем, то моро ягон чиз дарс диҳад". Чӣ қадар бемаънӣ! Агар мо дар ҳақиқат бовар кунем, ки Худо мехоҳад моро бо касалии даҳшатовар дарс диҳад, пас чаро мо ба назди духтур меравем ва дору мехӯрем? Оё мо зидди Худо амал мекунем? Агар Худо моро дарс медиҳад, пас биёед зидди дарсаш амал намекунем ва ба назди духтур барои шифо ёфтанамон намеравем. Оёмебинӣчӣқадаринфикронӣбемаънӣ аст?

Худо инро равшан кард: "Эй маҳбуб! Дуо мегӯям, ки ту саломат бошӣ ва дар ҳар чиз комёб шавӣ, чунон ки ҷони ту комёб аст" (3 Юҳанно 1:2). Боз ба мо кушоду равшан гуфта шудааст: "Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон, ва ҳамаи некиҳои Ӯро фаромӯш накун. Ӯ ҳамаи гуноҳҳоятро меомурзад; ҳамаи касалиҳоятро шифо мебахшад" (Забур 103:2-3).Айнан дар ҳамон ҷумлае, ки мегӯяд Худо гуноҳҳоямонро меомурзад, инчунин гуфта шудааст, ки Ӯ ҳамаи касалиҳоямонро шиоф мебахшад (на баъзеи онҳо). Чаро мо намегӯем: "Хайр, Худо мехоҳад моро чизе ба воситаи набахшидани ин гуноҳам дарс диҳад, барои ин маро асири он нигоҳ медорад"? Чӣ сафсатаест! Агар Исо дар байни мо меистод, монанди он ки бо шогирдон буд, Ӯ ба мо мегуфт, ки ин бемаънист, агар мо бовар мекунем, ки Худо намехоҳад, ки мо солим бошем.

Шогирдон натавонистанд он бачаро шифо диҳанд ва ин ба Исо маъқул нашуд. Онҳогуфтанатавонистанд: "Исо, ман амаки Фред, ки пастор буд, дар ёдам ҳаст; вай ба ман мегуфт, ки шифо ба мо на ҷисман, лекин аз ҷиҳати эҳсосот дахл дорад". Оёмасхарамекунӣ? Баъд аз ин гуна гап, Исо ба онҳо нигоҳ карда, бо гиря мегуфт: "Чӣ қадар шуморо тоқат кунам?"

Шогирдон наметавонистанд аз барои ин таҷрибаи худ қуввати файзро бекор кунанд. Боз лозим шуд, ки Исо фақат ба онҳо хотиррасон кунад:

- “Имони шумо куҷост?” (Луқо 8:25)
- “Чаро имон надоред?” (Марқӯс 4:40)
- “Эй сустимонҳо!” (Матто 6:30)
- “Эй сустимонҳо, чаро ҳаросонед?” (Матто 8:26)
- “Эй сустимон! Чаро шубҳа кардӣ?” (Матто 14:31)

Баъд аз дигар ҳодиса, ки камии имонашон ошкор шуд, Исо онҳоро “имондорони сустимон” номид (Матто 16:8). Вой-вой. Исо ин гуна баҳонаҳои тунуке, ки мо имрӯзаҳо дорем, қабул намекард. Вай шогирдонашро ин қадар дӯст медошт, ки мехостонҳоро аз ҳар гуна фикрҳои бардурӯғе, ки имони онҳоро вайрон мекунад, нигоҳ дорад.

Мо бояд фаҳмем, ки мо ин қадар таълимоту ақидаҳои зиёде қабул кардаем, ки имони моро ғорат карданд. Исо чӣ мегуфт, агар ба калисоҳои имрӯзаамон меомад? Шояд ту тасаввур мекунӣ, ки Исо ба камии имонат бо раҳмдилию меҳрубонӣ нигоҳ мекард. Лекин росташ дар он, ки “Исои Масеҳ дирӯз ва имрӯз ва то абад айни ҳамон аст” (Ибриён 13:8). Исояксаримӯйҳам дигар нашудааст ва Ӯ имрӯз ҳам далерона дар бораи камии имонамон гап мезад, чунон ки дар вақти дар замин буданаш гап мезад. Рӯҳи Муқаддас имрӯз дар ин ҷост, лекин овозаш метавонад ба осонӣ пахш шавад. Рӯҳи Муқаддас даринҷонабароиион, киаз худ гап занад, лекин барои он, ки ба гуфтаҳои Исо нишон диҳад. Қисми душворам дар он ас, ки азбаски Исо ҷисман дар пеши назарамон намеистад, мо метавонем ба гуфтаҳои рости Ӯ, ки ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ба мо мегӯяд, беэътиноӣ кунем. Чӣ қадар даҳшатнок. Биёед ростқавл мешавем. Оё мо ба Рӯҳи Муқаддас гӯшикарихудрогардондем? Оё мо дар ҳақиқат монанди калисоиаввалҳамроҳи Исо хизмат мекунем? Монаметавонемазинсаволҳоисахт гурезем.

## ИМОНБА НОМИ Ӯ

Калисои аввалҳеҷ фоидае аз баҳонаковӣ надоштанд, ки имони онҳо ва дигаронро ғорат мекард. Ман пештар инро гуфта будам, лекин бори дигар ба ин воқеа нигоҳ кардан меарзад. Марди лангро, ки назди даромади маъбад садақа мепурсид, дар хотир дорӣ?

Вақте ки ӯ Петрус ва Юҳанноро назди даромадгоҳи маъбад дид, аз онҳо садақа пурсид. Петрус, ки бо Юҳанно буд, ба ӯ синҷакунон нигариста, гуфт: "Ба мо нигоҳ кун". Ӯ ба онҳо назар дӯхт ба умеди он, ки аз онҳо чизе бигирад. Аммо Петрус гуфт: "Ман нуқра ва тилло надорам; лекин он чӣ дорам, ба ту медиҳам". (Аъмол 3:3-6)

Петрусхалтаи пур аз пул надошт, лекин аз он чизе хеле беҳтар дошт—файзиХудо. Нигоҳкун, ки Петрус баъд аз он чӣ кор мекунад:

"Ба исми Исои Масеҳи Носирӣ бархезу роҳ рав." Аз дасти росташ гирифта, ӯро ба по хезонд; баногоҳ пойҳо ва шитолингҳои ӯ қувват гирифт, ва аз ҷои худ ҷаста хеста, ба роҳравӣ даромад ва роҳравону ҷастухезкунон ва Худоро ҳамдгӯен ҳамроҳи онҳо вориди маъбад шуд. (оятҳои 6-8)

Исо ба Петрусу дигар пайравонаш гуфт, ки вақте ки подшоҳии Худо меояд, хости Худо, чунон ки дар осмон, дар замин ҳам иҷро мешавад. Петрус медонист, ки дар осмон одамони ланг нест, ва ӯ ба даруни дилаш нигоҳ кард, ки Худо ба вай чӣ мегӯяд ва ҳис кард, ки Худо мехоҳад ин одамро хезонад. Вайба Рӯҳи Муқаддас гӯш кард. Чӣ қадар бор Рӯҳи Муқаддас мехост моро роҳнамоӣ кунад, ки мо ба одамони мӯҳтоҷ хизмат кунем ва мо гӯш накардем?

Вақте ки ин мард роҳ мерафту ҷастухезмекард, мардумҷамъомад. Петрус ба онҳо гуфт чӣ тавр ин одам сиҳат шуд:

Ба хотири имон ба исми Ӯ [Исо] ин шахсе, ки мебинед ва мешиносед, қувват ёфтааст, бале, исми Ӯ ва имоне, ки дар мо аз Ӯст, дар ҳузури ҳамаи шумо ба вай ин шифоро бахшидааст. (ояти 16)

ФайзиХудодар номи Исо дастрас аст. Ин тавр дарбораиинфикр кун, ки ба воситаи номи Ӯ мо наҷот ёфтаем: "Дар ҳеҷ каси дигар наҷот [файз] нест, ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем" (Аъмол 4:12). Файзи Худо ба мо ба воситаи қудрат дар номи Исо дастрас мегардад ва ин ба ҳамаи соҳаҳои дигари файз дахл дорад. Аммо, на фақат номи Исо ин одамро шифо додааст, лекин махсусан имон ба номи Исо. Имон лозим шуд, ки ба қуввати файз пайваст шавад. Дар дигар тарҷума сухани Петрус чунин тарҷума шудааст: "Бале, имон ва фақат имон ин одамро пеш назари шумо шифо дод ва сиҳат кард" (3:16). Аз нав, имон ин қубурест, ки моро бо файзи зарурӣ, ки аз Худо ҷорист, пайваст мекунад.

Мушкилии асосӣ дар он аст, ки мо худро аз ҷории файз ҷудо кардем. Шоядмо имон дорем ва бовар мекунем, ки файзи Худо моро аз ҳамаи гуноҳҳо бахшид ва аз дӯзахи абадӣ наҷот дод, лекин дигар соҳаҳои наҷотҳастанд, монанди қудрати табиати нав, қувват барои зиндагии муқаддас ва қувват барои овардани хости Худо ба замин барои қонеъ гардондани мӯҳтоҷиҳои одамизод.

Инмисолгапимароиравшантармесозад.Тасаввуркун,кидарё азякчандкиштзоре, ки деҳқонони гуногун кор мекунанд, ҷорӣ мешавад.Соҳибитамомизамининчунинҳокими ҳамон минтақа аст ва ин заминро ба деҳқонони гуногун ба иҷора месупорад. Обуҳаводаринминтақахелехушкаст, яъниобидарёбарои калон шудани ҳар киштзор лозим аст. Чунонкидарпоённишондода шудаастдарҳарсаҳрокишти гуногун аст.

Чӣ тавре ки мебинӣ дар як саҳро гандум, дар дигар соя, дар дигар ҷав ҳаст ва ғайра. Аммо, лекин як деҳқон фақат бохирад буда, бо қубур киштзорашро ба дарё пайваст кард ва барои об додани кишти худ пошдиҳак гузошт. Дигар деҳқонон ба дарё пайваст нестанд. Натиҷааш чӣ шуд? Фақат киштзори гандум об мегирад ва баъд аз чанд вақт саҳроаш сабзид ва ҳосил овард. Лекин, дигар киштзорҳо насабзиданд, заминашон холӣ монду дар охир сӯхт.

Рӯзе ҳокими минтақа омада, заминашро тафтиш мекунад. Вайдеҳқонеро, кибадарёпайвастшуд, таърифкард. Аммо, дигар деҳқононро барои талаф шудани замини додагиашро сарзаниш кард: "Чаро шумо замини худро ба дарё пайваст накардед? Чарозаминробарбодкардед?"

Акнун ин мисолро каме тағир медиҳем. Баҷоикиштзоригандум, соя, ҷав, ҷуворӣ ва ғайра, мо акнун чунин киштзор дорем: "Бахшиши гуноҳҳо","Ҳаёти муқаддас","Шифо","Захираҳои барои таъмини мӯҳтоҷиҳои одамизод" ва "Ҳукмронӣдарҳаёт".Дигаркиштзорҳонизҳастанд, лекиншумофикри асосиро фаҳмидед. Баҷоиякчанддеҳқон, акнун дили имондорро нишон медиҳем.

Дар ин мисол боз фақат як киштзори "Бахшиши гуноҳҳо" ба дарёи файз ба воситаи қубури имон пайваст аст. Барои ҳамин фақат ин киштзори дили имондор об мегирад. Инчунин, фақат ин киштзор месабзад ва дигарон мехушканд ва ҳосил медиҳанд. Монанди пештара, натиҷаи гуногунро чӣ муайян мекунад? Чаро фақат як киштзор месабзад ва дигарон беҳосил мемонанд—ҳатто ба он нигоҳ накарда, ки дарё ба ҳар яки онҳо наздик ҷорӣ мешавад? Гап дар қубури имон аст. Ҳар киштзор метавонист бо оби файз аз дарё сабзад, лекин фақат он фақат барои як саҳро дастрас буд.

Ҳар ин киштзор соҳаи гуногуни ҳаётро, ки файз ба он таъсир мерасонад ва тағир медиҳад, маъно дорад. Ин гуна имондор метавонад дилашро фақат ба як ҷиҳати файз кушодааст—"Бахшиши гуноҳҳо"—лекин дар дигар соҳаҳои ҳаёташ, ки мӯҳтоҷи қувват ҳастанд, аз барои беимониаш аз файз ҷудо аст. Бо имонаш вай ба муқаддасӣ, шифо, захираҳои барои қонеъ гардондани мӯҳтоҷиҳои одамизод, ҳукмронӣ кардан дар ҳаёт ва дигар чизҳо пайваст нашуд.

Дар рӯзи доварӣ чӣ мешавад, вақте ки Исо барои тафтиш кардани замини диламонро меояд? ЧӣтаврмобаӮмегӯем, кимоқарорkардем, киба Каломи Худо бовар намекунем ва ба ҷои он баҳонаковӣ кардем, ки қуввати файзашро бекор кардаст? ЧӣтаврмобаӮмефаҳмонем, кимоқувватипурраи файзро эълон накардем, барои ҳамин одамоне, ки моро гӯш мекарданд, самараи зиёдтар оварда натавонистанд? МобаӮ, кичунинмепурсад, чӣҷавобмедиҳем: "Эй сустимон! Чаро шубҳа кардӣ?" (Матто 14:31)?

Исо ошкор эълон мекунад:"Ва агар касе суханони Маро шунида, риоят накунад, Ман бар вай доварӣ нахоҳам кард... Каломе, ки гуфтам, дар рӯзи вопасин бар вай доварӣ хоҳад кард" (Юҳанно 12:47-48). Чаробафикрат Рӯҳи Муқаддас ин қадар мисолҳои зиёд дар Навиштаҷот овард дар бораи он, ки Исо пайравонашро барои камии имон барои шифо додан, қонеъ гардондани мӯҳтоҷиҳои мардум, ором кардани тӯфон ва дар дигар ҳолатҳо? Корамондарасосиҳар каломи Ӯ пеши тахти доварӣ санҷида мешавад. Дарпешитахтидоваригапиx олаиМилли, амакиТом, дӯстамонҶейкётаҷрибаимошунида намешаванд. Фақаткаломи файз абадии Худо барои чен кардани имонуаъмоли мо пеши тахти доварӣ истифода бурда мешавад. Чӣ тавре ки навишта аст:

Зеро ки чӣ гӯем? Агар баъзеашон бевафо бошанд, оё бевафогии онҳо вафоии Худоро ботил мекунад? Ба ҳеҷ ваҷҳ.

Балки Худо барҳақ аст, агарчи ҳар одам козиб бошад. (Румиён 3:3-4)

Биёед одамоне намешавем, ки шубҳа мекунанд ва ба гуфтаҳои Худо бовар намекунанд. Биёед одамони имон мешавем. Чунки дар Навиштаҷот гуфта шудааст: "Ҳар коре, ки мувофиқи имон нест, гуноҳ аст" (Румиён 14:23). Инчунин, ба Каломи Худо бовар кардан душвор нест, чунки чӣ тавр Ӯ хато карда метавонад!

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Чаро имон ва ғурур зид ҳастанд?

Ба фикрат чаро ин қадар масеҳиён зиёд бе қувват зиндагӣ мекунанд?

Бо кадом душвориҳо ту дучор мешавӣ, ки барои он ту бояд ба ростие, ки "Худо қодир аст", маҳкам нигоҳ дорӣ?

# 14
# Имони ҳақиқӣбоисрор аст

Ман ҳеҷ вақт фаромӯш намекунам чӣ тавр Худовандба ман таъсир кард ва ин ҳаётамро тағир дод.

Дар он вақт ман фақат якчанд сол масеҳӣ будам, оиладор набудам ва дар Каролинаи шимолӣ зиндагӣ мекардам. Як шаб ман аз хоби сахт бедор шуда, аз катам ҷастаму дод гуфтам: “Ман касеро меҷӯям, ки бовар кунад!”

Ман пурра бедор шудаму ба соат нигоҳ кардам ва дидам, ки соати 4 саҳар буд. Баманякчандсониялозим шуд, то фаҳмам дар куҷо будаму навакак чӣ рӯй дод. Манчароғеро назди катам даргирондам ва дидам, ки катам аз арақам нам шуд, лекин ман медонистам, ки таб надоштам ва касал набудам. Маншах шудам ва тарс доштам: ман фаҳмидам, ки Худо навакак ба воситаи даҳонам гап зад. Вақтекиинхулосаробаровардам, фикр кардам “Чаро ин гап пурмаънитар набуд? Охирманмедонам, киХудоодамонеромеҷӯяд, кибоваркунанд.” То ҳол хеле хоболуд буда, ман чароғро куштам, хоб кардам ва зуд хобам бурд.

Вақте ки он субҳ бедор шудам, ин гап дар тамоми вуҷудам пайваста садо медод: Ман касеро меҷӯям, ки бовар кунад...

Ман касеро меҷӯям, ки бовар кунад... Он субҳ, вақте ки ман аз назди ҷои холӣ барои таваққуфи мошин мегузаштам, ногаҳон ошкоршавӣ ба сарам зад. Ман дод гуфтам: "Оҳ, ин хеле пурмаънӣ аст!"

Аз он лаҳза боз ман дар бораи ду савол оиди ҳаёти Исо дар замин фикр мекардам: "Чӣ Исороаз ҳама бештар ғамгин мекард?"ва "Чӣ Исоро аз ҳама бештар хурсанд мекард?

Баъд аз он, ки дар бораи ин фикр кардам, ман фаҳмидам Исо беш аз ҳама аз он хурсанд мешуд, вақте ки одамон бовар мекарданд, ва аз ҳама зиёдтар аз он ғамгин мешуд, вақте ки одамон бовар намекарданд, ки Ӯ гапи гуфтагиашоро иҷро мекунад. Агар осон карда гӯем, камии имонашон Ӯрочуқур ғамгин мекард! Имон бовар мекунад, ки Худо он чӣ мегӯяд, онро дар назар дорад, ва он чӣ дар назар дорад, онро мегӯяд. Худо одам нест, ки дурӯғ гӯяд; лекин Ӯ Каломашро бо шарафи номаш тақвият медиҳад. Ӯбохудашқасаммехӯрад, чунки аз Ӯ чизе болотар нест. ЯъневақтекимобаӮшубҳа дорем, мо ростқавлиашро дашном медиҳем.

## ХУДОБА ИМОНАМОН ҶАВОБ МЕДИҲАД

Ҳар чизе, ки мо аз Худованд мегирем, онро бо имон қабул мекунем. Ман як ростиро фаҳмидам, ки бисёр масеҳиён намедонанд: Худо ба мӯҳтоҷиамон ҷавоб намедиҳад; Ӯ ба имони мо ҷавоб медиҳад! Ман метавонам бисёр мисол аз Китоби Муқаддас оварам, ки онро нишон диҳам, ва биёед фақат якчандашро биёрам. Рӯзе Исо бо шогирдонаш ва мардуми бисёр аз Ериҳӯ мебаромад. Онҳо роҳ мерафтанду одами нобинои номе Бартимай сари роҳ мешишт. Вақте ки ӯ шунид, ки ин Исо аз пешаш мегузашт, вай фарёд мекард. Якчанд одам Бартимайро ҷанг карда, мегуфтанд, ки вай хомӯш шавад ва Усторо ташвиш надиҳад. Лекин Бартимай боз ҳам баландтар фарёд мекард. Бин аз барои имони боисрораш чӣ

рӯй дод:

Исо истод. (Марқӯс 10:49)

Чӣ қадар аҷоиб! Исо қарор кард, ки ба Ерусалим рафта, кори худро, ки барояш фиристода шуд, иҷро кунад, яъне Ӯ дар бораи вазифааш фикр мекард. Тӯдаи одамон дар гирди Ӯ буданд ва ман боварӣ дорам, ки бисёри онҳо мӯҳтоҷӣ доштанд. Лекин мӯҳтоҷии онҳо Исоро боз надошт, ки Ӯ ба вақти кӯтоҳ вазифаашро монад. Лекин, ин одами нобино номи Исоро фарёд кард ва хомӯш намешуд; ягон мусибат ӯро хомӯш карда наметавонист. Овозиӯ, нахомӯшиидигарон, Исоробарои истодан водорсохт.

Баъд Исо фармуд:

Исо истода, фармуд, ки вайро бихонанд. Онҳо кӯрро хонда, гуфтанд: "Осуда бош, бархез, ки туро мехонад." (ояти 49)

Фаҳмо аст, ки одамоне, ки назди Бартимай буданд, ӯро дӯстдорӣ намекарданд. Дарҳақиқат, онҳо зидди хоҳишаш буданд. Лекин ин ба вай халал нарасонд, чунки Бартимай дар имонаш намеистод. Вайҷомаи гадоиашро кашид, аз ҷояш хест ва бо ёрии одамон назди Исо шитофт. Гӯш кун, ки Исо аз вай чӣ пурсид:

Чӣ мехоҳӣ, ки барои ту бикунам? (ояти 51)

Оё Исо ҷиддӣ мегуфт? Ин чӣ гуна савол аст? Одамикӯр, ки ӯро аз дасташ гирифта, ба назди Исо оварданд, чунки вай нобино буд, ва аз ӯ мепурсад ба вай чӣ даркор аст. Инохирмаълумаст, пас чаро барои Исо лозим шуд, ки инро пурсад? Оё Исо дар бораи мӯҳтоҷиаш намедонад? Оё Исо ӯро озор медиҳад ё масхара мекунад? Албатта, не. Исо мехоҳад исботи имони Бартимайро бинад. Ба хотир биёр, ки имон гап мезанад.

Агар Бартимай чунин мегуфт: "Ман медонам, ки агар хоҳиш кунам, ки чашмамро шифо диҳӣ, аз ҳад зиёд мешавад, лекин агар тавонӣ, илтимос, артрити дастамро шифо деҳ?" Пас маҳз инро мегирифт. Ман медонам, ки ин рост аст, чунки баъд аз

бино шудани БартимайИсо чунин гуфт:

Бирав, ки имонат туро шифо бахшид. (ояти 52)

Ин имонаш, ки ӯро бо файзиХудопайвасткард. Дарончоод амонимӯҳточбисёрбуданд, лекинфақатмӯҳточиивайқонеъгард ид. Имонаш гап зад ва имонаш аз чониби Худо қабул кард.

Дар ёд дорам, ки дар як чамъомад барои якчанд одамони чавон дуо мехондам. Чамъомадбегоҳии рӯзичумъа мегузашт ва одамони бисёр пеш баромаданд. Ман аз ҳар кас пурсидам чаро онҳо ба пеш барои дуо хондан баромадан ва айанан як чавоброро мешунидам: “Ман мехоҳам Худо дар ҳаётам зиёдтар бошад”. Манвақти кӯтоҳ барои ҳар кас дуо хондам, лекин қуввату ҳузури Худо кам буд. Манҳискардам, кичизенодурустаст, истодамваҳискардам, ки Рӯҳи Муқаддас тарзи хизматамро ислоҳ мекунад ва мехоҳад, ки ман ба ин дуоҳои умумӣ зиддият кунам.

Одами чавони дигар ба наздам омад ва боз ҳамон чизро гуфт: “Ман мехоҳам Худо дар ҳаётам зиёдтар бошад”. Монандидигарондар рӯи вай назари ноумедӣ буд—гӯе ки вай мегуфт “Агар лозим бошад, ман тамоми шаб дуо мехонам”. Нияти поки ин одами чавон ба осонӣ дида мешуд. Аммо, мо метавонем дилиростқавл дошта бошем, лекин имон не.

Ман пурсидам: “Махсусан чиро мехоҳӣ, ки Худо дар ҳаётат зиёдтар бошад? Тодамекианиқ муайян кунӣ, ки аз Худо чӣ мехоҳӣ, ман барои ту дуо намехонам”.

Қиёфааш якбора дигар шуд. Акнун вай каме дар ҳайрат буду забонбаста шуд. Акнун фаҳмиши умумияти ӯ пеши Худо ба сараш меомад.

Биёед инро бо он чизе, ки мо дар воқеаи Бартимай дидем, муқоиса мекунем. Ҳамаиодамоне, кидар он рӯз дар гирду атрофи Исо буданд, мехостанд, ки Худоро зиёдтар дошта бошанд. АзбароиинонҳоИсороёфта, Ӯропайравӣмекарданд, лекинфақатинодамикӯрбиношуд.

Баъд ман ба ин одами ҷавон гуфтам: "Ту дар ин ҷо истода, фикр кун, ва вақте ки мефаҳмӣ чӣ аниқ барои ту аз Худо лозим аст, ман дуо мехонам". Манинробаякчандкасидигаргуфтам.

Баъд аз чанд вақт ин писарону духтарони ҷавон боз ба назди ман бо хоҳиши аниқ омаданд. Ногаҳон ҳузуру қуввати Худо хеле бошиддат шуд. Акнун мӯҳтоҷиҳои онҳо қонеъ мешуд ва ин ҷавонон роҳҳои Худоро чуқуртар фаҳмиданд. Ҳақиқати "зиёдтар аз Худо" амалӣ гашт.

Ба он нигоҳ накарда, ки ин одамон бисёр маҳбуб буданд ва сахт мехостанд ба Худо писанд оянд, онҳо ба давра бесамари дуо лағжиданд, чунки имонашон ба дархости муайян равона нашуда буд. Баъд аз ин ислоҳот, онҳо бештар монанди Бартимай рафтор мекарданд, ки айнан медонист чӣ мехоҳад ва чизи бовар мекардагиашро мегуфт. Ҳам Бартимай, ҳам он одамониҷавон аз дигар одамон дида, роҳҳои Худо нағзтар шинохтанд.

## ХУНРАВӢ ДАВОМИ ДУВОЗДАҲ СОЛ

Биёед ба дигар мисол аз Китоби Муқаддас нигоҳ мекунем. Зане дар байни тӯдае, ки аз ақиби Исо меомад, давоми дувохдаҳ сол хунравӣ дошт. Бисёр духтурон ӯро давоми солҳои зиёд табобат мекарданд, лекин ба ҷои солим шудан, ҳолаш бадтар шуд.

Чун овозаи Исоро шунид, дар миёни он гурӯҳ аз қафо омада, либоси Ӯро ламс намуд; зеро гуфт: "Агар лоақал либоси Ӯро ламс кунам, шифо меёбам" (Марқӯс 5:27-28)

Диққат деҳ, ки вай дар бораи Исо шунид. Манбобовари икомилгуфтаметавонам, кичунин ҳам навишта ҳам мешуд: "Вай дар дилаш дар бораи Исо шунид",чунки дил ин замини хосилдиҳандаи имон мебошад. Баъд аз он ки духтурон ба вай ёрдам карда натавонистанд, ба вай лозим буд, ки вай дар дохили вуҷудаш инро шунавад. Вайинрошунидвабароишифоёфтанаш

имон пайдо кард. Инаквайазрӯиимонашгапзад: “Агар фақат либоси Ӯро ламс кунам, шифо меёбам”. Бархилофиодамониҷавондарон ҷамъомад, суханаш хеле дақиқ буд. Нигоҳ кун чӣ рӯй дод:

Ва дарҳол чашмаи хуни вай хушк шуд, ва дар ҷисми худ ҳис кард, ки аз касалӣ шифо ёфтааст. (ояти 29)

Маҳз аз рӯи гуфтаи имонаш рӯй дод. Барои ҳамин одамони ҷавон ҳамон рӯзи ҷумъа ногаҳон аз ҷониби Худо дархости худро қабул карданд. Онҳо бовар мекарданд, аниқ буданд, имони худро эътироф карданд ва қабул карданд. Акнун ба қисми дигари ҳодисаи аҷиби ин зан гӯш кун:

Дар айни замон Исо дар Худ ҳис кард, ки қуввае аз Ӯ берун рафт, ва ба мардум муроҷиат карда, гуфт: “Кист, ки либоси Маро ламс кард?” Шогирдонаш ба Ӯ гуфтанд: “Мебинӣ, ки мардум Туро фишор медиҳанд, ва мегӯӣ: ”Кист, ки Маро ламс кард?” Аммо Ӯ ба гирду пеш менигарист, то он занро, ки ин тавр амал кардааст, бубинад. (оятҳои 30-32)

Исо намедонист, ки ин зан барои шифо ёфтанаш омад, то даме ки қуввае аз дарунаш берун рафт. Ин имон, амал ё хости Ӯ набуд, ки ин занро ёфта, ӯро шифо бахшад. Ҳарякқисмионазтарафи зан оғоз шуду иҷро шуд, пеш аз он, ки Исо инро донист! БароиҳаминӮшат, ин занро кофт ва ҳангоме ки ёфт ба ӯ гуфт:

Духтарам! Имонат туро шифо бахшид; ба саломатӣ бирав ва аз касалии худ дар амон бош.(ояти 34)

## ИМКОНИЯТИ АЗ ДАСТ ДОДАШУДА

Дар Инҷил такроран мо дида метавонем, ки Худо ба имон ҷавоб медиҳад. Дардигарҳолат Исо бисёр сардоронро дар хона таълим медод:

Қуввати Худованд дар шифо доданаш зоҳир мешуд. (Луқо

5:17)

Ба ман бисёр маъқул аст, ки дар Навиштаҷот хусусан қайд карда мешавад, ки қуввати Худо дар он ҷо барои шифо додани ин сардорон ҳузур дошт. Боз илова мекунам, ки мо медонем, ки Худо ҳеҷ вақт ҳеҷ чизро масраф намекунад. Якмисолион, ки Исо пасмондаҳои хӯрокро баъд аз ду бор хӯрондани мардуми бисёр (чор ҳазор ва панҷ ҳазор одам), чунки Худо ҳамаашро истифода мебарад. Яънемобобоварии комил гуфта метавонем, ки агар қуввати Худованд дар он ҷо барои шифо додани ин сардорон буд, пас ақаллан ба яктои онҳо (ва эҳтимол ба якчанд каси онҳо) шифо лозим буд, лекин ягон кас онро қабул накард. Чаро? Чунки ягон каси онҳо барои қабул кардани шифо имон надошт.

Аммо, ҳамааш бекор набуд, чунки баъд аз чанд вақт якчанд кас марди мафлуҷро болои кат ба он хона оварданд, вале ба сабаби бисёрии мардум даромада натавонистанд. Онҳоинмард имафлуҷроболоибомбароварданд, сафолҳои онро кушоданду ӯро бо банд пеши Исо поён фуроварданд:

Ва Ӯ имони онҳоро дида, гуфт... “Ба ту мегӯям: бархез, бистари худро бардор ва ба хонаи худ равона шав.” Вай дарҳол дар пеши онҳо бархост, бистари худро бардошт ва Худоро сипоскунон ба хонаи худ равона шуд. Ва ҳама дар ҳайрат монданд, ва Худоро ҳамду сано мехонданд, ва дар ҳолате, ки пур аз тарсу ҳарос буданд, мегуфтанд: “Имрӯз чизҳои аҷоибе дидем”.(Луқо 5:20, 24-26)

Исо имони онҳоро дид. Вақте ки Каломи Худоро мавъиза мекунӣ, дидани он, ки шунавандагон имон доранд ва файзи Худоро қабул мекунанд хурсандиовар аст. Лекин, гуфтани он ғамгиновар аст, лекин ин қадар бисёр вақт ман тамоман имонро намедидам. Қиёфаиодамбисёрвақтросташро мегӯяд, чунки он чизе, ки дар чашмаш дида мешавад, ин инъикоси он чизе, ки дар дилаш рӯй медиҳад. Чунон ки Исо гуфтааст, ки

чароғи бадан чашм аст.

Марди мафлуҷ ва одамоне, ки ӯро мебурданд, медонистанд, ки Худованд тарафдори Каломи Худ аст. Эҳтимол онҳоқисми аҳду паймони Худоро медонистанд: "Ҳамаи некиҳои Ӯро фаромӯш накун. Ӯ ҳамаи гуноҳҳоятро меомурзад; ҳамаи касалиҳоятро шифо мебахшад" (Забур 102:2-3). Имони ин марди мафлуҷу дӯстонаш дар Каломи Худо асос ёфта буд.

Сардорон аз тарафи дигар ҳайрон шуданд, вақте ки диданд, ки марди мафлуҷ шифо ёфт ва ҳатто Худоро мадҳ мекард, бо вуҷуди он, ки ҳатто як каси онҳо шифо наёфт, чунки то даме, ки бо имон чизеро қабул накунем, мо ҳатто он чизҳоеро, ки Худо мехоҳад мо дошта бошем, қабул карда наметавонем! Хости Падар барои он сардорони беморон он буд, ки онҳо шифоро қабул кунанд; лекин онҳо қабул накарданд! Вақте ки мо бовар мекунем, Худо ҷавоб медиҳад, ва ин дар амалу гуфтаҳои имонамон дида мешавад.

## ҚАБУЛ КАРДАНИ ОН ЧИЗЕ,

## И ДАР АВВАЛ ИНКОР ШУД

Яке аз мӯъҷизаҳои аҷоибтарини файз дар Инҷил бо зани ғайрияҳудӣ рӯй дод. Вайбаназди Исо омада, беист аз Вай илтиҷо мекард, ки духтарашро шифо диҳад,

Лекин Ӯ ба вай ҳеҷ ҷавоб надод. (Матто 15:23)

Оҳ, чанд каси мо рост дар он ҷо таслим мешудему рӯҳфатода, хафашуда ва хашмгин ҳис мекардем? Ин зан барои ҳаёти духтараш зорӣ карда, мепурсид, лекин ин тавр менамуд, ки Исо ба вай аҳамият намедод. Аммо, ин зан дасташро поён намекард ва дар имонашаз Исо талабиданро давом дод. Дар охир, аз барои он, ки вай ақиб намерафт, Исо ба сӯи вай гашту гуфт:

Бигзор аввал бачагон сер шаванд; зеро нони бачагонро

гирифта, пеши сагон партофтан хуб нест. (Марқӯс 7:27)

Шумо метавонед чӣ тавре, ки хоҳед маънидод кунед, лекин росташ дар он, ки Исо ӯро саг номид. Вай метавонистранҷад, Исоро барои миллатпарастӣ айбдор кунаду аз он ҷо равад. Аммо, вай хислати Исоро медонист ва дарҳол ҷавоб дод: "Оре, Худовандо! Лекин сагон низ нонрезаҳоеро, ки аз суфраи оғоёнашон меафтад, мехӯранд. (Матто 15:27).

Вай медонист, ки дар ҳузури Писари Худо буд, ва медонист, ки Ӯ нек асту бовар мекард, ки Вай норасоии қувват надорад. Вай қатъӣ буд; вай медонист, ки бояд фақат дар дархосташ устувор монад ва ӯро рад намекунанд. Вай дар имонаш истод ва барои ин Исо гуфт:

Эй зан! Имони ту бузург аст; пас он чӣ хостӣ, барои ту бишавад. (ояти 28)

Ҳангоме ки ӯ ба хонааш баргашт, духтарашро комилан сиҳат ёфт. Мо бояд ҳатман оқибати ин воқеаро фаҳмем. Ончизе, ки Исои Масеҳ—Худое, ки дар ҷисм зоҳиршуд—дар аввал барои ин зан инкор кард, чунки вай қисми аҳду паймони Худонабуд, дар охир ба вай аз барои исрораш дода шуд. БоридигарИсоба имонҷавоб медиҳад, на ба мӯҳтоҷӣ, чунки хоҳиши аввали зан аз рӯи мӯҳтоҷиаш гуфта шуда буд, лекин ҷавоби ӯ ба инкори аввали Исо аз барои имонаш ба вуҷуд омад.

## ИМОНКАЛИД БАРОИ ҚАБУЛ КАРДАНИ ҲАМА ЧИЗ АСТ

Оё мебинӣ чаро одамон он чизеро, ки файз аллакай бахшидааст, қабул намекунанд? Чаро онҳо ба тavри ғайриоддӣ зиндагӣ намекунанд? Яъқуб қатъиян мегӯяд: "Надоред, чунки илтимос намекунед" (Яъқуб 4:2). Инро аз ин дида соддатар гуфтан мумкин нест. Вай дар бораи хоҳиш кардан бо дудилагӣ намегӯяд, лекин дар бораи хоҳиш кардан бо имони устувор, чунон ки мо дар мисолҳои боло дидем.

Ин қоида, ки Худо ба имони мо ҷавоб медиҳад,на ба мӯҳтоҷиамон, ба ҳамаи соҳаҳои ҳаётамон дахл дорад, оё ин қувват барои зиндагии муқаддас, эҷодкорӣ, доштани хирад ё фикрҳои илхомёфта бошад, ё гирифтани шифо ё озодӣ аз рафтори одатшуда—хулоса, гирифтани ҳар чизе, ки осмон ба мо бахшидааст ё боз ҳам муҳимтар барои ба даст овардани олами мо ба воситаи Хушхабар. Мо наметавонем самаранок хизмат кунем, агар онро бо имон накунем. Аслан, Яъқуб далерона мегӯяд, ки вақте ки мо ба назди Худо барои гирифтани чизе меоем, мо бояд "бо имон талаб кунем ва ҳеҷ шакку шубҳа надошта бошем, чунки шаккок ба мавҷи баҳр монанд аст, ки аз шамол баланд шуда, ҷавлон мекунад: бигзор чунин кас гумон накунад, ки аз Худованд чизе ба даст хоҳад овард" (Яъқуб 1:6-7).

Ин дар ҳақиқат муҳим аст ва барои ҳамин биёде боз ба ин калом нигоҳ мекунем: "Бигзор чунин кас гумон накунад, ки аз Худованд чизе ба даст хоҳад овард". Дар бораи "чизе ба даст хоҳад овард" фикр кун. Ин бе ягон норавшанӣ ё истисно аниқ аст! Худо мехоҳад, ки мо онро пурра фаҳмем: Вай ба имон ҷавоб медиҳад ва на ба чизе дигар.

## БА КӮҲ ГАП ЗАДАН

Дар соли 2002 дар штати Колорадо сӯхтори бадтарин дар давоми тамоми таърих қайд шуда буд. Онросӯхтори одами каҳ номиданд ва он аз зане сар шуд, ки мактубро аз шавҳари пештарааш дар ҷое, ки оташ манъ аст, сӯзонд. Давомиякмоҳзиёда аз 525 километри мураббаъи замин дар сӯхтор талаф шуд. Инфалокатандозаиазимдошт.

Дар вақти қисми бадтарини сӯхтор, вақте ки хомӯш кардани он ғайриимкон менамуд, ман барои як ҳафта аз штати Колорадо берун барои хизмат кардан рафтам ва хабарҳоро мешунидам, ки сӯхтор ба корхона ва хонаи мо наздик шуда истодааст. Гуфтан зарур нест, ки ман мехостам зуд ба хона баргардам,

чунки шаҳраки моро аллакай огоҳ карданд, ки одамон ихтиёран кӯчида равад. Вақте ки ман мефуромадам, тез ба корхонаамон шитофтам. Вақтекироҳродидам, кибакорхонаамонмебурд, ҳайроншудам. Биноимоназдидоманаи қатор-кӯҳи Пешгард ҷойгир буд, ки қатори қуллаҳои хурдтар аз тарафи шимол ба ҷануб, ки шурӯъи кӯҳи машҳури Серхарсангро қайд мекунад. Наздикиқатор-кӯҳи Пешгард, тақрибан дар масофаи як километр дар тарафи ғарб аз бинои мо манзараи даҳшатнок буд: мавҷҳои ғафси дуд ба осмон мебаромад вахокистар ба болои мошинам меафтод. Монандионбуд, кибаминтақаиҷангмедаромадам.

Вақте ки ба ҷои кор расидам, ман аксарияти кормандонро дидам, ки аз бино чизҳоро ба мошини боркаше, ки назди дар ақиб меистод, мебурданд. Ҳамаикитобумаводҳороаз анбор дар ҷои истгоҳи ақиб ҳамроҳи ҷевон, компютер, мебел ва дигар чизҳо ҷамъ карданд.

Мо як сол пеш хизмати худро ба Колорадо кӯчондем ва бисёри кормандони мо аз Колорадо буданд. Мандидам, киҳамаионҳо Худороаз тахти дил дӯст медоштанд ва некукор буданд, лекин аксариаташон дар соҳаи қабул кардан аз ҷониби Худо камбудӣ доштанд. Давомисолиаввалаз барои норасоиҳо дар имонашон манҳарҳафтакормандонроҳақиқатҳоиасосии масеҳиятро дарс медодам.

Вақте ки ман мошинамро мондам, ман рафтам, то директори оид кор бо кормандонро ёбам, ки вай ҳам аз Колорадо буд. Вайқароркард, киазбароисӯхторкӯчидараванд. Вақте киӯроёфтам, гуфтам: “Дигар мошинро бор накунед ва ҳамаи кормандонро барои маҷлис фарёд кунем, ки ман бо онҳо гап занам”.

Вақте ки кормандон ҷамъ шуданд, ман хабари тозаро дар бораи сӯхтор ва дар бораи талаботи кӯчидан пурсидам. Манфаҳмидам, кикӯчидантоҳолихтиёрӣбуд. Канори пеши

сӯхтор, ки дар кӯҳҳо дар тарафи ғарби мо месӯхт, акнун даҳ километр аз роҳи қатори ҳимоя буд, ки он фақат дар масофаи ёздаҳ километр аз корхонаи мо буд. Ҳукумат гуфт, ки агар сӯхтор аз роҳ гузарад, онҳо ҳукми кӯчонидани ҳатмии шаҳрак медиҳанд. Аз барои шамоле, ки аз ғарб ба шарқ мевазид, сӯхтор ба сӯи корхонаи мо дар суръати яку ним километр дар соат наздик мешуд. Аз барои самти шамол, фақат агар мӯъҷиза намешуд, тамоми шаҳраки мо Палмэр Лейк ба зудӣ ба оташ меафтид, ки аз рӯи ҳисоби мутахассисон он дертар ҳамон рӯх бояд рӯй медод. Ду хизмати дигар, ки сари роҳ ҷойгир буданд, аллакай як рӯз пеш кӯчида, рафтанд.

Вақте ки кормандони мо ҷамъ шуданд, ман Китоби Муқаддас, Инҷили Марқӯсро кӯшодамва ин се оятро болои тахта навиштам:

Ба Худо имон оваред. Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба ин кӯҳ гӯяд: "Бархоста, худро дар баҳр афкан", ва дар дили худ шак надошта бошад, балки яқин дорад, ки он чӣ гӯяд мешавад, – ҳар чӣ гӯяд ба вай ато хоҳад шуд. Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, – ва ба шумо ато хоҳад шуд. (11:22-24)

Дар аввал ман чунин гуфтам: "Коргарон, ин калом аз Китоби Муқаддаси мо бо ранги сурх ҷудо карда шудааст. Ин маъно дорад, ки инро Исо гуфтааст—на ягон муаллим ё мавъизачии замони мо ё аз гузашта. Яъне мо бояд дар хотир дорем, ки ин гап рост аз даҳони Худо баромад". Манбароификркарданионҳ ояклаҳзаистодамва гуфтам: "Оё Исо гуфт, ки мо бояд аз Худо хоҳиш кунем, то Ӯ кӯҳро аз ҷояш гирад, ё мо бояд рост ба кӯҳ гӯем?"

"Мо бояд рост ба кӯҳ гап занем!" – онҳо ҷавоб доданд. Мантехдигарҷои Навиштаҷотро аз Аҳди Нав ба онҳо хотиррасон кардам, ки дар он ҷо гуфтааст, ки мо бояд инро ба исми Исо кунем, лекин ин то ҳол масъулияти мо аст, ки ба

мушкилӣ гап занем.

Ман давом дода, гуфтам: “Чӣ Исоро водор кард, ки чунин гӯяд?”. Манбоздиққатикормандонробавоқеа аз Китоби Муқаддас ҷалб кардам, ки як рӯз пеш аз ин гапи Исо рӯй дод, вақте ки Ӯ мехост анҷир хӯрад. Лекин ягон анҷир наёфт, фақат баргҳо, ва Исо “ба он гуфт: “Пас аз ин то абад касе аз ту мева нахӯрад” (ояти 14). Ошкорбуд, ки Исо инро рост ба дарахт гуфт.

Рӯзи дигар, вақте ки Исо ва дигарон аз пеши ҳамон дарахт мегузаштанд, вай хушк шуд ва фақат танаю шохҳо монданд. Ва Петрус ба ёд оварда, гуфт: “Эй Устод! Инак дарахти анҷире, ки нафрин кардаӣ, хушк шудааст” (ояти 21). Исо он чиро ҷавоб дод, ки ман болои тахта навиштам.

Ин ҳодиса дар китоби Матто боз ҳам аниқтар нишон медиҳад чӣ тавр Исо ба кунҷковии Петрус ҷавоб дод:

Ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар имон дошта бошед ва шубҳа накунед, на танҳо онро, ки ба дарахти анҷир рӯй дод, ба амал хоҳед овард, балки агар ба ин кӯҳ гӯед, ки “бархоста, худро дар баҳр афкан”, – чунин хоҳад шуд. (Матто 21:21)

Ман аз коргарон пурсидам: “Оё инро мефаҳмед? БозбагапиӮгӯшкун:”на танҳо онро, ки ба дарахти анҷир рӯй дод, ба амал хоҳед овард, балки...”Исо дар асл чунин мегуфта: “Бачаҳо, чӣ тавре ки ман хеста, ба тӯфон гап задам ва ба он фармудам, ки хомӯш шавад, ва он хомӯш шуд; монанди он, ки Ман ба дарахти анҷир гап задам ва ба он фармудам, ки он хушк шавад ва он хушк шуд; инчунин фарзандони Ман ҳам айнан ин корро мекунанд!’“

Ҳама бодиққат гӯш мекарданд, ҳатто бо вуҷуди он, ки онҳо бӯи сӯхторро ҳис мекарданд ва медиданд чӣ тавр хокистар болои тирезаҳо ҷамъ мешуд. Мангапамродавомдодам: “Мо на фақат бояд аз Худо хоҳиш кунем, инчунин мо бояд рост ба ин мусибат гап занем. МобоядазрӯиқудратихуддарИсогапзанем

ҳамчункасоне, ки бо Ӯ ҳамворис ҳастем, дар ҳаёт бо воситаи фаровонии файзҳукмронӣ мекунем. Биёед ба Забур таронаи 8 нигоҳ кунем:

Ӯро аз Худо фақат андак кам кардӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат ба сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ. (6-7)

"Ҳамчун сафирони Ӯ мо фақат каме аз Худо поён карда шудаем ва мо бояд ҳаёти ҳақиқиро аз осмон ба замин биёрем! Дар осмон ягон бино сӯхта, хокистар намешавад! Ва ин хости Худо барои ин биное, ки ба мо додааст, нест, ки он дар алов сӯзад. Исо ошкоро мегӯяд: "Дузд меояд, то ки бидуздад, бикушад ва талаф кунад; Ман омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд" (Юҳанно 10:10). Якхатҳамачизроҷудомекунад. Агар кор ба куштан, дуздидан ё вайрон кардан далх дорад, ин мақсади душмани мо аст; лекин, агар он ба тарзи зиндагии осмон мувофиқ аст—бо пуррагии ҳаёт—пас ин аз ҷониби Худост.

"Ин оташ аз ҷониби Худо нест" – ман давом додам. "Ин вайронкунӣ аз Худо нест. Ин сӯхто ра зҷонибидузд, аз тарафи торикӣ сар шудабуд. Моазоннамегурезем ваиҷозатн амедиҳем, ки биноамон сӯхтахокистаршавад. Мо мехезем ва баонамрмедиҳем, киoнбас шавад!"

Ман дидам, ки намуди рӯи кормандонам дигар мешуд—ба ҷои тарс ҳаяҷон меомад. Манмедидам, ки имонашон боло мешуд, чунки барояшон фаҳмотар мешуд, ки Исо дар бораи ин гуна ҳолатҳо чӣ гуфта буд.

Ман гуфтам: "Майлаш, мо рӯйхати чизҳоеро тайёр мекунем, ки рӯй медиҳанд, ва чизҳоеро, ки рӯй намедиҳанд, ва барои он дуо мехонем ва ба он амр медиҳем". Манболоитахтанавшитан ирӯйхатросаркардам. "Аввал, мо розӣ мешавем, ки бинои мо намесӯзад, ҳатто камакаки он ҳам намесӯзад. Баъд, ин нодуруст мешавад, агар мо бовар мекунем, ки Худо мехоҳад бинои

моро нигоҳ дорад, ва баъд мо тамошо мекунем, ки дороии ҳамаи ҳамсояҳои мо талаф мегардад. Инчунин, мо барои ин қитъаи замини зебо бо манзараи кӯҳҳои хушрӯ, шаҳри ҷолиб ва растаниҳои форам нархи баландтар насупоридем, ки он ба замини сӯхтаю сӯзонда табдил ёбад. Ваинсӯхторякнуқтаи ҳар он чиро, ки мо дар гирду атрофи корхонаамон мебинем, намесӯзонад." Инрӯйхатимобандидуюмшуд.

Баъд ман гуфтам: "Ман вақт, қувват ва пули худро сарф намекунем, ки аз бинои худ кӯчем, махсус дар вақте ки мо ин захираҳои гаронбаҳои вақт, қувват ва пулро истифода бурда метавонем, ки ба мардум хизмат кунем. Тасаввур карда метавонед чӣ қадар душвор мешавад, ки хизматамонро самаранок барем, агар мо аз барои кӯч карданамон дар ҷои муваққатӣ мешавем? Ва сеюм чиз дар рӯйхати мо он буд, ки сӯхтор аз роҳи қатори ҳимоянамегузарад. Барои кӯч кардан зарурат пайдо намешавад".

Ман пеши тахта бо қалам дар дастам истода, гуфтам: "Ба мо инчунин лозим аст, ки шамол самти худро дигар кунад. Бамолозимаст, кионазшарқбатарафиғарб вазад." Инчорумбандирӯйхатамонбуд.

Кормандонамон дар ҳақиқат шавқманд мешуданд. Баҷоиo нкиодамоназтарсумағлубиятташвишкашанд, манакнунҷидду ҷаҳдваҷуръатинавродаронҳомедидам.Яктоашпешниҳодкард, кибамоборони сел лозим аст, ки омада, сӯхторро хомӯш кунад. Ондавомисеҳафтамесӯхтвасӯхтохомӯшкунон онро зери назорат гирифта наметавонистад, чунки кам мебориду шамоли сахт мевазид. Ҳамаиморозӣшудем, кибороniселбояд дарҷоипанҷумирӯйхати мо бошад.

Банди шашум ва охирин он буд, ки сӯхтор хомӯш шавад. Мобаонфармудем, кионбасшавадёазбароинабуданиоксиген ё сӯзишворӣ, ё ба воситаи об. Онбоядхомӯшмешуд!

Дар ин маҷлис ман коргарони худро монанди он,

ки тренери футбол пеш аз бозии калон дастаи худро ҳавасманд мекунад, насиҳат кардам. Акнунонҳоинқадарбоҳ аяҷонбудандвамехостандтезбаромада, ба сӯхтор гап зананд. Диданионхурсандиикалонбуд, кичашмашон дурахшид ва имон калоншудагиашон тарсу ташвишро аз рӯяшон нест мекард.

"Майлаш" ман гуфтам, "Мо бояд боз дар бораи як чизи дигар гап занем. Мокайчизимехостагиамонроқабулмекунем?"

Ҳеҷ кас як гап ҳам нагуфт. Ҷавобимантиқӣчунинменамуд, ки "вақте ки сӯхтор хомӯш шавад". Лекингурӯҳикоргаронимобоа қлбудваонҳо медонистанд, ки ин ҷавоби дуруст нест. Ногаҳон хомӯшӣ онҳо фаро гирифт, лекин калоншавии имонашон ба ҳеҷ сурат паст нашуд. Ҳаттодаринсукутқувватинавпайдошуд аи онҳо ҳис карда мешуд.

Баъд аз як ё ду лаҳза ман хомӯширо буридам ва бо шавқ гуфтам: "Бори дигар ба ин оят болои тахта нигоҳ кунед: "Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, – ва ба шумо ато хоҳад шуд." Баъдманиноятроаздигартарҷумахондам:

Вақте ки шумо дуо мегӯед, бовар кунед, ки онро қабул кардаед.

"Коргарон, Исо инро равшан мекунад: вақте ки мо дуо мехонем ва ба он мефармоем, ки он иҷро ёбад, он вақт мо бовар мекунем ва чизи хоҳиш кардагиамонро қабул мекунем. Оидимасъалаимо, ҳамонлаҳзае, кимоба иншашчизгапзанем, онҳоиҷромешаванд. Фарқнадорад, кичашмонамончӣмебин адёҳиссиётамонбамочӣмегӯяд; мо шаҳодати бовариноктар дорем—Калом Худои мо".

Баъд ман ба онҳо гапи Павлусро, ки ба Қӯринтиён гуфта буд, нишон додам: "Ҳангоме ки мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён [Каломи Худо] нигоҳ мекунем: зеро ки он чӣ намоён аст, муваққатист, аммо он чӣ нонамоён аст, абадист"

(2 Қӯринтиён 4:18). Модиққатихудробасӯхтор ҷалб намекунем. Лекин диққати мо ба он чизҳое мешавад, ки мо дар ин ҷо қарор кардем ва чизе, ки баромада мефармоем. Зеро ки он чӣ намоён аст, яъне сӯхтор, бояд тағир ёбад".

Ман ба директори коргарон гаштам ва дастур додам, ки вай ба ширкат оид ба кашондани бор, ки ба мо хизматрасонии онҳо лозим нест. Пасманбакормандонгуфтам, кибаъд аз он ки мо ба сӯхтор гап занем, онҳо бояд ҳамаи чизҳоро аз ҷои таваққуфи мошинҳо ҷамъ кунанд ва онҳоро гашта ба даруни бино монанд.

Ман дод гуфтам: "Шумо тайёр ҳастед, ки рафта ба сӯхтор гап занед?"

"Бале!" – ҷавоби боваҷди онҳо буд.

Ҳамаи мо ба таваққуфи мошинҳобаромадем. Баъдмочуниндуохондем: "Падар, раҳмат, ки Ту ба мо бинои хуб додӣ, ки мо ба халқи Ту хизмат кунем. Раҳмат, киТуморо боманзараизебобаракатдодӣ. Мо аз Ту хоҳиш мекунем, ки ҳеҷ чиз талаф нашавад, ки сӯхтор ҳеҷ ягон қисми бинои мо ва ягон чизи медидагиамонро, яъне биноҳои дигар ва растаниҳоро намесӯзонад. Мо дуо мехонем, ки кӯчидан зарур намешавад ва бигзор шамол самти худро иваз карда, аз шарқ ба ғарб вазад. Ва дар охир мо борони селро талаб мекунем, ки он борида, сӯхторро хомӯш кунад. Моинробаноми Исо хоҳиш мекунем".

Акнун вақт омад, ки мо ба сӯхтор гап занем: "Рӯҳи Муқаддас, раҳмат, ки Ту моро дастгирӣ мекунӣ, ҳангоме ки мо дар қудрати номи Исо меистем ва ба ин мусибат гап мезанем". Ҳамаи мо ангуштихудробатарафиабрҳоикалонидуд, киазболоиқӯҳедар тарафи ғарб ба боло мебаромад, нишон додем. Ман мегуфтам ва кормандон ҳамаашон ҳамовозона такрор мекарданд. Мо дод гуфтем: "Сӯхтор, мо ба ту ба номи Исои Масеҳ гап мезанем. Тубиноимонамесӯзонӣ, тушаҳриморонамесӯзонӣва ту ягон растаниеро, ки мо ба он нигоҳ мекунем, намесӯзонӣ.

Мобатумефармоем, китупеш наравӣ ва ту аз роҳи қатори ҳимоянамегузарӣ. Тубоядхомӯшшавӣ! Мо ба ту, шамол, ба номи Исо гап мезанем—ту бояд самти худро дигар кунӣ. Мобатумефармоем, киазшарқбағарбвазӣ. Инчунинмоборони селро талаб мекунем, ки болои сӯхтор обро партояд. Моҳамаиинробаноми Исои Масеҳ эълон мекунем!"

Ҳама бо ҷидду ҷаҳд дуо мехонд, чунки дар диламон имон боло шуд. Ҳамаимодар розигӣ будем, якфикрбудем, мақсади ягона дошем ва таслим намешудем. Мо медонистем, ки осмон моро дастгирӣ мекунад.

Ногаҳон шамол самти худро дигар кард. Худо ва коргарони ман шоҳиди ин буданд! Аввалякчанд рӯз шамолтезазтарафи ғарб ба шарқ мевазид. Акнунбошадшамол пайваста аз тарафи шарқ ба ғарб мевазид. Оёмохобмебинем? Баъзеи мо чунин фикр мекарданд. Оё ҳангоми гап задан ба сӯхтор, шамолу борон мо дар ҳақиқат имон доштем, ки он рӯй медиҳад?

Ногаҳон, вақте ки мо дуо хонданро тамом кардем, котибамон, ки дар даруни бино монд, ки зангҳои телефонро қабул кунад, давида, ба таваққуф омаду дод зад: "Самти шамол дигар шуд!" Вай рост ба назди директору ман омаду гуфт: "Сӯхторхомӯшкунон ин қадар хурсанд ҳастанд; онҳо хабар доданд, ки самти шамол ногаҳон дигар шуд ва акнун аз шарқ ба ғарб мевазад!" Вай назди худ ратсия дошт, ки он дар мавҷи сӯхторхомӯшкунон буд. Вайтамомирӯзбаалоқаи ратсия гӯш мекард ва шунид, ки сӯхторхомӯшкунон дар ратсия бо хурсандӣ аз барои ивазшавии тези самти шамол дод заданд. Онҳомедонистанд, киазбароиин сӯхтор ба тарафи шаҳр намеравад.

Ҳамаи мо худ аз худ дод гуфтанро сар кардем: "Раҳмат ба Ту, Падар! Ту ин қадар аҷоибӣ! Ту ин қадар бовафоӣ!"

Он шаб ман дар қисми қафои хонаам меистодам ва шоҳиди дигар мӯъҷиза шудам. Хонаи мо дар масофаи якчанд километр

дар тарафи шарқ аз бинои хизматамон ҷойгир буд. Шамол аз тарафи шарқ ба ғарб мевазид ва ҳангоме ки ман ба сӯи бинои хизматамон нигоҳ кардам, ман дидам, ки аз тарафи ғарб раъду барқ наздик мешавад. Ман занамро пеши худ фарёд кардам ва гуфтам: "*Лиза, чӣ тавр мумкин аст, ки шамол аз шарқ ба ғарб вазад, ва туфон аз ғарб ба шарқ меояд?*" Борони хеле сахт борид ва давоми якчанд рӯз сӯхтор пурра хомӯш шуд. Индарҳақиқатмӯъҷизабуд.

Аз он ҳафта боз кормандонамон монанди пештара намонданд. Ҳолоонҳохелҷасурва дақиқ ҳастанд, вақте ки онҳо дар дуо назди тахти Худо меоянд. Онҳо дар замири дилашон медонанд, ки "дуои боисрори шахси одил қуввати бузурге дорад" (Яъқуб 5:16). Дартарҷумаивасеъи Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки дуои шахси одил "қуввати бузургро дастрас мегардонад [ки фаъол ва амалкунанда аст]". Дартолоримаҷли симотахтаикалонҳаст, киболоионхоҳишҳои аниқи ҳар шӯъбаи хизматамон навишта аст. Бисёрмеҳмонон дар вақти дуои субҳамон ба корхонаи мо меоянд ва аз барои имон ва ғайрати дуо дастаи мо рӯҳбаланд меёбанд.

Саволи ман ин аст: "Чӣ қадар мо барои ҳаёти худ қабул намекунем ва боз ҳам муҳимтар, чи қадар мо барои ёрдам кардан ба дигарон, ки дар гирду атрофи мо ҳастанд, аз барои он қабул намекунем, ки бо имон зиндагӣ намекунем?"

Тоҷӣандоза масеҳияти мобо ҳиссиёт, эҳсосот ё маълумоти зеҳнӣ, ки қобилияти моро ба бовар кардан мекушад, барангехта мешавад? Оёмомонандионзаниғайрияҳудӣҳастем, ки ҷавоби "не"-ро қабул намекард, ҳатто ба он нигоҳ накарда, ки дар аввал вай рад шуда буд? Оёмомонанди Бартимай ҳастем, ки наметарсид, ҳатто ба он нигоҳ накарда, ки одамон дар наздибуда мегуфтанд, ки вай хомӯш шавад, бо ҳоли худ розӣ шавад, боандеша бошад ва монанди дигарон рафтор кунад? Оёмонандионодамонеҳастем, кимардимафлуҷроова

рдандванаметавонистандбаназди Исо раванд, лекин аз барои устворию ҷасораташон онҳо болои бом баромаданд, сафоли онро кушоданд, ки мӯъҷиза аз ҷониби Худо қабул кунанд? Оёмомонандеон зан ҳастем, ки гуфта буд: "Агар ман фақат ба либоси Ӯ даст расонам",ва аз пеши тӯдаи одамон болои хок ва байни пойҳои мардум говак кашида, гузашт, то ки ба канори либоси Ӯ даст расонад?

Мо бо кадом имон амал мекардем? Оёмото дами қабул кардан устувор меистодем? Оёмодарҷустуҷӯихудбоисрорҳаст ем? Ёмофушурдашуд ҳастем ва бо он чизҳое розӣ мешавем, ки Исо барои озод карданамон аз онҳо он қадар нархи калон супорид? Оё мо он насле ҳастем, ки Исо дар бораяш савол пурсид: "Лекин вақте ки Писари Одам биёяд, оё имонро бар замин хоҳад ёфт?" (Луқо 18:8)?

## БОЛОРАФТАН, НА ПОЁН!

Ишаъё каме назари пурҷалоли калисоеро дид, ки Исо барои гирифтанаш бармегардад. Вай чунин навишт:

Бархез, мунаввар шав,

Зеро ки нури ту омадааст,

Ва ҷалоли Худовад бар ту тулуъ намудааст.

Зеро инак, торикӣ заминро,

Ва меғ қабилаҳоро мепӯшонад,

Вале бар ту Худованд тулӯъ хоҳад кард,

Ва ҷалоли Ӯ бар ту зоҳир хоҳад шуд.

Ва халқҳо [талафшавандагон] сӯи нури ту,

Ва подшоҳон сӯи дурахши тулӯи ту равона хоҳанд шуд.

Чашмони худро ба ҳар ҷониб баланд намуда, бингар: ҳамаашон ҷамъ шуда, сӯи ту меоянд: писаронат аз дур хоҳанд омад, ва духтаронат дар канор гирифта хоҳанд шуд. Онҳоро

дида, чеҳраат аз шодӣ хоҳад дурахшид, ва дилат ба тапиш афтода, васеъ хоҳад шуд, зеро ки сарвати баҳр сӯи ту рӯ хоҳад овард, дороии халқҳо [беимонон] назди ту хоҳад омад.(60:1-5)

Ишаъё ҳаёти ғайриоддиро,ки Худо калисоро даъват кардааст, тасвир кард. Аммо, давоми солҳои зиёди хизматам ман бениҳоят одамони зиёдтро дидам, ки муносибат ва фикр доранд, ки рӯзе Худо ба сари калисо бедоршавии калонро мепартояд. Ин қариб монанди он, ки мо мехоҳем, ки Худо ногаҳон бедор шавад, бархезад ва қуввати бисёрро калисо ҷорӣ мекунад.

Бо мурури солҳо ва чӣ қадаре, ки зиёдтару зиёдтар дар бораи он фикр мекардам, ман ба хулоса омадам, ки Худо моро интизор аст! Вай наслеро меҷӯяд, ки бовар кунад. Ишаъё эълон мекунад, ки ҷалоли Худо болои мо то он дараҷа зиёд мешавад, ки гумроҳ шудагон ба нури мо меоянд. Онҳо тӯда шуда меоянд ва мо дарави бузурги ҷонҳоро ба подшоҳии абадии Худо ҳамроҳӣ мекунем.

Аммо, ҷалолу қуввати Худо намефурояд. Баръакс, нигоҳ кун Ишаъё чӣ мегӯяд: "Ҷалоли Худовад бар ту тулуъ намудааст". Оназосмонпоённамефурояд, лекиназ даруни мо ба боломебарояд. Шояд калисо инро мефаҳмад ва дар охир ба Худо бовар карданро сар кунад? Шояд имони мо дар охир монанди имони калисои аввал шавад ва ҳатто аз он қавитар мешавад? Оёмодарҳақиқатбагапи Исо бовар мекунем ва бо имони боисрор барои иҷрои он талош мекунем? БафикрамХудоинтизоримоаст! Вай пешбинӣ кард, ки насле меояд, ки дар охир мефаҳмадки "шахси одил бо имон хоҳад зист" ва дар охир ҷалоли ғайриоддиро, ки ба ҳамаи наслҳои қабл дастрас буд, ҷалолеро, ки онро аз барои нобовариашон аз даст доданд, онро боз қабул карда, зоҳир мекунад.

Оё мебинед имон чӣ қадар муҳим аст? Акнун мебинӣ чаро дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки бе имон ба Худо писанд

омадан мумкин нест (ниг. Ибриён 11:6)? Мо ба ғайриоддӣ даъват шудаем, лекин мо онро бе имони боисрорба даст оварда наметавонем! Биёедлибосидафни худро мепартоем. Мо одамони ин ҷаҳон нестем; мо каҳонати шоҳона ҳастем, насли муқаддас, қавмидигар. МотабиатиХудородорем, мо писарону духтарони нур ҳастем ва қуввати бениҳоят бузург дар даруни мо ҳаст.

Шайтон ба калисои пурҷалоло, ки Ишаъё дар бораяш пешгӯӣ кард, баробар нест. Чаромоҳар он чиро, ки аз они Исо аст, бо тамоми қуввату исрори худ намеҷустем? Исонархикалонсупорид, кихалқҳоroозодк унадваонҳомеросиӮҳастанд. Исобамоқудратихудродод, токиодамонигумроҳшудароба наҷотоварем ва таълим диҳем чӣ тавр монанди Ӯ зиндагӣ кунем. Исо ба мо гуфт:

Ба ман тамоми қудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст: пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам. (Матто 28:18-20)

Ин калом барои ту ва ман аст. Тамоми қудрат дар осмон ва бар замин ба Ӯ дода шудааст, лекин баъд аз он Вай якбора мегӯяд: “Пас, биравед...”. Исоқудраташробамо супорид ва Ӯ аз мо интизор, ки мо равем ва он чизҳоеро, ки Ӯ барояшон нарх супорид, барқарор кунем. АкнунмобоядбаномиӮ, ба ҷои Ӯ, дар қудрати Ӯ равем, чунки мо бо Ӯ як ҳастем ва “чунон ки Ӯ дар ин ҷаҳон аст, ончунон мо ҳастем” (1 Юҳанно 4:17). Оёмефаҳмӣчӣ қадарзиёдИсобаихтиёри мобахшидааст? Мобоядисроркорона ва пайваста пеш рафта, осмонро ба замин биёрем—дар ҳаёти худ ва дар олами таъсирамон.

Оё имони ту калон шуда истодааст? Илтимос, як чизро фаҳм, ки онро ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас нигоҳ доштан, бартараф кардан ё

мағлуб кардан наметавонад. Фақаттуметавонӣонроаздастдиҳӣ. Ҳеҷ ягон қуввати торикӣ наметавонад имони туро боздорад! Исо гуфт: "Инак, ба шумо қудрат медиҳам, ки... тамоми қуввати душманро поймол кунед, ва ҳеҷ чиз ба шумо зарар нахоҳад расонд" (Луқо 10:19). Исобамоқудратихудрodod, қудратеро, киҳеҷ чиз ҷои онро гирифта наметавонад. Исо онро ба ихтиёри мо супоридааст ва инчунин фаҳмонд—"ҳеҷ чиз ба шумо зарар нахоҳад расонд".

Вақт расидааст. Ҳоло вақти дуруст аст—на баъд аз даҳ сол, на ҳатто баъд аз як сол. Ҳоловақтаст, ки калисо бархезад ва ба таври ғайриоддӣ дар қуввати файз бо имони боисрор гардад. Дигарбақобилиятихуднигоҳнакун, лекинбақудратиӮ, қобилиятиӮ, қувватиӮ, кидарунитусокинаст, назаратродӯхтан. Вайбамоинқадарзиёддодааст! Мо метавонем бе ягон маҳдудият ба одамон кӯмак расонем, ки онҳо ба пуррагии ҳаёт дохил шаванд.

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Оё Худо ба мӯҳтоҷии ту ё ба имони ту ҷавоб медиҳад? Сабаби ҷавобатро гӯй. Чаро ба фикрат имони мо ин қадар барои Худо муҳим мебошад?

Оё дар ҳаётат "кӯҳҳо" ҳастанд, ки ту бояд ба онҳо ба номи Исо "гап занӣ"? Ҳоло инро ба номи пурқудрати Исо бикун!

# 15
# Ту ба чӣ гӯш мекунӣ?

Биёед он чизе, ки то ҳол гуфтем, такрор мекунем.

Мақсади ниҳоии зиндагиамон ҳамчун имондорон он аст, ки ба Худо писанд оем: Падари осмонии худро ба ваҷд биёрем – ин шавқи ҳар имондори ҳақиқӣ мебошад. Баръакс, ту ин нияти пурғайратро дар имондори“сохтакорӣ” намеёбӣ, чунки вай ба порсоӣ бо шишаи манфиати шахсӣ нигоҳ мекунад. Иннамуди нияти фосик дар ҳаёти имондороне, ки ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ мекунанд, ёфт намешавад, чунки худмуҳофизакунӣ ва худпарастӣ онҳоро азият намедиҳад. Онҳое, киҳаёте бо файз қувватёфта доранд, бо манфиати шахсӣ, тарзи ҳаёти пулдор ва хасисӣ водор намешаванд. Онҳобароионзиндагӣмекунанд, кибаодамондаргирдуатрофашонэҷодкорӣ, маҳорат, фаросат, захираҳо ва дигар манфиатҳо ҳаёту қуввати Худоро биёранд. Ҳангомекимӯҳтоҷиҳоиодамизодидардкашидароқ онеъ мегардонанд, онҳо табиатан дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти шахсиашон нашъунамо меёбанд.

Бо қобилияти худ ба Худо писанд омадан вазифаи ғайриимкон аст. Аммо, “Азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст” (2 Петрус 1:3), ва ин қувват аз файзи аҷоиби Ӯ аст. Модидем, ки файз фақат аз бахшиши гуноҳҳо зиёдтар аст; инчунин файз

ин ҳузури қувватбахши Худо аст, ки ба мо барои иҷро кардани талаботи ростӣ қобилият додааст. Павлус чунин навиш, инро тасдиқ кард: “Зеро ки Худо дар шумо, бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ, ҳам хоҳиш ва ҳам амалро ба вуҷуд меоварад” (Филиппиён 2:13), ва маҳз ҳаёти ғайриоддӣ аз ҷониби моба Ӯ хурсандии калон мебиёрад.

Худо аввал инро ба воситаи он кард, ки ба мо табиати нав бахшидааст. Монафақатбахшида шудаем, мо махлуқи нав низ шудаем, фарзандони Худо, ки ба сурату шабоҳати худи Исо офарида шудаем. Акнун, ба воситаи қуввати ин табиати нав ва дар ягонагӣ бо Рӯҳи Муқаддас мо метавонем монанди Исо зиндагӣ кунем—ба таври муқаддас, боқувват ва ҳаёти ғайриоддӣ дошта, корҳоеро, ки Ӯ мекард, кунем ва самараҳои боз ҳам зиёдтар биёрем.

Ин файзи аҷоибфақат ба воситаи имон дастрас мегардад ва барои пайдо кардани он роҳи дигар нест. Имонқубуре мебошад, ки файзро ба ҳаёти момеоварад. Агармофақат барои бахшиши гуноҳҳоямон имон дошта бошем, пас мо бештар бесамару мағлубшуда зиндагӣ мекунем. Агар мо фақат барои бахшиши гуноҳҳоямон ва доштани парҳезгорӣ имон дошта бошем, пас мо пок зиндагӣ мекунем, лекин мусибату монеаҳо моро нигоҳ медорад ва мо ба одамони мӯҳтоҷ бо қуввати подшоҳии Худо таъсир намерасонем. Лекин, агар мо барои бахшида шудан, муқаддасона зиндагӣ кардан ва гирифтани ҳамаи баракатҳои рӯҳоние, ки Худо ба мо дар Масеҳ бахшидааст, имон дошта бошем, пас мо вазифаи додашударо иҷро карда метавонем, яъне “Тавре рафтор кунем, ки Ӯ рафтор мекард” (1 Юҳанно 2:6); умед ва ҳалли мушкилиро ба одамони мӯҳтоҷ мебиёрем.

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки Исо зиндагӣ карда, диққаташ ба вазифаи Ӯ дода шуда буд; Ӯ бо мақсаду сабаби муайян омад. Ӯ ҳамту омада, дар ҳаёт шино намекард ва ба одамон фақат ҳангоми пайдо шудани фурсат таваккалан

хизмат мекард. Ба гапи Ӯ гӯш кун ва хусусан ба мақсаду сабаби омаданаш диққат деҳ: "Ба деҳоту шаҳрҳои наздик биравем, то ки Ман дар он ҷо низ мавъиза кунам, зеро ки Ман барои ҳамин омадаам" (Марқӯс 1:38). Ва боз: "Ман барои он таваллуд ёфтаам ва барои он ба ҷаҳон омадаам, ки бар ростӣ шаҳодат диҳам" (Юҳанно 18:37). Юҳанно дар бораи Ӯ чунин мегӯяд: "Барои ҳамин ҳам Писари Худо зоҳир шуд, ки аъмоли иблисро вайрон кунад" (1 Юҳанно 3:8).

Инчунин Исо пеш аз рафтан ба осмон ба ҳар яки мо гапи бисёр ҳам аҷиб гуфтааст:

Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам. (Юҳанно 20:21)

Вай ба ҳар яки мо мегӯяд: "Чунон ки Ман бо мақсаду сабаби муайян омадаам—ки бар ростӣ шаҳодат диҳам, самараи абадӣ биёрам ва корҳои шайтонро вайрон кунам—шуморо низ мефиристам". Инро дар хотир дошта, гӯш кун чӣ тавр Барнаббо фаъолона аъзоёни калисо дар Антиёхияро насиҳат мекард: "Чун расид, файзи Худоро дида, шод шуд, ва ҳамаро насиҳат кард, ки аз самими қалб ба Худованд бичаспанд" (Аъмол 11:23).

Агар мо имон надошта бошем, ки барои ҳаёти ғайриоддӣ файзи Худоро дастрас гардонем, пас мо қобилият пайдо намекунем, ки самари абадӣ биёрем ва корҳои шайтонро вайрон кунем. Пас мо наметавонем ба пуррагӣ мақсади худро иҷро кунем. Он вақт чӣ тавр мо метавонем ба Худо писанд оем?

## ИМОНИ МОРО ЗИЁД КУН

Ба ҳамин сабаб ба мо махсус гуфта шудааст: "Аммо бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест" (Ибриён 11:6). Дар дигар тарҷума чунин гуфта шудааст: "Аммо бе имон ба Ӯ писанд омада ғайриимкон аст". Калимаи ғайриимконро

пайхас кардӣ? Мақсади гап ин аст: агар имон набошад ин маъно дорад, ки файз дастрас нест ва қобилият барои ба Худо писанд омадан нест; агар имони хурд бошад, файз каме дастрас аст ва қобилият барои ба Худо писанд омадан кам аст; имони бузургбаробари фаровонии бузурги файз ва қобилияти бузург барои ба Худо писанд омадан аст. Ҳамааш гашта, ба имон меояд. Барои фаҳмидани ин ростӣ ба шогирдон вақти зиёд лозим шуд. Вақте ки онҳо инро фаҳмиданд, норасоии имонашон зиёдтар шуд ва онҳо фаҳмиданд чаро Исо аз барои имони пасти онҳо бесабр буд. Онҳо дар охир дод гуфтанд:

Имони моро зиёд кун. (*Луқо* 17:5)

Дар дигар тарҷума чунин гуфта шудааст: "Ба мо зиёдтар имон лозим аст; моро ёд деҳ, ки онро дошта бошем". Дар охир вакилон муҳим будани онро фаҳмиданд, ва ман тасаввур карда метавонам чӣ қадар Устои онҳо аз барои ин хурсанд шуд. Вай давоми якчанд сол бо ин мардҳо кор мекард ва дар охир онҳо он чизеро хоҳиш карданд, ки барои ҳаёти муваффақ дар подшоҳии Худо лозим аст. Исо ба онҳо чунин ҷавоб дод:

Агар шумо ба андозаи донаи хардал имон медоштед ва ба ин дарахти тут мегуфтед: "Решакан гардида, дар миёни баҳр ҷойгир шав", – он ба шумо итоат мекард. (ояти 6)

Диққат деҳ, ки Исо дар бораи донаи хардал мегӯяд, ки он қадар хурд аст, ки дарозии он фақат ду миллиметр аст. Интақрибанбаробар ба андозаидонаи кӯкнор ё нуқтаи қалам дар қоғаз аст. Исо дар назар дорад, ки имон аз он пайдо мешавад, ки ночиз менамояд. Бароиҳаминбисёриҳоонронад идамемонанд. Онҳо чизҳои ғайриоддӣ дар ҷойҳои мантиқӣ меҷӯянд—дар ҷойҳои калон. Онҳо намефаҳманд, ки ғайриоддӣ аз Каломи Худо сар мешавад, ки тухм аст.

# БА ДИЛАМОН КОШТАШУДА

Сир дар он аст, ки мо Каломи Ӯро ба одами дарунии худ қабул кунем: “Чунки одам бо дили худ имон меоварад” (Румиён 10:10). Дил ин ҷои имони мо мебошад ва тухм бояд дар он ҷо корида шавад. Исо ин ростии марказиро дар масал дар бораи коранда нишон медиҳад. Дарасл, фаҳмидани ин қоида он қадар муҳим аст, ки Исо қайд мекунад:

Оё ин масалро нафаҳмидед? Пас чӣ тавр дигар масалҳоро хоҳед фаҳмид. (Марқӯс 4:13)

Агар содда карда гӯем, ин масал қоидаи асосии имонро нишон медиҳад ва агар онро нафаҳме, қоидаҳои подшоҳӣ сирру асрор мемонад.

Дар Китоби Муқаддас масал чунин навишта аст: Корандае барои коридани тухм берун рафт; ва чун тухм мепошид, қадаре дар канори роҳ афтод ва поймол шуд, ва мурғони ҳаво онро хӯрданд; қадаре бар санглоҳ афтод ва сабзида, хушк шуд, чунки рутубате набуд; қадаре дар миёни хорҳо афтод, ва хорҳо қадр кашида, онро пахш карданд; қадаре дар хоки нағз афтод ва сабзида, сад баробар бор овард.

Дертар вақте ки шогирдон танҳо бо Исо буданд, аз Ӯ маънои ин масалро пурсиданд. Исо ҷавоб дод: “Инак маънои ин масал: тухм каломи Худост” (Луқо 8:11). Ина ҳамияти бениҳоят калон дорад. Вақте ки Исо гуфт: “Агар шумо ба андозаи донаи хардал имон медоштед”, Ӯ каломеро дар назар дорад, ки Рӯҳи Муқаддас ба диламон мегӯяд ё ба воситаи Навиштаҷот ё аз сарчашмаҳое, ки бо Навиштаҷот мувофиқ ҳастанд. Чӣ тавре ки дар боло гуфтем, тухм ҳар чизи зарурӣ барои иҷро кардани тақдири худ дорад. Барои ҳаёту калоншавиаш фақат хок лозим аст, ва чӣ тавре ки мо дертар мебинем хок нишонаи дилҳои мо аст.

Худо мехоҳад подшоҳиашро дар ин замин зоҳир кунад ва

баракатҳои осмонро ба олами торик биёрад. ЛекинХудокорҳои худро фақатба воситаи бадани Масеҳ карда метавонад, ва дар охир ин аз ҳолати дили имондорон вобаста аст. Вақтеки Исо дар ин замин мегашт, Вай пурра бовар ба гапи Падараш бовар мекард. Вай ҳеҷ камии имон надошт ва барои ҳамин дар борааш чунин навиштааст: "Инак, меоям,—чунон ки дар китоб дар бораи Ман навишта шудааст,—то ки иродаи Туро, эй Худо, ба ҷо оварам" (Ибриён 10:7). Исо комилан хости Худоро иҷро кард. Лекин, Вай ба назди Падарбаргашт ва ба мо вазифа дод, ки кореро ки Ӯ дар мо сар кард, ба охир расонем. ҲолохостиХудобароишаҳодаткарданбарростӣвавайронкард аникорҳоишайтон на фақат ба воситаи як одам, Исои Масеҳ, иҷро шуда метавонад, лекин ба воситаи тамои бадани Ӯ, ки он аз имондорони сершумор иборат аст. Шарти ягон он аст, ки мо бояд ҳамкорӣ кунем ва ҳамаи он дар дили мо сар мешавад. Биёедбинем, ки Исо давоми ин масали муҳимтаринро чӣ тавр маънидод кард:

Афтода дар канори роҳ касоне мебошанд, ки каломро мешунаванд, лекин баъд иблис омада, онро аз дили онҳо мерабояд, мабодо онҳо имон оварда, наҷот ёбанд. (*Луқо* 8:12)

Дар ин сурат калом шунида шуд, лекин шайтон омада, онро аз дилҳои одамон бо як мақсад медуздад: вай намехоҳад, ки онҳо бовар кунанд, чунки имон корҳои ӯро вайрон мекунад. Яъне мо бояд саволи мантиқӣ пурсем: "Чӣ тавр шайтон Каломи Худоро медуздад?" Вайкорҳои худро асосан ба воситаи ҳиссиёти рӯҳафтодагӣ, анъанаҳои "масеҳии" инсонӣ, тафаккури инсонӣ, бовариҳои бархато, ки мо ба онҳо мечаспем, ва бисёр чизҳои дигар мекунад—рӯйхат дароз аст. Мобояддарёд дошта бошем, ки шайтон бо чоршоха, думи нуггтез ва шоххо омада, намегӯяд: "Ман шайтонам ва ман барои дуздидани Каломи Худо омадам". Агарчунинкунад, бисёриҳо қатъиян зиддият мекарданд ва боз ҳам зиёдтар ба чизи шунидагиашон бовар мекарданд. Не, дар Навиштаҷот гуфта шудааст, ки шайтон

маккор ва ҳилагар аст. Нақшаҳоиӯхелеоддӣменамоядваба роиинфаҳмидани он бисёр душвор аст, ки ин шайтон аст. Мақсадиӯдаронаст, ки Каломи Худо ғалатӣ намояд ва ҳикмати ӯ оддӣ намояд. Инроҳиазҳамаибонатиҷаишайтон мебошад!

Бори дигар ба сухани Исо гӯш кун: *"Лекин баъд иблис омада, онро аз дили онҳо мерабояд, мабодо онҳо имон оварда, наҷот ёбанд"*. Боз, ин калом дар дил кошта аст, на дар ақл ва ин барои торикӣ хатарнок аст. Вақтеки Исо мегӯяд: "Агар шумо ба андозаи донаи хардал имон медоштед",Ӯ дар бораи он намегӯяд, ки Каломи Худо дар ақламон бошад, лекин он бояд дар диламон бошад. Биёед онро такрор кунам: "Чунки одам бо дили худ имон меоварад" (Румиён 10:10). Вамаъноимаркази ин масал на тухм аст, лекин ҳолати хок ё дил мебошад. Ҳангомекимопештармегузарем, инфаҳмотармешавад.

Исо давом дода гуфт:

*Афтода дар санглоҳ касоне мебошанд, ки чун каломро бишнаванд, бо шодӣ қабул мекунанд, лекин реша надоранд, ва муддате имон доранд, ва дар вақти озмоиш ақиб мераванд. (Луқо 8:13)*

Дар ин қисм гапи асосӣ "реша надоранд" мебошад ва дар дигар тарҷума чунин гуфта шудааст: *"Лекин тухм чуқур ба онҳо наафтод"*. Онҳо хурсандона каломро гӯш мекунанд ва онро бо ақлашон қабул мекунанд, ва ҳатто то дараҷаи муайян ба дилашон қабул мекунанд, лекин он дар дилашон решаи чуқур надорад ва аз олами табиӣ дида, ҳақиқитар намешавад. Вақте ки мусибат ё ягон шароите пайдо мешавад, ки зидди Каломи Худо мебошад, онҳо ақиб мегарданд, ки ин танҳо имони рӯякии онҳоро нишон медиҳад. Имонашон ба осонӣ решакан мешавад.

Одамони бисёр ба наздам омада, мегуфтанд: "Ҷон, ман ба Каломи Худо бовар мекардам, лекин он иҷро нашуд. Дуоиманҷавобнагирифт". Бо онҳо чизи бисёр содда рӯй

дод. Одатан муддати муайян аст аз он лаҳзае, ки мо ба Худо барои чизи махсус бовар мекунем, ва он то даме давом меёбад то даме, ки кор ба анҷом меёбад ё маълум мешавад. Манинмуддатро“давраи муҳими имон” меномам. Ин давраест, вақте ки он чизе ки бароят “бовар мекунӣ” дар ҳаво овезон аст; вай метавонад ба ҳар сӯ равад ва ҳамааш аз имони ту вобастааст. Ман ба одамоне, ки мепурсанд чаро Худо чизи хостагиашонро накард, чунин мегӯям: “Дар вақти давраи муҳими имон ту зиёдтар ба мусибат бовар мекардӣ нисбат ба Каломи Худо”.

Медонам, ки ин гапи сахт менамояд ва гӯё ки аз имони одамон бисёр чиз вобастааст. Аммоманфикрдорам, киҷойҳои бениҳоят бисёри Навиштаҷот ин гапи маро тасдиқ мекунад.

Мисол, ба ёд овар чӣ тавр Петрус аввал ба Исо бовар кард: “Биё ва болои об гард”. Петрус чанд вақт бовар мекард ва дар ҳақиқат болои об мегашт. Дарбораиинфикркун: агар ту ба қаиқ шинӣ, ба нисфи кӯли хеле ором шино кунӣ ва аз он берун ой, ту албатта болои об роҳ рафта наметавонӣ—ту ғарк мешавӣ! Лекин Петрус болои об роҳ гашт. Аммо, вақте ки Петрус ба мусибат нигоҳ мекардагӣ шуд, вай ғарк мешуд. Баъдтар Исо гуфт, ки Петрус “имони кам” дошт. Вай нагуфт, ки шогирдам “имон надошт”, лекин имони Петрус решаи чуқур надошт.

Бисёриҳо дар ин ҳолат меафтанд. Онҳодараввалбовармекунанд, лекинвақтекимусибатҳ опайдомешаванд, имони рӯякиашон фош мегардад. Мобоядчуқурбоваркунем. Акнун гӯш кун, ки Исо дар бораи хоки охирин чӣ гуфт (ман дар бораи сеюм намуди хок нагуфтам барои он, ки ба мақсади гап диққат диҳам):

Ва афтода дар хоки нағз касоне мебошанд, ки каломро шунида, дар дили нек ва пок нигоҳ медоранд ва бо сабр самара меоваранд. (Луқо 8:15)

Ба гапи “бо сабр самара меоваранд” диққат деҳ. Вақтеки ту чуқур бовар мекунӣ, тусабр ва истодагарӣ карда, аз душвориҳо

мегузарӣ, ва дар байни ҳар гуна мусибатҳо, ки зидди он каломе мебошад, ки Худо ба ту ошкор кард, исроркорона давом медиҳӣ. Бароиҳаминин хеле муҳим аст, ки овози Худоро дар диламон аз Навиштаҷотшунавӣ. Вақтекионрошунавем, мобояддаронбозистем, дар бораи он фикр кунем, ба сурате, ки он ба мо кашид, назар кунем, ва баъд онро гап занем.

## СУХАН РАСМ МЕКАШАД

Фаҳмидани он бисёр муҳим аст, ки сухан дар тасаввуротамон расм мекашад. Бисёриҳоистода, кифоядар бораи ин фикрнамекунанд. Агар ман "ғуруби офтоб" гӯям,дарҳол дар ақлат тасвири зебо пайдо мешавад. Агар ба ту уқёнус маъқул бошад ва ту дар бораи руҳсатиат дар назди баҳр хотираҳои нағз дорӣ, ту дар тасаввуротат офтобро байни абрҳои равшан болои об мебинӣ. Оё агар ту дар Аризона зиндагӣ кунӣ, ту доираи оташи сурх тасаввур мекунӣ, ки болои биёбони беҳосил мефуроянд. Агар ту дар Колорадо зиндагӣ кунӣ, ту тасаввур мекунӣ, ки офтод аз паси сахраҳои дандонадор пинҳон мешавад ва абрҳои ялаққос рангҳои зиёдтро инъиқос мекунад. Каломи Худо низ монанди он дар тасаввуротамон расм мекашад, чунки Ӯ медонад чӣ тавр мо офарида шудаем.

Ҳамчун мисол нигоҳ кун, ки Худо барои Иброҳим [Абром] чӣ кор кард. Худо пайдо шуду гуфт: "Натарс, эй Абром; Ман сипари ту ҳастам; музди ту бағоят бузург аст" (Ҳастӣ 15:1). Тасаввур карда метавонӣ? Оё Худо ба назди ту омада, чунин гапҳоро мегӯяд? Каломи аҷоиб!

Аммо, ҷавоби Иброҳим шубҳаомез буд: "Ба ман чӣ медиҳӣ? Ва ман бефарзанд меравам... Инак, ба ман насл надодӣ, ва инак хоназодам вориси ман аст" (оятҳои 2-3). Иброҳим умеди писардор шудан надошт, чунки занаш аз синну соли таваллуд кардани кӯдак гузашта буд. Дардилаш фақат як расмбуд,ки онро зиндагиаш расм кашидааст. Ҳамтаҷрибаизиндагӣ, ҳамд

онишашбароиИброҳимрасммекашид, кибаъдазон, ки зан аз синну соли муайян мегузарад ва давраи ҳайзаш пас мешавад, вай дигар ҳомиладор шуда наметавонад. Индаврабарои Соро бисёр солҳо пеш гузашта буд ва ҷавоби Иброҳим дар олами табиӣ бомаънӣ буд. Лекин, Худо метавонад аз олами табиӣ болотар бошад, чунки бо Ӯ ҳама чиз имконпазир аст. Иброҳим инро намефаҳмид, ҳатто Худо омаду ба вай чунин гуфт: "Музди ту бағоят бузург аст",ин гапи Худо маънои калон дар назари ин марди пир надошт, чунки рӯзе ҳама чиз ба ин хизматгораш мегузарад.

Инак бин Худо чӣ кор мекунад: "Ва ӯро берун оварда, гуфт: "Ба осмон назар кун, ва ситорагонро бишумур, агар онҳоро шумурда тавонӣ" (ояти 5).

Фикр дорам, ки Худо онро бегоҳӣ мегуфт. Олимонмегӯянд, киҳангомиҳолатихуббачашмиодамтақрибанҳашт ҳазор ситора намоён аст. Лекин, дар замони қадим дар Шарқи Наздик, ки дар он замон ифлосӣ, намӣ ё чароғи шаҳр набуд, шумораи зиёдтари ситораҳо намоён буданд. Тасаввуркарда метавонӣинчӣвазифабуд? Фикр дорам, ки Иброҳим соатҳои зиёд мешумурид ва дар охир монда шуда, хобаш бурд. Ман боварӣ дорам, ки субҳи рӯзи дигар вақте ки Иброҳим аз хобаш хест, Худо ӯро интизор буд. Ман тасаввур карда метавонам, ки Ӯ чунин пурсид: "Хуб, Иброҳим, ҳамаи ситораҳоро дирӯз шумуридӣ?"

"Оё шӯхӣ мекунӣ?" Шояд Иброҳимчунин ҷавоб дод: "Не. Инғайриимконаст. Онҳо беҳисобанд"

Баъд Худовандҷавобдод: "Насли ту ҳамин қадар хоҳад шуд—аз зиёд буданаш шумурдан мумкин нест!" ХудодарпардаитасаввуротиИброҳим расмеро кашид. Аз он вақт боз, ҳар боре ки Иброҳим дар бораи ваъдаи Худодарбораинасл фикр мекард, вайосмонишабонаробосит ораҳоибешумормедид. Вадартасаввуроташинситароҳозуд ба

рӯйҳои кӯдакон табдил меёфтанд, ки ҳамаашон дод мегуфт: "ДадаиИброҳим!"

Инчунин Худотасвирирегро истифода бурду ин ростиро ба Иброҳимгуфт: "Насли туро бағоят афзун хоҳам кард, мисли ситорагони осмон ва мисли реге, ки дар соҳили баҳр аст" (Ҳастӣ 22:17). Ҳангоми сафари худ Иброҳим бисёр вақт аз назди баҳр мегузашт ва ман фикр дорам, ки баҳрбаӯмаъқулбуд. Шо ядвайёддоштҳоинағздарбораиреги гарм таги пойҳояш дошт. Оёмумкинаст, киякрӯзпешазон, ки Худо инро ба Иброҳим гуфт, вай дар дилаш фикр кард, ки ин қадар реги зиёд аст, шавқовар чанд донаи рег аст? Онҳобеҳисобанд! Дар олами Иброҳим ситораҳо ва рег чизи беҳисобро маъно доштанд ва барои ҳамин Худо онҳоро ҳамчун мисол истифода бурд.

Агар Иброҳим дар замони мо зиндагӣ мекард ва олими биология мебуд, шояд Худо чунин мегуфт: "Насли он қадар зиёд мешавад, чунон ки дар бадани одам ҳуҷайра зиёд аст".

Вақте ки Исо Каломи Худоро мегуфт, Ӯ низ чунин мекард. Вайба моҳигирон масал дарбораи моҳӣ, деҳқонон дар бораи зироаткунӣ, ба тоҷирон масалҳо дар боари тиҷорату пул, ва ба мардум масалҳо дар бораи тӯй, муносибати оилавӣ ва дигар чизҳои умумӣ мегуфт. Вай чунин мекард, то ҳар кас тавонад ростиро бо чизе, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаашон буд, пайваст кунад. Ва Худо имрӯз ҳам барои ману ту чунин мекунад—Вай калимаҳоро истифода мебарад, то болои пардаи тасаввуротамон расми чизҳои мехостагиашро кашад. Азбаски душман ва Худо ҳар дуяшон барои пардаи дилат мубориза мебаранд, ин минтақаи амалиёти ҳарбии рӯҳонӣ аст, чунки ҳар чизе ки дар тасаввуротат пайдо шавад ва ба он бовар кунӣ, ин чиз дар ҳаёти мо пайдо мешавад. Онсухане, кимоҳаррӯзшунида, гӯш мекунем, дар пардаи диламон расмҳои худро мекашад. Барои ҳами Исо мегӯяд: "Пайхас кунед, ки чӣ мешунавед" (Марқӯс 4:24).

Шайтон ба ақламон гапҳои нокомӣ, мағлубият, камбағалӣ, беморӣ, ноумедӣ, ноқобилӣ барои ёрдам кардан ба дигарон гап мезанад—ва ин рӯйхат беохир аст. Вайхурсандмешавад, вақтекитударбораихудфикр мекунӣ, ки одами оддӣвақобилият надорӣ, ки тағир ёбӣ. Ташвишасбобибақувваттарини ӯст, чунки он зиддияти имонаст. Ташвишдар пардаи дилам расмромекашад, ҳатто филмро тамошо мекунад, пеш аз он ки ягон ҳодиса рӯй диҳад. Ҳар чизе, ки ту метарсӣ, дар пардаи дилат бартарӣ мекунад.

Худо тамоман кори гуногун мекунад. Вайгапҳоеромегӯяд, китасвириумедробавуҷудмеоварад. Барои ҳамин дар Навиштаҷот дар бораи Иброҳимчунин гуфта шудааст:

Дар сурате, ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳим умедвор шуда, имон овард, то ки падари халқҳои бисёр шавад, аз рӯи он чӣ гуфта шудааст: “Насли ту чунин хоҳад буд”. (Румиён 4:18)

Худо ин гапро дарҳол баъд аз он гуфт, ки Иброҳим натавонист ситораҳоро ҳисоб кунад. Акнунрасмиумеддарбор аинаслибеҳисобдардилашкашидашуд. Тасаввуроти пештараи Иброҳимро дар бораи бефарзандии занаш ва дар бораи он, ки хизматгораш мероси ягонаи ӯ мешавад, акнун бо инрасмиваз шуд.

Чаро Павлус дар бораи Иброҳим навишт, ки “дар сурате ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳи умедвор шуда, имон овард”? Якум умед – умеди табиӣ буд. Аз рӯи таҷрибаи худ Иброҳим фикр мекард, ки вай наметавонист аз Сорокӯдакдор шавад. Ба ғайр аз ин, дигар умед низ ҳаст—умед аз ҷониби Худо, ки ин он дуюм умеде, ки Павлусменависад. Афсӯс, мо калимаи умедро то ба “мумкин” паст задем. Вақте ки мо мегӯем: “Ман умедворам”, дар асл мо инро дар назар дорем: “Эҳтимол ин рӯй намедиҳад, лекин мумкин шавад”. ИнфаҳмишиКитобиМуқаддаснест. Калимаи умед дар Китоби Муқаддас чунин маъно дорад “интизории боваридошта”. Иброҳим ба умед ва расме, ки Худо

дар пардаи дилаш кашид, бовар кард. Бо имонИброҳим худро "падари халқҳои бисёр" меномид,ҳатто пеш аз он, ки вай бо Соро дар олами табиӣ писардор шуданд. Вайбовармекард, кикораллакайиҷрошуд, чунки Худо дурӯғ гуфта наметавонад. Инмефаҳмонадчаромуаллифиномаба Ибриён чунин гуфт:

Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем. (Ибриён 11:1)

Умед ин расме, ки Каломи Худо дар пардаи диламон мекашад, ва имон онро ҳақиқӣ ва амалӣ мегардонад. Сабаби он, ки барои бисёр касон имон овардан душвор аст, он ки онҳо умед надоранд. Агартуумеднадоштабошӣ, имон ҳеҷ чизро ба вуҷуд оварда наметавонад.

Мо метавонем инро дигархел фаҳмонем, ки умедро ҳамчун нақшаи бино ва имонро ҳамчунмасолеҳи бинокорӣ тасвир диҳем. Туметавонӣтоннаҳои мех, тахта, кошин, тиреза, шағал, қубур ва дигар чизҳоро дошта бошӣ. Аммо, агар нақшаи бино надошта бошӣ, ту ҳеҷ чиз сохта наметавонӣ. Шоядкасеҷавоб диҳад: "Оҳ, ман ба ҳар ҳол сохта метавонам; ман аз рӯи фикри худ бино мекунам ". Бале, шояд сохта тавонӣ, лекин ту бояд дар ақлат намуди биноро тасаввур кунӣ; ин нақшаи бино аст.

Биёедтакроркунам, агар ту умед надошта бошӣ—тасвир, расм, сурат, нақша дар дилат—имонат наметавонад ҳеҷ чизро амалӣ гардонад. БароиҳаминПавлус ба масеҳиён румиён, ки аз таъқиботи калон мегузаштанд, навишт:

Пас, Худои умед бигзор шуморо дар имонатон аз ҳар гуна шодӣ ва сулҳу осоиштагӣ пур кунад, то ки бо қуввати Рӯҳулқудс умедатон афзун гардад. (Румиён 15:13)

Ин ояти аҷоиб—як аз оятҳои дӯстдоштаам—ва биёед ба дигар тарҷумаи он нигоҳ кунем. Дар як тарҷума гуфта шудааст: "Пас, Худои умед бигзор". Мебинӣ? Ӯ "Худоиумед" номида шудааст! Бо Ӯ вақт гузаронда, умед ва тасвири умед пайдо

мешавад. Дардигартарҷумагуфташудааст: “Бигзор Худо, ки сарчашмаи умед аст, шуморо бо ҳар шодӣ ва осоиштагӣ ба воситаи имонатон ба Ӯ пур кунад, ки умеди шум обо қуввати Рӯҳи Муқаддас бештар калон шавад”. Мебинӣчӣтаврумедва имон ҳамроҳ кор мекунанд ва шодӣ, осоиштагӣ ва ва хурсандӣ ба вуҷуд меоваранд? Инчунин, мебинӣумедазкуҷомеояд? Он аз қуввати РӯҳиМуқаддасмеояд. ВайоншахсиятиХудо, кимехоҳаддандиламонрасмҳои ростиро кашад, ва инро ба воситаи он каломе мекунад, ки ба мо гап мезанад.

Боз мегӯям, ки ин ҷои муборизаи бузург аст. Рӯҳи Муқаддас ва душман мехоҳанд ба пардаи тасаввуроти дилат роҳ пайдо кунанд. Агар душман туро водор кунад, ки ту ба нокомӣ, мағлубият, шаҳват, ғурур, беморӣ, марг, ноқобилӣ, вайронкунӣ ва дигар чизҳо бовар кунӣ—ва расмҳои ҳамаи инро бо дурӯғи худ мекашад—пас вай туро қапид. Имон он чизҳоеро, ки ту ба онҳо умед дорӣ, ба вуҷуд меоварад, лекин тарс ташвишҳои моро ба вуҷуд меоварад. Айюб гуфт: “Зеро тарсу биме, ки доштам, бар ман ғолиб шуд, ва чизе, ки аз он метарсидам, ба сарам омад.” (3:25).

Дар аввали бистсолагиам, ки навакак наҷот ёфта будам, баъзе аз муборизаҳои ман хеле бузург буданд. Ман дар фикрҳоям расмҳои фасоди шаҳвонӣ медидам, инчунин ин гуна хоб медидам. Ин расмҳо боз ҳам қавитар мешуданд, вақте ки гапҳои дигаронро гӯш мекардам, филмҳои ё барномаҳои телевизионро тамошо мекардам ва эълонҳоро медидам. Лекин аксари вақт ин расмҳои қабеҳ ногаҳон ба ман зарба мезаданд. Инфикрҳо мароазиятмедодватарсмароасиргардонд. Манфикрмекардам: “Вақте ки оиладор шавам, оё метавонам муносибати дуруст бо занам дошта бошам? Оёманметавонамбазанҳобофикрҳоидур устнигоҳкунам? Манчӣтаврбадигархизмат кунам, ки ин гуноҳ дар ҳаёти ман ҳаст? Оё ман оддӣ ҳастам ё не?

Баъд рӯзе ман ёфтам, ки дар Каломи Худо гуфта шудааст:

“Зеро ки мо, агарчӣ дар ҷисм зиндагӣ мекунем, ба ҳасби ҷисм намеҷангем; зеро аслиҳаи ҷанги мо ҷисмонӣ нест, балки назди Худо боиқтидор аст барои хароб кардани қалъаҳо” (2 Қӯринтиён 10:3-4). Дарбораикадомқалъаҳо Павлус мегӯяд? Ҷавоби ӯ чунин аст—

Мо дасисаҳо ва ҳар баландгириро, ки бар зидди дониши Худо қиём мекунад, сарнагун месозем ва ҳар фикрро ба итоати Масеҳ асир мекунем. (2 Қӯринтиён 10:5)

Якум чизе, ки дар ин оят гуфта шудааст ин дасисаҳо ё расмҳое, ки дар пардаи тасаввуротамон кашида мешавад. Баъд баландгирӣ меояд ва дар охир фикрҳои нодуруст (ман поёнтар дар ин бобдар бораи ин гап мезанам). Павлус равшан месозад, ки қалъаҳо қисми муборизаи рӯҳонӣ ҳастанд, на муборизаи табиӣ. Барои он аслиқаи қавии шамшери Рӯҳ—Каломи Худо—лозим аст, ки хаёлоти нодурустро афтонем ва онҳоро бо умеди Худо иваз кунем.

Вақте ки инро фаҳмидам, ман дар ин мубориза дастболо шудам. Манмедонистам, киояндаиманбехатар аст. Акнунман Каломи Худоро истифода бурда, ҷанг мекардам. Ман рост ба ин расмҳои гап мезадам ва ба онҳо мефармудам, ки ба номи Исо нест шаванд, ва ман болои соҳаи алоқаи ҷинсӣ он чизҳоеро эълон мекардам, ки Каломи Худо мегуфт. Ин муборизаи сахт буд, лекин ман медонистам, ки қалъа бояд вайрон шавад ва бо расмҳои дуруст иваз шаванд.

Вақте ки ман дар ин мубориза ғолиб шудам, бо муборизаи дигар дучор шудам. Пешазҳама, ҳамаи муборизаҳо ба ҳаёти шахсиам дахл доштанд. Вақтекиманкалонтармешудам, муборизаҳо дар соҳаи маъвиза кардан ба дигарон пайдо мешуданд. Иназ ҳамаи майдони муҳорибаи муҳим аст ва душман мехоҳад дар он бартарӣ кунад, чунки ин ба он таалуқ дорад, чӣ тавр ту ба дигарон таъсир мерасонӣ. Исо ба Петрус нигоҳ карда, гуфт:

Шимъӯн! Шимъӯн! Инак, шайтон талабгори он буд, ки шуморо мисли гандуме аз ғарбел гузаронад; аммо Ман барои ту дуо гуфтам, то ки имонат таназзул накунад; ва ту як вақте, руҷӯъ намуда, бародарони худро устувор гардон. (*Луқо* 22:31-32)

Вақте ки ман боре дар қисми ғарбии миёнаи Амрико хизмат мекардам, як пасторидеҳқонон ба ман фаҳмонд, ки гапи Исо ба Шимъӯн (Петрус) чӣ маъно дошт. Ман фаҳмидам, ки агар донаҳои гандумро дар вақти нодуруст ғалбер кунанд, он бисёр зарар мебинад ва қобилияти ҳосил оварданро гум мекунад. Вақте ки ман инро шунидам, ман гапи Исоро Петрусфаҳмидам: "шайтон мехоҳад, ки қобилияти ҳосил оварданро—самара оварданро аз шумо кашида гирад".

Шайтон дар ҳақиқат хавотир намешавад, агар ту ҳаёти масеҳии бароҳатдошта бошад, пули бисёр кор кунӣ, аз даромади худ ҳаловат барӣ ва рӯзе ба осмон равӣ. Вай аз ҳама зиёд аз он метарсад, ки ту ҳосил оварда, афзоиш ёбӣ. Вақтекитубаинмайдонмедарой, туба ҷанги сахттар меафтӣ.

Ман метавонам як китоб дар бораи он муборизаҳои рӯҳонӣ нависам, ки ман ва Лиза давоми хизматамон дучор мешудем, монанди ҳамаи онҳое, ки дар ҷонҳои мардумро дар сафи аввал наҷот медиҳанд. Мандарёддорам, киякшабсоли 1988, се моҳ баъд аз он, ки мо вақти пурра мавъиза карданро оғоз кардем, Лизабаманнигоҳкард ва бо ғазаб гуфт: "Ман намедонистам, ки шайтон ин қадар калон аст!"

Муборизаҳое, ки мо дучор мешавем, баъзан сахт ва ошкор аст, ва баъзан ҳилагар аст. Биёедманяквоқеадарбораимубори заҳилагарнақлкунам, ва ин он чизе, ки ман дар бораи пардаи тасаввуротамон мегӯям, нағзнишонмедиҳад.

## КӮШИШИ ҲИЛАГАР БАРОИ ҒАЛБЕР КАРДАН

Як субҳ соли 1992Худо ба ман гап зада, гуфт, ки ман китобе нависам. ИнякеазонвохӯриҳоифаромӯшнашавандабоХудобуд.

Дар мактаб ман забони модарӣ, англисиро нафрат мекардам ва аз қисми даҳонии имтиҳони қабул ба коллеҷи миллӣ нагузаштаам, ва барои ҳамин ман муҳандисӣ хондам. Инак вақте ки Худо ба ман гуфт, ки ман китоб нависам, ман дар ҳақиқат ҳис кардам, ки Ӯ одами нодурустро интихоб намуд. Давомидаҳмоҳманитоатнакардамваҳеҷчизнанавиштам. Баъд давоми ду ҳафта ду зани алоҳида ба назди ман омада, айнан як гапро гуфтанд: "Ҷон Бивер, агар ту он чизҳоеро, ки Худо барои навиштан ба ту медиҳад, нанависӣ, Ӯ ин номаро ба каси дигар медиҳад, ва ту барои итоат накардани ту маҳкум карда мешавӣ". Вақтекидуюмзанинрогуфт, тарси Худо маро зарба зад ва ман қоғазу қаламро гирифтам.

Ман китоби аввали худро навиштам, лекин як фикр маро азоб медод: "Кӣ ин китобро чоп мекунад?"Ман машҳур набудам, фақат дар калисоҳои тақрибан аз сад аъзо иборатбуда мавъиза мекардам ва пеш аз ин пастори ҷавонон будам, ки дар шаҳраки хурд бо аҳолии се ҳазор одам дар қисмии ғарбии миёнаи Амрико калон шудам. Мантасаввуркарданаметаво нистамчӣтавркитоби ман нашр мешавад ва байни одамон паҳн мешавад. Лекин Худо инро ба ман гуфт; бинобар ин ман навиштанро давом додам.

Маннавиштаиаввалихудроба нашриёти масеҳӣ, ки дар шаҳри ман буд, додам. Давомиякчандҳафтаманягончизаз онҳо нашунидам. Дар охир ман ба онҳо занг задам ва яке аз роҳбарони калонаш ба ман гуфт: "Мо намехоҳем китоби туро нашр кунем, чунки он ба мавъиза монанд аст". Агаринкамбошад, баъдаз якчандрӯзякдӯстамкитоброхонда, гуфт: "Ҷон, ту аз ҳад зиёд ҷойҳои Навиштаҷотро истифода мебарӣ".

Ман бо рӯҳафтодагӣ мубориза мебурдам. Гапиҳардуионҳо

дар тасаввуротам расмин о комиро мекашид.Онвақт ман пурранаме фаҳмидам, лекинҳо ломанмедонам, ки ин нақшаи душман буд, ки маро аз ҳосил овардан нигоҳ дорад. Шайтонмехостмароғалберкунад. Аммо Худо ба ман гуфт ва ман ҳис мекардам, ки ин китоб ба мардуми зиёд таъсир мерасонад. Манинтихобдоштам: ман метавонистам ба гапи ин ду одами обрӯманд иҷозат диҳам, ки дар дилам тасвири нокомиро кашад, ё метавонистам сахт он умедеро, ки дар каломи Худо барои ман буд, нигоҳ дорам.Манқарор кардам, ки ба Худо бовармекунам ва зидди "расмҳои нокомӣ" меҷангидаму онҳоро ба воситаи эътироф кардани Каломи Худо иваз мекардам. Қи смизиёди онромандарв ақтитанҳова бо одамоне, ки ҳадафи Худо-додагии маро дастгирӣ мекардам, дуохонданкардам, ва занаммаро бисёр рӯҳбаланд мекард.

Ман ба дигар нашриёт занг задам ва боз рад шуда будам. Азбаскиманаллакайқарoркардам, китаслимнамешавамваягон нашриёткитобимаронашркарданнахост, мо қарор кардем, ки худамон онро чоп мекунем.

Давоми соли дигар ман китобамро дар калисоҳои хурд мефурӯхтам, ки дар он ҷо мавъиза мекардам, лекин китоб бисёр паҳн намешуд. Баҳарҳол, мандигаркитоб навиштамвамокитоби дуюмро ҳам чоп кардем, ва соли оянда низ китоб мисли пештара фурӯхта мешуд.

Соли навбатӣ, яъне баъд аз се сол аз он, ки Худо аввал ба ман гап зада буд, ман нақша доштам, ки китоби дигар нависам. Инкитобдарбораимағлуб кардани хафагӣ мебуд. Манқарордоштам, кирафти дарози навиштанро оғоз кунам ва боз нақша доштам, ки худамон онро нашр кунем. Ман қарор доштам, ки ба гапи Худо итоат мекунам ва ба он нигоҳ намекунам, ки китобҳои кам фурӯхта шуданд. Худо ба ман гуфт, ки ман нависам, ва ин китобҳо ба одамон мерасад. Маниҷозатнамедодам, киумедампачақ шавад.

Тақрибан дар он вакт як дӯстам маро барои ҳамроҳ таом хӯрдан даъват кард, ва маълум шуд, ки яке аз дӯстонаш сардори нави он нашриёти дар шаҳри манбуд, ки китоби аввали маро қабул накардад. Мо шинос шудем ва каме гап задем, ва баъд аз он ин нашркунанда дар бораи хизмати мо пурсид. Маннақлкардам, киману Лиза сафар карда, дар калисоҳомаъвиза мекунем. Инчунингуфтам, кимо худамон ду китобро чоп кардем.

Кунҷковиаш зиёд шуд ва ӯ пурсид, ки оё ман нақша дорам китоби дигар нависам. Ман гуфтам, ки бо сеюм китоб кор мекардам, ва ӯ мавзӯъи онро пурсид. Ман каме дар бораи китоб гуфтам ва ӯ саволҳои бештар пурсид. Дарохирвайгуфт: "Мо фақат бисту чор китоб дар сол чоп мекунем ва тақрибан ҳамаи онҳо аз ҷониби муаллифон ё хизматҳои машҳури миллӣ тасдиқ мешаванд, барои ҳамин ман наметавонамкитобиро шуморо чоп кунам. Лекинномаионбаманбисёрмаъқулшуд!"

"Гапе нест", ман гуфтам ва мо дар бораи мавзӯъи китоб сӯҳбатро давом додем.

Дар охир, вай бо хурсандӣ гуфт: "Ман ин китобро чоп карда мехоҳам, лекин ман бояд аз соҳиби ширкат иҷозат гирам, чунки ин аз қоидаҳои оддиамон берун аст". Дар асл, ин нашриёт китобамро чоп карданд, ки номаш "Доми шайтон" буд.

Давоми шаш моҳи аввал ин китоб бисёр суст фурӯхта мешуд ва менамуд, ки ин шикаст мешавад. Манзиддичунинф икрҳомуборизамебурдам, кибароинавиштаниҳаркитобамсеса дсоатсарфкардам, бо вуҷуди он, кифақат одамони кам онҳоро мехонданд. Манхудроороммекардам: "Агар ақаллан ҳаёти як одам тағир ёбад, ин меарзад". Аммоманбаҳарҳолзидт дирӯҳафтодагӣ ва сурати нобарорӣ мубориза мебурдам. Лекинманқароркардам, киба Худо имон оварам ва бо вуҷуди он, ки умед набуд, умед дошта бошам. Манрозӣ намешудам, ки фикрҳои рӯҳафтодагӣ он гапе, ки Худо ба ман гуфта буд, иваз

кунад. Мандар дилам тасвирдоштам, ки одамон дар тамоми рӯи замин ин китобҳоро мехонанд, ва ин тасвирро Худо дар пардаи ман кашида буд.

Дар ин замон як пастор ба наздам омаду гуфт: "Ҷон, Худо ба ман нишон дод, ки ту сад ҳазор китоб мефурӯшӣ". Шоядтуфикркунӣ, кигапиӯмаробавачдовард, чункиманфақатду ҳазор китоб фурӯхтам, лекин ман ба ваҷд наомада будам. Азбароигапашманғамгин шудам, чунки ман тасаввур мекардам, ки миллионҳо китобҳои фурӯхта мешавад. Манба ҳар ҳолат умедроаздастамнамедодам.

Каме дертар маро даъват карданд, ки ман дар як намоиши миллии масеҳӣ меҳмон бошам. Манбояддавомибистуpanчдақиқабо баранда ва занаш дар бораи ҳаёт, хизматам ва китоби "Доми шайтон" сӯҳбатмекардам. Лекинсӯҳбаткарданашуд. Ман ба сухан оғоз кардам ва баранда ва занаш безабон монданд. Монандионбуд, кигӯё Худо он ҷоро забт кард. Мандавомичил дақиқа дар бораи мавзӯъи "хафагӣ" гап задам ва ҳатто як бор ҳам гапамро набуриданд.

Рӯзи дигар ин китоб дар ягон дукони китобфурӯши дар Амроки намонд ва дар охири ҳафта нашркунанда ҳамаи китобҳоро фурӯхт ва инчунин барои чоп кардани бист ҳазор фармоиш қабул карда буд. Нашриёт бояд сахт кор мекард. Акнун, вақте ки ин китобро менавиштам, ман миллионҳо китобҳо фурӯхтам ва онҳоро ба зиёда аз шаст забонҳо тарҷума кардам. Ман дар ҳаяҷон ҳастам, лекин аз дигарон дида, ман нағзтар медонам кӣ ин китобҳоро навишт—Рӯҳи Муқаддас. Номи ман дар ин китобҳо, чунки ман фурсат доштам аввалин онҳоро хонам!

Ба ақиб нигоҳ карда, ман ҳайрон мешавам, ки душман пайваста мехост маро монанди гандум ғалбер кунад, лекин онро хеле хилагарона мекард. Бисёрфикрҳоюгапҳо

ирӯҳафтодагӣбуданд, кибаосонӣметавонистандбатасвири хеле ғамгин оваранд, ки дар охирман навиштани китобро партоям. Худо ба ман тасвири одамонро дар тамоми рӯи замин дод, ки онҳо он номае, ки Ӯ ба ман додааст, мехонанд. МаҳзХудоеинкорроамалӣгардонд!

## ТУ БА ЧӢ ГӮШ МЕКУНӢ?

Биёед боз такрор мекунам—мақсад дар он аст, ки мо Каломи Худоро ба даруни худ гирем: "Чунки одам бо дили худ имон меоварад" (Румиён 10:10). Барои ҳамин Павлус боисрор моро насиҳат медиҳад, ки мо фаъолона "дасисаҳо ва ҳар баландгириро, ки бар зидди дониши Худо қиём мекунад, сарнагун месозем ва ҳар фикрро ба итоати Масеҳ асир мекунем" (2 Қӯринтиён 10:5). Диққат деҳ, ки вай на фақат "дасисаҳо" мегӯяд, лекин дониш ва фикрҳо низ, чунки ин ду чиз метавонад дар дилҳоамон тасвири нодуруст кашад. Вамобояддархотирдоштабошем, ки дил ин ҷои имонамон мебошад, ҷое, ки тухм бояд корида шавад. Бинобар ин ба мо гуфта шудааст: "Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст" (Масалҳо 4:23).

Павлус ба мо мегӯяд, ки мо ҳар донишро, ки худро аз Каломи Худо боло мекунад, сарнагун созем. Агар мо ақли худро аз он, чӣ ба он дохил мешавад, муҳофизат кунем, ин тавр мо дилҳои худро муҳофизат мекунем, чунки диламон дуруст имон оварда наметавонад, агар ба ақламон дониши нодурустро хӯронем. Бароиҳамин, Исо ба роҳбарони худсар, ки дар замони Ӯ зиндагӣ мекарданд, гуфта буд:

Шумо калиди донишро гирифтаед: худатон надаромадед ва ба онҳое, ки даромадан мехостанд, монеъ шудед. (Луқо 11:52)

Диққат деҳ, ки дониш калид барои имон овардан мебошад. Агар мо дониши нодурустро қабул кунем, имони нодуруст

калон мешавад ва баъд ин натиҷаҳои матлубро нигоҳ медорад.

Ман бо ин қадар масеҳиён зиёд вохӯрдам—ва шумораи бисёрро дар назар дорам—ки хеле самимӣ буданд, лекин аз он чӣ онҳо бовар мекарданд, дур буданд. Масеҳиёни бешумор зиндагии худро бо Худо дар асоси мантиқи инсонӣ, фикрҳои мардум, он чизҳое ки ба ақли табииамон дуруст менамояд, таҷрибаи гузашта ё ҳиссиёт бунёд мекунанд,ва на дар асоси дониши дурусти Каломи Худо. Ин даҳшатовар аст, вақте ки одамонеро мебинӣ, ки онҳо чизҳоеро, ки ба маҷмӯъи Каломи Худо зид аст, мондан намехоҳанд ва ҳатто барои онҳо мубориза мебаранд. Онҳо инро аз барои он мекунанд, ки самимона ба он дурӯғе, ки онҳоро рӯпӯш кардааст, бовар мекунанд. Онҳохуд робочунинмантиқороммекунанд: Барои он, ки ман ростқавл ҳастам, ман гумроҳ шуда наметавонам. Аммо, ростӣ дар он аст, ки ту дар дилат метавонӣ ростқавл бошӣ, лекин дар сарат фикрҳои хеле нодуруст дошта бошӣ. Ростии ҳушёркунӣ дар он аст, ки хато дар фикрҳоят туро аз он ҳақиқате, ки дилат мехоҳад, нигоҳ медорад.

Халқи яҳудӣ низ чунин карданд. Павлус дар бораи ҳамқавмашон андӯҳгин шуда, мегуфт:

Зеро дар бораи онҳо шаҳодат медиҳам, ки рашки Худоро доранд, аммо на аз рӯи фаҳм. (Румиён 10:2)

Гапашро хон "рашки Худоро доранд," вай нагуфт, ки онҳо "пурра ба худ бахшида ҳастанд" ё "чуқур ба одамизод бахшида ҳастанд" ва ҳатто "чуқур ба диншон бахшида ҳастанд". Не, онҳо чуқур ба Худо, Худои Худовандимо Исо, баҳшида буданд, ки замину осмонро офарид. Дардигартарҷумагапи Павлус чунин оварда шудааст: "Ман ғайрати онҳоро нисбати Худо медонам". Бешубҳаонҳо Худо дӯст доштанд ва ба хизмат ба Ӯ бахшида буданд, лекин хоҳиши ҷиддӣ ва самимиашон дар дониши ҳақиқӣ асос наёфта буд.

Яҳудиёне, ки Павлус дар бораяшон мегӯяд, дар ақлашон калиди донишро надоштанд ва барои ҳамин онҳо наметавонистанд тухмиро ба дилашон қабул кунанд. Бинобар ин, онҳо имони наҷотдиҳандаро надоштанд ва бе он файзи наҷотдиҳанда ба онҳо дастрас набуд. Ин ду тарҷумаро як карда, боз ба гапи Павлус гӯш кун: "Манрашкионҳоронисба тиХудомедонам, лекинрашкашон бо роҳи нодуруст равона аст, рашкашон дар дониш асос наёфтааст... Баръакс, онҳо ба роҳҳои худ часпиданд" (Румиён 10:2-3).

Бо роҳҳои худ рафта, онҳо имони ҳақиқиро аз даст доданд. Дониши нодуруст онҳоро аз таъмини пурҷалоли Масеҳ маҳрум кард.

Бароимонизинростмебошад. Моазтаъмини Масеҳ маҳрум шуда метавонем, чунки мо он тухми имонро, ки Исо дар бораяш мегӯяд, надорем—ҳамааш аз барои дониши нодуруст. Барои ҳамин Павлус махсус қайд мекунад: "Мо низ... дар ҳаққи шумо дуо ва илтимосро бас намекунем, то ки шумо аз дониши иродаи Ӯ дар ҳар ҳикмат ва фаҳми рӯҳонӣ пур шавед, ба тавре ки муносиби Худованд рафтор намуда, аз ҳар ҷиҳат ба Ӯ писанд оед, ва дар ҳар кори нек самара диҳед, ва дар дониши Худо нашъунамо ёбед" (Қӯлассиён 1:9-10).

Агардар ақламон дониши дуруст бошад, ин маъно дорад, ки диламон маълумоти дуруст қабул мекунад. Бо ин сабаб Исо моро огоҳ мекунад: "Пайхас кунед, ки чӣ мешунавед... Зеро, ҳар кӣ дорад, ба вай дода шавад; ва ҳар кӣ надорад, аз вай он чӣ низ дорад, гирифта шавад" (Марқӯс 4:24-25). Чӣ тавр тухми имон ба дилҳоамон кошта мешавад, агар мо ба мантиқи инсонӣ, муҳокимакунӣ ва таҷрибаҳое гӯш мекунем, ки зидди Каломи бенуқсони Худо мебошад?

## ҲИССАИ НОДУРУСТ БА НАТИҶАҲОИ НОМАТЛУБ МЕОВАРАД

Биёед як мисол оварем, то ки фаҳмидани алоқа байни ақлу диламон осонтар шавад. Тасаввуркун, китузаминичорҳазорк илометримураббаъдорӣ. Рӯзетуқарормекунӣ, кидар заминат кӯли калони сунъӣ созӣ ва дар он аломоҳӣ парвариш кунӣ. Туорзумекунӣ, киаломоҳӣкалоншавадвабаъдазонҳарсолдар кӯлатмусобиқаикалонимоҳигирӣташкил кунӣ.

Вақте ки кӯл барои парвариши моҳӣ тайёр аст, ту ҷустуҷӯ мекунӣ ва ширкати беҳтарини моҳипарварӣ интихоб мекунӣ. Ту ба корхонаи он ширкат рафта, пули зиёд барои харидани аломоҳӣ сарф мекунӣ. Аммо, дар он ширкат коргари нав аст ва ӯ хатои калон мекунад—ба ҷои аломоҳӣ, вай лаққамоҳӣ гирифта, онро ба кӯли ту мебиёрад.

Ту чор сол то калон шудани аломоҳӣ интизор мешавӣ. Акнунвақтрасидааст; барои амалӣ шудани ин орзу бисёр вақт, саъю кӯшиш ва пул сарф карда шуд. Тусанаимусобиқарому айянмекунӣваонроэълонмекунӣ. Арзи муҳимтарини ту, ки мусобиқаро бисёр дилхоҳ мекунад, он аст, ки дар кӯли ту фақат аломоҳӣ ҳаст, ва дар кӯл моҳии дигар нест, чунки ту шахсан тамоми корҳоро назорат мекардӣ. Ва азбаски ин кӯли сунъӣ аст ва ягон дарё ба он ҷорӣ намешавад, ҳеҷ имконият нест, ки моҳии майда ё дигар моҳии нохоҳам дар кӯл бошад.

Рӯзи мусобиқа мерасад. Аз барои шароити махсус фароҳамшуда одамон аз ҳама ҷойҳо омаданд, баъзеҳо ҳатто аз ҷойҳои якчанд сад километр дур барои моҳигирӣ кардан дар мусобиқа омаданд. Ту бо хурсандӣ тамошо мекунӣ, ки ҳамаи иштирокчиён қаиқҳои худ шишта, ба кӯл мебароянд. Ту бо шавқ интизор ҳастӣ ва мехоҳӣ бинӣ, ки чӣ қадар аломоҳӣ калон шудааст.

Як соат нагузашта, ту каме дар ҳайрат нигоҳ мекунӣ, ки

қаиқҳо барвақт бармегарданд. Ту дар рӯи онҳо табассумро намебинӣ, ба ҷои он дилхунукӣ, ғазаб ва ҳатто бадхашмӣ ҳаст. Чӣ нодуруст аст? Якум иштирокчие, ки ба соҳил расид, лаққамоҳиро бо нафрат бардошта, нишон медиҳад. Онҳо дод мезананд- "Ту эълони дурӯғ додӣ!". "Ту эълон кардӣ, ки дар ин кӯл фақат аломоҳӣ ҳаст. Дар ин ҷо на фақат аломоҳӣ нест, лекин ҳар чизе, ки дошта тавонистем ин лаққамоҳии масхараомез аст!" Иштирокчиён пули худро талаб мекунанд. Ту якчанд сол сарф кардӣ ва ҳамааш талаф шуд. Ту нияти нағз доштӣ, ту самимӣ будӣ, лекин ту таркиби кӯлатро бо эҳтиёт муҳофизат накардӣ.

Ин нисбати имонамон низ дуруст аст. Момехоҳемҳаётедоштабошем, киба Худо писанд бошад, ва имоне дошта бошем, ки ба одамони гумшуда ва олами нобудшаванда расем. Лекинмоақлихудрофақатбомантиқи инсонӣ, фикрҳои бардурӯғ аз таҷрибаи худ, рӯҳбаландӣ аз китобҳо ё хулосаи эҳсосии ноустувор, ки дар беимонӣ асос ёфтааст, пур мекунем, ба ҷои он, ки бо дониши дуруст Каломи Худо пур кунем. Кӯли мо—ақли мо—мо лаққамоҳӣ пур аст. Пас диламон бояд аз куҷо донишро гирад?

Яъне мо бояд чунин саволҳо дошта бошем: Кадом тухмиҳо ба ҳаёти мо кошта мешавад? Кадом намуди дониш дохил мешавад? Мо ба кадом таълимот гӯш мекунем? Оё ин аломоҳии қиматдор ё лаққамоҳии нохоҳам аст? Чӣ тавр масеҳиятамонпурмаънӣ мешавад, бо вуҷуди он ки Исо ин қадар зиндагии пурсамар ва ғайриоддӣ дошт, ва вакилон низ чунин зиндагӣ мекарданд, ва мо дар калисо ҳаёти оддӣ дорем ва аз он чӣ ба мо дода шудааст истифода бурад, меваи ками абадӣ меоварем? Агар мо ростқавл бошем, ин саволҳои бароямон нороҳат мешаванд. Ба он нигоҳ накарда, ки мо то ҳол ба калисомеравем, мо ақиб гаштаем, диламон умеди зиндагӣ кардан монанди Исо ва калисои аввал аз даст дод. Мо намудиросткорӣдоремвасамимӣҳастем, лекинқувватнадорем.

Ваҳамаашазбароион, кимобаростӣгӯш накардем, то тухми имон ба диламон кошта шавад.

Хабари хуш дар он аст, ки мо набояд дар ин ҳолат монем. Исои Масеҳ дирӯз (дар хизмати худ ва дар калисои аввал), имрӯз (дар замони мо) ва то абад (барои ҳамаи наслҳои оянда) ҳамон аст. Вайбосабринтизораст, то калисо хезад ва дар ин замин бадани Масеҳ бошад. Вай таслим нашуд. Вай ҳеҷ вақт таслим намешуд ва таслим намешавад. ТабиатиХудо-додагӣбадарунимогузошта шудааст! Мо иқтидори ғайриоддӣдорем! Лекинмобоядақла монрободонишидурустхӯронем, ки дар натиҷа ба диламон мегузарад ва мо бояд чуқур бовар кунем. Баъд аз он мо ба мусибатҳо мегӯем: "Решакан шав", ва он ба мо итоат мекунад. Баоннигоҳнакарда, кииннатиҷаиниҳоӣнест, аммо аз он сар мешавад, ки мо ақламонро бо чӣ мехӯронем. Ба ҳамин сабаб Павлус бо ҳамдардӣ мегӯяд:

Худро ба ин дунё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист. (Румиён 12:2)

Ба ин гап диққат деҳ "ба воситаи таҷдиди (нав кардани) ақлатон". Одамонииинҷаҳоназ рӯи он донише амал мекунанд, ки ба онҳо аз тарафи мире, ки дар ҳаво ҳукмрон аст, гузошта шудааст, аз тарафи он касе, ки "дар писарони исён амал мекунад" (Эфсӯсиён 2:2). Шайтон намехоҳад, ки ту кӣ буданатро дар Исои Масеҳ донӣ, чунки вай мехоҳад, ки ту барои зиндагии бесамари масеҳӣ розӣ шавӣ. Вай намехоҳад, ки дар дар бораи "қуввате, ки дар мо амал мекунад" хабар дошта бошӣ (Эфсӯсиён 3:20).

Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки айнан он қувваҳое, ки ба яҳудиёни замони Павлус таъсир мекарданд ва одамонро аз донистани ҳар он чизе, ки Масеҳ ба онҳо таъмин кардааст, нигоҳ медошт, имрӯз ҳам дар амал аст, ки калисоро аз дуруст имоновардан нигоҳ дорад. Инқувваҳоизулмотазтухми имон

метарсад, пас агар онҳо тавонанд ақли моро бо фикрҳои ширини диндор ва таълимоти нотавони масеҳӣ пур кунанд, он гоҳ онҳо моро аз шикаст додани заминашон нигоҳ медоранд.

Ба гапи Павлус дар дигар тарҷума гӯш кун: “Худро ба меъёри ин дунё ҳамшакл насозед, аммо ба Худо иҷозат диҳед, ки шуморо аз дарун табдил диҳад ва ақли шуморо пурра тағир диҳад”.

Вақте ки ақламон ба Каломи Худо ҳамшакл мешавад, пас имони даруниамон ба он мувофиқ мешавад. Павлус ба дигар калисо далерона менависад: “Ва хиради шумо бояд дар Рӯҳ тоза шавад, ва одами навро, ки ба шабоҳати Худо дар адолат ва қудсияти ростӣ офарида шудааст, дар бар кунед” (Эфсӯсиён 4:23-24). Туваманофаридашудаем, ки монанди Худо бошем. Мо бояд ба Худо тақлид намоем (ниг. Эфсӯсиён 5:1)! Ҳамааш аз фикркунии дуруст сар мешавад, лекин бо ин тамом намешавад. Ҷараёнионбаохирмерасад, вақтекимомувофиқи Каломи Худо фикр мекунем ва ин фикрҳо монанди тухм ба дилҳоамон кошта шуда, решаи устувор медавонад.

“Бинобар ин шумо бояд дар рӯҳи ақлатон бояд нав гардед” (Эфсӯсиён 4:23)!

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Душман чиро дар пардаи тасаввуротат кашидан мехоҳад? Даркадомсоҳаҳоиҳаётатба ту умеди бештар лозим аст?

Чӣ тавр ту метавонӣ зиёдтар тухми неки Худоро (Каломро) ба дилат қабул кунӣ?

# 16
# Ҷисми гунаҳкор

То ин ҷо ман дар бораи ҷисм хеле кам гуфтам. Манинробомақсадкардам, чункибисёр имондорон тез чора ҷуста, заифиҳои ҷисмашонро аз барои камии имон ё набудани одилӣ айбдор мекунанд.

Онҳо аз ҳад зиёд ба бартарии ҷисмашон бовар мекунанд. Дарин боб мо мебинем чӣ тавр ин фикронии нодуруст ба тарзи ҳаёти ғайриоддӣ зарарасон мебошад.

Барои фаҳмидани ин биёед аввал дар бораи сохти одам гап занем. Одамизод ба монандии Худо офарида шудааст. АввалвапешазҳамаХудо ягона аст. Исо мегӯяд: "Аввалин аҳком ин аст: "Бишнав, эй Исроил! Худованд Худои мо Худованди ягона аст" (Марқӯс 12:29). Павлус инро тасдиқ мекунад: "Чунки Худо ягона аст" (Румиён 3:30).

Бо вуҷуди он, ки Худо ягона аст, дар Ӯ се шахсияти беҳамто ҳаст. Пеш офаридани одам: "Худо гуфт: "Одамро ба сурати Мо, ба шабоҳати Мо биофарем" (Ҳастӣ 1:26). Бакалимаи "Мо"диққатдеҳ. Петрус эътироф мекунад: "Исои Носириро Худо бо Рӯҳулқудс... тадҳин кард" (Аъмол 10:38). Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас – ҳамаашон ба таври возеҳ нишон дода шудаанд. Ин бори дигар дар вақти таъмиди Исо равшан мешавад: "Ва Исо таъмид ёфта, дарҳол аз об баромад, ва

инак, осмон ба рӯи Ӯ кушода шуд, ва Рӯҳи Худоро дид, ки чун кабӯтаре нозил шуда, бар Ӯ қарор мегирад. Ва инак, овозе [-и Худои Падар] аз осмон расид, ки мегуфт: "Ин аст Писари Маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст" (Матто 3:16-17). Боз, Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас ҳамаашон ҳаммаънo эътироф шудаанд.

Нисбати илоҳияти ҳар яктаашон бешубҳа аст, ки Худо Падар Худо мебошад. Ӯ эълон мекунад: "Ман Худованд ҳастам, ва дигаре нест; ғайр аз Ман Худое нест" (Ишаъё 45:5).

Мо медонем, ки Исои Масеҳ Худо аст, чунки Павлус менависад: "Худо дар ҷисм зоҳир шуд, дар Рӯҳ тасдиқ гардид, ба василаи фариштаҳо дида шуд, дар миёни халқҳо мавъиза карда шуд, дар ҷаҳон бо имон пазируфта шуд, дар ҷалол боло бароварда шуд." (1 Тимотиюс 3:16). Инчунин Юҳанно низ Худо будани Исоро исбот мекунад: "Дар ибтидо Калом буд, ва Калом бо Худо буд, ва Калом Худо буд... Ва Калом ҷисм гардид ва дар миёни мо сокин шуд" (Юҳанно 1:1, 14).

Дар охир, мо медонем, ки Рӯҳи Муқаддас Худо мебошад, чунки Ӯ "Рӯҳи Худост" (1 Қӯринтиён 2:14 ва бисёр ҷойҳои дигар). Дар Навиштаҷот қайд шудааст: "Рӯҳи Худо маро ба вуҷуд овардааст, ва нафаси Қодир ба ман ҳаёт бахшидааст" (Айюб 33:4).

Монанди он, лекин на ба таври дақиқ, одам низ сегона мебошад. БаоннигоҳнакардаАгарчӣ мо се одами алоҳида нестем, мо рӯҳ ҳастем, ҷон дорем ва дар бадани ҷисмонӣ зиндагӣ мекунем. Ин дар гапи Павлус ошкор дида мешавад:

Худи Худои осоиштагӣ бигзор шуморо ба куллӣ пок гардонад ва рӯҳу ҷону ҷисми шуморо дар вақти омадани Худованди мо Исои Масеҳ комилан беайб нигоҳ дорад. (1 Таслӯникиён 5:23)

Павлус тамоми сохти моро аз рӯҳ, ҷон ва тан иборат буда, муайян мекунад. Соддакардавабароифаҳмиданосонтаркард

ан, мометавонембаодамҳамчунседоира, киҳаряктаашондарун ияқдигарандваяк доирaро ташкил медиҳанд—доираи берунӣ, миёна ва марказӣ. Доираиберунӣбаданимороифода мекунад, миёна – ҷони моро, ва доираи марказӣ – рӯҳи моро (ниг. Расми 1).

Доираи берунӣ, яъне ҷисми мо, ин он қисми вуҷудамон мебошад, ки бо олами табиӣ ба воситаи панҷ ҳиссиётамон робита дорад. Доираи миёна маъно ҷони моро дорад. Баъзеҳо хостанд ҷонро беҳад соддатар кунанд ва бо ин мегуфтанд, ки ҷон ин фақат ақл, ирода ва эҳсосоти мо мебошад. Ба он нигоҳ накарда, ки ҷон ин чизҳоро дарбар дорад, он боз ҳам мураккабтар аст. Маҳзҷони одам вайро беҳамто мекунад; ин моҳияти фарққунандаи ӯ мебошад.

Доираи дарунӣ рӯҳи моро нишон медиҳад. Рӯҳамон сарчашмаи ҳаёт барои ҳастиамон мебошад. Агаррӯҳиинсон аз баданаш гирифта шавад, бадан ҳалок мегардад. Ҳангомеки Худо одамро меофарид, Ӯ хокеро гирифта, ки аллакай пештар офарида буд, баданро ташкил кард. Баъд аз ин Худо “ба бинии вай рӯҳи ҳаёт дамид, ва одам ҷони зинда шуд” (Ҳастӣ 2:7). Рӯҳи мо, ки бо доираи марказӣ тасвир шудааст, макон ҳаётамон мебошад.

Фикри муҳим, ки бо ин се доира нишон дода шудааст он аст, ки ё ҷисмамон (доираи берунӣ) ё рӯҳамон (доираи дарунӣ) метавонад ба ҷонамон (доираи миёна) таъсир расонад. Фаҳмидани ин ҳақиқат барои ҳаёти ғайриоддӣ хеле зарур аст, чунки ҷонамон он самтеро, ки мо равона ҳастем, муайян мекунад. Каме пештар ман инро чуқуртар мефаҳмонам.

Агар одами наҷотнаёфтаро ҳамчун мисол гирем, рӯҳаш мурда аст. Ин маъно надорад, ки вай вуҷуд надорад, лекин маъно дорад, ки барқ хомӯш аст ва бо Худо ҳеҷ робита надорад, чунки вай дар ҳолати афтода аст. Бинобар ин, одамони наҷотнаёфта пурра аз ҷониби ҷисмашон таъсир расонида

мешаванд ва пурра зери назорати ақлашон ҳастанд, ки аз Худо дур аст. Роҳҳои Худо ба онҳо бегона ҳастанд; онҳо ҳақиқатан дар торикӣ ҳастанд.

Аммо, ҳангоме ки одам аз нав таваллуд мешавад, рӯҳаш комилан нав ва барои Худо зинда мешавад. Акнун алоқа бо Худо аз рӯҳаш ҷорӣ аст. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст: "Рӯҳи одам чароғи Худованд аст" (Масалҳо 20:27). Ва боз ба мо гуфта шудааст: "Аммо одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳи Худост, қабул намекунад, чунки он дар назари ӯ ҷаҳолат аст; ва онро дарк карда наметавонад, чунки он ҳукми рӯҳониро металабад" (1 Қӯринтиён 2:14). Масеҳиён бо Худо дар рӯҳашон алоқаи мустақим доранд, лекин ҷонашон муайян мекунад ба кӣ гӯш кунад—ба ҷисм ё ба рӯҳашон.

Агар бобҳои пештараро ба ёд оварем, саволи мантиқӣ пайдо мешавад: Дар бораи дил чӣ? Дил дар ин мисоли се доира дар куҷост? Агар ба ин савол ҷавоб диҳем, мисоламон боз ҳам ҳақиқитар мешавад, чунки ин доираҳои ба тарзи бисёр содда сарҳад байни рӯҳ ва ҷонамон нишон медиҳад. Ин каломро бодиққат хон:

Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст, ва то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ, буғумҳо ва иликҳо рафта мерасад, ва андеша ва ниятҳои дилро месанҷад. (Ибриён 4:12)

Муаллифи ин гап дар бораи он ҷо мегӯяд, ки ҷон ва рӯҳ дар дил пайваст мешаванд. Рӯҳ ва ҷон ин қадар бо якдигарашон печнонд ҳастанд, ки ба Каломи Худо лозим аст, ки аз ин хати ҷудоӣ гузарад. Дар тарҷумаи васеъи Китоби Муқаддас маҳз чунин гуфта шудааст: "аз хати ҷудокунанда гузашта [ки қисмҳои чуқуртарини табиатамон мебошад], фикру ниятҳои дилро фош мегардонад, аз элак мегузаронад, таҳлил мекунад ва онҳоро доварӣ мекунад".

Баъд аз он, ки соатҳои зиёд ин ҷои Навиштаҷотро меомӯхтам

ва дар бораяш фикр мекардам, ман шахсан боварӣ дорам, ки ҷое, ки рӯҳ ва ҷон пайваст мешавад, дил мебошад; барои ҳамин ҳар дуяш ба он дахл доранд. Ҷон ин фикр, боварӣҳо, мақсаду ниятҳои чуқуртарини мо мебошад; ва рӯҳбошад аз баъзе ҷиҳатҳо ин он чизеаст, ки бисёр касон ҳамчун гувоҳии дил ва зертафаккур меноманд. Инак агар мо хоҳем ҷои дилро дар ин доираҳо нишон диҳем, ба фикрам чунин мешуд.

Чунин ки дар ин ҷо тасвир шудааст, рӯҳ ва ҷон ба он доирае, ки ман ҳамчун дил нишон додам, дохил ҳастанд. Дар ин ҷой онҳо бо ягдигар бофт ҳастанд ва фақат Каломи Худо метавонад онҳоро ҷудо кунад. Дар дигар тарҷума чунин гуфта шудааст: "Он ҳатто то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон аз рӯҳ мегузарад". Дигар фикре, ки алоқадор будани онҳоро тасдиқ мекунад, ин марг мебошад. Вақте ки тан мемурад, рӯҳ ҳамроҳи ҷон баданро тарк кард ва макони абадии худ меравад. Монанди он, ки ҳодисае, вақте ки Павлус ба осмон рафта буд, рӯҳ ва ҷонаш ба ин сафар рафтанд. Лекин Павлус дар бораи баданаш намедонад. Вай худаш мегӯяд: "Оё дар ҷисм буд, намедонам; оё берун аз ҷисм буд, намедонам" (2 Қӯринтиён 12:2). Ҷонаш дар ин рӯйдод рӯҳашро ҳамроҳӣ кард, лекин баданаш не.

## НАҶОТИ СЕ ҚИСМ

Пеш аз он, ки нигоҳ кунем чӣ тавр ҷисм, ҷон ва рӯҳ ба якдигар таъсир мерасонанд, дидани нақшаи Худоро барои наҷоти ҳар яктаи онро нағз мешуд. Биёед аз рӯҳ оғоз кунем, пас ба ҷон мегузарем ва дар охир дар бораи бадан гап мезанем.

Чӣ тавре, ки ман пештар дар ин китоб бисёр навиштаам, ки рӯҳи одам ҳамон лаҳзае, ки ӯ Исоро ҳамчун Худованд қабул мекунад, маҳлуқи тамоман нав мешавад. Рӯҳи одам дар як лаҳза ба монанди Ӯ офарида мешавад. Ин бо гапи Юҳанно исбор мешавад: "Зеро, чунон ки Ӯ дар ин ҷаҳон ҳаст, ончунон мо ҳастем" (1 Юҳанно 4:17). Вай хусусан дар бораи он

имондороне мегӯяд, ки дар рӯи ин замин ҳастанд, на дар бораи онҳое, ки аллакай барои гирифтани мукофоти худ рафтанд. Одаме, ки дар ҳақиқат аз нав аз ҷониби Рӯҳи Худо таваллуд ёфтааст, ҳамон лаҳза дар рӯҳаш комил мегардад.

Ҳамон соняе, ки мо фарзанди Худо мешавем, ҷараёни наҷоти ҷонамон шурӯъ мешавад. Ҷонамон бо Каломи Худо наҷот меёфбад ва мубаддал мегардад ва мо бояд ба он итоаткор бошем. ВакилЯъқуб менависад:

Пас, эй бародарони маҳбуб... ҳар нопокӣ ва бақияи бадиро як сӯ гузошта, каломеро, ки дар шумо кошта шудааст, бо фурӯтанӣ қабул кунед, ки он метавонад, ҷонҳои шуморо наҷот диҳад. Пас иҷрокунандагони калом бошед, на фақат шунавандагоне, ки худро фиреб медиҳанд. (Яъқуб 1:19, 21-22)

Қайд кардан муҳим аст, ки Яъқуб ба бародарон дар бораи наҷоти ҷонашон мегӯяд, вай ба беимонон гап намезанад. Гапаш нишон медиҳад, ки ҷони имондорон дар вақти қабул кардани Исо ба дилашон монанди рӯҳи онҳо комил намегардад. Барои фаҳмидани ин олим шудан лозим нест; яъне агар ҷонамон комил шуда бошад, пас дар калисо ягон мушкилӣ намемонд. Лекин мо то ҳол бо онҳо дучор мешавем.

Яъқубқайдмекунад,кимобоядКаломиХудорокоремвабаон итоат кунем, ки он дар ҷонамон ҷараёни наҷотро пеш барад. Ҷо намонқисмиягонаиҳастиамонмебошад, киазрӯионмоандозаи наҷотро муайян мекунем. Мобавоситашунидан, боваркардан ваитоаткарданҳамкорӣмекунем, вадарнавбати худ ин ҷараёни наҷотро метезонад ё баръакс суст мекунонад. Интағироти ҷонамон барои он зарур аст, ки мо дар ин ҷаҳон ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ кунем ва ҳамчун имондорон то охир нағзравем. Оиди рӯҳ бошад мо бодиққат ин ҷиҳати наҷотро пештар дида баромадем ва барои ҳамин давом медиҳем.

Ҷиҳати охирини наҷот ин тани мо аст. Бодиққатхончӣтавр Павлус онро мефаҳмонад:

Зеро медонем, ки агар хонаи заминии мо, ин хайма, хароб шавад, мо иморате аз ҷониби Худо дорем, хонаи бо дасти одам сохта нашудаи абадӣ, ки дар осмон аст. Аз ин рӯ мо оҳ мекашем, дар орзуи он ки хонаи худро, ки дар осмон аст, дар бар кунем: то ки мо, *либосе дар бар дошта бошем ҳам, бараҳна ёфта нашавем.* (2 Қӯринтиён 5:1-3)

Ин калом қувват ва умеди бузург мебахшад. Диққатдеҳ, кивай на фақат онро қайд мекунад, *лекин* дар он ҳақиқат асос мегирад, ки ба мо бадани абадӣ дода мешавад. Дар дигар ҷо Павлус мегӯяд: "Зеро он чӣ фонист, бояд *либоси* бефаноӣ бипӯшад, ва он чӣ миранда аст, – *либоси* ҷовидӣ бипӯшад" (1 Қӯринтиён 15:53). Бадани мо монанди бадани Исо мешавад, чунки дар Навиштаҷот гуфта шудааст: "Мо дар мисоли эҳёи Ӯ низ пайванд хоҳем буд" (Румиён 6:5). Ва боз: "Эй маҳбубон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем, вале ҳанӯз маълум нашудааст он чӣ хоҳем буд. Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш монанди Ӯ хоҳем буд." (1 Юҳанно 3:2).

Агар ба бадани Исо баъд аз эҳё шуданаш нигоҳ кунем, каме фаҳмида метавонем ин бадан чӣ гуна мешавад: ҳар сифати ҷисмоние, ки Ӯ дорад, мо ҳам дар бадани навамон дошта метавонем. Инак биёем ба он назар андозем. Вақте ки Исо аз мурдагон зинда шуд, Ӯ ба шогирдонаш зоҳир шуда, гуфт:

Чаро музтариб шудед, ва аз чӣ сабаб дар дили шумо чунин фикрҳо пайдо мешавад? Ба дастҳои Ман ва ба пойҳои Ман нигоҳ кунед: ин Худи Ман ҳастам; Маро ламс кунед ва бубинед; зеро ки рӯҳ гӯшт ва устухон надорад, чунон ки дар Ман мебинед. (*Луқо* 24:38-39)

Ӯ гӯшт ва устухон дорад! *Лекин*, диққат деҳ, ки вай ҳеҷ чиз дар бораи хун нагуфт. Инбароион, кихунашбатахтимарҳамати Худо пошида шуд. Акнундаррагашҷалоли Худо ҷорӣ аст. Мо низ бадан аз гӯшт ва устухон қабул мекунем, *лекин* он монанди бадани Исо мешавад, ва ман боварӣ дорам, ки ҳаёти ҷисмамон

на дар хунаш, лекин дар ҷалоли Худо мешавад!

Қиёфаи Исо аз намуди одами оддӣ фарқ надошт.Ваймонандимусофирикайҳонӣ аз филми фантастикӣ набуд. Марямфикркард, кивайбоғбонбуд (ниг. Юҳанно 20:14-15) ва аз шогирдонаш, ки бо роҳи Аммоус мерафтанд, пурсид: "Оё чизи хӯрдание дар ин ҷо доред?" Пеши Ӯ як порча моҳии бирён ва андаке асали мумдор монданд; ва Ӯ гирифта, дар пеши назари онҳо хӯрд" (*Луқо* 24:41-43). Ӯ на фақат як бор бо онҳо хӯрд, лекин дар ду ҷои дигар низ хӯрд: боре дар хонаи он шахсоне, ки дар роҳи Аммоус вохӯрд, ва дигар маротиба, вақте ки барои ёздаҳ шогирданаш дар соҳили баҳр ноништа тайёр кард (ниг. Юҳанно 21:1-14). Ман бо хурсандӣ гуфтанӣ астам, ки дар бадани абадиамон мо қобилияти хӯрданро хоҳем дошт!

Исо дар бадани ҷалолёфтааш метавонад гап занад, суруд хонад, роҳ гардад, даст расонад ва дигар чизҳоеро кунад, ки одами оддӣ карда метавонад, аммо инчунин Ӯ метавонист аз миёни деворҳо гузарад ва аз назар нест шавад!

Бегоҳии худи ҳамон рӯзи якшанбе, вақте ки шогирдон дар хонае ҷамъ омада, аз тарси яҳудиён дарҳои онро баста буданд, Исо омада, дар миёни онҳо биистод. (Юҳанно 20:19)

Дар ин ҳолат Исо ба Тумо гуфт, ки вай ангушташро ба сӯрохи дастонаш ва дасти худро бар қабурға Ӯ ниҳад. Инак бозмебинем, ки Ӯ гӯшт ва устухон дорад. Ва чӣ тавре ки Исо тез пайдо шуд, инчунин Ӯ аз пеши назарашон нест шуд. Баъдазон, кинонро пешиодамоне, кидарроҳи Аммоус вохӯрд, шикаст, гуфта мешавад:

Он гоҳ чашмони онҳо кушода шуд, ва онҳо Ӯро шинохтанд; вале Ӯ аз назарашон нопадид шуд. (*Луқо* 24:31)

Мо низ дар бадани эҳёшудаи худамон қобилият хоҳем дошт, ки аз як ҷо нест шавем ва дарҳол дар дигар ҷо пайдо шавем. Аз рӯи ин фаҳмо аст чӣ тавр мо метавонем дар замину осмони нав

масофаи калонро тай кунем. Тасаввуркун, кидарозӣ ва васеии Ерусалими нав, ки шаҳри абадиамон мешавад, ду ҳазору ду сад километр мешавад. Модаронҷочӣтаврмегардем? На бо қатора ё тайёра. Оё мо дар киштиҳои кайҳонӣ сафар мекунем? Фикр надорам. Баданамон бо вақту масофа маҳдуд намешавад. Чӣ қадар шодиовар аст!

Вақте ки мо бадани мирандаи худро тарк мекунем, тамоми ҳастиамон—рӯҳ, ҷон ва тан—пурра кафорат мегирад ва комил мегардад. Пас ҳангоме ки мо ба Худо пеши тахташ ситоиш мекунем, баданамон монда намешавад, ба он танаффус лозим лозим намешавад ва хӯрдан, дам гирифтан ё хоб рафтан лозим намешавад, фақат агар мо нахоҳем. Ба мо қуввати номаҳдуд ва қобилиятҳои ҳайратангези ҷисмонӣ дастрас мешавад.

Аз ҳама беҳтаринаш он аст, ки мо имконият пайдо мекунем, ки Худоро бинем. Бале, ончизе, ки Мусо рад шуда буд аз барои он, ки бадани гунаҳкори одам заиф аст, мо метавонем онро дар бадани навамон аз сар гузаронем. Навиштааст, кимо"рӯи Ӯро хоҳем дид" (Ваҳӣ 22:4)! Ҷалоли Ӯ моро намеафтонад, чунон ки Юҳанноро дар ҷазираи Патмӯс ё Павлусро дар роҳи Димишқ афтонд. Чӣ қадар аҷоиб!

## ҚАРОР ҚАБУЛКУНАНДА

Лекин бо баданамон дар ин ҷо чӣ мешавад? Фаҳмоаст, ки баданиҳозираамонкафоратнашудааствато̣ҳолфонӣ аст. Аммо, мо дигар ғуломи хоҳишҳо, шаҳват, ғурур, худпарастӣ ва дигар хислатҳои ҷисми гунаҳкорамон нестем, фақат агар мо онро боз интихоб накунем. Акнун мо метавонем аз табиати навамон қувват гирем ва аз рӯи табиати навамон зиндагӣ кунем, на аз рӯи ҷисмамон. Омили муайянкунанда ин ҷони мост, чунки он қарорқабулкунанда мебошад. Бисёриҳомаҳзин қисмро намефаҳманд.

Ин тавр ба ин нигоҳ кун: тасаввур кун, ки ту маҳбус астӣ

ва душман чор сол туро дар ҳуҷраи ҳабсхона баста нигоҳ медошт. Номи ҳуҷраи ту “Хоҳишҳои гунаҳкори ҷисм” аст. Вақт гузашт ва рӯзи подшоҳат барои озод кардани ту дар ҷанг ғолиб баромад. Яке аз хизматгоронаш омада, дари ҳуҷраатро мекушояд. Акнун ту интихоб дорӣ: оё ту ба озодие мебарой, ки пешвои бузургат ба ту бахшидааст, ё дар он ҷое мемонӣ, ки давоми ин солҳои зиёд одат кардӣ? Подшоҳи ту ҷентлмен аст ва туро маҷбур намекунад, ки ту аз ҳуҷраат барой. Ту бояд қарор қабул кунӣ.

Пеш аз кушодани дари ҳуҷраат, ту интихоб надоштӣ ва озод шуда наметавонистӣ. Акнунтуметаво нӣазҳуҷраи“хоҳишҳои шаҳвонии ҷисм” берун барой. Агартуинтихобкунӣ, кидарҳуҷраатмонӣ, бовуҷудион, киҷангбароиозодиатбуридашуд, ту то ҳол дар ҳамон ҷои асирӣ мемонӣ. Ҷон ин қисми мо аст, ки ин қарорро мекунад: оё мо аз зиндон берун мебароем ё асир шуда мемонем? Инмисолёрӣмерасонад, кимо он ғами шахсеро дарк кунем, ки то ҳол барои хоҳишҳои ҷисмаш зиндагӣ мекунад.

Инродархотирдошта,биёедбамисолидавраҳобармегардем. Чунонкипештарқайдкардемдоираи берунӣ (ҷисм) қисми мо мебошад, ки бо олами табиӣ робита дорад; доираи дарунӣ (рӯҳ) аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас таъсир меёбад. Павлус менависад: “Аммо ҳар кӣ бо Худованд пайванд шавад, бо Ӯ як рӯҳ аст” (1 Қӯринтиён 6:17). Истодадарбораиинкаломфикркун—мо дар маънои аслӣ бо Рӯҳи Худо як ҳастем. Барои ҳамин ба мо гуфта шудааст: “Ҳеҷ кас наметавонад Исоро Худованд бихонад, магар ба тибқи Рӯҳулқудс” (1 Қӯринтиён 12:3). Бе Рӯҳи Муқаддас мо наметавонем ба тарзи ғайриоддӣ зиндагӣ кунем. Лекининмушкилӣнест, чункимоазӮҷудонестем, аниқтараш бо Ӯ як шудаем. ТабиатинавамоназӮмеояд, азягонагӣбоӮ! Умедворам, ки ту бузургии ин ҳақиқатро дарк карда истодаӣ. Исо гуфт: “Танҳо барои онҳо илтимос намекунам, балки низ барои касоне ки ба василаи каломи онҳо ба Ман имон хоҳанд

овард... онҳо низ дар Мо як бошанд" (Юҳанно 17:20-21). "Онҳо" ту ва маро дарбар мекунад!

Исо ҳам чунин буд. Гӯш кун, ки Исо дар барои ягонагиаш бо Рӯҳи Муқаддас чӣ мегӯяд: "Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад" (Юҳанно 5:19). Инчунин Ӯ шаҳодат дод: "То бидонед ва бовар кунед, ки Падар дар Ман аст, ва Ман дар Ӯ" (10:38). Ва боз:

Падаре, ки дар Ман сокин аст, Ӯ ин аъмолро ба Ман мекунад. (14:10)

Биёед савол пурсем: Падаре, ки дар Исо сокин буд, кист? Ин Худо Падар набуд, чунки худи Исо дуо мехонд: "Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! Исми Ту муқаддас бод" (Матто 6:9). Фаҳмо аст, ки Худо Падар дар осмон аст, яъне Исо Рӯҳи Муқаддасро дар назар дошт. Ӯ шахсияти Худо аст, ки Исоро дар батни Марям ба вуҷуд овард. Гапи фариштаро барои Юсуф ба ёд овар: "Зеро ки он чӣ дар вай ба вуҷуд омадааст, аз Рӯҳулқудс аст" (1:20). Худо Падар Исоро "фиристод" ва Рӯҳи Худо он Падараш буд, ки дар Ӯ "сокин буд". Исо эълон кард: "Ман ва Падар як ҳастем" (Юҳанно 10:30). Чӣ тавре ки Исо бо Рӯҳи Муқаддас як аст, мо низ ҳастем, чунки "ҳар кӣ бо Худованд пайванд шавад, бо Ӯ як рӯҳ аст" (1 Қӯринтиён 6:17).

## ҚОНУНИ ТАБИАТИ НАВИ МО

Вақт барои он расид, ки ҳамаашро дида бароем. Агармисолидавраҳоирогирем, ҷонамондармобайнҷойгираст, чункивайёазпаиҷисмёазпаи рӯҳ меравад. Дар ёд дошта бош, ки таъсири ҷисм аз ҷониби олами табиӣ меояд, лекин Рӯҳи Муқаддас ба рӯҳамон таъсир мерасонад. Инростиромустаҳкамдониста, моакнун диққати худро ба боби маркази номаи Павлус ба Румиён ҷалб мекунем. Вай менависад:

Пас, ҳеҷ маҳкумияте (ҳеҷ айбдорие) нест барои онҳое, ки дар Исои Масеҳ ҳастанд... Чунки қонуни рӯҳи ҳаёт [, ки] дар Исои Масеҳ [қонуни вуҷуди нави мо] маро аз қонуни гуноҳ ва мамот фориғ кардааст. (Румиён 8:1-2)

"Қонуни вуҷуди нави мо" (табиати навамон) моро аз қонуни табиати гунаҳкорӣ, ки дар натиҷаи гуноҳи Одам баро одамизод омад, озодӣ бахшидааст. Диққат деҳ, ки Павлус дар бораи ду қонуни гуногун гап мезанад. Биёед инро фаҳмонам.

Қонунҳои табиӣ вуҷуд доранд, монанди қонуни ҷозибаи замин. Бо гапи содда ин қуввати ҷазбкунандаи замин, ки ба ҳар моддае, ки боло ё наздик ба сатҳи замин ҷойгир аст. Агар боз ҳам соддатар кунем, агар ту ба бинои шаст ошёна бароӣ ва беаклӣ карда, аз бомаш худро партоӣ, ту тез бо суръати хеле тез ба замин меафтӣ. Ин бо ҳар моддаи ҷисмонӣ рӯй медиҳад. Тамоми одамизод зери маҳдудияти ин қонун ҳаст.

Аммо, дигар қонун низ вуҷуд дорад, ки аз тарафи Дэниел Берноллӣ дар соли 1700 ихтироъ шуд ва қонуни баландшавӣ номида шуд. Агар содда карда гӯем, ин қонун ба тайёра қобилияти парвоз кардан медиҳад. Яънеагартубатайёраи реактивӣ шинӣ ва қуввати муҳаррикро истифода барӣ ва ҳангоме ки аз суръати парвоз суръатат тезтар шавад, ту аз қонуни ҷозибаи замин озод шуда, баланд ба осмон парвоз мекунӣ. Интаврқонунибаландшавӣтуро аз қонуни ҷозибаи замин озод мекунад!

Ин мисол нишон медиҳад, ки қонуни рӯҳи ҳаёт (қонуни вуҷуди навамон) барои мо чӣ кор кард ва чӣ тавр моро аз қонуни гуноҳ ва марг озод мекунад. Пешазон, кимотабиатинавқабулкардем, мо тайёра надоштем, ки моро ба осмон барад ва моро аз қонуни гуноҳ ва марг озод кунад. Аммо, вақте ки мо ба шинохтани Худо расидем, мо ба тайёраи файз шиштем ва бо қуввати муҳаррики имон сӯи озодӣ парвоз кардем. Акнунмодигармаҷубрнестем, ки монанди пештара

зиндагӣ кунем ва асири хоҳишҳои худсаронаю бешармонаи ҷисм бошем. Акнунмоозодҳастемваметавонемдар тайёраи табиати навзодамон монем ва ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ кунем. Биёедборидигаринромегӯям—мо дигар маҷбур нестем, ки аз рӯи ҷисмамон зиндагӣ кунем. Моозодҳастем!

Лекин, биёед тасаввур кунем, ки ман муҳаррики тайёраро дар баландии даҳ километр кушам ва бо ягон чора ҳаракати тайёраро боз дорам. Ба фикрат чӣ рӯй медиҳад? Ҷозибаи замин то ҳол вуҷуд дорад. Ман боз зери қудрати он мемонам ва бо суръати хеле баланд ба замин меафтам. Вақтекиманазҷозибаи замин озод будаму парвоз мекардам, ҷозибаи замин амал мекард. ҚонуниБернолли ҷозибаи заминро нест накард; вай фақат таъсири онро барҳам дод.

Бо ҷисми мо низ чунин рӯй медиҳад. Агар ҷони имондор қарор мекунад, ки такроран ба ҷисм ва на ба табиати нав, ки зери таъсири Рӯҳи Муқаддас аст, гӯш кунад, дере нагузашта ҷисм ҳукмрон мешавад ва имондор дигар ба Худо писанд омада наметавонад. Ба гапи Павлус, ки ба масеҳиён румӣ гуфта буд, гӯш кун:

Зеро онҳое, ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи ҷисмонӣ фикр меронанд, вале онҳое, ки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи рӯҳонӣ фикр меронанд [ҳамаи фикрҳояшонро ҷалб мекунанд]. Фикрҳои ҷисмонӣ мамот аст, аммо фикрҳои рӯҳонӣ – ҳаёт ва сулҳу осоиштагӣ (Румиён 8:5-6)

Дар асоси ин ҷои Навиштаҷот боз дар бораи мисоли се давра фикр кун. Онҳое, ки ақлашонро—ҷонашонро—ба ҷизҳои ҷисм ҷалб мекунанд аз рӯи он зиндагӣ мекунанд. Онҳо зери хоҳишҳо, шаҳвату нафси ин олами гунаҳкор ҳастанд, чунки ҷонашон аз сарчашмаи нодуруст об мегирад. Лекин, онҳое, ки ақлашонро ба он ҷалб мекунанд, ки аз ҷониби рӯҳашон қабул кунанд, дар ҳаёт ва сулҳу осоиштагӣ зиндагӣ мекунанд.

Чунки фикрҳои ҷисмонӣ [бо фикру мақсади ҷисмонии худ] душманӣ ба Худост, зеро ки ба шариати Худо итоат намекунад ва наметавонад итоат кунад. Бинобар ин онҳое, ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд [ба шавқу хоҳишҳои табиати гунаҳкориашон писанд меоянд], ба Худо писанд афтода наметавонанд. (оятҳои 7-8)

Агар ақламон аз тарафи ҷисмамон ва на аз тарафи рӯҳамон хӯронда мешавад, пас мо наметавонем дар қудрати қонуни рӯҳи ҳаёт зиндагӣ кунем, чунки мо то ҳол бо қонуни гуноҳ ва марг баста шудаем. Ба он нигоҳ накарда, ки мо як рӯз мемурем ва ба осмон меравем, мо то ҳол зери қуввати он қонун ҳастем, ки моро дар замони беимониамон баста карда буд; ва дар ҳуҷраи зиндонамон меистем ё ба он бармегардем.

Аз барои ин фаҳмо мешавад чаро бисёриҳо дар калисо пурра монанди одамони ин ҷаҳон зиндагӣ мекунанд: сатҳи ҷудошавии оилаҳо баланд аст; мо ҷанҷол мекунем, баҳс мекунем ва дар ҷангу ҷидол ва нобахшиши талх зиндагӣ мекунем; мо ба зиддияти муайян моил ҳастем; мо ба порнография ё маводи муҳаддир вобаста ҳастем; мо ба фарёди қашшоқон, бевазанону ятимон гӯши кар мегардонем. Ин рӯйхат беохир аст. Оё шавқор нест, ки Павлус мегӯяд, ки онҳое ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд, ба Худо писанд омада наметавонанд, ва то ҳол зери "қонуни гуноҳ" ҳастанд? Барои ҳамин Павлус дар давомаш мегӯяд:

Пас, эй бародарон, мо уҳдадори ҷисм нестем, ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ кунем; зеро ки агар шумо ба ҳасби ҷисм зиндагӣ кунед, албатта хоҳед мурд. (оятҳои 12-13)

Ин бисёр ҳам ошкор аст, ки Павлус ба беимонон намегӯяд, лекин ба масеҳиён инро мегӯяд, чунки вай калимаи бародарон истифода мебарад. Пас ман савол дорам, ки чӣ тавр имондорон метавонанд чунин сабукфикрона гӯяд: "Оҳ, ман аз рӯи ҷисм

рафтор кардам!" Ин чизи хурд нест, чунки Павлус мегӯяд, ки агар мо дар ҷисм зиндагӣ кунем, мо мемурем! Чӣ тавре ки пештар гуфтаам, ки ман фурсати омӯхтани маънои калимаи "мурдан"-ро ба ту мемонам. Лекин, дар ҳеҷ ҷои Навиштаҷот оқибати хуш ё дилхоҳ набуд, вақте ки Худо мегуфт, ки касе мемурад. Худо ин гапро ба Одам гуфт: "Зеро рӯзе, ки аз он бихӯрӣ, ҳатман хоҳӣ мурд" (Ҳастӣ 2:17). Одам ҷисман мурд, лекин ин солҳои бисёр баъд аз исёнаш рӯй дод. Лекин Худо гуфт, ки ҳамон рӯзе, ки меваи он дарахтро хӯрад, Одам мемурад. Пасчӣрӯй? Дар рӯзи исён карданаш кадом намуди марг бар сараш омад?

## ҲАЁТИ БАРҚАРОРШУДА БАРОИ ҶИСМҲОИ МИРАНДААМОН

Акнун савол пайдо мешавад: Чӣ тавр мо худро аз ҷазб шудан ба фикронии ҷисмонӣ нигоҳ дорем? Чӣ тавр хоҳиши пайравӣ кардани таъсири ҷисмро мағлуб кунем? Павлус ба мо ҷавобашро медиҳад ва он ду ҷиҳат дорад. Аввалвапешазҳама, мо ба шаҳват ба воситаи қуввате, ки Рӯҳи Муқаддас ба рӯҳи мо гузоштааст, зиддият мекунем; дуюм, мо аз таъсири аҷиби Рӯҳи Муқаддас бар бадани ҷисмониамон баҳра мебарем. Павлус мегӯяд:

Ва агар Масеҳ дар шумо бошад, [пас ба он нигоҳ накарда ки] ҷисм [-и табиӣ] ба воситаи гуноҳ мурда аст, вале рӯҳ ба воситаи адолат зинда аст [ки Ӯ ба шумо нисбат доштааст]. Ва агар Рӯҳи Он, ки Исоро аз мурдагон эҳё кард, дар шумо сокин бошад, [пас] Он ки Масеҳро аз мурдагон эҳё кард, ҷисмҳои мирандаи шуморо низ бо Рӯҳи Худ, ки дар шумо сокин аст, зинда хоҳад кард. (Румиён 8:10-11)

Ин яке аз гуфтаҳои аз ҳама озодкунандаи дар ин номаи Павлус мебошад. Ба ин калом дар дигар тарҷумааш гӯш кун: "Бо ин Рӯҳе, ки дар шумо сокин аст, бадани шумо монанди

бадани Масеҳ зинда мешавад!” Ва дар дигар тарҷума чунин гуфта шудааст: “Ӯ ба бадани мирандаи шумо бо айнан ҳамон Рӯҳе, ки андаруни шумо сокин аст, ҳаёт мебахшад”. Рӯҳи Муқаддас на фақат рӯҳи инсонии моро зинда мегардонад ва қувват мебахшад, лекин инчунин ба бадани ҷисмонии мирандаамон ҳаёт мебахшад! Чаро мо инро зиёдтар эътироф намекардем?

Вақте ки ман наҷот ёфтам, ман пайхас кардам, ки хоҳишҳои шаҳвонӣ аз барои табиати Масеҳ, ки ба рӯҳам гузошта шуд, кам мешуданд, лекин инчунин аз барои таъсири Рӯҳи Муқаддас бар бадани ҷисмониам низ. Гуноҳ дилкашии худро гум кард. Пеш аз он ман бисёр бадзабон будам. Аммо, зуд баъд аз наҷот ёфтанам, ман пайхас кардам, ки дигар ҳақорат намекардам. Пеш аз он, ки Масеҳро шинохтам, ман шабнишинӣ ва арақзӯриро нағз медидам. Ман барои он зиндагӣ мекардам, ки ҳамроҳи ҳамкурсонам рӯзҳои шанбе ва якшанбе шабнишинӣ кунам. Лекин баъд аз он хоҳиши айшу ишрат ва майхӯрӣ нест шуд. Рӯзе ман ба ҷои шабнишинии ҳамкурсонам рафтам ва тамошо мекардам, ки писарбачаҳо аз дунболи духтарон мегаштанд, то маст шудан арақ мехӯрданд ва худро шарманда мекарданд. Ба сарам фикр омад: Чӣ тавр чунин чиз ба ман маъқул буд, ки фақат инро нағз медидам ва фақат барои он зиндагӣ мекардам?

Вақте ки ман бо Рӯҳи Худо як шудам, ин ҳақиқӣ шуд,яъне вақте ки гуноҳ мекардам, он ба ман хуш набуд, лекин пеш аз наҷот ёфтанам, ман аз гуноҳ ҳаловат мебурдам. Ин таъсири қуввати Рӯҳи Муқаддас бар рӯҳи нави ман буд ва инчунин ҳаёте, ки Ӯ ба бадани мирандаам бахшид. Акнун одами даруниам зинда буд. Пеш аз наҷот ёфтанам, хоҳишҳои ҷисмонӣ аз ҷониби табиати гунаҳкориам қувват мегирифтанд. Акнун табиати навам тамоман тарафдори гуноҳ набуд. Он чизе, ки пештар хоҳон будам, ҳоло ба он нафрат доштам. Рӯҳи ман хоҳиш дошт, ки роҳнамоии Рӯҳи Муқаддасро пайравӣ кунад.

Манташнаимуносибат бо Ӯ, роҳҳою ҳикмати Ӯ будам. Ба ин сабаб Павлус дар давомаш мегӯяд,

Зеро ҳамаи онҳое, ки роҳнамояшон Рӯҳи Худост, фарзандони Худо ҳастанд;

Чунки шумо рӯҳи бандагиро қабул накардаед, ки боз ҳаросон шавед, балки Рӯҳи фарзандхондагиро қабул кардаед, ки ба Он мо нидо мекунем: “Эй Або, эй Падар!” (Румиён 8:14-15)

Ҳаёт дар Масеҳ пур аз ҳодисаю имкониятҳо ва шавқовар аст. Бо як гап агар гӯем—ғайриоддист! Акнунмоазқонуни гуноҳ ва марг, ки боре моро асир карда буд, озод ҳастем. Монабояддиг архоҳишҳоиҷисмигунаҳкорихудропайравӣ кунем. Рӯҳи мо ва бадани мо низ аз ҷониби ҳаёти нав дар Масеҳ таъсир ёфтааст. Чӣ наҷоти аҷоиб аст!

## БА ҲАЁТИ ОЗОД ДАЪВАТШУДА

Павлус дар номаи худ Ғалотиён низ дар бораи озодии аҷиб аз ҷисм мегӯяд. Вай менависад: “Пас, дар озодие, ки Масеҳ моро барои он озод кардааст, устувор истед” (5:1). Моазқонуни гуноҳ ва марг озод карда шудаем, чунки рӯҳи мо нав аст ва баданамон аз ҷониби Рӯҳи Худо қувват бахшида шудааст. Биёедончизеро, кибамобахшидашудаастсахтнигоҳмедоремв ааз имонамон қувват гирифта, аз ғуломиҳое, ки фарзандони торикиро асир мегардонад, озод буда, дартайёраи файзамон ҳаёти баланд зиндагӣ мекунем. Павлус огоҳ мекунад:

Зеро ки шумо, эй бародарон, ба озодӣ даъват шудаед, фақат ин ки озодӣ баҳонае барои ҳавасҳои ҷисм навашад. (ояти 13)

Ин маълумот бояд дар калисоҳои мо бояд боғайрат эълон карда шавад. Мо метавонем огоҳии Павлусро бо ҷинояткори такрорӣ муқоиса кунем. Ин ҷинояткор дар камбағалӣ зиндагӣ мекард ва барои зиндагиаш маҷбур шуда, дуздианро сар кард. Аз барои дуздии доимиаш ӯ солҳои бисёр дар ҳабсхона сарф

кард—давоми бисту панҷо сол панҷо маротиба ҳабс шуда буд, ҳар бор барои дузди мусаллаҳонаи мағозаи молҳои рӯзгор. Ҳангоме ки ӯро аз ҳабсхонаи ҷавоб медоданд, ӯ аз барои вобастагӣ ба дуздӣ кардан боз баъд аз якчанд ҳафта ба ҳабсхона бармегашт. Ҳоло, аз барои ҷиноятҳои такрориаш ба ӯ ҳукми якумрӣ доданд.

Баъд рӯзе як духтур як доруи нав ихтироъ мекунад, ки ин маҳбусро аз вобастагии одатшудаи дуздӣ кардан озод кард. Инчунин мансабдори баланди ҳукумат ин дуздро мебахшад ва барояш дар давлати дигар паноҳгоҳ меёбад, то вай ҳаёташро аз нав сар кунад. Дар ин давлати нав як савдогар ба ин одам кори нағз медиҳад, ки вай барои иҷора гирифтан хона ва харидани хӯрок, либос ва дигар чизҳои зарурӣ пули кифоя кор кунад. Пулаш ҳатто барои харидани баъзе чизҳои барои ҳаловаташ мерасад. Ҳоло вай пурра на фақат аз ҳукми якумрӣ, лекин аз зарурати дуздидан низ озод аст.

Якчандсолҳамаашнағзмегузарад. Аммо, баъзе аз дӯстони пештарааш ҷои нави ӯро мефаҳманд, ба он давлати нав меравад ва ӯро боз аз роҳ заданд. Сардоридастаашонмегӯяд: "Ману шариконам ғорат кардани бонки калон дар ин шаҳр роҳ ёфтем. Мооро, дар роҳат ва ҳаловат то охири ҳаёт зиндагӣмекунем! Тубомоҳастӣ?"

Ба вай фикр дар бораи зиндагонии исрофкоронамаъқул шуд, бе он ки кор кардан лозим нест. Вайфикркард: Чӣ қадар роҳи нағз барои сарф кардани қисми мондагии ҳаётам. Ваӯбаинроҳзанонҳамроҳшуд.

Баъд аз якчанд ҳафта онҳо кори худро бомуваффақият иҷро мекунанд, лекин рӯзи дигар ҳамаи онҳоро дастгир мекунанд ва ҳукми якумрӣ медиҳанд. Он мард пурра озод буд, лекин озодиашро барои он истифода бурд, ки ба рафтори пештарааш баргардад, ки он озодиашро талаб кард. Боридигарбагапи Павлус гӯш кун: "Фақат ин ки озодӣ баҳонае барои кардани

ҳар кори мехостагиатон навашад, ки озодии шумо бекор шавад". Индақиққориинодамронишон медиҳад; ва инчунин кори баъзе имондоронро нишон медиҳад ва чаро онҳо ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ намекунанд. Онҳоазнавбаҷисмихудғуло ммешавад. Барои ҳамин Павлус моро сахт насиҳат медиҳад: "Балки ба якдигар бо муҳаббат хизмат кунед" (ояти 13).

Вақтекимобомуҳаббат зиндагӣ мекунем, озмоиш моро ҷалб карда, аз худотарсӣ дур намекунад. Мозери ҳукмронии Худо ҳастем, ки Ӯ муҳаббат аст. Мо бо Рӯҳи Ӯ ҳамкорӣ мекунем ва озодии мо калон мешавад. Бетаъсири Рӯҳи Муқаддас чисми мо сӯи худпарастӣ, худнигоҳдорӣ, худдӯстӣ ва дигар шарорат кашида мешавад. Бинобарин Павлус давом дода, мегӯяд:

Вале ман мегӯям: бар тибқи Рӯҳ [-и Муқаддас] [ба Рӯҳ итоат кунед, бо Рӯҳ роҳнамоӣ шавед ва зери назорати Рӯҳ бошед] рафтор кунед [аз рӯи одат],ва шумо ҳавасҳои ҷисмро (ки аз табиати инсонӣ, бе Худо) ба амал нахоҳед овард;зеро ки ҷисм хилофи Рӯҳро [Муқаддас] хоҳон аст, ва [хоҳишҳои] Рӯҳ – хилофи ҷисмро (табиати гунаҳкори одам). (оятҳои 16-17)

Вақте ки мо ба рӯҳи худ гӯш мекунем, ки он аз Рӯҳи Муқаддас илҳом меёбад, пас мо хоҳишу шаҳвати "табиати гунаҳкори одам" иҷро намекунем. Лекин бори дигар ба ин ҷои Навиштаҷот нигоҳ кун: "табиати гунаҳкори одам" инчунин "табиати одамбе Худо" номида шудааст, аммо мо бе Худо нестем, чунки Ӯ даруни мо зиндагӣ мекунад! Биёед боз гапи Павлусро ба Румиён такрор кунам: агар шумо бар тибқи рӯҳ фикр мекунед—аз рӯҳатон қабул мекунед—пас Рӯҳи Муқаддас ба бадани мирандаи шумо ҳаёт мебахшад". Ҳаёт ба бадани мо ҷорӣ шудааст! Ин тамоман тақдири дигар аст нисбат ба одаме, ки "бе Худо аст" ва ҷисмаш бар ӯ бартарӣ мекунад.

Бо ин биёед ман ба гуфта баргардам, ки дар аввали ин боб буд: шумораи калони имондороназ ҳад зиёд ба бартарии ҷисмашон бовар мекунанд. Сабаб фақат як шуда метавонад,

ки онҳо бодиққат Навиштаҷотро наомӯхтанд, киаз Аҳди Нав ин ҳақиқатҳоро ёфта, чуқур ба вуҷуди худ қабул кунанд. Онҳо нафаҳмиданд, ки Рӯҳи Худо ба бадани мирандаи онҳо ҳаёт бахшидааст ва ба онҳо қобилият дод, ки дар озодии пурра зиндагӣ кунанд.

Ин боз ба имон бармегардад. Агармобоваркунем, киҷисмамонбартарӣмекунад, ҳукмрону қавӣ аст ва мо зери он ҳастем, пасҳосили муносиб медаравем. Лекин, агар моба Каломи Худо бовар кунем, ки Рӯҳаш ба ҷисмамон ҳаёт бахшидааст ва мо дигар асири ҷисм нестем, пас мувофиқи имонамон иҷро мешавад! Бори дигар мо мебинем чаро дар Навиштаҷот чунин гуфта шудааст: "бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест" (Ибриён 11:6). Мобоядҳамешадархотирдоштабошем, кибоваркунии дуруст зиндагии дурустро ба вуҷуд меоварад. Баръаксашниздурустаст, кибоваркуниинодурустзиндагии нодурустро ба вуҷуд меоварад. Павлус хулоса мебарорад:

Агар мо бар тибқи Рӯҳ зиндагӣ мекарда бошем, бояд бар тибқи Рӯҳ рафтор ҳам кунем. (Ғалотиён 5:25)

Аз ин беҳтар гуфтан мумкин нест; ин пурра ду боби пештараро ҷамъбаст мекунад. Мо наметавонем ҳаёти ғайриоддӣ дошта бошем, агар Каломи Худо бароямон орзу бошад ё онро бо эҳсосот дар диламон нигоҳ дорем. Агар мо ба Каломи Худо бовар накунем, он ба мо дастнорас аст. Бисёриҳомаҳзбо инмонеа мубориза мебаранд, лекин ин содда аст—он қадар содда аст, ки кӯдак онро ҳал карда метавонад.

Дар ояти пештара Павлус менависад: "Лекин онҳое, ки ба Масеҳ тааллуқ доранд, ҷисмро бо ҳирсҳо ва ҳавасҳояш маслуб кардаанд" (ояти 24). Мохоҳишҳоишарирробоқуввати Рӯҳи Муқаддас маслуб мекунем. Акнун ҷалол ба Худо таалуқ дорад, на ба мо. Ин гапи Павлусро боз ҳам ошкортар мекунад: "Ман бо Масеҳ маслуб шудаам. Ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад. Ва ин ки ҳоло дар ҷисм

зиндагӣ мекунам, ин яъне бо имон ба Писари Худо зиндагӣ мекунам" (2:20). Ба гапаш диққат деҳ "бо имон ба Писари Худо зиндагӣ мекунам". Ин имон ба Рӯҳи Масеҳ, ки дар мо зиндагӣ мекунад ва файзеро дастрас мекунад, ки ба баданамон қувват мебахшад. Модигарзериғуломииҷисм нестем, лекин пур аз ҳаёти Худо ҳастем. Акнунмобо имон ба қуввате Оне, ки дар мо аст, зинда ҳастем. Мо озод ҳастем ва метавонем ба тарзи ғайриоддӣ зиндагӣ кунем!

## ДАР РӮҲ ГАРД

Мо бояд фаъолона зиндагӣ кунем, на ғайрифаъолона. Тарзиҳаётиғайриоддӣ аз фикронии ҳуҷумкунанда меояд, на аз фикронии мудофиавӣ. Бори дигар ба гапи Павлус гӯш кун: "Агар аъмоли ҷисмониро ба воситаи Рӯҳ бикушед, зинда хоҳед монд" (Румиён 8:13). Гапашташаббускоронааст. Агар мо ба рӯҳи худ гӯш кунем, ки аз Рӯҳи Муқаддас илҳом меёбад, хоҳишҳои шарири ҷисм худ ба худ дилнокаш мешаванд. Мо он қадар ошиқи ҳаёти ҳақиқӣ мешавем, ки марг дилкашии худро гум мекунад.

Мисоли нағз ин одаме, ки пешакӣ фикр, муносибат ва муҳабаташро нисбати занаш муҳофизат мекунад. Вайиҷозатнамедиҳад, киягонфикри манфӣ ё танқидӣ ба ақлаш дарояд. Дарнатиҷа: вай уствор бовар мекунад, ки вай бо зани аз ҳама ҷолиб, хирадманд, зебо ва меҳрубон дар тамоми рӯи замин оиладор аст. Агарвайчунинба занаш ошиқ шуда бошад, ва агар зани дигар кӯшиш кунад ӯро фиреб диҳад, вай дар дилаш хандида, фикр мекунад, ки ман ҳеҷ шавқманд нестам, ки бо ту зино кунам; ман бо зани беҳтарин оиладор ҳастам. Ин тарзи ҳаёти ҳуҷумкунанда.

Дин ва шариатпарастӣ тамоман баръакси ин аст. Онба он чизҳое диққаташро ҷалб мекунад, ки ту дошта наметавонӣ, на ба он чизҳои аҷоибе, ки ту аллакай дорӣ.

Ҳаётибеҳтаринмуфтдодашудааст, аммо шариатпарастӣ назари моро ба он ахлоте, ки мо аз он баромадем, менигаронад. Ондоимбаодаммегӯяд: "Беҳтар гуноҳ накун; ту бояд аз ҳар кори шарирӣ, ки пеш аз наҷот ёфтанат мекардӣ, дур истӣ".

Афсӯс, мо ҳоло "инро накун" ва аз рӯи қонуни масеҳияти шариатпараст зиндагӣ мекунем, ки он тамоман масеҳияти ҳақиқӣ нест. Агармогаштабақонунҳои маҳдудкунӣ фуроем, пас мо ҷисми худро қувват мебахшем, чунки шариат даруни мо хоҳиши ҷисмро мебардорад, ки мо аз нав муқобили Худо зиндагӣ кунем! Павлус огоҳ мекунад: "Қуввати гуноҳ шариат аст" (1 Қӯринтиён 15:56).

Биёед инро бо мисол нишон диҳам. Мандавомисесолтренери теннис дар клуби шахсии обозӣ ва теннис кор кардам. Мандарҳафтабисту панҷ соат дар майдони теннис сафр мекардам, то ҷавонону калонсолонро дарс диҳам. Ҳангомекисадҳоитеннисбозонро дарс медодам, манякчизишавқовар фаҳмидам: агар ман такроран ба шогирдам мегуфтам, ки ягон чизро накунад, шавқи ӯ барои давом додани ин кор фақат зиёд мешуд. Мисол, навтеннисбоз одатан хосияти табиӣ дорад, ки ба қафо такя карда, вазнашро ба пои ақиб монад, махсусан ҳангоми қабул кардани тӯби сахт. Бозингарони бетаҷриба фикр мекунанд, ки ин усул ба онҳо вақти бештар барои мавқеи дуруст медиҳад. Лекин, дар ин усул ҳама вақт зарбаи заиф мешавад, ки эҳтимол хол бой дода мешавад, хусусан дар сатҳи миёна ва пешрави теннис. Ман пайхас кардам, ки агар ман такроран ба шогирдонам гӯям: "Ба пои ақибат такя накун",баъд аз кардани зарбаи заиф, онҳо ҳатман ин корро давом медоданд.

Аман, агар ман ба онҳо чунин мегуфтам: "Майлаш, ман мехоҳам, ки ту дар дилам тасаввур кунӣ, ки ба тӯб ҳамла мекунӣ. Фаъолона сӯи вай ҳаракат кун; нагузор, ки вай ба ту биёяд, ту ба наздаш дав". Баъд аз он, ки инро якчанд маротиба

мегуфтам, ман дастурамро содда карда, мегуфтам: "Тарафи тӯб дав" ё "Ба тӯб ҳамла кун!" Аҷоиб аст, лекин онҳо дигар ба бои ақибашон такя намекарданд ва сӯи тӯб қадам монда, ба он ҳуҷум мекарданд.

Ин мисолро дониста, бори дигар ба гапи Павлус гӯш кун:

Бар тибқи Рӯҳ рафтор кунед, ва шумо ҳавасҳои ҷисмро ба амал нахоҳед овард. (Ғалотиён 5:16)

Ту дида метавонӣ, ки гапаш пешгирикунанда мебошад. Мохоҳишҳои гуноҳ карданро мекушем ва аз ҷониби рӯҳам, ки зери таъсири Рӯҳи Муқаддас аст, қабул мекунем ва бо ин дар қонуни ҳаёт мемонем. Инмороба сӯи ғайриоддӣ водор мекунад ва дар он нигоҳ медорад.

Баъд аз гуфтани ин, биёед ман як нуқтаи назари муҳимро қайд кунам. Ҳамчун тренеритен нисманбашогирд онаммегуфтамч аробапоиа қибашонтакяк арданнағзнабуд. Манонҳороогоҳ мекардам, киазбароионзар басустмешавад, кионҳоҳолробоймедиҳанд. Манинробароифаҳм ишашонме кардам. Одатан ман инро як ё ду бор мегуфтам. Аммо, ман пайваста рафтори фаъолонаро таъкид мекардам: "Сӯи тӯб дав ва ба он ҳамла кун". Манмехостам, кионҳо дарақлашонин тасвирро дошта бошанд.

Павлус ва дигар муаллифони Аҳди Нав дар бораи оқибаҳои баргаштан ба ҷисм огоҳ мекунанд. Инбароифаҳмишамоннавиштааст, чункитарсиХудоибтидои ҳикматва фаҳмиш аст. Лекин, айнан ҳамон муаллифон диққати аввалиндарачаро ба зиндагии фаъол дар Рӯҳ медиҳанд. Бори дигар ба гапи пешгирикунандааш гӯш кун: "Зеро ҳамаи онҳое, ки роҳнамояшон Рӯҳи Худост, фарзандони Худо ҳастанд" (Румиён 8:14).

## ХУЛОСАИ ПАВЛУС

Баъд аз он ки вакил Павлус муфассал дар бораи ҳамаи ҷиҳатҳои наҷот, рӯҳ, ҷон ва тан гуфт, вай ҳамаашро чунин ҷамъбаст мекунад:

Пас, шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худо даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд; худро ба ин дунё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист. (Румиён 12:1-2)

Ман ду қисмашро қайд кардам: "ҷисмҳои худро ба Худо тақдим кунед" ва "ба воситаи таҷдиди ақлатон". Дар асл, ҳар дуяш он чизҳоеро, ки дар ду боби пештар дида баромадем дар бар мегирад. Исо ҳамаашро тамом кард, кор иҷро шуд, барои озодиамон нархи пурра супорида шудааст. Пасҳолобароимочӣмондааст? Дар ҳақиқат ба ин ду гуфтаҳо бармеояд.

Аввал, мо чӣ тавр ба таврӣ амалӣ метавонем "ҷисмҳои худро ба Худо ҳамчун қурбонии зинда ва муқаддас тақдим кунем?" Вақте ки қурбонӣ ба Худо оварда мешавад, вай пурра ба Ӯ бахшида мешавад. Бо дигар гап, вақте ки қурбонӣ оварда шавад, мо онро гашта намегирем, чунки он дигар аз они мо нест. Агарманба Худо ҳадияи пулӣ диҳам, ман наметавонам ба калисо занг зада, хоҳиш кунам, ки пуламро баргардонанд, чунки он дигар ба ман таалуқ надорад. Мобоядинкорробобаданихудкунем—онро ҳамчун қурбонӣ тақдим кунем. Лекинқурбониимомонанди пул мурданест. Баръакс, он зинда аст. Ва азбаски ин қадар нархи калон барои озодиамон супорида шудааст, оё ин дархост аз ҳад зиёд аст? Мо набояд дигар ба бадани худ, ки дар он зиндагӣ мекунем, чунин нигоҳ кунем, ки он аз они мост, лекин аз они Ӯст. Ин маъно

дорад, ки мо акнун он чизе, ки аз они каси дигар аст, идора мекунем, ва он чизе, ки ба Ӯ тааллуқ дорад, истифода мебарем, то хоҳишҳои Ӯро иҷро кунем. Лекин оё мо хоҳишҳои Ӯро медонем ё не? Ҷавобаш: "Худро ба ин дунё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи Худо чист". Чӣ тавр мо метавонем кори писандида ба Ӯ кунем, агар мо ба Каломаш гӯш накунем ва ба он бовар накунем? Чӣтаврмометавонемдар рӯҳ монем, агар ақламон то ҳол бо роҳҳои фикронии оддии одамон фикр мекунад? Чӣтаврмометавонемфикрониирӯҳонӣдоштабошем, агармото ҳол монандионфикрмекунем, чӣ тавре ки дар вақт наҷот наёфтанамон фикр мекардем?

Тарзификрониамонваназаримобаҳаётбоядпуррамубаддалё бад. Мобояд Каломи Худоро омӯзем, ки нуқтари назари Ӯро гирем, вагарнамо то ҳол бо ҷараёни ин ҷаҳон равона мешавем.

Дар таҷрибаам ман ёд гирифтаам, ки ҳангоме ки ман Китоби Муқаддасро бо ақлу дили тоза мехондам, он канали рӯҳамро мекушод, ки ба ҷонам таъсир кунад. Инмонандион, кигузаргоҳ аз рӯҳам сӯи ҷонам тоза шуда бошад ва ман метавонам роҳнамоии Рӯҳи Муқаддасро шунавам. Манпайхаскардам, киманравшантар медидам, беҳтар фикр мекардам ва баданам зиёдтар ҳаёту қувват медошт. Агарманба Каломи Худо гӯш намекардам, ё ҳамту Китоби Муқаддасро мехондам, дуо мегуфтам, ба маъвизаҳои илҳомёфта гӯш мекардам, китобҳои тадқиншуда мехондам ва зуд таъсири ин ҷаҳон пайдо мешуд ва ман зиёдтар бо роҳҳою одатҳои ин ҷаҳон ҳамшакл мешудам.

Агар росташро гӯям мо дуруст ба эътибор намегирем, ки шунидани Каломи Худо чӣ қадар муҳим аст ва "агар мо бар тибқи Рӯҳ зиндагӣ мекарда бошем, бояд бар тибқи Рӯҳ рафтор ҳам кунем" (Ғалотиён 5:25). Мобаонбеэътиноӣмекунем ва пас ҳайрон мешавем: Чаро ман наметавонам ҳаёти комёби масеҳӣ зиндагӣ кунам? Чаро чизҳои ғайриоддӣ ба ман дастнорас аст?

Чаро ҷисмам бар ман бартарӣ мекунад? Чаро ман чизҳоеро, ки аз тахти дил мехоҳам, карда наметавонам? Чаро имондорон аз китоби Аъмол ин қадар аз ман дигархел зиндагӣ мекарданд? Дар Навиштаҷот гуфта шудааст чаро: "Зеро, чӣ гунае ки ӯ дар дили худ мулоҳиза мекунад, худаш низ ҳамон гуна аст" (Масалҳо 23:7). Павлус моро сахт насиҳат медиҳад:

Пас рафтораи пештараи одами кӯҳнаро, ки дар шаҳавоти дилфиреб фосид мешавад, ах худ дур кунед, ва хиради шумо бояд дар Рӯҳ тоза шавад, ва одами наврo, ки ба шабоҳати Худо дар адолат ва қудсияти ростӣ офарида шудааст, дар бар кунед. (Эфсӯсиён 4:22-24)

Мо роҳҳои кӯҳнаро ба воситаи тағир додани фикрониамон—рӯҳи ақламон—аз худ дур мекунем. Махлуқи аз ҳама эҷодкор, нововар, боқудрат, боҳикмат дар тамоми коинот акнун бо мо як шудааст. Ин ҳақиқат бояд аз замини мегаштагиамон ва оби менушидагиамон барои мо зиёдтар ҳақиқӣ шавад. Мо на фақат дар ақл бо он чизҳое, ки Ӯ дар бораи мо эълон мекунад, розӣ мешавем; ин маъно дорад, ки мо дар ҳақиқат ба роҳи фикронии Худо дохил мешавем. Мо ба худ чунон, ки Ӯ ба мо нигоҳ мекунад, нигоҳ мекунем. Мо дигар аз рӯи қобилияти худ зиндагӣ намекунем, лекин устуворона медонем, ки Рӯҳи Масеҳ дар мо зиндагӣ мекунад. Мо то ба мағзи ҳастиамон ба ин бовар мекунем. Мо "одами навро дарбар кардем".

Инро карда, фарқ надорад шароит, ҷаҳон, дӯстони хушният ё одамони наҷотнаёфта бо ту чӣ мегӯянд. Ту аз шубҳа берун медонӣ, ки акнун ту одами ғайриоддӣ ҳастӣ ва Худо дар ҳаётат ҷалол меёбад.

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Ҷон—аз ҷониби рӯҳ ва ҷисмамон таъсир ёфта—нисбати тарзи зиндагиамон "қарорқабулкунанда"мебошад. Ҳолати

ҳозираи қарорқабулкунандаи ту чӣ хел аст? Оё вай зиёдтар ба роҳҳои Худо ё ба роҳҳои ин ҷаҳон моил аст?

Дар кадом соҳаҳои ҳаётат ту мубориза мебарӣ, то аз ғуломии гуноҳ гурезӣ ва озодии Худоро аз сар гузаронӣ?

Дар кадом соҳаҳои ҳаётат ту метавонӣ ба ҳуҷум гузарӣ—то ки дар Рӯҳ фаъол бошӣ?

# 17
# Ҳукмронии шоҳонаи Худо

Биёед дар ин боби охир бори дигар диққати худро ба гапи машҳур аз доуи “Эй Падари мо”:

Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! Исми Ту муқаддас бод; Малакути Ту биёяд; иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд. (Матто 6:9-10)

Рӯзе фаҳмиши он бар ман омад: Исо гоҳ-гоҳ дар бораи подшоҳӣ гап мезад. Ҳангоме ки ман ин фикрро дар дилам дошта, Хушхабарро мехондам, бисёр ҳайрон шудам аз он шумораи зиёде, ки Исо дар бораи подшоҳӣ мегуфт. Дар ҳақиқат, ин ибора дар зиёда аз сад оят дар Хушхабар навишта аст.

Чӣ тавре ки ман дар боби 10 гуфтам, вақте ки Исо дар бори подшоҳии Худо гап мезад, Ӯ дар асл дар бораи “ҳукмронии Худо” мегуфт. Калимаи юнонӣ, ки бисёр вақт дар Хушхабар барои подшоҳии Худоистифода бурда мешавад “басилеия то Теос”. “Тесо” Худоромаънодорад ва “басилеия” ҳамчун “ҳокимияти подшоҳ, салтанат, ҳукмронӣ” маънидод мешавад. “Басилеия” аз калимаи юнонӣ “баси” ё “таҳкурсӣ” гирифта

шудааст. Баъзе филологҳо ин таърифро интихоб мекунанд, чунки он нофаҳмӣ бо маънои “ҳокимияти мутлақ” бартараф мекунад ва онҳо фикр мекунанд, ки тарҷумаи беҳтарини он “ҳукмронии шоҳонаи Худо” ё “ҳокимияти Худо” мебошад.

Ба ман калимаи шоҳона маъқул аст. Якеазтаърифион“қодир ба дараҷаи олӣ”. Муродифионшоҳӣ, боҳашамат, савлатдор, азим ва бошукӯҳ мебошад. Вақтеки калимаишо ҳона мебинӣ, дарбораиинфикркун.

Исо дар асл мегӯяд: “Эё Падари осмонӣ, Худои пурқудрат, бигзор ҳукмронии шоҳонаи Ту биёяд, иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд”. Подшоҳии Худо омадааст! Чунон ки Ишаъё пешгӯӣ кард он ҳоло ҷисман бар замин наомад—Исо дар оянда абадан ҳукмронӣ мекунад ва қудрати шайтон комилан бархам мехӯрад. Подшоҳӣ дар даруни мо ҳаст, ки халқи Ӯ ҳастем, ва мо бояд дар ҳар ҷое, ки ҳастем, ҳукмронии Ӯро паҳн кунем. Бовуҷудиинбиёедборидигарбагапи Павлус барои Румиён нигоҳ мекунем:

Онҳое, ки файзи фаровон ва бахшоиши адолатро қабул мекунанд, дар ҳаёт ба воситаи Исои Масеҳи ягона ҳукмрон хоҳанд шуд. (Румиён 5:17)

Ин гапи Павлус “дар ҳаёт ҳукмрон хоҳанд шуд” фаҳмиши маънои дуои “Эй Падари мо” дар бораи “ҳукмронии шоҳонаи Худо” чуқуртар мекунад. Дар як тарҷума он ҳамчун “дар ҳаёт ҳукмронӣ кардан”, дар дигар ҳамчун “мисли шоҳон дар ҳаёт ҳукмрон кардан” тарҷума шудааст. Мисли шоҳону маликаҳо!

Чӣ тавр ин ду ҷои асосии Навиштаҷот бо якдигар пайваст ҳастанд? Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки “Замин... аз они Худованд аст” (Забур 24:1), лекин Ӯ қудрати ҳукмрон шудан дар рӯи замин ба одамизод супоридааст. Муаллифи таронаи Забур навишт: “Осмон осмони Худованд аст, валекин заминро ба банӣ-одам додааст” (113:24). Одам гуноҳ карда, онро вайрон

кард; ӯ бартариро ба шайтон дод. Аммо, Исо ҳамчун одам ғалаба карда, онро гашта аз дасташ гирифт. Акнун қудрати пурра дар ҷои аввала ҳаст, ки Худо аз ибтидо нақшта дод—яъне дар дастони мардону занони Худо. Лекин, аз мо вобаста аст, ки мо ин қудратро истифода барем. Агар мо онро истифода набарем, он зери таъсири шарир мемонад.

Ин ҳақиқат моро ҳушёр мекунад: мардону занони росткор муайян мекунанд, ки оё хости Худо дар рӯи замин иҷро мешавад ё не! Тамоми Хушхабарин ростиро нишон медиҳад. Биёед як таашро нақл кунам: лозим шуд, ки Исо, ки одам буд, дар қаиқ хезад ва тӯфони барои ҳаёт хатарнокро дар баҳри Ҷалил манъ кунад. Худо намехост, ки Исо ва дигарон, ки ҳамроҳаш буданд, муранд, лекин Худо ба таври фавқултабиӣ тӯфонро манъ накард, ҳангоме ки Исо хоб буд. Ба Худо Исо, одам лозим буд, ки хезад ва бар тӯфон қудрат гирад.

Мисолҳои ин қоида ҳатто дар Аҳди Қадим ҳастанд. Мисол, Элишоъ ба шоҳи Исроил гуфт, ки ба замин тир занад, ки халосӣ аз ҷониби Худованд аз зулмоти Арам маъно дошт. Шоҳ фақат се маротиба ба замин тир зад. Элишоъ хашмгин шуд ва ба шоҳ гуфт: “Мебоист панҷ ё шаш карат мезадӣ, он гоҳ арамиёнро ба таври қатъӣ мағлуб мекардӣ, ва алҳол ба арамиён се карат шикаст хоҳӣ расонид” (4Подшоҳон 13:19). Худо мехост, ки Исроил Арамро шикаст диҳад, лекин хоҳишаш иҷро нашуд, чунки одам Ӯро маҳдуд сохт.

Дар ҷои дигар мо мехонем, ки халқи Исроил “Қуддуси Исроилро хорӣ доданд” (Забур 77:41). Инда ҳш атангез аст, лекин аз барои садокаташ Худо кори мекардагиашро маҳдуд кард, чунки Ӯ он қудратеро, ки ба одамизод бахшидааст, гашта намегирад. Рӯйхати мисолҳо он беохир аст.

Худованд Худо коре намекунад, бе он ки сирри Худро ба бандагонаш анбиё ошкор созад. (Омӯс 3:7)

Ба ин гап таваҷҷӯҳ деҳ “коре намекунад”. Дарзамони Аҳди Қадим баъд аз он, ки Худо нақшаи худро ошкор мекард, баъд аз ин чӣ рӯй медод? Ёпайғамбарёкасе, кипайғамбаронротаъинмекард, хости Худоро эълонмекардё онро иҷро мекард. Дархотирдоштабош, кидаронрӯзҳопайғамбарон касоне буданд, ки Худо ба онҳо хости худро ошкор мекард. Аммо, дар давраи Аҳди НавИсо гуфт, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда то он замон пайғамбари бузургтарин буд. Гапашродавомдода, Исогуфт, кион касекидар подшоҳии осмон хурдтарин аст, аз Яҳёи Таъмиддиҳандабузургтар аст (ниг. Матто 11:11)! Ин чӣ тавр шуда метавонад? Аз барои он, ки подшоҳӣ ҳоло даруни мост! Ҳамчун писарону духтарони Худо, ҳар яки мо акнун метавонад нақшаҳои Худоро шунавад, то онҳоро дар замин иҷро кунад. Мо шахсони ғайриоддӣ ҳастем, ки дар ҳаёт ба воситаи Исои Масеҳ ҳукмрон ҳастем.

Агар ҳамаи инро ҷамъ кунем, метавонем дуои “Эй Падари мо” чунин хонем: “Эй Падари мо, ки дар осмонӣ, Худои пурқудтар, бигзор ҳукмронии шоҳонаи Ту биёяд, иродаи мутлақи Ту дар замин ба амал ёбад; ва ҳудуди подшоҳӣ ба воситаи муқаддасонат, ки ба воситаи файзи фаровонии Ту ҳукмрон ҳастанд, мустаҳкам шавад”. Акнун ин дар ҳақиқат ғайриоддист!

## ЗОҲИРШАВИИ ҲУКМРОНИИ ОСМОН

Биёед мухтасар сафари худро аз назар гузаронем. Ҳадафиолитаринимоонаст, киба Худо писанд оем, лекин мо иқтидор надорем, ки инро аз рӯи қуввати худ кунем. Аммочӣтаврекимомуфассалмуҳокима кардем, масеҳиён набояд ба қобилияти худашон такя кунанд, чунки файзи аҷоиби Худо ба мо дода шудааст. Файз на фақат бахшиши гуноҳҳост, лекин он бисёр чизҳоро дар бар мекунад.

Файзмороазасирииттабиатимурдаи гунаҳкорамон озод кардааст ва мо аз нав таваллуд шуда, табиати худи Исои Масеҳро гирифтаем. Дарнатиҷа: мо на фақат метавонем пок ва росткорона зиндагӣ кунем, лекин инчунин метавонем айнан ҳамон самараеро оварем, ки Ӯ меовард—ва ҳукмронии шоҳонаи осмонро ба ин ҷаҳони торик биёрем.

Исо дар ҳаёт ҳукмронӣ мекард. Монизбоядайнанҳаминрокунем!

Оё ин ростӣ туро ба пуррагӣ аллакай фаро гирифтааст? Ҳамчунодам Исои Масеҳ он чизеро, ки Одам дар боғи Адан ба шайтон супоридааст, гашта гирифтааст. Дарохи рнатиҷаашон мешавад, кизаминваҳамаи сокинонаш ба камолот барқарор мешаванд. Аммо, пеш аз он, ки ин рӯй диҳад, подшоҳӣ аллакай дар дилу зиндагии халқи Худо бо қудрату қуввати пурра дар амал аст. Мобоядфақатгӯш кунем, бовар кунм ва бо воситаи файзи Худо амал кунем ва бо ин ҳукмронии Ӯро устувор мегардонем.

Айнанчӣтавреки Исо ҳукмронии шоҳонаи осмонро ба ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ овард, мо низ бояд айнан ин корро кунем. Инфақат баъзеазмисолҳо:

- Шимъӯндар кори моҳигириаш мушкилиҳо дошт, лекин фақат баъд аз як вохӯрӣ бо Исо, рӯзи нокомёбӣ ба сайди моҳии бузургтарини тамоми умраш мубаддал гашт.

- Тӯи арӯсӣ дар Қонои Ҷалил ба вайрон шудан наздик буд; Исо на фақат онро наҷот дод, лекин онро боло бардошт.

- Ба мардуми Ноинлозим набуд, ки ба бевазани нотавон ғамхорӣ кунад, чунки Исо писари ягонаашро аз мурдагон зинда кард. Эътибори вай безарар монд ва меросаш давом меёфт.

- Вақте ки Заккайбо Исо дучор шуд, ҷамоат бехавфтар ва комёбтар шуд; мардум аз ғораткунӣ ва камбағалӣ халос шуд, чунки дузди пештара обрӯи нав пайдо кард ва дигар аз

мизоҷони худ пул намедуздид. Аммо бо ин тамом нашуд—он касоне, ки фирефта шудаанд, 400 фоиз зиёдтар гирифтанд, ки ин сабаби инкишофи иқтисодиёт шуд.

• Дар дигар ҳодиса одами девдор дар ҳабси танҳоӣ нобуд нашуд, лекин акнун хабари пурҷалолро эълон мекард, ҳукмронии подшоҳиро ба даҳ шаҳр васеъ кард ва ҳаёти самаранок дошта, зиндагӣ кард.

Мо метавонем беохир давом диҳем, ҳатто берун аз Хушхабар низ мисол биёрем, чунки Юҳанно мегӯяд, ки тамоми китобҳои ҷаҳон ҳамаи корҳои ғайриоддии Исоро ғунҷонда наметавонанд. Ӯ нақшаи Худоро ошкор кард, ки подшоҳии осмонро ба ин замин биёрад. Исобамонишондод чӣ тавр дар ҳаёт ҳукмрон шавем.

Ин на фақат намуни ибрати мост, лекин инчунин вазифаи мо мебошад. Наҳамаи пастор ё муаллим ҳастем, чунки ҳамаи мо тӯҳфаю даъвати гуногун дорем. Аммодаркуҷоисоҳаиҳаёт, кимонабошем, мо бояд ғайриоддиро зоҳир кунем. Коримобоядинкишоф ёбад, ҳатто вақте дигарон бо мушкилиҳо дучор мешаванд. Ҷамъиятимобояд бехавфтар, зеботар ва комёбтар бошад. Ҷоикоримобоядшукуфад. Мусиқиимо бояд тоза ва беҳамто бошад—бо мусиқачиёни ҷаҳонӣ рақобат кунад. Айнан чунин бояд ба лоиҳаҳои графикӣ ва меъмориамон бояд дахл дошта бошад. Эҷодкориамон бояд дар ҳар сатҳ дигаронро илҳом бахшад ва машҳур шавад. Фаъолиятамон хоҳ дар варзиш, чорабиниҳои намоишӣ, санъат, воситаҳои ахбори омма ё дар соҳаи дигар бояд беҳтар бошад. Шаҳрамон, давлатамон ва мардуми мо бояд тараққӣ ёбад, ҳангоме ки росткорон ҳукмронӣ мекунанд. Мактабҳои мо бояд бартарӣ дошта бошанд, ҳангоме ки росткорон таълим медиҳанд. Мақсади гап: вақте ки одамони ғайриоддӣ дар чизе дахлдор ҳастанд, бояд фаровонии эҷодкорӣ, самаранокӣ, осоиштагӣ,

раҳмдилӣ ва маҳорат бошад. Ҳарчизе, кидаросмонҳаст, бояддарзаминзоҳиргардад. Дариноламиторикмобояддарҳақи қатнурбошем.

Дар Аҳди Қадим мо баъзе лаҳзаҳои инро мебинем, албатта бо андозаи хеле камтар. Юсуфаз барои нафрати бародаронаш аз изтироби калон гузашт. Лекинҳаттодарвақтиғуломбуданаш, мо метавонем бисёр чизҳо дар бораяш фаҳмем:

Ва Худованд бо Юсуф буд; ва ӯ марди комёб шуд, ва дар хонаи оғои мисрии худ бимонд. Ва оғояш дид, ки Худованд бо ӯст, ва ҳар он чӣ ӯ мекунад, Худованд дар дасти ӯ муваффақият меоварад. Ва Юсуф дар назари вай илтифот ёфт, ва ба вай хизмат мекард. Ва ӯро ба хонаи худ баргумошт, ва тамоми дороии худро ба дасти ӯ дод. Ва аз ҳамон вақте ки ӯро ба хонаи худ ва ба тамоми дороии худ баргумошт, Худованд хонаи мисриро барои хотири Юсуф баракат дод, ва баракати Худованд бар ҳамаи дороии вай чӣ дар хона, чӣ дар саҳро буд. (Ҳастӣ 39:2-5)

Дороии Фӯтифар ба таври ҳайратовар зиёд шуд фақат аз барои он, ки Юсуф барои ӯ кор мекард на монанди коргари иззатманд, лекин мисли ғулом!

Ҳатто баъд аз он, ки ӯро бархато айбдор карда, ба зиндон партофтанд, Юсуф на фақат бобаракат монд, лекин бори дигар ҳар чизе, ки дар гирду атрофаш буд, нашъунамо ёфт. Дар охир ӯро бар ҳамаи дигар маҳбусон сардор монданд ва дар бораяш чунин навиштааст: “Сардори зиндон ба ҳеҷ як чизе, ки дар дасти Юсуф буд, нигоҳ намекард: чунки Худованд бо ӯ буд, ва дар ҳар кори ӯ Худованд муваффақият меовард” (ояти 23). Ҳаёти ғайриоддӣ Юсуфро дар ҳар ҷое, ки ӯро мегузоштанд ҳамроҳӣ мекард, ҳатто дар зиндон!

Дигар мисол аз Аҳди Қадим ин Дониёл ва се дӯстонаш аст. Онҳороасиркарданд, кионҳобароидавлатиБобилхизмат кунанд, ки дар он замон аз ҳамаи мамлакати бузургтарини

ҷаҳон буд. Онҳописарбачаҳоиаҷнабӣбудандвааз таҳсили расмӣ нагузашта буданд. Лекинвақтекионҳоромесанҷиданд, сардоронашононҳороазҳамаи дигармашваратчиёни шоҳ "даҳчандон болотар" ёфтанд (ниг. Дониёл 1:20). Онҳо бо усулу тартиби кории нав дучор шуданд ва тез ба онҳо одат карданд. Онҳо одамони ғайриоддӣ буданд. Ман метавонам дигар мисолҳоро биёрам, монанди Довуд, Яъқуб, Рут, Эстер, Ирмиёвадигарон. Агардар Аҳди Қадим ин фақат бо онҳое, ки ба подшоҳӣ наздик буданд, ба андозаи камтар рӯй медод, чӣ қадар зиёдтар барои онҳое, ки подшоҳӣ даруни онҳост, ин бояд меъёри табиӣ бошад? Мо умеди ҷаҳон, намаки замин ҳастем. Мо бояд дар ҳаёт ба воситаи файзфаровон ҳукмрон бошем. Мо боядбатавриғайриоддӣзиндагӣкунем!

## ҚУВВАТИ МОНЕЪШАВАНДА

Шояд ту пурсӣ: "Оё Худо дар маънои асли мехоҳад, ки мо ҷаҳонро забт кунем—сохти давлат, маориф, санъат, молия, ахборот ва тиҷорат—ки Исо баргашта, ба он чизе, ки мо барояш тайёр кардаем, дарояд?" Не, Навиштаҷот инро таълим намедиҳад. Дар Аҳди Нав равшан нишон дода шудааст, ки пеш аз баргаштани Исо сохти ҷаҳон дар торикӣ ва ба шарорат ғӯтида мешавад. Павлус ба калисоиТаслӯникия дар бораи дуюм омадани Исо чунин навишт:

Ҳеҷ кас ба ҳеҷ ваҷҳ набояд шуморо фирефта кунад, зеро аввал бояд исён ба вуқӯъ биёяд ва шахси пур аз шарорат (гуноҳ), яъне писари ҳалокат, зоҳир шавад. Вай ба ҳар чизе, ки Худо ё маъбад ном дорад, муқобилият нишон медиҳад ва худро аз он баланд мегирад, ба тавре ки дар маъбади Худо нишаста, худро Худо эълон мекунад. Оё дар хотир надоред, ки вақте ки назди шумо будам, инро ба шумо мегуфтам? Ва алҳол шумо медонед он чист, ки ба вай монеъ мешавад, то дар вақти муайян зоҳир гардад. (2 Таслӯникиён 2:3-6)

Дар ин ҷои Навиштаҷот ва дигар ҷойҳо низ нишон дода шудааст, кисохти ҷаҳон пеш аз омадани Исо мепӯсад ва баъд аз он Ӯ душманони Худоро шикаст медиҳад ва ҳукмронии ҷисмониашро дар замин оғоз мекунад (ниг. Ваҳӣ 19:11-20:6). Аммо, мо мебинем, ки чизе он ба марде, ки пуррагии исён зидди Худо дарбар мекунад, "монеъ мешавад".

Дар ҳақиқат, агар давомашро хонем, мебинем, ки на фақат зиддимасеҳ нигоҳ дошта шудааст; шарорати умумӣ низ нигоҳ дошта истодааст:

Зеро ки сирри шарорат (ки исёни ниҳон зидди қудрати қонунӣ аст) акнун амал мекунад, вале ҳоло маҳфиёна аст, то даме ки он чӣ монеъ мешавад, аз миён бардошта шавад. (ояти 7)

Гапи Павлус на фақат ба замони омадани зиддимасеҳ нишон медиҳад, лекин ҳамаи рӯзҳои Аҳди Нав дар бар мекунад, ки албатта имрӯзро низ дар таркиби худ дорад. Яъне агар зиддимасеҳ ин сол ё баъд аз панҷоҳ сол меояд, ин калом бешубҳа ба замони ҳозира дахолат дорад. Чизе шароратро нигоҳ медорад, лекин он кист?

Якум фикри мантиқӣ ин Рӯҳи Муқаддас аст. Лекин Ӯ шуда наметавонад, чунки дар вақти ҳукмронии "шахси пур аз шарорат" бисёриҳо ҷони худро ба Исои Масеҳ мебахшанд ва дар Навиштаҷот гуфта шудааст, ки ҳеҷ кас наметавонад ба назди Исо биёяд, агар Рӯҳи Муқаддас ӯро водор накунад ё "Исоро Худованд бихонад, магар бар тибқи Рӯҳулқудс" (1 Қӯринтиён 12:3). Барои ҳамин "он чӣ монеъ мешавад" наметавонад Рӯҳи Муқаддас бошад.

Фақат як эҳтимолияти дигар аст, ки он албатта бадани Масеҳ мебошад. Вақте ки Худованд меояд, то имондорони ҳақиқиашро—калисоро—ҳамроҳи худ гирифта, барад (ниг. 1 Таслӯникиён 4:16-17 ва 1 Қӯринтиён 15:51-52)—"ӯ" аз миён бардошта шавад. Исои Масеҳ ҳеҷ вақт ҳамчун ҷинси занона

гуфта нашудааст, чунки фаҳмо, ки ӯ мард аст. Агар мо дар бораи "бадани" ҳукмрониаш гӯем, пас мо бояд ба он ҳамчун ҷинси мардона нигоҳ кунем. Аз дигар ҷиҳат, оиди робитаи мо бо Исо, мо "арӯси Масеҳ" мебошем (ниг. Эфсӯсиён 5:25-32), яъне ҷинси занона. Лекин, нисбати қудрат "бадани Масеҳ" ҳамчун ҷинси мардона ҳисоб мешавад.

Бадани ҳукмфармои Масеҳ (ҷинси мардона) метавонад шароратро нигоҳ дорад, чунон ки худи Исо ин корро ба воситаи ҳукмронӣ кардан дар ҳаёташ мекард. Худованди мо гуфт: "То вақте ки Ман дар ҷаҳон ҳастам, нури ҷаҳонам" (Юҳанно 9:5). ОёИсои Масеҳ то ҳол дар ҷаҳон ҳаст? Ҷавобаш – бале, лекин сараш не, аммо баданаш—ва ин мо ҳастем. Дардигарҷои Навиштаҷот гуфта нашудааст, ки Рӯҳи Муқаддас нури ҷаҳон аст. Исо гуфт: "Ман нури ҷаҳон ҳастам" (Юҳанно 8:12), лекин инчунин Ӯ ба мо гуфт: "Шумо нури ҷаҳон ҳастед" (Матто 5:14). Ҳамаимоякҳастем—Ӯ сар аст ва мо бадани Ӯ мебошем. Чунонки Исо нури ин ҷаҳон аст, мон низ ҳастем.

Нур торикиро нигоҳ медорад ва на дигархел. Торикӣнурро мағлуб карда наметавонад, лекин нур торикиро нигоҳ медорад. Агарманбаодамоне, ки дар як хона шиштагианд, ба ҳар яктоаш чароғ диҳам, хона пурнур мешавад. Аздигартараф, агар фақат баъзе одамон чароғро гиранд, равшанӣ хира мешавад. Баоннигоҳнакарда, киторикӣҳеҷвақтнурронигоҳкарда наметавонад, нур аз барои ҳузури камаш хира мешавад.

Ҳамин тавр низ агар фақат қисми хурди бадани Масеҳ мефаҳманд, ки онҳо дар Исои Масеҳ кӣ мебошанд ва дар қуввати файз гарданд, пас ҷаҳон хира равшан мешавад. Инҳолатхеледурудароздавоммедод—мо ҷаҳонро ба таври хира рушноӣ мекардем. Лекиннабоядчунинмонад! Ман орзу дорам! Орзуе, кибадани Масеҳ, ки аз одамони синну соли гуногун, марду зан иборат, бо нур пур мешаванд ва он чизе, ки Худо ба дарунашон гузоштааст бедор мешавад, ва онҳо дар

ҷалоли қуввати Ӯ мехезанд. Ин имондорон ин қадар ба тарзи ғайриоддӣ зиндагӣ мекунанд, ки тӯдаҳои одамон ба подшоҳии Худо ҷалб мешаванд, на фақат ба воситаи маъвизаашон, лекин бо намоиши ҷалбкунандаи ҳаёташон ва қаҳрамониҳои ҳайратовар. Ман боварӣ дорам, ки ин орзу аз ҷониби Худост, чунки Ишаъё чунин пешгӯӣ кард:

Бархез, мунаввар шав, зеро ки нури ту омадааст, ва ҷалоли Худовад бар ту тулуъ намудааст.Зеро инак, торикӣ заминро, ва меғ қабилаҳоро мепӯшонад, вале бар ту Худованд тулӯъ хоҳад кард, ва ҷалоли Ӯ бар ту зоҳир хоҳад шуд.

Ва халқҳо [беимонон] сӯи нури ту, ва подшоҳон сӯи дурахши тулӯи ту равона хоҳанд шуд. (Ишаъё 60:1-3)

Диққат деҳ, ки ҷаҳон дар торикӣ ва одамон дар торикии чуқур мешаванд—лекин, нур тулӯъ мекунад! Тасаввур кун, ки одамони зиёдтару зиёдтар дар он хона чароғҳои худро дармегиронанд ва он хона аз хира ба дурахшони равшан мубаддал мегардад.

Диққат деҳ чӣ тавр Ишаъё пешгӯӣ мекунад, ки ҷалоли Худованд бар мо тулӯъ мекунад, на ғуруб мекунад. Ин қадар масеҳиёни зиёд мехоҳанд, ки оби таъсирбахши Рӯҳи Худо бар калисо биёяд ва бедоршавии калон сар шавад. Не, ман боварӣ дорам, ки Худоинтизорӣ он аст, ки мо бедор шавем, фаҳмем, ки Ӯ моро кӣ офаридааст ва он қувватеро, ки ба мо гузоштааст дар амал истифода барем. Ҳангомекиинрокуне мваҳақиқатанбоваркунем, мо бениҳоят дурахшон мешавем ва хонаи торики ҷаҳонро равшан месозем. Беимонон ба зиндагиии ғайриоддиамон ҷалб мешаванд. Мо дар рӯзҳои бисёр ҳаяҷоновар зиндагӣ мекунем!

## ДАР БОРАИ МУСИБАТҲО ЧӢ?

Чӣ тавр мусибатҳо ба он ҳолате, ки ман баён кардам, ҷой мегиранд? Момедонем, кибомуқобилатдучормешавем—Китоби Муқаддас ин тавр мегӯяд. Оёмуқобилатметавонад ҳаёти ғайриоддиро боз дорад? Не, шахсони ғайриоддӣ набояд чунин ба мусибаҳо нигоҳ кунанд. Баръакс он бояд ҳамчун имконият дида шавад. Муқобилат бар зидди Юсуф барояш роҳ ба даъвати бузургаш шуд. Таҷрибаи Мусо, ки гӯсфандонро дар биёбон мечаронд, ӯро тайёр кард, ки халқи Исроилро чӯпонӣ кунад. Ҳамчун писари фиръавн вай малакаҳои роҳбарикунии қавӣ ёд гирифтааст, лекин ба ғайр аз он дил чӯпон лозим буд, ки барои халқи ғуломони ярадор ғамхорӣ кунад. Муқобилат бар зидди Довуд ӯро барои подшоҳӣ кардан тайёр кард. Ман метавонам давому давом диҳам.

Павлус ба калисои аввал гуфт: "Мо бояд бо мусибатҳои бисёр дохили Малакути Худо гардем" (Аъмол 14:22). Биёд ин каломро аз нав мехонем, лекин ин дафъа он чизҳое, ки дар ин боб ёд гирифтем илова мекунем: "Мо бояд бо мусибатҳои бисёр бархезем ва дохили ҳукмронии шоҳонаи Худогардем". Бо дигар гап, бе муқобилат мо ба ҳукмронӣ дар ин ҳаёт—зиндагии ғайриоддӣ—дохил намешавем.

Агар мубориза набошад, ғалаба ҳам намешавад. Агарзиддиятнабошад, замини нав забт намешавад. Давомиякчандвақт Павлус дар бораи ин соҳаи ҳаёт фаҳмиши нодуруст дошт. Қосиди шайтон барои нихта задани ӯ фиристода шуд ва Павлус аз Худованд се маротиба хоҳиш мекард, ки онро аз ӯ дур кунад. Худо ба вай чунин ҷавоб дод: "Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад" (2 Қӯринтиён 12:9). Заифии Павлус дар он буд, ки бо қуввати ҷисмаш вай наметавонист зиддияти шайтонро мағлуб кунад. Агарсоддакардагӯем, Худо ба вай чунин гуфт: "Оё ту намефаҳмӣ, ки ғайриоддӣ аз он ҷо сар

мешавад, ки қобилияти инсонӣ барои иҷро кардани кор кифоя нест? Онвақт файзи [қуввати] Ман он норасоиро пур мекунад. Пас чаро Ман зиддиятро дур кунам? Тубоядонроба воситаи файзи Ман мағлубкунӣвашикастдиҳӣ!"

Баъдтар ҳангоме ки Павлус инро фаҳмид, гуфт:

Ба ин сабаб ман бо рағбати бештар аз заъфҳои [ноқобилиҳои] худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ [файз] дар ман сокин гардад. Бинобар ин ман аз заъфҳо, озорҳо, мӯҳтоҷиҳо, таъқиботҳо ва ситамҳои, ки ба хотири Масеҳ мебинам, дилшодам, зеро ки дар ҳолати заъф [дар қобилияти инсонии худ] боқувватам [дар файзи Худо]. (2 Қӯринтиён 12:9-10)

Чӣ қадар муносибати дилаш дигар шуд. Пештар вай мегуфт "илтимос, онро аз ман дур кун", ва акнун бошад - "ҳоло ман аз ин зиддият ҳаловат мекунам". Қуввати файз ба ӯ ошкор шуд!

Барои ҳамин баъд аз якчанд сол Павлус навишт: "Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер?... Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон пурра ғолиб меоем" (Румиён 8:35, 37). Мо на фақат ғолиб ҳастем, лекин аз ғолиб дида зиёдтарем! Бодигаргап, дар назари онҳое, ки дар ҳаёт ҳукмронӣ мекунад, тамоми зиддият ҳамчун имконият дида мешавад.

## СУХАНИ ХОТИМАВӢ

Ман туро бо сухани охири огоҳӣ, насиҳат мемонам. Павлус ба Қӯринтиёнҳо навишт: "Агар бахшоиши нубувват дошта бошам, ва тамоми асрорро донам, ва дорои ҳар гуна дониш ва тамоми имон бошам, ба тавре ки кӯҳҳоро кӯчонида тавонам, лекин муҳаббат надошта бошам,—ман ҳеҷ ҳастам" (1 Қӯринтиён 13:2). Агармофаҳмем, кидар файзи Худо мо кӣ ҳастем, ва бузургии қуввати Ӯ, ки дар мост, ба мо ошкор шавад, лекин мо бо дилсӯзӣ ва муҳаббати самимӣ водор намешавем,

пас аз мо ҳеҷ фоидае нест, на фақат барои худамон, лекин инчунин барои онҳое, ки зери таъсири мо ҳастанд.

Исородилсӯзӣводормекард.Инқувватибаҳаракатоварандаи имону файзи Ӯ буд. Маназтухоҳишмекунам, китуХушхабаррохонда, каломи«дилсӯзӣ»ҷустуҷӯ кунӣ ва чанд маротиба Исо аз барои дилсӯзӣ амал мекард. Ба мо бе ягон гапи номуайян гуфта шудааст: "Зеро ки дар Исои Масеҳ на хатна аҳамият дорад ва на номахтунӣ, балки имоне, ки бо муҳаббат амал мекунад" (Ғалотиён 5:6). Павлус дар номааш хатна ва номахтуниро, ва зиндагӣ дар шариат ва зиндагӣ дар Рӯҳ муқоиса мекард. Бо ма қсади фаҳ мишамон мо метавонем ин каломро чунингӯем:

Зеро ки дар Исои Масеҳ бе муҳаббат на ҳаёти оддӣ ва на ҳаёти ғайриоддӣ ҳеҷ чизро ба даст оварда наметавонад, лекин имоне, ки бо муҳаббат амал мекунад, дар ҳақиқат беохир фоидабахш аст.

Агар мо кӯшиш кунем кори Худоро бо қобилияти худамон иҷро кунем, ин беақлист, ки ин дар Навиштаҷот бисёр фаҳмо нишон дода шудааст. Лекин бо вуҷуди ин бисёрон саъю кӯшиш мекунанд бо қуввати иснонии содда, бе имон ба Худо писанд оянд?

Аз дигар тараф агар ҳар чизе, ки давоми сафарамон буд, ба ту ошкор шуд ва кӯшиш кунӣ, ки ба таври ғайриоддӣ зиндагӣ кунӣ, лекин бе муҳаббат, ин ҳам беақлист. Аммо, зиндагӣ дар қобилияти файз, ба воситаи имон, дар асоси дилсӯзӣ ва муҳаббати самимӣ бисёр чизҳоро дар назари Худо ва одамон ба даст меоварад. Бигзор ту яке аз шахсони ғайриоддии дар насли мо бошӣ! Тубоядбархезӣ, дурахшӣ ва ҳукмронии шоҳона ва подшоҳии пурҷалоли Ӯро ошкор кунӣ.

Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад

Ва дар шодӣ беайб

Ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад,

Яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи моро, ба воситаи Исои Масеҳи Худованди мо, ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад. Омин

(Яҳудо 1:24-25)

***

Андешаҳо дар бораи сафари ғайриоддӣ

Дар бораи ин ифода фикр кун: "Мардону занони Худо муайян мекунанд оё хости Худо дар ин замин рӯё медиҳад ё не!" Мисолҳоро номбар кун чӣ тавр ту ин гапро иҷро мекардӣ.

Акнун дар кадом соҳаҳои ҳаётат мехоҳӣ "ба воситаи Исои Масеҳи ягона ҳукмрон шавӣ"?

Чӣ туро аз ғайриоддӣ будан нигоҳ медорад?

Чӣ тавр ту ба ҳаёти ғайриоддӣ дохил мешавӣ?

# Замима

## ДУО БАРОИ ОҒОЗИ ҲАЁТИ ҒАЙРИОДДӢ

Чӣ тавр ҳаёти ғайриоддӣ сар мешавад? Аввал ва пеш аз ҳама ин на аз ту вобаста аст, лекин аз он коре, ки Исои Масеҳ барои ту кардааст. Вай ба ту ҳаёти шоҳонаи худро дод, ки туро дар бегуноҳии комил ба офарандаи худ, Худо Падар, баргардонад. Марги Исо дар салиб ягона нархе, ки метавонад барои ту ҳаёти абадӣ ба даст биёрад.

Новобаста аз ҷинс, синну сол, табақаи иҷтимоӣ, миллат, гузашта, дин ё чизҳои дигаре, ки дар чашмони одамон нағз ё бад менамояд, ба воситаи Исо ту метавонӣ фарзанди Худо шавӣ. Вай бисёр хоҳиш ва орзу дорад, ки ту ба оилаи Худо дохил шавӣ. Ин он вақт рӯй медиҳад, ки ту аз гуноҳат иқрор мешавӣ, ки аз Худо ҷудо ва мустақилона зиндагӣ мекардӣ, ва баъд ҳаётатро ба ҳукмронии Исои Масеҳ таслим мекунӣ. Вақте ки инро мекунӣ, ту айнан аз нав таваллуд мешавӣ ва дигар ғуломи торикӣ намешавӣ. Ту аз нав монанди писар ё духтари Худо таваллуд мешавӣ. Дар Навиштаҷот эълон шудааст:

Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт; чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст. (Румиён 10:9-10)

Яъне агар ту бовар кунӣ, ки Исои Масеҳ барои ту ҷон дод, ва агар тайёр бошӣ ҳаётатро ба Вай бахшӣ, ки дигар барои худ зиндагӣ накунӣ, пас аз тахти дил ин дуоро хон ва ту фарзанди

Худо мешавӣ:

Худои осмон, ман эътироф мекунам, ки ман гунаҳкорам ва ба меъёри адолати Ту рост наомадам. Барои гуноҳам ман сазовори маҳкумияти абадӣ астам. Раҳмат, ки маро дар ҳолатам танҳо намондӣ, ва ман боварӣ дорам, ки Ту Исои Масеҳро, Писари ягонаи худро, фиристодӣ, ки аз бокира Марям таваллуд шуд, барои ман ҷон дод ва айби маро ба салиб бурд. Ман боварӣ дорам, ки дар рӯзи сеюм Исо аз мурдагон зинда шуд ва ҳоло дар дасти рости Ту ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи ман мешинад. Ва дар ин рӯзи _____ соли 20 _____ ман ҳаётамро пурра ба ҳукмронии Исо мебахшам.

Исо, ман Туро ҳамчун Худованд, Наҷотдиҳанда ва Подшоҳи манн эълон мекунам. Ба воситаи Рӯҳат ба ҳаётам даро ва маро ба фарзанди Худо табдил деҳ. Ман корҳои торикиро, ки ба он часпида будам, рад мекунам ва аз ин рӯз боз ман на барои худ, лекин барои Ту зиндагӣ намекунам, чунки Ту худро барои ман қурбонӣ кардӣ, ки ман абадан зиндагӣ кунам.

Миннатдорам аз Ту, Худованд; акнун ҳаётам пурра дар дасти Ту ҳаст. Ва мувофиқи Каломи Ту, ман ҳеҷ вақт хиҷил намешавам. Ба номи Исо ман дуо мехонам. Омин.

Акнун ту наҷот ёфтӣ; ту кӯдаки Худо астӣ! Тамоми осмон дар ни лаҳза ҳамроҳи ту шодӣ мекунад. Ба оилаи Худо хуш омадӣ! Мехоҳам барои ту се қадами фоиданок, пешиноҳ кунам, ки бояд онҳоро дарҳол иҷро кунӣ:

1. Ба ягон имондори дигар дар бораи қабул кардани Исо гӯй. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст, ки як роҳи барои мағлуб кардани торикӣ ин шаҳодат додани мо аст (ниг. Ваҳӣ 12:11). Ман туро даъват мекунам, ки ба хизмати мо “Messenger International” ба сомонаи Интернет www.messengerinternational.orgнавис.Мо мехоҳем дар бораи ту шунавем.

2. Қисми калисои нағз шав, ки Каломи Худоро таълим медиҳад. Аъзои ин калисо шав ва дар фаъолияташ иштирок

кун. Падару модарон кӯдакони худро баъд аз таваллуд дар кӯча монда, намегӯяд: “Зинда мон!” Ҳоло ту дар Масеҳ навзод астӣ; Худо Падарат ба ту оила додааст, ки ту дар он калон шавӣ. Номииноила калисои маҳаллӣаст.

3. Таъмиди обӣ гир. Ба он нигоҳ накарда, ки ту аллакай фарзанди Худо астӣ, таъмид ин эътирофи ошкори ту ҳам барои олами рӯҳонӣ, ҳам барои олами табиӣ, ки акнун ту ҳаётатро ба воситаи Исои Масеҳ ба Худо бахшидӣ. Инчунин ин амали итоатӣ аст, чунки Исо мегӯяд, ки мо бояд навимондоронро таъмид диҳем: “ба исми Падар ваПисар ва Рӯҳи Муқаддас” (Матто 28:19).

Ман барои ту чизҳои беҳтарин дар ҳаёти нави ту дар Масеҳ хоҳонам. Хизмати мо барои ту доим дуо мехонад. Ба шурӯъи ҳаёти ғайриоддӣ хуш омадӣ!

“Ман исботи зиндаи он астам, ки новобаста аз он, ки ту аз куҷо омадӣ ё аз чӣ гузаштӣ, Худомехоҳад ба воситаи ту ва барои ту чизҳои ғайриоддӣкунад. Ҷонмавзӯъи саривақтро интихоб кард, чунки агар хоҳем ҳамаи чизҳое, ки Худобарои ин насл ба нақша гирифтааст, иҷро кунем, мо бояд донем, ки Худобарои мо ин қадар чизҳои боз ҳам зиёдтар мехоҳад. Бигзор дониши Ҷон оиди Навиштаҷоттуро дар ошкор карданиҳаёти ғайриоддӣ, ки Худобарои ту дорад, роҳбарӣ мекунад!”

—ҶОЙС МАЙЕР, муаллими Китоби Муқаддасва муаллифи китобҳои машҳур



Ҷон Бивер хоҳиши бузург дорад, ки бинад чӣ хел одамон зиёдтар бо Худо наздик мешаванд ва дар бораи чизҳои абадӣ зиндагӣ мекунанд. Ӯ муаллифи машҳури байналхалқӣ ва китобҳояш аз 40 забон зиёдтар миллионҳо ба чоп мерасанд. Ба воситаи таълимоти худ Ҷон Бивер ҳақиқатҳои чуқурро ошкор мекунад, ки мо даъват мекунад, ки бо Худо дар сатҳи нав вохӯрем. Боз вай дар тамоми дунё мавъиза мекунад ва соҳиби намоиши телевизионӣ “*The Messenger*”, ки дар зиёда аз 216 халқҳо тамошо карда мешавад. Ҷон Бивер ва занаш *Лиза*, кӣ муаллифи машҳур ва мавъизачии байналхалқӣ мебошад, дар Колорадо ҳамроҳи чор писарони худ зиндагӣ мекунанд.

teach reach rescue
Messenger International.
www.messengerintl.org

Follow John Bevere on Facebook & Twitter